ISSN 2708-5759

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

## БАХШИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ ВА ПСИХОЛОГӢ

*Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

# ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

## СЕРИЯ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ И ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

*Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни*

# HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

## SERIES OF PEDAGOGICAL AND PSYCHOLOGICAL SCIENCES

*Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni*

**№ 1 (19)**

**Душанбе - 2024**

**ISSN 2708-5759**

*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 майи соли 2023 таҳти № 292/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст*

*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибоси илмии Русия» (ШИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст*

***Суроға:*** *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*

***Тел.:*** *(+992 37) 224-36-91*

***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*

***Почтаи электронӣ:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*

***Сомонаи маҷалла:*** *www.pedagog.tgpu.tj*

**Сармуҳаррир:** ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Муовини сармуҳаррир:** ***Сангинзод Дониёр Шомаҳмад*** *– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

**Котиби масъул:** ***Муборакиён С. М.***

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

***Маҷидова Бибиҳафиза*** - *доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Нугмонов Мансур*** - *доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Нурзода Абдулбоқӣ Нур*** - *доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Раҷабов Тагоймурод Бобоқулович*** - *доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Сайфуллоев Хайрулло Габдуллоевич*** - *доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Солеҳзода Мадина Солеҳ*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
***Файзализода Ҷумахон Хол*** - *доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Юнусова Нафисахон Муродовна*** - *доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
***Бобоева Сайёра Бобораҷабовна*** *– доктори илмҳои психологӣ, профессор*
***Қодиров Умаралӣ Дустқобилович*** - *доктори илмҳои психологӣ, профессор*
***Мухамедова Дилбар Ғафурҷоновна*** - *доктори илмҳои психологӣ, профессор*

***© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2024***

**ISSN 2708-5759**

*Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 01 мая 2023 года за №292/ЖР-97*

*Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки*

***Адрес:*** *734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

***Тел. :*** *(+992 37) 224-36-91*

***Факс:*** *(+992 37) 224-13-83*

***Электронная почта:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*

***Сайт журнала****:* *www.pedagog.tgpu.tj*

**Главный редактор**: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** *– доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

**Зам. главного редактора**: ***Сангинзод Дониёр Шомахмад*** *- доктор юридических наук, профессор, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

**Ответственный редактор**: ***Мубораки***ё***н С. М.***

## РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

***Маджидова Бибихафиза*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Нугмонов Мансур*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Нурзода Абдулбоки Нур*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Раджабов Тагоймурод Бобокулович*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Сайфуллаев Хайрулло Габдуллаевич*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Солехзода Мадина Солех*** *– кандидат педагогических наук, доцент*
***Файзализода Джумахон Хол*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Юнусова Нафисахон Муродовна*** *- доктор педагогических наук, профессор*
***Бобоева Сайёра Боборaджабовна*** *– доктор психологических наук, профессор*
***Кадыров Умарали Дусткобилович*** *- доктор психологических наук, профессор*
***Мухамедова Дилбар Гафурджановна*** *- доктор психологических наук, профессор*

***© ТГПУ имени С. Айни, 2024***

**ISSN 2708-5759**

*The Journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan from May 01, 2023 under No.292/JR-97*

*The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library*

***Address:*** *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*

***Phone:*** *(+992 37) 224-36-91*

***Fax:*** *(+992 37) 224-13-83*

***E-mail:*** *vestnik.tgpu@gmail.com*

***Journal website:*** *www.pedagog.tgpu.tj*

**Editor-in-chief:** ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** *- Doctor of Historical Sciences, professor, rector of the TSPU named after S. Ayni*

**Deputy Editor-in-chief:** ***Sanginzod Doniyor Shomahmad*** *- Doctor of Low Sciences, professor, scientific affairs of TSPU named after S. Ayni*

**Executive Editor:** ***Muborakiyon S. M.***

**THE EDITORIAL BOARD:**

***Majidova Bibihafiza*** *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Nugmonov Mansur*** *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Nurzoda Abdulboqi Nur*** *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Rajabov Tagoymurod Boboqulovich*** *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Sayfulloev Khayrullo Gabduloevich*** *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Solehzoda Madina Soleh*** *– Candidate of Pedagogical Sciences, Docent*
***Fayzalizoda Jumakhon Khol*** *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Yunusova Nafisakhon Murodovna*** *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
***Boboeva Sayora Boborajabovna*** *– Doctor of Psychological Sciences, Professor*
***Qodirov Umarali Dustqobilovich*** *- Doctor of Psychological Sciences, Professor*
***Mukhamedova Dilbar Gafurdjanovna*** *- Doctor of Psychological Sciences, Professor*

***© TSPU named after S. Ayni, 2024***

# МУНДАРИҶА / СОДЕРЖАНИЕ

## ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ / ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

***Сабурӣ Х. М., Рӯзиева М. Д.***
Роҷеъ ба масъалаи ҳунарҳои миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 7
***Обидова М. И., Бобиева С. К.***
Технологияи бозии "Танграм" ҳамчун як навъ бозии дидактикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ........ 11
***Намозов Т. Б.***
Основы воспитания здорового образа жизни учащихся ........ 16
***Вализода Ш.***
Омода намудани омӯзгорони оянда дар шароити таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ........ 20
***Тураев З. Н.***
Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистии хонандагон ........ 26
***Файзалиев Дж. Дж.***
Вклад Файзулло Шарифзода в развитии теории интегрированного обучения родному языку ........ 30
***Ҷумаев М. Р.***
Технологияҳои иҷтимоию педагогии пешгирии беназоратӣ ва бепарасторӣ ........ 37
***Шарипов М. М.***
Тарбияи меҳнатӣ - омили умдаи ташаккули шахсият ........ 45
***Ҳотамов Ф. М.***
Фарҳанги ҳуқуқӣ ва аҳамияти он дар илми педагогика ........ 49
***Фарзонаи С., Иброҳимов Г.***
Масоили тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар осори мутафаккирони асрҳои XII-XIII ва аҳамияти он дар тарбияи наврасон ва ҷавонон ........ 56

## МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ / МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ

***Нугмонов М.***
Дар донишҷӯён ташаккул додани маҳорати кор бо адабиёти иловагӣ дар раванди тайёрии методӣ (дар мисоли ихтисосҳои математика) ........ 62
***Қурбонов Т.З.***
Истифодаи бозиҳо бо усулҳои интерактивӣ дар дарсҳои забони фаронсавӣ ........ 69
***Сафаров А. Ғ., Раҳимов Б. К., Файзов Ш. Б.***
Робитаи байни фанҳои физикаю астрономия тавассути ҳалли масъалаҳои тавсифоти эҷодидошта аз астрономия ........ 76
***Назаров А. П., Моҳруи А.***
Методологияи ташкил ва гузаронидани корҳои санҷишӣ аз фанни физика дар синфи 7-ум бо татбиқи методи Пулот ........ 81
***Тошова Б.Р.***
Изучение текстов художественной литературы на уроках русского языка в условиях интегрированного метода обучения в национальных школах ........ 89
***Умаров У. С., Сафаралӣ А.***
Таълими астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва проблемаҳои он ........ 94
***Раҷабова С. Ҷ.***
Роҷеъ ба истифодабарии технологияҳои муосир дар дарсҳои математика ........ 101
***Саидзода И. М., Каримов У. М.***
Асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим ........ 107

***Бегимов Ҳ. Х., Бурҳонов Қ. Т.***
Алоқамандии фанни методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ бо табиатшиносӣ ........ 113
***Бадалова М. А.***
Фаъолгардонии амалиёти фикррونии хонандагон тавассути истифодаи бозӣ дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ ........ 120
***Хоҷаев А. М.***
Истифодаи маводи таърихӣ ҳамчун воситаи ташаккулёбӣ ва тараққиёти фаъолияти идрокии хонандагон ........ 125
***Бурҳонов Қ. Т., Узбекова М. А.***
Алоқамандии методикаи таълими математика бо фанни санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ ........ 130
***Файзуллоева М. М., Чариева С. А.***
Аҳамияти методҳои интерактивии таълим дар омӯзиши химия ........ 137
***Юсупова М. И.***
Интихоби машқҳо дар доираи таълими забони англисӣ бо усули компаративӣ ........ 141
***Абзалов И. А.***
Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими фанни мудофиаи гражданӣ ........ 147
***Шукурзода Х. А, Бегимов Ҳ. Х.***
Асосҳои психологӣ-педагогии омӯзиши муодила дар синфҳои ибтидоӣ ........ 152
***Мавлонов И. Ш.***
Истифодаи компютер дар ташкили кори мустақилонаи тавсифоти эҷодидоштаи хонандагон аз физика ........ 159
***Ҷӯраева Х. Ё.***
Нақши шеърҳои ватандӯстона дар таҳкими ҳисси худшиносии миллии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ........ 166

**ИЛМҲОИ ПСИХОЛОГӢ / ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ НАУКИ**

***Маҷидова Б., Шайхова Н. П.***
Усулҳои ташхиси мутобиқшавии хонандагони синфи якум ба муҳити таҳсилотӣ ........ 171
***Сулейманова А. Г.***
Особенности психологического анализа урока ........ 179
***Асозода Б. Ч.***
Хусусиятҳои раванди инкишоф, ташаккул ва ихтилоли нутқ дар кӯдакони синни томактабӣ ........ 185
***Рустамова З. Т.***
Нақши муҳити иҷтимоӣ дар шаклгирии ҳисси дилбастагӣ дар кӯдакони синни барвақт ........ 190

ТДУ 371.012

# РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАИ ҲУНАРҲОИ МИЛЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Сабурӣ Х. М., Рӯзиева М. Д.***
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*

Имрӯз ҷомеаи мо, алалхусус аҳли илму фарҳанг, ифтихори бепоён аз он менамоянд, ки Сарвари фарҳангдӯсти мамлакатамон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ташаккули минбаъдаи ҳамаи намудҳои санъат, хунарҳои миллӣ таваҷҷуҳи хоса доранд ва ба тарбияи истеъдодҳои ҷавон дастгирии беназир зоҳир менамоянд, ки бамаврид дар баромади худ қайд карда буданд: «Моро зарур аст, ки худшинос ва аз таъриху фарҳанги рангини ниёгон огоҳ бошем, онро эҳё намуда, ҳамчун модарони худ ба насли наврас мерос гузорем» [4, с. 2], ки ин нуктаҳои баённамудаи Пешвои миллат ба эълон шудани солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" шаҳодати ин гуфтаҳост.

Пас аз эълон гардидан дар ҳақиқат дар солҳои 2018-2021 ба ҳунарҳои миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд, ки ин иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сазовори ситоиш буда, баҳри ташаккулу тараққиёти ҳунарҳои миллӣ такони хеле бузург бахшид, аз ҷумла дар тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакат марказҳои омӯзиши касбу ҳунар фаъолияташро оғоз кард, ки дар марказҳои мазкур тамоми сокинон аз ҷумла, ҷавонону наврасон, занони хонашин ба омӯзиш ва ҳам фъолият ҷалб карда шудаанд. Боиси тазаккур аст, ки ҳунар сармояест, ки онро бо ягон доройӣ, сарват, симу зар иваз кардан номумкин буда, ҳунар инсонро бузургию шаҳомат бахшида, болидаруҳ мегардонад, ки аз қадимулайём халқи тоҷик бо касбу ҳунарҳои миллӣ ва инчунин бо ҳунармандонаш шухрат дошт.

Мутаассифона, дар даврони Шӯравӣ бар асари тағйирёбии вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва манъ гардидани соҳибкорӣ эҳтиёҷ ба маҳсулоти ҳунармандон коста гардид. Новобаста аз ин, дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ, хусусан дар шаҳрҳои Истаравшану Исфара, ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб, водии Рашт ва Бадахшон ҳунармандӣ аз байн нарафта, ҳунармандон касбу кори аҷдодӣ, хусусан кандакорӣ, заргарӣ, чакандӯзӣ ва кашидадӯзиро то имрӯз нигоҳ дошта, рӯз ба рӯз эҳё карда истодаанд.

Омӯхтан ва эҳё намудани ҳунарҳои миллӣ дар баробари бартариҳои зикршуда имкон медиҳад, муайян намоем, ки то кадом андоза онҳо ба ҳаёти имрӯза ворид шудаанд, бо табиати маҳал, тарзи зисти мардум, ривоятҳо, расму оин, урфу одат ва ҷашнҳо чӣ робита доранд?

Дар роҳи инкишофи ҳунарҳои миллӣ муаммоҳои гуногун нуҳуфта буданд, ҳатто бархе аз онҳо дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон қариб аз байн рафтаанд. Бинобар ин, зарурати ҳалли масъалаҳои марбут ба инкишофи ин намуди санъат ба миён омада буд. Пеш аз ҳама, санъати амалии халқӣ барои пайдо намудани ҳунармандони нав ва пешкаши мардум намудани ҳунари онҳо ба дастгирии ҳамаҷониба ниёз дошт. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ба рушди ҳунарҳои миллӣ дар сатҳи давлатӣ таваҷҷуҳи хоса дода шуда, аз санаи 1-уми августи соли 2003 таҳти №43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунарҳои бадеии халқӣ» [3, с. 2] мавриди амал қарор гирифта, қабул гаштани «Барномаи ташаккули ҳунарҳои бадеии халқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 31-уми октябри соли 2008 таҳти №513 барои солҳои 2009-2015 [1, с. 2] дар ин самт такони ҷиддӣ бахшид.

Ҳунармандон дар давоми қарнҳои зиёд матоъ, зарф, асбоби мусиқӣ, қолин, чакан, маснуоти заргарӣ ва дигар намуд маҳсулоти ҳунармандиро тайёр мекарданд. Ҳунарҳои қадимаи ниёгон, хушбахтона, тавассути сулолаҳои ҳунармандон аз насл ба насл гузашта, то замони мо расидааст. Тоҷиконе, ки дар шаҳрҳо сукунат доштанд, ҳунармандиро касби асосӣ қарор дода, дар ташаккули шаҳрҳо нақши муҳим бозиданд. То охири солҳои 20-уми асри гузашта дар минтақаи Осиёи Миёна асосан мардҳо ба бофандагӣ ва занҳо ба дӯзандагӣ машғул буданд. Маҳсулот барои кулолгариро занҳо омода мекарданд ва тавассути чархи кулолӣ мардҳо ба марҳилаи ниҳоӣ мерасониданд.

Неъматов Л.Х. ва дигарон дар мақолаи илмии худ чунин фикрашонро баён намудаанд: «Мардуми зебопарасти тоҷик дар тӯли ҳазорҳо сол зебоӣ офаридааст. Ин зебоӣ нақшу нигори дилписанди мардуми тоҷик аст. Агар одамони диёри мо меҳнатдӯсту зебопараст намебуданд, мо ҳоло аз лаззати тамошои фараҳбахши ин зебоӣ маҳрум мебудем, вале, хушбахтона табиати инсон чунин аст, ки зиндагӣ бе зебоӣ барояш мушкил мебошад» [5, с. 178].

Ҳасанов С. ва Иброҳимов Ҷ. дар мақолаи худ қайд кардаанд, ки «...ҳунарҳои миллӣ машғулияти асосии аҳолии шаҳр ба ҳисоб мерафт, ки асоси онро то ихтирои машинаҳои индуствиявӣ меҳнати дастӣ ташкил мекард. Дар иқтисодиёти Хуҷанд ба монанди дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна ҷои асосиро истеҳсоли дастӣ мегирифт. Дар асоси озмоишҳои бойгонӣ ва омӯзиши ҳунарҳои дастӣ зиёда аз 100 намуди ҳунарҳои мардумӣ муайян гаштааст» [7, с. 125].

Мувофиқи амр, фармон ва пешниҳодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳокими вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода касбу ҳунарҳои ниёгон аз нав эҳё гардида, дар ин замина корхонаҳои саноатӣ, коргоҳҳои гулдӯзиву зардӯзӣ, қолинбофӣ, тоқӣ ва дигар либосҳои миллӣ ташкил гардида истодаанд.

«Қолинбофии дастӣ ва гулдӯзию зардӯзӣ аз ҷумлаи ҳунарҳои зебои тоҷикӣ аст, ки аз қадим то ба имрӯз расидааст. Касбу ҳунарҳои миллӣ, ба монанди кашидадӯзӣ, бофандагӣ, заргарӣ, чармгарӣ, ҷомадӯзӣ, наққошӣ, гулдӯзӣ, кафшдӯзӣ, дӯзандагӣ ва даҳҳо касбу ҳунарҳои дигари миллӣ мавҷуданд, ки то давраи мо омада расидаанд. Ҳунари кашидадӯзӣ ва гулдӯзӣ намуди санъати ороишию амалии халқист. Халқҳои Осиёи Миёна дар тӯли қарнҳои бисёр ороиши сару либосро ба монанди куртаи чакан, таҷҳизотҳои хонаю ҷой ва анҷому ашёи рӯзгор, хуллас аз бисоти тифлӣ то ҷиҳози арӯсиро дар хонадон ба ҷо меоваранд. Аз қадим боз зиёда аз 700 навъи нақши кашидадӯзӣ маълум аст. Дар Тоҷикистон кашидадӯзӣ аввал ҳунари дастии авлодӣ буд. Ҳунарҳои гулдӯзӣ, таркдӯзӣ ва зардӯзӣ бисёр ҳунари паҳншуда дар байни халқҳои Осиёи Миёна мебошад. Зардӯзон ва гулдӯзони ҳозира нозукиҳои ҳунари ниёгонро давом дода, дар айни замон нусхаҳои зебову навро ихтироъ кардаанд ва инчунин хелҳои нави бисёрро истифода мебаранд» [6, с. 153].

Бозори маҳсули ҳунарҳои гулдӯзию зардӯзӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, хусусан бо афзоиш ёфтани шумораи сайёҳону меҳмонони хориҷӣ хеле гарму серхаридор гардида, шумораи занону духтарони ба ин кор рӯй оварда афзун шуд.

Ин аст, ки инкишофи корҳои ороишӣ-амалӣ низ ба ин асос карда мешавад. Санъати ороишии халқӣ манбаи зебоӣ буда, ҳар қадаре ки ба он бо шавқу завқи зиёд муомила намоем, ҳамон қадар моҳияташ ҳаматарафа кушода мешавад. Донистани санъати ороишии халқӣ, дӯст доштан, фаҳмидан ва дарк намудани он мебошад, ки асоси маданияти бадеии халқ ба ҳисоб меравад.

Аз замонҳои қадим бо дастони муъҷизаофари халқи меҳнаткаш маснуотҳои ороишии дорои маданияти бадеии баланд офарида шудаанд. Санъати ороишӣ-бадеии гузашта ба доирае дохил мешавад, ки онро фолклор меноманд ва он бо таҳқиқотҳои замонавии фолклори тасвирӣ муайян мегардад. То солҳои 30-юми асри XX либоси халқӣ қисми ҷудонашавандаи симои бадеии аҳолиро ташкил медод: расму маросими тӯёна, шабнишиниҳо ва ғайра. Дар бисёр халқҳо либоси миллӣ ҳамчун либоси идона интихоб гардида, то замони мо низ ин равия нигоҳ дошта шуда истодааст. Он ҳамчун мероси бадеӣ аз тарафи тарроҳони замонавӣ аз худ карда мешавад.

Сохт ва ороиши хонаҳои истиқоматӣ, мебелҳо ва ороиши интерйерҳо ба бадеияти ҳақиқӣ молик мебошанд. Ҳамаи он чизҳое, ки аз дасти устоҳои халқ мебаромаданд, барои оила, тӯҳфа ё фурӯш тайёр мешуданд. Барои коркарди чӯб, гил, оҳан, пашм, матоъ ва дигарҳо насли нав аз таҷрибаи устоҳои ҳунарманди қадима васеъ истифода мебурданд.

Дар халқҳои гуногун маснуоти тайёркардашуда шаклҳои ҷудогонаро ба худ гирифтаанд, ки он хусусиятҳои ҳаёти маҳаллӣ ва шароитҳои табиӣ, инчунин дар асоси он тасаввуроти зебоипарастиро ифода менамуданд. Бо вуҷуди он маснуоти бадеӣ дар халқҳои гуногун хусусиятҳои умумиро доро буда, зебоӣ дар санъати халқӣ бо некӣ алоқаи зич дорад.

Муаммоҳое, ки барои тараққиёти санъати ороишии халқии замонавӣ алоқаманд мебошанд, доимо ба табъ расонида мешаванд ва чандин маротиба мавриди баҳсу мунозира гардидааст. Диққати асосиро касбу ҳунари бадеии халқӣ ҷалб мекарданд. Намоиши маҳсулоти ороишии устоҳои халқӣ якчандмаротиба дар мамлакатамон ва берун аз он баргузор гардидааст. Эҳтиёҷ ба онҳо дар солҳои охир дар бозори дохилӣ ва берунӣ афзун

гардидааст. Дар асри мо, ки асри табаддулоти техникӣ ва тараққиёти саноати мошинӣ мебошад, дар қатори шавқу завқи шакли техникӣ-зебоӣ бисёртар ба санъати ороишии халқӣ майл доштани аҳолӣ зиёд ҳис карда мешавад. Ин асосан ба яке аз намуди он - маҳсулоти касбии бадеии халқӣ зоҳир мегардад. Сабаби ин орзую хоҳиши гуногун ва шахсӣ буда, бо маҳсулоти дастӣ иҷрокардашуда, гирду атрофи худро зебо менамуданд.

Инкишофи маънавӣ, баландравии маданият ва талаботи зебоипарастӣ арзиши бадеии эҷодиёти санъати ороиширо ба одамон мекушояд ва чизҳои аз тарафи онҳо офаридашуда интерйери хона ва либоси онҳоро оро медиҳанд, ки ин тӯҳфаи хуб барои наздикон мебошад. Арзишнок будани маҳсулоти ҳунарҳои халқӣ дар он аст, ки дар асоси зебо ва замонавӣ будан, анъанаҳои санъати ороишӣ тараққиёти худро нигоҳ ва давом дода тавонистан аст.

Рӯзиева М.Д. қайд кардааст: «Бисёр занон мехоҳанд, ки хонаи худро бо ашёи зебову замонавие оро диҳанд, ки на танҳо ба инсон хизмат мекунад, балки завқи ӯро тарбия намуда, ба рӯҳияву кайфияташ таъсир мерасонанд. Аз ин лиҳоз, бисёр зарур аст, ки ин ашёҳо бо табъу завқи том ва маҳорати баланд сохта шуда бошанд. Намунаи беҳтарини гулдӯзӣ, кандакорӣ дар чӯб, матоъбофӣ, тӯрбофии халқиро омӯхта, рассомон барои ороиши маснуоти ҳозиразамон нақшу нигор меофаранд, ки бо шакл, ранг, масолеҳ, таркиб аз намуна фарқ карда, ҷавобгӯи талаботи баланд мебошад. Мавҷудияти шакли одӣ, нақшу нигор ва ранги комилан пурмаъно нишонаи хусусияти маснуоти бадеии ҳозиразамон ба шумор меравад» [6, с. 23].

Мақсади асосии омӯзиши ҳунарҳои миллӣ эҳё намудани ҳунарҳои халқӣ, ба муҳассилин кушода додани аҳамияти фаъолияти ороишкорон дар ҷамъияти ҳозира, муайян намудани низоми истеҳсолот, омӯзонидан ва истифодаи корҳои ороишии аз ҷиҳати иҷтимоӣ, иқтисодӣ-техникӣ, тарҳсозии бадеии бой дар зиндагии ҳаррӯзаи инсон мебошад.

Ҳамин тариқ, қайд кардан ҷоиз аст, ки дар натиҷаи омӯзиши ҳунарҳои халқӣ, аз ҷумла: намудҳои гулдӯзӣ, зардӯзӣ ва усулҳои гуногуни корҳои нассоҷӣ барои инкишофи тафаккури фикрӣ, мушоҳидакорӣ, эҷодкории техникӣ, тасаввуроти фазоӣ, тафаккури эҷодӣ, тарбияи иқтисодӣ ва ғайра аҳамияти калон дошта, насли наврасро ба зебопарастӣ ҳидоят менамояд.

***Адабиёт***


1. *Барномаи ташаккули ҳунарҳои бадеии халқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009 - 2015.- Душанбе, 31.10.2008 таҳти №513*
2. *Давронӣ, М. Технология (таълими меҳнат барои духтарон) // Китоби дарсӣ барои синфи 6-уми муассисаҳои умумӣ /М.Давронӣ, М.Н.Алиева, Р.Р.Рустамова, К.Обидова.-Душанбе: Маориф, 2023.- 144 с.*
3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунарҳои бадеии халқӣ». - Душанбе, 1.08.2003. таҳти №43*
4. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 21.12.2021 сол.*
5. *Неъматов, Л.Х. Тарбияи зебоипарастии хонандагон дар дарсҳоитехнология / Неъматов Л.Х., Таирова М.М., Ӯзбекова М.А // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар, 2018. - № 1/3 (55). – С. 177 - 180.*
6. *Рӯзиева, М.Д. Технология (таълими меҳнат) барои духтарон, китоби дарсӣ барои синфи 5-ум / М.Д. Рӯзиева С. Исломов, К.Обидова. - Душанбе: Маориф, 2016. - 192 с.*
7. *Ҳасанов, С. Ҳунарҳои халқӣ // Масъалаҳои таърих, назария ва методикаи таълими фанҳои графикӣ (маҷмуи мақолаҳо) / С. Ҳасанов, Ҷ. Иброҳимов. - Хуҷанд: Ношир, 2016. - 128 с.*


## РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАИ ҲУНАРҲОИ МИЛЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Мақолаи илмии мазкур роҷеъ ба масъалаҳои ҳунарҳои миллӣ бахшида шуда, бо назари олимони ватанӣ, инчунин аз рӯи талаботҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ асоснок гардидааст. Чӣ хеле ки аз тарафи муаллифон таъкид гардидааст, инкишофи маънавӣ, баландравии маданият ва талаботи зебоипарастӣ арзиши бадеии эҷодиёти санъати ороиширо ба одамон кушода, арзишнок будани маҳсулоти ҳунарҳои халқӣ дар он аст, ки дар асоси зебо ва замонавӣ будан анъанаҳои санъати ороишӣ қодиранд рушди худро ҳифз ва идома диҳанд.



**Калидвожаҳо:** касб, ҳунар, ҳунарҳои миллӣ, ҳунармандӣ, эҳё, посдорӣ.


## К ВОПРОСУ НАЦИОНАЛЬНЫХ РЕМЕСЕЛ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


Данная научная статья посвящена вопросам национальных ремесел и обоснована взглядами отечественных ученых, а также нормативно-правовыми требованиями. Как подчеркивается автороми, духовное развитие, рост культуры и требования красоты художественная ценность творчества декоративного искусства открыта для людей, ценность продукции народных ремесел заключается в том, что на основе красоты и современности традиции декоративно-прикладного искусства способны поддерживать и продолжать свое развитие.



**Ключевые слова:** профессия, ремесла, национальные ремесла, ремесленник, возрождение, сохранение.

## ON THE ISSUE OF NATIONAL CRAFTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This scientific article is devoted to the issues of national crafts and is justified by the views of domestic scientists, as well as regulatory requirements. As the author emphasizes, spiritual development, the growth of culture and the demands of beauty, the artistic value of the creation of decorative art is open to people, the value of the products of folk crafts lies in the fact that on the basis of beauty and modernity, the traditions of decorative and applied art are able to maintain and continue their development.

**Keywords:** profession, craft, national crafts, crafts, revival, preservation.

**Дар бораи муаллифон**

Сабурӣ Хайрулло Мирзозода
Профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел.: (+992) 928 47 76 07
E-mail: saburov.67@mail.ru

Рӯзиева Мавлюда Давроновна
Дотсенти кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабӣ
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел.: (+992) 92 882 39 82
E-mail: mavlyudakhon@internet.ru

**Об авторах**

Сабури Хайрулло Мирзозода
Профессор кафедры социальной и профессиональной педагогики
Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафуров
735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект Мавлонбеков 1
Тел.: (+992) 928 47 76 07
E-mail: saburov.67@mail.ru

Рузиева Мавлюда Давроновна
Дотсент кафедры теории методики дошкольного воспитания
Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафуров
735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект Мавлонбеков 1
Тел.: (+992) 92 882 39 82
E-mail: mavlyudakhon@internet.ru

**About the authors**

Sabur Khairullo Mirzozoda
Professor of the Department of Social and Professional Pedagogy
Khujand State University named after academician B. Ghafurov
735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1
Phone: (+992) 928 47 76 07
E-mail: saburov.67@mail.ru

Ruzieva Mavlyuda Davronovna
Lecturer of the Department of Theory and Methodology of Preschool Education
Khujand State University named after academician B. Ghafurov
735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1
Phone: (+992) 928 82 39 82
E-mail: mavlyudakhon@internet.ru

ТДУ 371.3+371.4+373

# ТЕХНОЛОГИЯИ БОЗИИ "ТАНГРАМ" ҲАМЧУН ЯК НАВЪ БОЗИИ ДИДАКТИКӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

***Обидова М. И., Бобиева С. К.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Навовариҳои технологӣ, тасаввуротҳои навину такмилёфта ва беназир ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла ба соҳаи маориф ба осонӣ ворид шудааст. Ба муассисаҳои таҳсилотӣ ҷорӣ гардидани технологияҳои инноватсионӣ самаранокии раванди таълимро баланд бардошта, натиҷаҳои беҳтаринро ба даст оварда истодааст. Ҳоло дар мактабу кӯдакистонҳо омӯхтан ва азхуд кардани малакаи истифода бурда тавонистани технологияи нав вазифаи аввалиндараҷаи омӯзгорон ва мураббияҳо мебошад, ки аз онҳо маҳорат, кӯшиш ва эҷодкории педагогиро талаб мекунад.

Солҳои охир мафҳумҳои «технологияи педагогӣ», «технологияи таълим» дар педагогикаи муосир мустаҳкам ҷой гирифтааст ва «технология» ҳамчун истилоҳ низ ҷанбаҳои гуногунро доро аст. Бояд қайд кард, ки дар ибтидои асри 20 технология ҳамчун маҷмуи воситаҳо, равандҳо ва тасаввуротҳо нисбат ба саноат, асбобҳо ва мошинҳо фаҳмида мешуд, ҳоло бошад истилоҳи «технология» ба маънои васеъ татбиқи донишҳои илмиро барои ҳалли масъалаҳои амалӣ ифода намуда, усулҳои кор, инчунин пайдарҳамии амалҳоро дар бар мегирад [4, с. 163].

Мавзуи технологияи педагогӣ дар асарҳо ва рисолаҳои илмии олимон ва муҳаққиқони ватанӣ ва берун аз он зери таҳқиқ қарор гирифта шудааст. Аксарияти муҳаққиқон дар корҳои худ мафҳуми «технологияи педагогӣ» -ро гуногун тафсир намудаанд [3, с. 14].

Муҳаққиқ Селевко Г.К., ки ба ин масъала диққати махсус додааст, як қатор хусусиятҳо ва хислатҳои технологияи педагогиро омӯхта, муҳимтарини онро муайян кард. Ба ақидаи ӯ ҳар як мураббия метавонад бо таҷдиди занҷираи технологии амалӣ, амалиётҳо ва алоқаҳо ба натиҷаҳои пешбинишуда ноил шавад [3, с. 15]. Мо дар кори худ ба ин моликияти асосии технология такя мекунем. Технологияҳои бозӣ ҳамчун воситаи муҳим дар рушди тасаввуротҳо доир ба шаклҳои геометрӣ мебошанд. Мафҳуми «технология»-ро васеъ намуда, бо боварии комил қайд карда метавонем, ки хусусияти муҳими равандҳои инноватсионии муосир дар соҳаи таълиму тарбия – технологиякунонии онҳо аст. Ҷараёни технологӣ ҳамеша пайдарҳамии аниқи амалиётро бо истифодаи воситаҳои зарурӣ (маводҳо, асбобҳо) дар шароити муайян таъмин менамояд. Технологияҳои бозӣ ба гурӯҳи технологияҳои педагогӣ мансубанд ва имрӯз дар раванди таълими тамоми муассисаҳои таълимӣ фаъолона ҷорӣ карда мешаванд.

Моҳияти технологияҳои бозиҳои мантиқӣ (конструкторҳои геометрӣ) аз он иборат аст, ки тарҳи ашёҳо дар ҳамворӣ мувофиқи модел ё тарҳ эҷод карда мешаванд. Тадқиқотҳои муосири олимон муайян карданд, ки онҳо воситаи самараноки инкишофи психикӣ, махсусан инкишофи зеҳнӣ ва мантиқии кӯдакон мебошанд [1, с. 18]. Айни замон дар аксарияти давлатҳо байни кӯдакон, наврасон ва калонсолон бозиҳое паҳн шудаанд, ки онҳо ба гурӯҳи технологии бозиҳои муаммогӣ дохил мешаванд. Масалан, бозиҳои: “Танграм”, "Давраи Сеҳрнок", “Муаммои Пифагор”, "Тухми Колумб", "Бозии Ветнам", "Пентамино" [1, с. 6]. Ҳадафи чунин бозиҳои муаммогӣ аз рӯи модел ва сохтани тарҳи ашё дар ҳамворӣ мебошад. Бозиҳои муаммогиро дидактикӣ низ меноманд, ва онҳо имконият медиҳанд, ки дар кӯдакон тасаввуротҳои фазоӣ; тафаккури тартибдиҳии мантиқӣ; қобилиятҳои корчаллонӣ, зеҳнӣ; мақсаднокӣ дар ҳалли масъалаҳои амалӣ ва фикрӣ; эҷодкорӣ ва тахайюлот инкишоф ёбанд.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки бозиҳои дидактикӣ ба кӯдакон барои бо муваффақият ба мактаб омода шудан кумак мекунад.

Ҳоло дар муассисаҳои томактабӣ тибқи барномаи “Рангинкамон” бозии дидактикӣ бо номи “Танграм” истифода мешавад [2, с. 74]. Бозӣ аз маҷмуи шаклҳои геометрӣ иборат мебошад, ки он бо роҳи тақсим кардани як шакли геометрӣ ба чанд қисм ба даст меояд. Ҳангоми бозӣ бояд ба принсипҳои педагогӣ такя кунем, аз ҷумла принсипи аз одӣ ба мураккаб.

Бозии дидактикии “Танграм” [4] ҳамчун технологияи педагогӣ як қатор бартариҳои раднашаванда дорад: ғанӣ будани мундариҷа; функсионалӣ; тағйирёбанда; дастрасӣ; бехатарӣ; ба осонӣ табдил дода мешавад; камхароҷот.

Маҷмуи бозии дидактикии “Танграм”-ро метавон аз мағозаҳо харидорӣ намуд ё онро бо дастони худ якҷоя бо кӯдакон аз маводи нимпартов зуд ва арзон омода созем ва ин маводи беназири дидактикӣ хоҳад буд.

Барои сохтани Танграм маводи мувофиқро бояд интихоб шавад (картон, намад, пластик ва ба ғ.), чоркунҷа аз андозаи мувофиқ бурида, мувофиқи қолаб (ниг. расми 1) ба ҳафт шакл тақсим карда мешавад: 5-то секунҷа, 1-то параллелограмм ва 1-то чоркунҷа. Аз ин ҳафт ҷузъиёт, шумораи зиёди шаклҳои гуногун ба даст оварда мешавад, ки ба ҳисоби миёна зиёда аз ҳафт ҳазор вариантҳои шаклҳои аз чунин қисмҳо тартиб додашуда вуҷуд доранд.



*Расми 1. Қолаб барои сохтани «Танграм»*

Барои мураббияҳо доир ба тарз ва усулҳои истифодабарии бозии дидактикии "Танграм" дар ҷараёни машғулияти тасаввуротҳои одитарини математикӣ маълумоти мушаххас омода карда шудааст. Усулҳои кор ва пайдарҳамии амалҳо чун ҳамеша дар педагогика ва психология ба синнусоли кӯдакон ва хусусиятҳои фардии онҳо вобастааст. Бо боварии комил гуфта метавонем, ки инкишофи психикии кӯдакони гурӯҳи калони томактабӣ ва гурӯҳи омодагӣ ба мактаб имконият медиҳад ин навъи бозиро иҷро намоянд. Ин кор чӣ тавр ташкил карда мешавад? Дар аввал, бо кӯдакон қисмҳои муамморо омӯхта, номҳо, хосиятҳо ва хусусиятҳои онҳоро мушаххас мекунем. Баъд ҳамаи элементҳоро аз рӯи шакл гурӯҳбандӣ мекунем, аз рӯи андоза муқоиса намуда, шаклҳои якхеларо пайдо мекунем. Мо метавонем ҳама қисмҳоро ҳисоб кунем, ё танҳо секунҷаҳо ё танҳо секунҷаҳои калон. Масалан, дар рӯйи миз 5-то шакли секунҷа гузошта шудааст, ки 2-тои он ҳаҷман калонтар, 1-тоаш ҳаҷми миёна ва 2-тоаш ҳаҷман хурдтар аст (бинобар аз се кунҷ иборат буданашон онро секунҷа меноманд), 1-то трапетсия (тарафҳои он ба ҳам параллел омадаанд) ва 1-то чоркунҷа (шакл аз чор кунҷ иборат аст). Сипас мо ба вазифаҳое мегузарем, ки ба таҳияи вазифаҳои амалӣ нигаронида шудаанд. Дар сохтани шаклҳои нав бо роҳи часпонидани як шакл ба шакли дигар кӯдакон бояд малака дошта бошанд. Барои оғоз кардан, метавонем аз ду секунҷа як трапетсия созем ё 2 секунҷаро ба ҳам якҷоя карда чоркунҷа созем. Он гоҳ метавонем танҳо қисмҳоро ба ҳамдигар часпонида пайдо шудани тасвири занбӯруғ, камон, конфет ва ғ. бубинем. Метавонем тахмин кунем: Оё аз чоркунҷа ва секунҷа хона сохтан мумкин аст? Аз кадом шаклҳо суроби одам сохтан мумкин аст? ва ғайра.

Бояд қайд кард, ки инкишофи бозии дидактикии Танграм дар чор марҳила сурат мегирад.

Марҳилаи I. Тартиб додани тарҳҳо бо гузоштани шаклҳо ба диаграмма. Мураббия пешниҳод менамояд, ки тасвирро мувофиқи нақша бо контурҳои нишондодашудаи элементҳое, ки тасвирро ташкил медиҳанд, ҷамъ оварем (нигаред ба расми 2). Гузашта аз ин, андозаи контури элементҳои нақша бояд ба андозаи қисмҳои "Танграм" мувофиқат кунад, то кӯдак контурҳои элементҳои нақшаро аз назар гузаронад, ҷузъиёти дилхоҳи нақшаро пайдо кунад ва онро дар ҷои мувофиқ ҷойгир кунад. Ин яке аз корҳои осон аст. Ҳангоми пешниҳоди вазифаҳо, аз одитарин шаклҳо оғоз кардан лозим аст ва мураккабиро тадриҷан зиёд мекунем.

Пас аз гузоштани шаклҳо бо кӯдак, метавонем дар бораи кори кардаашон суҳбат кунем. Агар, масалан, ин парранда бошад – он чӣ гуна аст, дар куҷо зиндагӣ мекунад, чӣ мехӯрад, чӯҷаҳояш чӣ ном доранд ва ғайра. Ҳамин тариқ, соҳаҳои таълимро муттаҳид мекунем. Чунин супоришҳо набояд аз 2-3 то зиёд бошанд ва агар кӯдак аз ӯҳдаи ин кор ба осонӣ баромада тавонад, ба супоришҳои душвортар мегузарад.



***Расми 2. Нақшаи шаклҳо бо контурҳои нишондодашудаи элементҳо.***

Марҳилаи II тартиб додани шаклҳои танграм мувофиқи модел. Ба кӯдак нақшаи тасвири тайёрӣ бо контурҳои нишондодашудаи элементҳоро пешниҳод мекунем, аммо андозааш аз ҷузъиёти "Танграм" фарқ мекунад ва он гоҳ ӯ бояд ин шаклҳоро на дар болои он ҷойгир кунад, балки дар паҳлуи нақшаи намунавӣ тартиб диҳад. Ҳамин ки кӯдак чунин вазифаҳоро ба осонӣ иҷро кард, ба марҳилаи оянда мегузарем.

Марҳилаи III – кашидани расмҳо мувофиқи тасвири контурӣ ё тарҳҳо. Ин вазифа бештар ба кӯдакони 6-7 сола мувофиқ аст. Дар асл дар ин ҷо танграм ба бозӣ – муаммо табдил меёбад. Ба кӯдак пешниҳод карда мешавад, ки моделро дар баробари контури он, тарҳрезӣ намояд. Новобаста аз осонии кор, иҷроиши он осон нест. Аз ин рӯ, дар марҳилаи аввал, ба кӯдак нақшаи андозаи воқеиро пешниҳод менамоем. Дар ин ҷо кӯдак инчунин бояд ба шакл, андоза ва мавқеи шаклҳои пешниҳодшуда мувофиқат кунад, то ба натиҷаи дуруст ноил шавад.

Ба кӯдак он нақшаи тасвирро бо контури тарҳе пешниҳод мекунем (ниг. расми 3), ки дар он контури аломатҳои тасвир вуҷуд надорад. Барои ҷамъ кардани шакл аз қисмҳои Танграм кӯдак бояд таҳлили визуалии намунаро анҷом диҳад, унсурҳои схемаро муайян кунад, қисмҳои муаммои мувофиқро пайдо кунад ва онҳоро мувофиқи он ҷойгир кунад. Бояд қайд кард, ки чунин схемаҳо хеле зиёданд ва онҳо бо сатҳҳои гуногуни мураккабӣ фарқ мекунанд.



***Расми 3. Нақшаи шаклҳо бо тарҳи контурҳо.***

Марҳилаи IV – аз рӯи нақшаи худ тартиб додани шаклҳо. Дар ин марҳила кӯдак мустақилона аз уҳдаи ин супоришҳо мебарояд ва тасаввуроти онҳо хеле хуб инкишоф меёбад. Кӯдакон метавонанд афсона ва ҳикоя эҷод кунанд, расми ашёҳои атрофро тасвир кунанд ва ғайра. Хуб аст, ки сатҳи навбатии вазифаҳо бе такя ба диаграмма кашидани шакл мебошад: кашидани шакл аз рӯи супориши шифоҳӣ ё мувофиқи тасаввуроти шахсии худ (пешниҳоди "Худатон фикр кунед"). Дар ин марҳила ба он диққат додан муҳим аст, ки қоидаҳои бозии Танграм вуҷуд доранд ва онҳо бояд риоя карда шаванд. Аввалан, шакли ҷамъ шуда бояд ҳамаи ҳафт қисмати "Танграм" –ро дар бар гирад. Дуюм, ҷузъҳо бояд бидуни такрори якдигар тамос гиранд. Ва чунин як найранг мавҷуд аст: дар вақти дида баромадани диаграмма ё аз рӯи нақша кашидани шакл ҷои секунҷаи калонро ёфтан корро осон мекунад. Варианти имконпазири вазифа: кӯдакро даъват кунед, ки дар коғаз диаграммаи контур ё тарҳи тасвири ихтироъкардаи худро кашад.

Агар Танграмро дар гурӯҳи кӯдакони синни калони томактабӣ гузаронем, метавонем аз технологияи педагогии бозии “Дарёи вақт” истифода барем, ки дар он доир ба тарзи ҳаёт ва зиндагонии одамон дар замонҳои қадим, вақте ки бозиҳои компютерӣ набуд, ҳикоя карда мешавад. Доир ба пайдоиши бозии “Танграм” ривоятҳои гуногуне мавҷуд аст, ки онро низ ба кӯдакон нақл кунем аз манфиат холӣ нест. Масалан, дар яке аз ривоятҳои чинӣ гуфта мешавад, ки боре аз дасти як зани чинӣ оинаи чоркунҷашакл ба замин афтида, он ба ҳафт пора тақсим шуд. Зан ки худаш дар қаср танҳо зиндагӣ мекарду ба оина дил бастагӣ буд сахт ноумед шуд, ӯ ҳамаи пораҳоро ҷамъ карда кӯшиш мекард, ки онҳоро ба чорчӯба гузорад, аммо ҳар дафъа ки пораҳоро ба якдигар мечаспонид шакли нав пайдо мешуд. Ин кор ба зан писанд меояд ва аз танҳо буданаш дигар зиқ намешаваду бо шавқи зиёд бозӣ мекунад ва номи ин бозиро “Танграм” мемонад [4]. Баъд мураббия ба кӯдакон пешниҳод мекунад, ки ҳамин бозиро якҷоя гузаронанд. Ҳамин тавр, бозӣ ташкил карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки кӯдаконро ба қоидаи бозӣ шинос намудан зарур аст. Қоидаҳои бозии “Танграм” аз инҳо иборат аст:

1. Ҳар як тарҳе омода шуда, бояд аз ҳафт шакли муайян иборат бошад;
2. Ҳангоми тартиб додани шакл, элементҳо набояд ба якдигар мувофиқ бошанд;
3. Шаклҳо тарзе гузошта шаванд, ки ба якдигар наздик бошанд.

Мураббия пешниҳод мекунад, ки супоришро дар алоҳидагӣ, гурӯҳӣ ё фронталӣ иҷро намоянд. Инчунин мусобиқаҳои даставӣ ё мусобиқаҳои байни бозигарон ташкил кардан мумкин аст. Технологияи педагогии "Танграм" ба рушди малакаҳои муҳаррикии хурд, дарки визуалӣ, диққат, хотира, тасаввурот, доираи ихтиёрӣ (қобилияти амал кардан мувофиқи қоидаҳо, мутамарказият ба ҷузъиёт), тафаккури мантиқӣ ва абстрактӣ, фаъолияти эҷодӣ, қобилияти таҳлили тасвирҳо, истифода бурдани рамзҳо, тағйир додани шаклҳои фаъолияти ҳосилкунии кӯдакро беҳтар мекунад [5, с. 14-15].

Ҳамин тариқ, бозии қадимаи "Танграм"-ро метавон ба мураббиёни муассисаҳои томактабӣ ҳамчун технологияи муосири педагогӣ тавсия кард, ки ба рушди ҳамаҷонибаи зеҳнӣ ва эҷодии кӯдакон ва ба ташаккули услуби тафаккури математикии онҳо мусоидат мекунад.


***Адабиёт***

1. *Игровые задачи для дошкольников / З. А. Михайлова. - СПб.: Детство-пресс, 2016. - 144 с.*
2. *Рангинкамон. Барномаи таълим, тарбия ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ. (гурӯҳи корӣ) Душанбе. 2012.-125 с.*
3. *Современные образовательные технологии: Учебное пособие / Г.К. Селевко - М.: Народное образование, 1998. - 256 с.*
4. *Танграм // Журнал «Занимательные головоломки». - 2012. - № 5 - 16 с.*
5. *Теории и технологии математического развития детей дошкольного возраста / Сост. З.А. Михайлова, Р.Л. Непомнящая, М.Н. Полякова. - СПб, 2006. - 97 с.*
6. *Философия науки и техники: тематический словарь / С. И. Некрасов, Н. А.Некрасова. - Орёл: ОГУ. 2010. - 289 с.*


## ТЕХНОЛОГИЯИ БОЗИИ "ТАНГРАМ" ҲАМЧУН ЯК НАВЪ БОЗИИ ДИДАКТИКӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ


Дар мақолаи мазкур сухан перомуни муассисаҳои томактабӣ сол то сол технологияҳои наву беназир дар раванди таълим истифода мешаванд, ки ба инкишофи зеҳнӣ, донишҳои математикии кӯдакон таъсир расонида, самаранокии раванди таълимро баланд мебардоранд, меравад. Бозии "Танграм" ҳамчун як навъ бозии дидактикӣ мебошад, ки тибқи Барномаи "Рангинкамон" дар муассисаҳои томактабӣ дар машғулиятҳои тасавуротҳои оддитарини математикӣ дар гурӯҳи калон гузаронида мешавад. Омӯзиши технологияи ин навъи бозӣ вазифаи аввалиндараҷаи мураббияҳо мебошад, ки аз онҳо эҷодкории педагогиро талаб мекунад. Муаллиф дар мақола бозии "Танграм"-ро аз ҷиҳати илмӣ шарҳ дода, тарз ва усули истифодабарии онро дар ташкили машғулият нишон додааст. Мақсади мақола: таҳқиқи масъалаи истифодаи технологияи педагогӣ ва технологияи инноватсионӣ дар педагогикаи муосир ва татбиқи он дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ. Натиҷаи таҳқиқот муайян гардид, ки бозии "Танграм" ҳамчун як навъи бозии дидактикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ буда, дар машғулиятҳо васеъ истифода мешавад. Аҳамияти истифодабарии технологияи ин навъи бозиро муҳаққиқон мусбат арзёбӣ намуданд.



**Калидвожаҳо:** технологияи инноватсионӣ, бозиҳои мантиқӣ, навъи бозии дидактикӣ, "Танграм", машғулият, омӯзиш, тасаввуротҳои оддитарини математикӣ, инкишофи зеҳнии кӯдакон, шаклҳои геометрӣ, маҳорати тартибдиҳӣ.


## ТЕХНОЛОГИЯ ИГРЫ "ТАНГРАМ" КАК ОДИН ИЗ ВИДОВ ДИДАКТИЧЕСКИХ ИГР В ДОШКОЛЬНЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ


В данной статье рассматривается в дошкольных образовательных учреждениях из года в год в учебный процесс внедряются новые и незаменимые технологии, которое влияет на интеллектуальное развитие, математические знания, и на повышение эффективности учебного процесса. Игра "Танграм" как одна из разновидностей дидактической игры, включена в Программу "Рангинкамон" и проводится в старших группах на занятиях элементарных математических представлений в дошкольных учреждениях. Первостепенной задачей воспитателей является усвоение технологии данного вида игр, которое требует педагогического подхода и творчества. Автор в статье рассматривает игру "Танграм" с научной точки зрения и указывает на то как её использовать в процессе занятий. Цель статьи: исследование проблемы использования педагогической и инновационной технологии в современной педагогике и её осуществление в дошкольных образовательных учреждениях. По результатам исследования выявлено то, что игра «Танграм» является одним из разновидностей дидактических игр в дошкольных учреждениях и используется на занятиях. Исследователями было положительно оценено значение технологии данного вида игры в процессе обучения.



**Ключевые слова:** инновационная технология, логические игры, разновидности дидактических игр, "Танграм", занятие, обучение, элементарные математические представления, интелектуальное развитие детей, геометрические фигуры, коструктивные умения.

## "TANGRAM" GAME TECHNOLOGY AS ONE OF THE TYPES OF DIDACTIC GAMES IN PRE-SCHOOL EDUCATIONAL INSTITUTIONS

This article deals with about in the preschool educational institutions, new and irreplaceable technologies are being introduced into the educational process from year to year, which affects intellectual development, mathematical knowledge and increases the efficiency of the educational process. The "Tangram" is game, as one of the differences of didactic games, is consisting in the "Ranginkamon". Program and has carried out in the older groups during classes of the elementary mathematical concepts in pre-school educational institutions. The primary tasks of educators are to master the technology of this type of games, which requires a pedagogical approach and creativity. The author of her article determines the game "Tangram" from a scientific point of view and points out how to use it in the classroom. The aim of the article: to study the problem of using pedagogical and innovative technology in modern pedagogy and its implementation in pre-school educational institutions. According to the results of the study, it was revealed that the game "Tangram" is one of the types of didactic games in pre-school institutions and is used in the classroom. The researchers positively assessed the importance of the technology of this type of game in the learning process.

**Keywords**: innovative technology, logic games, types of didactic games, "Tangram", lesson, training, elementary mathematical concepts, intellectual development of children, geometric figures, constructive skills.

**Дар бораи муаллифон**
Обидова Мунира Ибрагимовна
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва муносибатҳои оилавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, ҶТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 121
Тел.: (+992) 777 07 01 82
E-mail: munira64_64@mail.ru

Бобиева Сабрина Каташоевна
Ассистенти кафедраи педагогика, психология ва методикаи тарбияи томактабӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, ҶТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 121
Тел.: (+992) 987 14 61 66
E-mail: sabrina.bobiyeva@mail.ru

**Об авторах**
Обидова Мунира Ибрагимовна
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры социальной психологии и семейных отношений
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни
734003, РТ, г. Душанбе, проспект Рудаки 121
Тел.: (+992) 777 07 01 82
E-mail: munira64_64@mail.ru

Бобиева Сабрина Каташоевна
Ассистент кафедры педагогики, психологии и методики дошкольного воспитания
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни
734003, РТ, г. Душанбе, проспект Рудаки 121
Тел.: (+992) 987 14 61 66
E-mail: sabrina.bobiyeva@mail.ru

**About the authors**
Obidova Munira Ibragimovna
Candidate of pedagogical sciences, docent of the Department of social psychological and family relations
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
734003 RT city Dushanbe, Rudaki avenue, 121
Phone: (+992) 777 07 01 82
E-mail: munira64_64@mail.ru

Bobieva Sabrina Katashoevna
An assistant of the Department of pedagogy, psychology and methods of the pre-school education
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
734003 RT city Dushanbe, Rudaki Avenue, 121
Phone: (+992) 987 14 61 66
E-mail: sabrina.bobiyeva@mail.ru

УДК 371.7:371.398 (575.3)

# ОСНОВЫ ВОСПИТАНИЯ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ УЧАЩИХСЯ

***Намозов Т. Б.***

*Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддин Айни*

Сегодня проблемы здоровья населения Таджикистана становятся причиной для беспокойства государственных организаций, общества и самих граждан. Здоровый образ жизни не занимает пока первое место в иерархии потребностей и ценностей человека в нашем обществе. Если мы научим детей с самого раннего возраста ценить, беречь и укреплять своё здоровье, если мы будем личным примером демонстрировать здоровый образ жизни, то только в этом случае можно надеяться, что будущие поколения будут более здоровы и развиты не только личностно, интеллектуально, нравственно, духовно, но и физически.

Ратуя за здоровый образ жизни человека, представитель таджикской классической литературы А.Фирдоуси говорит:

Каждому, кому суждено быть счастливым и здоровым,
Суждено также быть всю жизнь радостным и весёлым [1, с. 34].

Наша задача помочь молодёжи состоит в следующем:

- научить их вести здоровый образ жизни;
- бережно относится к своему здоровью и здоровью окружающих;
- формировать убеждения о значимости физического и нравственного совершенства, как необходимого условия подготовки к жизни и труду;
- выработать навыки и привычки соблюдения санитарно-гигиенических правил;
- воспитать нравственную устойчивость, умения и навыки самообразования и самосовершенствования, связанные с формированием здорового образа жизни;
- развить стремление к занятию спортом, общественно-полезным трудом.

А для этого нам необходимо пересмотреть и модернизировать содержание учебных курсов старшеклассников по физическому воспитанию, использовать опыт других стран [6, с. 163].

Подростковый алкоголизм и наркотизм - одна из наиболее острых, а вместе с тем и наиболее актуальных социальных проблем, с которым человечество вступило в XXI век. Прежде всего, следует отметить, что злоупотребление наркотиками по всему миру приобрело массовый характер.

Сокращение продолжительности здоровой жизни таджикской молодёжи связано не только с их расширяющимся вовлечением в наркоманию, но и с массовым приобщением к табак курению и алкоголю. Следует также отметить, что у курящих и потребляющих алкоголь подростков вероятность перехода к наркотикам гораздо выше, чем у некурящих и непьющих.

Сегодня, в связи с тяжёлым экономическим положением, наблюдается рост неблагополучных семей, проблема неполных семей, кризис духовных ценностей, падение нравственного уровня населения. В настоящее время наблюдаются такие факторы, как несоблюдение национальных обычаев и традиций таджикского народа, нарушение требований этики и норм поведения (распитие молодёжью спиртных напитков в общественных местах, на улицах и при старших, курение и т.д.). Эти факторы располагают молодёжь к алкоголизму и табак курению. Определённая доля вины за снижение уровня здоровья детей обоснованно возлагается на семью и общеобразовательную школу. Очень важно вовремя сформировать у детей потребность быть здоровыми и на этой основе прививать соответствующие стереотипы поведения, навыки здорового образа жизни [4, с. 126].

Проблемы, возникающие из-за употребления алкоголя и употребления наркотиков, не могут и далее рассматриваться лишь как проблемы медицинского или морального плана, касающиеся отдельной личности, косвенно отражаясь на благосостоянии его семьи. Теперь эти проблемы уже влияют на здоровье, благосостояние и безопасность всего населения, а судя по сведениям, поступающим из некоторых стран, - даже на развитие целых наций.

В принятом в 2011 году Правительством Законе РТ «Об ответственности родителей за воспитание и обучение детей» говорится, что воспитание детей является священной задачей родителей, государства и общества. Они должны заботиться о здоровье: физическом, нравственном и моральном развитии своего ребёнка [3, с. 16].

Здоровье – категория резервов жизни, жизни обеспеченности человека как целостного существа в единстве его телесных и психических характеристик. Такие резервы жизни обеспеченности формируются в процессе воспитания. Значит, здоровье – категория педагогическая. Здоровье либо укрепляется, либо утрачивается в процессе воспитания человека в семье и школе.

Здесь же следует отметить, что большинство пристрастных к алкоголю и наркозависимых, любыми путями стремившихся удовлетворить свое пристрастие, не хотят верить в то, что алкоголь и наркотики превращают их из молодых, дееспособных и активных людей в хронических больных, инвалидов, нетрудоспособных, а нередко и социально опасных членов общества. Вследствие этого разрушаются семьи, учащаются случаи травматизма, тяжких телесных повреждений, убийств и самоубийств и других преступлений. Ко всему прочему стоит добавить продолжение роста уровня заболеваемости ВИЧ-инфекцией (СПИДом) среди наркоманов.

Здоровье во многом зависит от образа жизни, однако, говоря о здоровом образе жизни, в первую очередь имеют в виду отсутствие вредных привычек. Это, конечно, необходимое, но вовсе не достаточное условие. Главное в здоровом образе жизни - это активное творение здоровья, включая все его компоненты. Таким образом, понятие здорового образа жизни гораздо шире, чем отсутствие вредных привычек, режим труда и отдыха, система питания, различные закаливающие и развивающие упражнения; в него также входит система отношений к себе, к другому человеку, к жизни в целом, а также осмысленность бытия, жизненные цели и ценности и т.д. [7, с. 66-67].

Следовательно, для творения здоровья необходимо как расширение представлений о здоровье и болезнях, так и умелое использование всего спектра факторов, влияющих на различные составляющие здоровья (физическую, психическую, социальную и духовную), овладение оздоровительными, общеукрепляющими методами и технологиями, формирование установки на здоровый образ жизни.

А. С. Макаренко говорил: «Наши дети - это наша старость. Правильное воспитание - это счастливая старость, плохое воспитание - это наше будущее горе, это наши слезы, это наша вина перед другими людьми, перед всей страной» [2, с. 134].

В современных условиях развития отечественной школы становится очевидным, что успешное решение проблем сохранения и укрепления здоровья учащихся старших классов во многом зависит от совместных усилий медицинских работников и учителей. Возникла потребность обоснования путей и средств решения этой проблемы в рамках педагогической науки.

Особую актуальность для педагогики представляет проблема здоровья старшеклассников. От состояния здоровья выпускников средней школы зависит благополучие молодой семьи, качество подготовки специалистов в средне-специальных и высших учебных заведениях, производственный потенциал и обороноспособность страны. Пренебрежение здоровьем является одной из основных причин того, что большинство учащихся старших классов не имеют представления о здоровом образе жизни, а также многие из них в этом возрасте уже пробуют алкоголь и курение. Отсюда следует особо отметить, что сохранение и укрепление здоровья старшеклассников – это, прежде всего, нравственная и педагогическая проблема. Сегодня перед таджикской школой стоит задача воспитывать у молодых людей устойчивую жизненную позицию и здоровый образ жизни.

Актуальным направлением в формировании здорового образа жизни у учащихся старших классов является тесное сотрудничество семьи и общеобразовательной школы в решении столь важного для общества вопроса, как формирование здорового образа жизни [8, с. 192].

В последние годы активизировались научные исследования, касающиеся проблемы здоровья подростков в системе образования Республики Таджикистан, которая является предметом профессионального интереса специалистов, работающих не только в области медицины, но и психологии, педагогики, других социальных наук. К сожалению, в конкретной работе медицины и народного образования по формированию здорового образа жизни отмечается разобщённость и недопонимание собственных задач в рамках общей для них проблемы.

Исследуемой проблеме в общетеоретическом и теоретико-отраслевом плане посвящены известные нам труды учёных Б.Р. Кодирова, М. Лутфуллоева, А. Нурова, Х. Рахимзода, Б. Рахимова, Ш. Сафарова и др.

Многие российские учёных занимались проблемами здоровья подростков. Пути сохранения и возможности укрепления здоровья учеников исследованы в трудах Ю.Л.

Варшамова, А.Г. Голева, Е.Д., Л.С. Колесовой, А.М. Куликова, К.С. Лисецкого, В.П. Саломина, А.А. Семёнова, Н.Х. Хакунова, А.Г. Хрипкова, С.Н. Шевердина и др.

Валеологическим образованием учащихся занимались Р.И. Айзман, В.И. Бондин, Щедрина А.Г., Г.К. Зайцев, В.В. Колбанов, Г.А. Кураев, Н.К. Иванова, Р.В. Русова. и др.

В ракурсе исследуемой нами проблемы, нас привлекли труды российских учёных Г.Н. Сердюковской, Н.К. Ивановой, Ю.Д. Жилова, О.С.Кабаяна, А.К. Кагиева, А.Г. Хрипковой и других, которые считают, что успешность работы школы должна оцениваться не по успеваемости учеников в виде текущих отметок или результатов контрольных работ, а по совокупности показателей, определяющих уровень здоровья учеников и уровень их функционального состояния. Практика показывает, что учителя своих собственных детей предпочли бы отдать не в ту школу, где выше уровень преподавания, а в ту, где имеются условия для укрепления их здоровья. Здоровье считается более важным показателем, чем уровень образования, потому что недостаток образования всегда можно восполнить с помощью дополнительных образовательных программ, путём самообразования или с помощью репетиторов. Но подорванное здоровье восстановить значительно труднее, а нарушенное в детском возрасте физическое развитие восстановить зачастую невозможно [5, с. 44].

Обоснование старшего школьного возраста как периода интенсивного целенаправленного развития личности, формирования физического, психологического и социального компонента здоровья содержится в трудах Г.Л. Апанасенко, Л.С. Выгодского, Ю.А. Гальских, В.Н. Филиппова, А.Г. Щедриной и др.

Вопросы развития философских, педагогических, медицинских идей о ценности здоровья и путях его сохранения недостаточно освещены в научной литературе. Пропагандистский подход к формированию здорового образа жизни различных групп населения наблюдается в трудах отечественных исследователей Б. Ашуровой, Б. Боева, Л.А. Губановой, А.К. Бабаджанова, И. Бобоева, И.Х. Каримовой, Б.Р. Кодирова, Д. Каримовой, Ф. Курбанова Ф., Партовова, Ш.А. Сафарова, М. Суяркулова, Т.Б. Намозова, Сухейля Адда Сабри и др.

Исследования Д. Каримовой и Ф. Партовова рассматривают вопросы организации и проведение комплексных физкультурно-оздоровительных мероприятий в интернатах, а также формирование основ здорового образа жизни. В работе Ш. Сафарова исследована проблема формирования здорового образа жизни младших школьников средствами национальных подвижных игр в соответствии с педагогическими требованиями. Однако следует всё же отметить, что в Таджикистане проблемы сотрудничества семьи и школы в вопросах формирования здорового образа жизни у старшеклассников изучены недостаточно. Не исследованы возможности учебных курсов средней школы в формировании у старшеклассников здорового образа жизни [6, с. 163]. Не обоснована педагогическая целесообразность использования здоровье сберегающих технологий в семье и школе. Проблема, рассматриваемая нами, вышла из поля зрения учёных Таджикистана.

Как известно, многие родители считают, что воспитание детей - это их сугубо личное дело, и с пренебрежением относятся к столь важному вопросу как уважение к себе как к здоровой личности. Ведь здоровье человека считается наивысшей ценностью общества и нации в целом. Поэтому школа – как воспитательное-образовательный центр должна правильно организовать работу по формированию здорового образа жизни и включить в этот процесс родителей [6, с. 164].

Анализ состояния здорового образа жизни молодежи в трансформирующемся социуме доказывает актуальность рассматриваемой нами проблемы. Здоровый образ жизни молодежи выступает фактором национальной безопасности, укрепления и сохранения ресурсов здоровья, раскрытия личностного роста молодого поколения в обеспечении социального развития страны.

**Заключение**: Сохранение и укрепление здоровья школьников - сложная комплексная социально-педагогическая проблема. Она требует переориентации целей образования и воспитания. Если смысл жизненной ценностью современного школьника должно стать здоровье его самого, окружающих людей, населения Земли, то, безусловно, главную цель современного образования следует определить как формирование ценностно-ориентированного трезвого образа жизни на основе здоровье сберегающего компонента в содержании всех учебных курсов и организации всего педагогического процесса. За воспитание наши молодёжь ответственности родителей, школ и общества играет большой роль.

***Литература***
1. *Абулкасим, Ф. Шахнаме / Ф. Абулкасим. - Душанбе, 2001.*
2. *Макаренко, А.С. Лекции о воспитании детей. Половое воспитание // Пед. соч.: в 8-и т. Т 4. - М., 1984.*
3. *Закон об ответственности родителей за воспитание и обучение детей. - Душанбе, 2011 г.*
4. *Нуров, А. Национальные и общечеловеческие ценности и их роль в нравственном воспитании подрастающего поколения. Автореф. дис. на соиск.уч.ст. докт.пед.наук / А. Нуров. - Душанбе, 2004.*
5. *Щедрина, А.Г. Понятие индивидуального здоровья – центральная проблема валеологии / А.Г. Щедрина. – Новосибирск: СО РАМН, 1996. - 44 с.*
6. *Сафаров, Ш.А. Педагогические основы формирования здорового образа жизни младших школьников средствами таджикских национальных подвижных игр. Диссертация на соискание ученой степени канд.пед.наук. / Ш.А. Сафаров. - Душанбе, 2008. – 163 с.*
7. *Фролова, Ю.А. Методические рекомендации по проведению дня здоровья по программе «Здоровый образ жизни» / Ю.А. Фролова. // Классный руководитель, 2001. - №8. - С. 65-72.*
8. *Лихачев, Б.Т. Простые истины воспитания / Б.Т. Лихачев. - М.: Педагогика, 1983. - 192 с.*

## ОСНОВЫ ВОСПИТАНИЯ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ УЧАЩИХСЯ

Статья посвящена актуальным вопросам формирования здорового образа жизни учащихся. Автор анализирует вале логические и общетеоретические аспекты этой проблемы. В работе предлагаются различные мероприятия, направленные на укрепление и сохранение здоровья учащихся. Автор также представляет разработанную систему программного и методического обеспечения воспитания здорового образа жизни будущих специалистов. Статья будет полезна педагогам, психологам, валеологам, а также всем, кто интересуется вопросами сохранения и укрепления здоровья детей и подростков.

**Ключевые слова:** здоровый образ жизни, учащиеся, валеологические аспекты, общетеоретические аспекты, программа, методика, воспитание.

## АСОСҲОИ ОМӮЗИШИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ БА ХОНАНДАГОН

Мақола ба баррасии масъалаҳои мубрами ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагон бахшида шудааст. Муаллиф дар ин мақола ба баррасии ҷанбаҳои валеологӣ ва умумии назариявии ин масъала мепардозад. Ҳамчунин барномаҳои гуногуне барои таҳким ва нигоҳ доштани саломатии хонандагон пешниҳод карда мешавад. Муаллиф ҳамчунин системаи таҳияшудаи таъминоти барномавӣ ва методиро оид ба тарбияи тарзи ҳаёти солим барои мутахассисони оянда пешкаш менамояд. Мақола барои омӯзгорон, равоншиносон, валеологҳо, инчунин ҳамаи онҳое, ки ба нигоҳдорӣ ва таҳкими саломатии кӯдакон ва наврасон манфиатдоранд, муфид хоҳад буд.

**Калидвожаҳо:** тарзи ҳаёти солим, донишомӯзон, ҷанбаҳои валеологӣ, ҷанбаҳои умумии назариявӣ, барнома, методология, таълим.

## FOUNDATIONS OF CULTIVATING A HEALTHY LIFESTYLE AMONG STUDENTS

The article focuses on the pressing issues of fostering a healthy lifestyle among students. The author analyzes the valeological and general theoretical aspects of this problem. The paper proposes various activities aimed at strengthening and preserving students' health. The author also presents a developed system of program and methodological support for fostering a healthy lifestyle among future professionals. The article will be useful for teachers, psychologists, valeologists, and anyone interested in the issues of preserving and strengthening the health of children and adolescents.

**Keywords:** healthy lifestyle, students, valeological aspects, general theoretical aspects, program, methodology, upbringing.

**Об авторе**
Намозов Тошкул Буриевич
Кандидат педагогических наук, доцент, заведующий кафедрой физического воспитания и гражданской обороны
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 918 81 25 21

**About the author**
Namozov Toshkul Burievich
Candidate of pedagogical sciences, associate professor, head of the Department of Physical Education and Civil Defense
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Phone: (+992) 918 81 25 21

**Дар бораи муаллиф**
Намозов Тошқул Буриевич
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи шаҳрвандӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 918 81 25 21

ТДУ 37.0 (575.3)

# ОМОДА НАМУДАНИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР ШАРОИТИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР БАРОИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

***Вализода Ш.***
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*

Омода намудани омӯзгори оянда барои таълиму тарбияи кӯдакони имконияти маҳдуди саломатидошта вазифаи аввалиндараҷаи ҷомеа ва давлат ба ҳисоб меравад. Таҳсилоти фарогир имкон медиҳад, ки кӯдакон ба мактаб ворид гардида, баробари кӯдакони солим аз таълиму тарбия баҳраманд бошанд.

Хусусиятҳои асосии салоҳиятҳое, ки барои бомуваффақият фаъолият бурдани омӯзгор дар шароити таҳсилоти фарогир заруранд, муайян карда шудаанд: ҳавасмандгардонӣ, таҳлил, ташхис, мундариҷаи кор, тарҳрезӣ, рефлексионӣ, муоширатӣ, тадқиқотӣ.

Омӯзиши технология ва усулҳои кор бо кӯдакон дар самти таҳсилоти фарогир асоснок карда шудаанд. Салоҳиятҳое, ки барои фаъолиятҳои бомуваффақияти омӯзгор дар муҳити таҳсилоти фарогир мавҷудан барои омӯзгорони оянда, ки бо кӯдакони имкониятащон равона гардидаанд, ҳамчун асос барои омӯзиши фанҳои психология ва педагогика дар муассисаҳои таълимӣ заруранд.

Дигаргуниҳои демократӣ, иҷтимоӣ дар кишвар,муносибати ҷомеаро ба шахсони имконияти маҳдуди саломатидошта,низ дигаргун намуда зарурати таълими ҳамгироро ба миён овард.

Барои фароҳам овардани шароити махсус, гирифтани маълумоти мукаммал дар раванди таълиму тарбияи имкониятҳои баробар байни кӯдакони имкониятащон маҳдуд ва солим муассисаҳои таълимӣ шароит фароҳам оварда шудааст,ки он зинахои гуногуни Стандарти таълимро низ дар бар мегирад.

Дар Эъломияи Саламонӣ, ки соли 1994 қабул шуд, чунки таъкид гардидааст: Кӯдакони имкониятащон маҳдуд то қадри имкон бояд ба таълими якҷоя ҷалб гарданд» [1, с. 11]. Ҳамзамон, шиори «Мактаб барои ҳама» эълон шудааст, ки он асоси аввалиндараҷаи таъсиси таҳсилоти фарогир ё таълими инклюзивӣ дар системаи маориф мебошад.

Соли 1970-ум дар хориҷи кишвар бастаи коркарди барномаҳо таҳия ва амалӣ карда шуд, ки барои ба таълиму тарбия фарогир шудани кӯдакони имкониятащон махсус мусоидат мекунад. Дар системаи таҳсилоти маорифи Аврупо барномаҳо равишҳо ба ин мушкилот таҳия шудаанд, ки он васеъ кардани дастрасӣ ба таҳсилот, ҳамгироӣ, фарогирӣ равона карда шудааст.

Дар айни замон ин муносибатҳо ҳаматарафа ба таълими кӯдакони имкониятащон маҳдуд бо фарогирии онҳо ба мактабҳои таҳсилоти умумӣ алоқаманд аст.

Аз ин лиҳоз,истифодаи усулҳои нави методӣ дар самти таълим ва тарбия, ин омода намудани мутахассисони оянда, омодасозии омӯзгорони соҳавӣ, кор бо кӯдакони имкониятащон маҳдуд ва ба таҳсилоти фарогир ҷалб намудани онҳо, азхудкунии салоҳиятҳои касбии мутахассисон шароити инклюзивӣ мебошад.

Ба таври васеъ ҷорӣ намудани ғояҳои ҳамгироӣ дар мактабҳои миёнаи кишвар бештар аз мутахассисони соҳибкасб вобаста буда, барои беҳтар намудани ҷараёни омода кардани муаллимони оянда фаъолияти босамарро тақозо дорад.

Омода кардани муаллими оянда барои фаъолият бо хонандагони имкониятащон маҳдуд яке аз вазифаҳои муҳими донишгоҳҳои олии омӯзгорӣ ба ҳисоб меравад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки омӯзгорон барои кор бо кӯдакони имкониятащон маҳдуд, дуруст ба роҳ мондани самти таълиму тарбия ҳамкорӣ бо оилаҳои онҳо омодагии кофӣ надоранд.

Таҳлилҳо нишон дода истодааст, ки омодагии мутахассисон дар шароити таҳсилоти фарогир оҳиста - оҳиста роҳи худро пайдо намудаистодааст. Дар самти омода намудани педагог- омӯзгори муосир то ҳол камбудиҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд яъне нафаҳмидани моҳияти таҳсилоти фарогир, нокифоягии нақшаи таълиму тарбия бо ин гуна кӯдакони ташхиси нодуруст, истифодаи усулхои куҳнашудаи таълиму тарбия.

Ин муаммо ба омӯзгорон кишварҳои дигар низ хос аст. Масалан, омӯзгори швед- Петр С. Гюнваль чунин қайд мекунад: Аксари омӯзгорон донишҳои касбӣ, таҷрибаи кор дар гурӯҳ надоранд, аз салоҳияти ҳамдигар дуруст истифода намебаранд [2, с. 78].

Таҷрибаи таълимӣ дар мактабҳои кишвар нишон медиҳад, ки аксари омӯзгорон барои кор бо кӯдакон дар шароити таҳсилоти фарогир пурра омода нестанд. Инро натиҷаҳои ташхиси пешакӣ собит мекунанд: зиёда аз 80% муаллимони мактабҳои таҳсилоти умумӣ чи

дар синфҳои анъанавӣ ва чи дар синфҳои таҳсилоти фарогир малакаҳои кофӣ барои босалоҳият ва дуруст фаъолият бурдан дар шароити таҳсилоти фарогир надоранд.

Дар таҷрибаҳои педагогӣ ба назар расидани омӯзгори касбӣ, ки барои ҳамкории самаранок бо кӯдакони имконияташон маҳдуд, бо волидони онҳо дар шароити таҳсилоти фарогир омода буда, барои ташаккули салоҳияти психологию педагогии дар раванди таълим дар донишгоҳҳо, муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгороне, ки дар ин самт фаъолият мебаранд, робитаи ҳамкориро дуруст ба роҳ мондаанд. Ҳамзамон омӯхтани ҳамкорӣ бо оилаи мактаббачагон асоси фаъолияти мутахассиси соҳа ба шумор рафта, дар фаъолияти касбии омӯзгор тарбия намудани мафҳуми "инсондӯстӣ", донишҳои зарурии дар таълими фарогир, ҳамчунин «таҳсилоти ҳамгирой шахсӣ фаҳмида мешавад, ки қобилияти иҷрои вазифаҳои касбиро дар раванди таҳсилоти фарогир муайян мекунад» [3, с. 7].

Дар айни замон зарурияти таълими нави парадигмативӣ, яъне аз ҷиҳати касбӣ омода намудани мутахассисони соҳибкасби босалоҳият асос ёфтааст. Он бояд ба такмили самти назариявию амалии нигаронидашудаи факултетҳои педагогикии донишгоҳҳои омӯзгорӣ нигаронида шавад.

О.Л. Жук таъкид мекунад, ки таълими педагогии донишҷӯён дар донишгоҳи касбӣ «Воситаи беҳтарини самараноки такмили шахсият ва касбияти мутахассисони оянда, ки тавассути он азхудкунии салоҳиятҳои психологию педагогӣ сурат мегирад" [4, с. 296].

Дар низоми тайёр намудани мутахассисони касбии омӯзгори оянда на танҳо азхудкунии донишҳои педагогӣ, балки фароҳам овардан шароит барои рушди фаъолияти эҷодӣ, ғояҳои нав, пайдо намудани мавқеи инсондӯстона муҳим аст. Доир ба ташаккул додани заминаи салоҳияти умумии касбии омӯзгор, мавқеи зиндагии инсондӯстона, салоҳияти касбӣ, намуди рафтор ва фаъолияти онҳоро бояд сайқал дод.

Аз ин лиҳоз, ворид намудани маълумот оид ба масъалаҳои таҳсилоти фарогир дар факултетҳои педагогии донишгоҳҳои омӯзгорӣ муҳим буда, ташкили дарс-семинар бо салоҳиятҳои касбии коршиносон ва самаранок намудани фаъолияти амалии онҳо бояд ташаккул дод. Ин маънои онро дорад, ки таълими фарогир тағйирот ва дигаргуниҳои зиёд оид ба омода намудани мутахассисон равишҳо, сохторҳо ва стратегияҳои мушаххасро талаб менамояд. Савол ба миён меояд,- чӣ тавр таълими фарогирро ба роҳ монем, ки барои ҳамаи хонандагон мувофиқ боша ва онҳо худро норохат эҳсос накунанд.

Асоси таҳсилоти фарогир ҳамчун ғоя бояд асос ёбад, ки ҳама гуна табъиз нисбати кӯдаконро истисно намояд. Маҳз муносибати баробарӣ ҳуқуқи ҳамаи одамонро таъмин намуда, барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар таҳсил шароити махсус фароҳам меорад. Ба хар як кӯдак имконият медиҳад, ки истедоди худро дарк намуда дар ҷамъият нафъ расонанд.

Дар ин замина, методи салоҳиятнокӣ заминаи методологии омода намудани омӯзгори оянда, кор бо кӯдакони имконияташон маҳдуд дар таҳсилоти фарогир аст. Бо кӯмаки он метавон ба сифати баланди тайёр кардани мутахассисони соҳибтаҷриба ноил шуд. Ин маънои онро дорад, ки дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ, системаи салоҳиятнокиро ба роҳ монда, ҳамкориро бо кӯдакон ва оилаҳои онҳо барои ҳалли мушкилоти пайдошудаи таҳсилоти фарогир таъмин намоем.

**Таҳсили фарогир, омӯзиши салоҳиятнокии омӯзгорони оянда**

Салоҳияти касбии омӯзгор ин мавҷудияти захираи муайяни донишест, ки имкон медиҳад дар ҳалли масъалаҳои педагогӣ мустақилона амал намояд, қобилият, маҳоратҳои муайяни касбиро ҳангоми ҳалли масъалаҳои ба миёномада дар фаъолияти омӯзгорӣ ба кор барад,ки барои, муттаҳидсозии таҷриба, донишҳои назариявӣ амалӣ, ташаккули фарҳангӣ, сифатҳои шахсии омӯзгор аҳамияти калон дорад.

Бо назардошти салоҳияти касбии омӯзгор чунин унсурҳоро барои муайян кардани хусусиятҳои асосии он номбар кардан низ муҳим аст: ҳавасманд намудан, салоҳияти касбӣ, маърифатӣ, рафторӣ, арзишӣ-маъноӣ, эмотсионалӣ-ихтиёрӣ.

Салоҳияти касбӣ як ҷузъи маърифатиро дар бар мегирад,яъне категорияҳои гуногуни дониш, банақшагирӣ, муайян кардани имкониятҳои донишҳои гирифташуда.

Категорияҳои зерини донишҳро метавон гурӯҳбандӣ намуд: дониш-тавсиф, дониш-пешгуӣ, дониш-шарҳ, дониши ботартиб, донишхои идоракунанда.

Дар ин маврид дониш ҳамчун меъёри бошуурона амал карда, ба мазмуни шахсият дохил мешавад. Яке аз ҷузъҳои салоҳияти касбӣ ҷузъи амалиётӣ ва технологӣ мебошад, ки таҷрибаи амалисозии фаъолиятро дар бар мегирад. Ин маҳорат ва қобилиятҳои бадастомадаест, ки шахс метавонад дар ҳолатҳои гуногуни мушкилот татбиқ намояд. Салоҳиятҳои касбӣ на танҳо ҷузъҳои маърифатӣ ва амалиётӣ-технологиро дар бар мегиранд, балки ҷузъи ҳавасмандкунӣ ҳадафро низ дар бар мегиранд. Ҳавасмандкунӣ аломати рафтори

салоҳият аст. Ҳавасмандкунӣ траекторияи рушди инфиродӣ ва афзоиши салоҳияти шахсиро муқаррар мекунад. Беҳуда нест, ки дар матнҳои муосир ҳавасмандгардониро ҳамчун «ангезаи салоҳият» падидаи алоҳида мешуморанд, ки бо ҳавасмандии бомуваффақият алоқаманд аст. Салоҳияти касбии равонӣ ва педагогии ба омӯзгор имкон медиҳад, ки раванди педагогиро дар шароити таҳсилоти фарогир самаранок ба роҳ монда, бо оилаи хонанда робита зич пайдо намуда, дастгирии педагогиро дар шароити таҳсилоти фарогир амалӣ намояд. Парадигмаи инсондӯстӣ ин дастгирии оилае, ки кӯдаки имконияташ маҳдуд доранд. Салоҳиятҳои касбӣ на ба натиҷаҳои таълим ҳамчун маҷмуи иттилооти гирифташуда, балки қобилияти истифодаи шахсро дар ҳолатҳои гуногуни мушкилот дар назар доранд [6, с. 26].

Дар заминаи тадқиқоти мо муайян гардид, ки салоҳиятҳои асосии психологию педагогии фаъолияти мутахассис ва омӯзгор дар шароити таҳсилоти фарогир муайян карда мешавад. Салоҳиятҳои психологию педагогӣ ҳамчун иқтидоридохилӣ яъне, донишҳо, ғояҳо, барномаҳо (алгоритмҳо) амалҳо, метод, арзиш ва муносибатҳоро дар бар мегирад, ки он ба кӯдакон имкон медиҳад, дар таҳсилоти фарогир ҳамкорӣ намояд, инчунин мавҷудияти сифатҳои зарурии шахсият- роҳнамоӣ, фаъолият, ирода, таваҷҷуҳ ба кӯдакон, хушмуомилагӣ, чандирии тафаккур, сифатҳои шахсӣ -одоб, бодиққатӣ, хайрхоҳӣ, софдилӣ, некхоҳӣ, ҷавобгарӣ, ростгӯӣ, боинсофӣ, зиракӣ, эҳсосиятро джар онҳо пайдо кунад.

Дар низоми салоҳиятҳои психологию педагогӣ, барои фаъолияти самараноки омӯзгор бо кӯдакон ва волидони онҳо дар шароити таҳсилоти фарогир и н ташкили мониторинги салоҳият ба ҳисоб меравад. Он имкон медиҳад, ки раванди таълиму тарбияи кӯдакон дар шароити таҳсилоти фарогир назорат бурда шавад, натиҷаҳои воқеии бадастомада бо шавқу натиҷаҳои банақшагирифташуда мувофиқ карда, ба кӯдакони эҳтиёҷманд дар раванди фаъолият кӯмак расонида, бо волидони онҳо ҳамкорӣ карда шуда, хусусиятхои психологии онҳо, дар ҷараёни таълиму тарбия ба назар гирифта шавад.

Ташхиси педагогӣ қисми ҷудонашавандаи мониторинг буда, назорат, тафтиш, баҳодиҳӣ, ҷамъоварии маълумоти оморӣ, таҳлилу муайянкунии ҷараёни инкишофро дар бар мегирад.

Салоҳияти ташхисӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар ба омодагии омӯзгор, муносибати ӯ ба кӯдакони имконияташон маҳдуд, маълумоти корӣ ба даст орем, инчунин таъсири аъзоёни оила ба хонанда, дараҷаи маълумот, сатҳи иқтисодии, аҳли оила, шавқу ҳавас вазъи саломатии кӯдак, таъмини раванди таълиму тарбияи оилавӣ, дар синфҳои анъанавӣ ва синфҳои таҳсилаш фарогир тариқи воситахои ташхис -анкета, тест, суҳбат, муайян карда мешавад [7, с. 46].

Салоҳияти навбатии муҳими фаъолияти касбии омӯзгор ин мундариҷа мебошад, ки ба масъалаҳои таълиму тарбияи хонандагони синни хурди мактабҳо, дарки хусусиятҳои таҳсилоти фарогир, азхудкунии дониш ва маҳорат дар фаъолият бо кӯдакони имконияташон маҳдуд дар самти таълиму тарбия равона шудааст. Салоҳиятҳо имкон медиҳад, ки маълумотро доир ба кӯдакони имконияташон маҳдуди дорои мушкилоти омӯзиш ва рафтор, хусусиятҳои кор бо волидон, дарк кардани имкониятҳои иқтидори эҷодӣ, шумо, иттилоот, дастгирии техникӣ ва сатҳи омодагии хонандагон ва хусусиятҳои дошта бошем.

Азхудкунии омӯзиши салоҳияти омӯзгор ё мутахассиси оянда имкон медиҳад, ки рушди фаъолият, мушкилоти ба вуҷудомадаро дар кор бо кӯдакони эҳтиёҷманди махсус ва волидони онҳо мавриди омӯзиш қарор дода, моделҳои ҳалли онҳоро таҳия намуда, оқибатҳои натиҷаи қарорҳои истифодашударо пешбинӣ намоем. Омӯзиши ҳаматарафаи раванди педагогӣ ва натиҷаи он ба ташаккули чунин сифатҳои шахсии хонандагон, ба монанди қобилияти худтаҳлилӣ ва худэътимодӣ мусоидат мекунад. Вақте ки омӯзгор раванди ба даст овардани натиҷаро муайян мекунад, вай малакаҳои тафаккури навоварона, банақшагирӣ, идоракунии иттилоот ва тамоюли онҳоро инкишоф медиҳад.

Нақшаи салоҳият ба муаллими оянда имкон медиҳад, ки фаъолияти худро ба танзим даровarда, маънои ҳаёт, муносибати арзишмандӣ ба таълим ва тарзи ҳаёти солимро ташаккул диҳад ваонро ба самтҳои арзишманди мувофиқ намояд. Ин дастури муҳим дар кори тарбиявӣ кӯмак мерасонад.

Салоҳияти тарҳрезӣ ҷузъи асосии салоҳияти касбии омӯзгор мебошад. Он яке аз натиҷаҳои асосии омодагии педагогикаи касбӣ дониста шуда, омодагии омӯзгорро ба кор дар муҳити таҳсилоти фарогир ва ҳамкорро бо волидон таъмин менамояд. Салоҳияти тарҳрезӣ қобилияти пешгӯии натиҷаҳои фаъолияти худро муайян карда, пайдарпайии амалҳои худро дар самти ноил шудан ба ҳадаф дар бар мегирад, яъне стратегия ва тактикаи педагогиро ба ҳам наздик мекунад.

Дар раванди таълим ҷалб намудани муаллимони оянда ба фаъолияти лоиҳакашӣ дар асоси интихоби муҳими стратегияи кор бо кӯдакони имконияташон маҳдуди саломатидошта, ва волидони онҳо муҳим аст. Зарур аст, ки қисмҳои асосӣ ва тағйирёбандаи мундариҷаи фанҳои давраи педагогӣ бо роҳи навсозии эҷодӣ, тавассути истифодаи усулҳои фаъоли таълим амалӣ карда шавад, зеро он ба омӯзгор имкон медиҳад, ки худро ҳамчун субъекти эҷодии фаъолият дар тарҳрезии кӯдакони таҳсилоти фарогир ва волидони онҳо нишон диҳад. Ҷузъи муҳими салоҳияти лоиҳакашӣ маҳорати тарҳрезии мутахассис мебошад, ки бояд ҳамчун маҷмуи фаъолияти амалии омӯзгор, ки воқеияти ташкили раванди таълимро пешбинӣ мекунанд, баррасӣ карда шавад.

Тағйир додани раванди таълимӣ бо мақсади ташаккули малакаҳои лоиҳакашӣ дар омӯзгорони оянда ин хусусияти мақсаднок, ботартиб, созанда ва эҷодкор дошта, ба мафҳумҳои таълими инноватсионӣ, ғояҳои муносибати алгоритмӣ асос ёфта, ташаккули тарҳи оптималии таълимро таъмин менамояд. Муаллими муваффақи муосир бояд технологияҳои тарҳрезии фаъолият, равандҳои таълиму тарбияро аз худ намояд,яъне тарҳрезии фаъолият дар шароити таҳсилоти фарогир, рушди инфиродии хонандагон.

Салоҳияти рефлексивӣ ба қобилияти муаллим, баҳодиҳии кори ӯ дар маҷмуъ, ҳадафҳо, истифодаи усулҳою, воситаҳо, шароит ва натиҷаҳо алоқаманд аст. Салоҳияти рефлексивӣ ин раванди огоҳӣ, таҳлилӣ, дарки интиқодӣ аз ҷониби субъекти раванди педагогӣ буда, чӣ гуна фаъолият, иҷрои он, усулҳои идоракунии раванди таълим аз ҷониби омӯзгорон дарк карда мешавад,ки ба иҷрои вазифаҳои таълиму тарбия мусоидат мекунад. Он ба фаҳмиши муаллим дар бораи раванд ва натиҷаҳои фаъолияти худ бо кӯдакон ва волидон нигаронида шудааст, ки дар рафти онҳо дониш, қобилият, хатогиҳо ва имкониятҳои худ аз нав дода мешавад.

Татбиқи ин салоҳият дар раванди таълим ин ба мактаббачагон фароҳам овардани шароит, барои рушди рефлекс, ташаккули худбинии субъектҳои раванди таълим тақозо мекунад.

Салоҳияти рефлексивӣ инчунин фаҳмиши муаллими ояндаро дар бораи иқтидои рушди шахсияти кӯдак оғоз мекунад.

Салоҳияти коммуникатсионӣ(робитавӣ). Ин намуди фаъолияти коммуникатсионӣ, муошрати хонандагонро дар раванди таҳсилоти фарогир ва волидони онҳоро муайян мекунад. Он имкон медиҳад, ки мубодилаи шифоҳӣ ва ғайришифоҳии иттилоот ташкил карда шавад, хусусиятҳо ва сифатҳои шахсии ҳамсуҳбат ташхис карда шавад; қобилияти таҳияи стратегия, тактика, усулҳои ҳамкорӣ бо кӯдакон ва волидони онҳо, фаъолияти муштараки онҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайяни иҷтимоӣ, қобилияти шиносоӣ бо ҳамсуҳбат фаҳмидани худи кӯдак аз ҷониби шарики муошират чӣ гуна қабул карда мешавад ва бо ӯ чӣ гуна муносибат мекунанд,муайян карда шавад.

Хулоса, салоҳияти конфликтологӣ, яъне низоӣ буда, қобилияти субъектӣ (ташкилот, гурӯҳи иҷтимоӣ, ҳаракати гурӯҳӣ ва ғ.) дар мунокишаи воқеӣ барои амалӣ намудани шаклҳои харобиовари низоъ ва интиқоли нофаҳмиҳои манфии иҷтимоӣ ба самти мусбати иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Он сатҳи рушди огоҳиро доир ба стратегияҳои ҷонибҳои даргир ва қобилият мусоидат намуда, амалисозии ҳамкории созанда дар вазъияти мушаххаси мунокишаро ифода мекунад. Салоҳияти низоӣ ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад:

- ташаккул додани муносибати созанда ба мунокишаҳо дар дастаҳо;
- Доштани малакаҳои муошратӣ бидуни низоъ дар ҳолатҳои душвор;
- қобилияти баҳо додан ва шарҳ додан дар ҳолатҳои пайдоиши мушкилот;
- мавҷудияти малакаҳои идоракунии низоъ;
- қобилияти таҳияи асосҳои конструктивии мунокишаҳои бавуҷудомада;
- пешгӯии оқибатҳои эҳтимолии низоъҳо;
- қобилияти танзими конструктивии зиддиятҳо ва низоъҳо;
- мавҷудияти малакаҳо барои бартараф кардани оқибатҳои манфӣ.

Ташаккули салоҳияти идоракунии мунокишаҳои муаллими ояндa самаранок хоҳад буд, агар:

- хусусиятхои таркибӣ ва функсионалии он муайян карда шавад;
- раванди таълим ба модели таҳияшудаи сохторию функсионалии ташаккули салоҳияти низоии омӯзгори оянда асос ёбад;
- дар раванди таълими донишгоҳи омӯзгорӣ курси махсуси таҳияшудаи «Салоҳияти мунокишавӣ» дохил карда шавад;
- маҷмуи шартҳои педагогӣ агар ба рушди самараноки салоҳияти донишҷӯён дар ҳалли мунокишаҳо тавассути инъикоси педагогӣ нигаронида шаванд.

Талаботи замон зарурати аз худ кардани салоҳияти илмии омӯзгоронро ба миён меорад. Муаллим омили тағироти таълиму тарбия буда, дар шароити тағйирот фаъолият мекунад, яъне зиёд намудани ҳаҷми маводҳои илмӣ, методӣ, таҳқиқотӣ дар сохтори фаъолияти педагогӣ, фароҳам овардани моделҳои нави амалияи педагогӣ ва дарки илмии онҳо самти муҳими азхудкунии салоҳияти тадқиқотӣ ин рушди қобилияти омӯзгор барои худтаҳликунӣ ва фаъолияти лоиҳавӣ мебошад.

Салоҳияти тадқиқотии омӯзгорро метавон ҳамчун қобилият ва омодагии шахс барои мустақилона ва самаранок анҷом додани фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, пешгӯии натиҷаҳои он ва татбиқи амалия дар шароити таҳсилоти фарогир муайян кард. Фаъолияти тадқиқотӣ имкон медиҳад, ки бисёре аз малакаҳо ва қобилиятҳои дар фаъолияти касбӣ буда васеъ истифода бурда шуда, воситаи ташаккули малакаҳои зеҳнӣ, ки дар навбати худ то андозае муваффақияти ҳама гуна фаъолият, бахусус дар соҳаи маорифи фарогир ва тарбияи оилавиро фаро мегирад,таъмин карда шавад.

Мавҷудияти малакаҳои тадқиқотӣ ё салоҳияти тадқиқотӣ роҳи ҳалли ҳама гуна мушкилоти фаъолияти касбии педагогӣ мебошад.

Салоҳиятҳои марбут ба технологияҳо ва усулҳои кор бо кӯдакон дар таҳсилоти фарогир ва азхудкунии маҳорат ва малакаҳои кор бо кӯдакони имконияташон маҳдуд аҳамияти хоса доранд. Муҳим аст, ки муаллими низоми кор бо хонандагони ниёзмандро аз худ кунад.

Барои татбиқи равиши салоҳиятнокӣ дар шароити таҳсилоти фарогир зарур аст, ки омӯзгор дорои сифатҳои муайяни шахсӣ бошад, ки ба ӯ имкон медиҳад, кори тарбиявиро бо мактаббачагон бомуваффақият пеш барад.

Салоҳиятҳои марбут ба технология ва усулхои кор бо кӯдакон дар тахсилоти фарогир, пайдо намудани маҳорат ва малакаҳои кор бо кӯдакони имконияташон маҳдуд ахамияти калон дорад. Муҳим аст, ки муаллимони донишгоҳҳои олии омӯзгорӣ низоми кор бо кӯдакони ниёзмандро аз худ мекунад.

Барои татбқии равиши салоҳиятнокӣ дар шароити таъҳсилоти фарогир зарур аст, ки омӯзгор дорои сифатҳои муайяни шахс бошад, ки ин ба ӯ имкон медиҳад, кори тарбиявиро бо мактаббачагон бомуваффақият пеш барад.

***Адабиёт***


1. *Саламанкская декларация и рамки действий по образованию лиц с особыми потребностями, принятые Всемирной конференцией по образованию лиц с особыми потребностями: доступ и качество, Саламанка, Испания, 7-10 июня 1994 года // http://www.un.org/russian/documen/declarat/salamanka.pdf (Дата доступа - 28.10.2010 г.).*
2. *Пер, Ч. Гюнваль От «Школы для многих» к «Школе для всех» Ч. Пер // Дефектология, 2006, № 2, С. 73 – 78.*
3. *Хафизуллина, И.Н. Формирование инклюзивной компетентности будущих учителей в процессе профессиональной подготовки: автореф ди с. ... канд. пед. наук: 13.00.08 / И.Н. Хафизуллина. – Астрахань, 2008. – 22 с.*
4. *Жук, О.Л. Педагогическая подготовка студентов: компетентностный подход / О.Л. Жук. – Минск: ВИВШ, 2009. – 336 с.*
5. *Феталиева, Л. П. Достоинства и недостатки инклюзивного образования и интеграции / Л. П. Феталиева. // Вестник Университета (Государственный университет управления). – 2015. – № 8. – С. 312 – 316.*
6. *Раҳмонов, З. П. Асосҳои олигофренопедагогика / З. П. Раҳмонов. – Хуҷанд: Мероҷ, 2011. - 96 с.*
7. *Таҳсилоти фарогир. Дастури методӣ. Таҳти назари А. Байзоев - Душанбе. Ирфон.2013 – 224 с.*


## ОМОДА НАМУДАНИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР ШАРОИТИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР БАРОИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД


Дар мақола яке аз масъалаҳои мубрам - фаъолият бо кӯдакони имконияташон маҳдуд дар доираи барномаи таҳсилоти фарогир мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллифи мақола хусусиятҳои асосии салоҳияти омӯзгор дар шароити таҳсилоти фарогир, омӯзиши технология ва усулҳои кор бо кӯдаконро дар самти таҳсилоти фарогирро мавриди омӯзиш қарор додааст. Ҳамчунин муаллифи мақола фаъолияти кӯдакони имконияташон маҳдудро дар муассисаҳои таълимӣ аз ҷиҳати инкишофи педагогиву психологӣ муайян менамояд. Дар мақола муаллиф афзалияти таҳсилоти фарогир бо хусусиятҳои мушаххаси инкишофи кӯдакон, қобилият ва шавқу рағбатҳои онҳо мавриди назар шудааст. Вазифаҳои муҳимтарини муассисаи таълимӣ, рушд ва татбиқи чорабиниҳо оид ба инкишофи ҷисмонӣ, солим нигоҳ доштан, мустаҳкам намудани фаъолияи кӯдакон мебошад. Мақсади муаллифи мақола, низ муайян кардани хусусиятҳои асосии салоҳиятҳои касбии омӯзгор, фароҳам овардани фазои умумии гуманистии тарбиявӣ, шароити зарурии таҳсилот ва инкишофи ҳаматарафаи кӯдакони имконияти маҳдуди саломатидошта аст.



**Калидвожаҳо:** таҳсилоти фарогир, кӯдакони имконияташон маҳдуд, шаклҳои таълим, баробарҳуқуқии кӯдакон, барномаҳои таълимӣ, марказҳои саломатӣ, дастгирӣ, ҳамкории хонандагон ва тарбияи гуманистӣ.

## ПОДГОТОВКА БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ К РАБОТЕ С ДЕТЬМИ ОВЗ В УСЛОВИЯХ ИНКЛЮЗИВНОГО ОБРАЗОБАНИЯ

В статье исследованы актуальные вопросы современного образования. Автором рассмотрены вопросы подготовки будущих учителей в процессе обучения детей с ОВЗ в рамках программы инклюзивного образования. Автор статьи изучил основные особенности компетентностного подхода будущих учителей в условиях инклюзивного образования, технологию обучения и методы работы с детьми в условиях инклюзивного образования. Также автор статьи определяет деятельность детей с ограниченными возможностями в образовательных учреждениях с точки зрения педагогического и психологического развития. В статье автор отметил, что приоритетом инклюзивного образования является учет особенностей развития детей ОВЗ, учитываются их способностями и интересы. Важнейшими задачами образовательных учреждений являются разработка и реализация мероприятий по физическому развитию, сохранению здоровья и усилению активности детей ОВЗ.Также в статье автором определены основные характеристики профессиональных компетенций педагога. Автором даны рекомендации о создании создать общегуманистической образовательной среды, которые необходимы для условия для обучения и всестороннего развития детей с ограниченными возможностями здоровья.

**Ключевые слова:** инклюзивное образование, дети с ограниченными возможностями здоровья, образовательная среда, профессиональная компетенция, образовательные программы, центры здоровья, поддержка, сотрудничество студентов и гуманистическое образование.

## PREPARING FUTURE TEACHERS FOR WORK WITH CHILDREN WITH DISABILITIES IN INCLUSIVE EDUCATION

The article explores one of the most pressing issues - activities with children with disabilities within the framework of the inclusive education program. The author of the article studied the main features of teacher competence in inclusive education, teaching technology and methods of working with children in inclusive education. The author of the article also defines the activities of children with disabilities in educational institutions from the point of view of pedagogical and psychological development. In the article, the author noted that the priority of comprehensive education is determined by the developmental characteristics of children, their abilities and interests. The most important tasks of an educational institution are the development and implementation of measures for physical development, preservation of health and increased activity of children. The goal of the author of the article is to determine the main characteristics of a teacher’s professional competencies, to create a general humanistic educational environment, the necessary conditions for the training and comprehensive development of children with disabilities.

**Keywords:** inclusive education, children with disabilities, forms of education, equal rights of children, educational programs, health centers, support, student cooperation and humanistic education

**Дар бораи муаллиф**
Вализода Шоирахон
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков гузаргоҳи 1

**Об авторе**
Вализода Шоирахон
Кандидат педагогических наук, доцент заведующий кафедрой социальной и профессиональной педагогики
Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова
735700, РТ город Худжанд, проспект Мавлонбекова, проезд 1

**About the author**
Valizoda Shoirakhon
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Social and Professional Pedagogy
Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov
735700, RT, Khujand city, Mavlonbekov Avenue, passage 1

ТДУ 37:574 (575.3)

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ АХЛОҚӢ-ГУМАНИСТИИ ХОНАНДАГОН

***Тураев З. Н.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Тағйироти куллӣ, ки тули қариб чил соли охир ҷомеаи муосири инсониро фаро гирифт, сабаби ба миён омадани талаботҳои нави иҷтимое гардидааст, ки ба мутобиқшавии шахсият ба ҷомеаи навини демократии сохташудаистода, ки дар он инсон нақш ва мақоми олӣ дорад, нигаронида шудааст. Дар чунин шароит вазифаи асосии дар назди низоми таҳсилот гузоштаи ҷомеа ин ҷустани роҳҳои самарабахш ва механизмҳои такмил додани раванди тарбияи гуманистии шахс ва умуман гуманизатсия кунонидани раванди таҳсилот мебошад. Дар баробари ин, муайян кардани омилҳои татбиқи эҷодкорӣ, ташаккули худидоракунии шахсият ва истифодаи самарабахши неруи инсонӣ, ки ба инкишофи ҷомеаи муттамаддин мусоидат менамоянд, муҳим аст.

Оиди ташкил ва ба танзим даровардани раванди таълиму тарбияе, ки ҳадафи асосии он ташаккули инсони комил, инсоне, ки нисбати тақдири дигар инсонҳо бетафовут набуда дар маҷмуъ ба кулли мавҷуди зинда бо ҳисси эҳтиром ва ғамхорӣ муносибаткунанда, инсоне, ки ҳадафу мароми ӯ созандагӣ мебошад, дар як қатор ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию меъёрӣ, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (аз 30-юми июни соли 2012), Стандартҳои нави фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, модули «Татбиқи муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ», конвенсияи ҳуқуқи кӯдак ва ғ. ишораҳо гардида бошанд ҳам, вале ин пешниҳодҳо то ҳол дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳлили назариявӣ қарор нагирифтаанд. Дар таҷрибаи ташкили тарбияи гуманистӣ ва ахлоқии хонандагони хурдсол, бо таври нокифоя омӯхта шудани проблемаҳои ташаккулёбии салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистии хонандагони хурдсол ва шароити ҳамгироии фаъолиятҳое, ки ба ташаккулёбии сифатҳои ҳамидаи инсонӣ нигаронида шудаанд боқӣ монда, рӯз то рӯз зиддиятноктар гардида истодааст. Ин проблема дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти иловагӣ", Консепсияи миллии таҳсилот, Консепсияи миллии тарбия ва стандартҳои таҳсилот боқӣ монда, неруи инкишофдиҳандаи адабиёти бадеӣ дар раванди ташаккулёбии салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дуруст баҳогузорӣ нашудааст.

Ба системаи таҳсилоти ибтидоӣ стандартҳои насли нав ворид гардида, раванди татбиқ ва гузаштан ба шаклҳои гуманитарии таҳсилот, ки ба худдомӯзӣ, худтатбиқнамоӣ ва дар рафти фаъолиятҳои мустақилона бой гардонидани донишҳо, худинкишофдиҳӣ бартарӣ медиҳад такони ҷиддӣ бахшад, ҳам дар адабиётҳои муосири педагогӣ-психологӣ, дарки илмии салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистӣ, ҳамчун натиҷаи татбиқи ҳадафҳои асосии таҳсилоти ибтидоӣ бо таври мушаххас муайян нашудааст. Вале ин маъноӣ онро надорад, ки ин проблема дар ҷои холи зуҳур намуда бошад.

Илми ҷомеашиносии муосир бо таври умумӣ пайдоиши идеяҳои гуманистиро ба замони Эҳё, замоне, ки дар Аврупо мардум ташаккули ҳаматарафаи шахсияташонро дар раҳои ёфтан аз нуфуз ва ҷабру зулми калисои католикӣ дарк намуданд, мансуб медонад. Ин замоне буд, ки дар Аврупо, махсусан Италия, мардум ошкоро барои ҳуққуқ ва озодиҳои худ ба мубориза сар кардааст. Яъне дар Аврупо ғояҳои гуманистӣ дар асрҳои XIV – XV пайдо шудааст [6, с. 140].

Вале мо ба ин ақида розӣ шуда наметавонем. Ба ҳеҷ ваҷҳ розӣ шудан мумкин нест, ки ғояҳои гуманистӣ бо таври мушаххас маҳсули тафаккури аврупоиҳо бошад. Зеро замоне ки дар Шарқи Қадим, аз Миср сар карда то Мовароуннаҳру Хитой ғояҳои гуманистӣ пайдо шуда буданд, Аврупо дар ҷаҳолату бенизомӣ ва беадолатию зулму истибдод ғарқ гардида буд ва онро дини католикӣ ҳақ бароварда, кӯчактарин кӯшиш ба инсони озод буданро, бо шадидтарин шева пахш менамуд. Мо танҳо ба адабиёти пурғановати асрҳои IX-X тоҷик иктифо карда, гуфтанием, ки дар ин замон ғояҳои гуманистӣ ба авҷи инкишофи худ расида будаанд. Як рубоии маликушшуаро Рӯдакӣ тамоми ҷанбаъҳои ғояҳои гуманистиро дар худ таҷассум ва шарҳу тафсир менамояд:

*Гар бар сари нафси худ амири мардӣ,*
*Бар куру кар, ар нукта нагири мардӣ.*
*Мардӣ набувад, фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигири мардӣ!*

Ин андешаи мо бо ақидаҳои Каримова И. Х, Лутфуллоев М. Раҳимов Б., Нуров А., Шарифов Ф. ва диг. мувофиқ мебошад [3, с. 28 - 49].

Омӯзиши адабиёти бойи тоҷик моро ба андешае водор намуд, ки дар Шарқ на танҳо ғояҳои соддаю оддии инсонпарварона, балки консепсияи ғояҳои гуманистие инкишоф ёфта будааст, ки ба ташаккули шахсияти комил нигаронида шудаанд.

Муносибати хирадмандона, боадолатона, меҳрубонона ба шахсият, озодиҳои ӯ, маҳсули меҳнат ва арзишҳояш ҷавҳари асосии методологии ғояҳои гуманистӣ ва тарбияи ахлоқии мутафаккирони равшанфикри халқи тоҷик ба шумор меравад.

Ғояҳои гуманистии миллати тоҷик бо ин ҷиҳатҳояш аз ғояҳои гуманистии Аврупо фарқ мекунад.

Ғояҳо гуманистӣ дар Шарқ дар тамоми давру замон бо масъалаҳои ба ташаккулёбии шахсияти комил нигаронидашуда дар алоқамандии зич қарор доштааст.

Мутафаккирони намоёни классики тоҷик дар тарбияи ахлоқи гуманистӣ рушди неруҳои эҷодӣ, эҳсосот, тафаккур, ирода, ишқу муҳаббат ҳамчун қонуни асосии ҳайёти инсонӣ, некхоҳӣ чун хусусият ва ҳадафи асосии инсонро медидаанд, ки ин дар осори адабии онҳо таҷассум ёфтааст. [7, с. 23].

Агар ба адабиёти замони Эҳёи Аврупо аниқ назар афканем, дарк менамоем, ки он аз адабиёти пурғановати Шарқ бостони об мехӯрдааст.

Педагог ва равоншиносони гуманисти қарнҳои XX-XXI Б.Г. Ананев, В.И. Андреев, П.К. Анохин, А.Е. Асмолов; В. С. Библер, Л.И. Божович, Б.Г. Братчс, Л. С. Виготский, В.В. Давидов, Б.И. Додонов, В.Е. Каган, Р.Р. Каракозов, О.Н. Крутова, Д.А. Леонтев, В.А. Петровский. В.А. Сухомлинский, Н.М. Трофимова, К.Д. Ушинский. Г.А. Цукерман, А. Адлер, М. Бюлер. К. Голдштейн, А. Маслоу, Ҷ. Олпорт. К. Роджерс, В. Франкл, Э. Фромм, Э. Эриксон, К. Юнг ва диг. роҳҳои гуногуни ташаккули ахлоқи гуманистиро баррасӣ намуда, консепсияҳои гуногуни таълиму тарбияи гуманистиро таҳия намудаанд.

Дар корҳои илмии олимони ватанӣ Маҷидова В.Б., Каримов Б., Каримова И.Х., Кенҷаева С. , Мустафоқулов Т., Нарзуллоева М. ва диг. қайд карда шудааст, ки ҳанӯз аз замони барвақти кӯдакӣ, инкишофи маърифатӣ – психикии он, хусусан дарки мақсаднок ва бошууронаи кӯдак оид ба муносибатҳо бо аҳли оила, ҳайвоноти хонагӣ, растаниҳо, тасаввуротҳои нав оид ба олами иҳотанамудааш ва ҷамъият ташаккул ёфта, муносибатҳояш ба як тартиби муайян медароянд.

Бо вуҷуди ин, дар педагогикаи замони мо ва алалхусус, дар методикаи таҳсилоти ибтидоӣ проблемаи чӣ гуна ғояҳои воқеии гуманистиро ба раванди таълим ворид кардан боқӣ монда, тавассути таҳлили назариявии самараи фаъолияти олимони зикргардида сохтани амсилаи воқеие, ки дар ташаккули салоҳиятҳои ахлоқӣ гуманистии хонандагони синни хурди мактабӣ накшгузор мегардад аз вазифаҳои асосии илмии соҳаи психология ва педагогикаи таҳсилоти ибтидоӣ ба шумор меравад [5, с. 23].

Таҳлили натиҷаи фаъолияти илмии олимони зикргардида моро ба хулосае водор намуд, яке аз воситаҳои асосии ташаккули салоҳиятҳои ахлоқӣ-гуманистӣ дар хонандагони синни хурдсол, ин истифодаи матнҳо аз адабиёти бадеӣ ба шумор меравад. Он таҷассумкунандаи воқеаю ҳодисаҳо ва далелҳои воқеии ҳаёти маънавии халқ, тарзи ҳаёт, урфу одат ва ахлоқи он ба шумор меравад. Ғояҳои ахлоқӣ - маънавии халқи тоҷик асосан дар жанрҳои ҳикоя, сурудҳои маросимии халқӣ, муаммо, ривоят, афсона, зарбулмасал ва мақолахо, латифаҳо, повесту роман ва достонҳо иникос ёфтааст [1, с. 90].

Агар умумӣ карда зикр намоем, дар адабиёти бадеии халқи тоҷик, мавзуи бартарӣ ва арзиши муқаддас додан ба хислатҳои неки ахлоқию маънавии инсонӣ бартарӣ дошта, мақоми инсон ва инсонгароӣ дар сатҳи олӣ ва ивазнашаванда васф гардидааст.

Адабиёти бадеӣ ба кӯдак имкон медиҳад, ки тамоми боигарии маънавии ҳайёти инсонӣ - баланду пастии зиндагӣ, зебоию зиштӣ, ғаму шодӣ, фатҳу шикат, дастоварду нокомӣ ва ғ. бори дигар дар тафаккур ва хайёлоти хонанда ва ё шунаванда зинда гардида тамоми дарду ғам ва фараҳу лаззати онҳоро дар вуҷуди худ аниқан ҳис намояд. Вазифа ва бузургии адабиёти бадеӣ низ дар ҳамин аст [2, с. 320].

Мубрамияти таҳқиқоти мо низ бо он асоснок гардонида мешавад, ки оид ба вазифаҳои тарбиявии адабиёти бадеӣ дар раванди таълиму тарбия дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ сухан

ронда мо набояд фаромӯш намоем, ки мақсади асосии низоми таҳсилот тарбияи инсони комил ба шумор рафта, он пеш аз ҳама тарғибкунандаи ақидаҳои инсон будан, инсонгарой, қоил будан ба мақоми дигар инсонҳо мебошад.

Гарчанде солҳои охир дар Тоҷикистон тадбирҳои зиёдӣ таълимӣ тарбиявӣ оид ба эҳёи анъанаҳои ахлоқӣ-гуманистии миллӣ андешида шуда бошанд, ҳам натиҷаҳо қаноатмандкунанда ба назар намерасанд. Дар сатҳи зарурӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор нагирифтани нақшу мақоми адабиёти бадей дар тарбияи сифатҳои гуманистии хонадагони хурдсол, муайян набудани роҳҳои методии истифодаи адабиёти бадеӣ бо мақсади ташаккули сифатҳои гуманистии онҳо муайянкунанда ва асосноккунанда мубрамияти мавзуи мазкур ба шумор меравад [4, с. 23].

Ба ин сатҳи пасти маънавиёти ҷавонон, муносибатҳои зиддиятноки насли наврас дар байни худ ва волидон, калонсолон, муаллимон ва ғ. шаҳодати ҳол буда, масъала ҳамчун як мавзуи мустақил дар низоми таҳсилоти миллӣ бо таври зарурӣ баррасӣ нашудааст ва аз ин рӯ набудани равиши ҳамгиро ва арзёбии дақиқи муосир ба истифодаи адабиёти бадеӣ дар тарбия ва ташаккулдиҳии сифатҳои ахлоқӣ- гуманистӣ дар дар сатҳи ибтидоии таҳсилот моро водор менамяд, ки ин масъаларо ба пуррагӣ тахлилу баррасй намоем.

Ҳангоми мутолиаи адабиёти бадеӣ хонандагони хурдсол таҳлил, муқоиса, гурӯҳбандӣ ва хулоса мебароранд. Вазифаи омӯзгор интихоби дурусти матнҳо, адабиёт ва мазмуни онҳо мебошад. Донишҳое, ки хонандагони хурдсол аз худ намуданд, муддати тӯлонӣ боқӣ монда, ба сифати таълим ва ташаккули салоҳиятҳои ахлоқӣ гуманистии хонандагони хурдсол таъсири мусбӣ мерасонад. Ин маънои онро дорад, ки онҳо метавонанд донишҳои худро дар амал татбиқ кунанд.


***Адабиёт***

1. *Адабиёти Ватан. Синфи 7. - М., 1985. – 91 с.*
2. *Сатторов, А. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Нашри севум / А. Сатторзода. – Душанбе: «Маориф», 2018. — 320 с.*
3. *Каримова, И. Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы: ди с. ... д-ра пед. наук / И. Х. Каримова. -Душанбе, 2000. – 254 с.*
4. *Консепсияи мактаби миллӣ (Концепция национальной школы). -Душанбе: Матбуот, 2003. - 23 с.*
5. *Маҷидова, В.Б. Хусусиятхои шаклгирии одоби муошират дар кӯдакони синни томактабӣ // Паёми ПРМ АТТ / В.Б. Маҷидова, Г. Далолова. - Душанбе, 2020. - №2 (301). – С. 127-134.*
6. *Пахлавонов, А. Педагогическая мысль таджикского народа в XVI-XVII вв.: ди с. д-ра пед. наук / А. Пахлавонов. - Душанбе, 1995. – 182 с.*
7. *Идеи гуманизма в творчестве Хусайна Воиза Кошифи. – Душанбе: ДДОТ, 1994. – 23 с.*


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ АХЛОҚӢ-ГУМАНИСТИИ ХОНАНДАГОН


Рушди шахсиятӣ ва иҷтимоӣ дар давраи наврасӣ бо мавҷудияти ду гароишҳои гуногунсамт тавсиф меёбад: кӯшиш ба истиққлолият, ки бо вазифаҳои синну соли рушд муайян шудаанд, аз як тараф, ва кӯшиш ба нигоҳ доштани вобастагӣ аз волидон, ки эҳсоси амният, муҳофизат ва боваринокиро таъмин менамояд, аз тарафи дигар. Аз ин лиҳоз, муҳимияти махсусро омӯзиши оилаи номусоид касб мекунад. Ба ақидаи Т.И. Шулга, Л.Я. Олиференко, А.В. Бикова, оилаи номусоид – ин чунин оилае мебошад, ки дар он кӯдак нороҳатӣ, вазъиятҳои стрессӣ, зулм, зӯроварӣ ва ғайра, яъне ҳамаи он чизеро, ки номусоидиро инъикос мекунад, эҳсос мекунад. Таъсири чунин ниҳодҳо, ба монанди оила ва мактаб, на танҳо ба пешгириии қонунвайронкуниҳои ноболиғон мусоидат менамоянд, балки инчунин аксар вақт ба бавуҷудоии каҷравиҳо дар рушди ахлоқии шахсият мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, Раттер қайд мекунад, ки шаклҳои муайяни рафтори бадахлоқонаро кӯдакон аллакай дар хона меомӯзанд. “Дуздӣ дар ҳамсояҳо падидаи муқаррарӣ дар байни кӯдакон буда, аз ҷониби волидон ташвиқ карда мешуд”. Муаллиф инчунин қайд мекунад, ки наврасони аз оилаҳои бо даромади кам аз ибтидои таълим ба дараҷаи “қафомондаҳо” ва ғайра қарор мегиранд. Табиист, ки чунин кӯдак ба ҷустуҷӯи роҳҳои қонеъ гардонидани

талаботҳои иҷтимоии худ дар фаъолияти дигар, аз ҷумла дар зиддиҷамъиятӣ, шурӯъ мекунад. Чунин падида дар марҳилаи ҳозира дар кишвари мо ба амал омада истодааст, вақте ки раванди босуръати ба табақаҳо ҷудо шудани ҷомеа ба сарватмандон ва камбизоатон ҷараён дорад, вақте ки қашшоқшавии оммаи асосии аҳолӣ сурат гирифта истодааст. Ва наврасон аз оилаҳои камбизоат ба дараҷаи кӯдакони душвор қарор мегиранд.

Норасоиҳое, ки дар низоми тарбиявӣ мавҷуданд, дар наврасон аз оилаҳои камдаромад инъикос ёфта, қонунвайронкуниҳои ин кӯдакон ҳамчун натиҷаи таҷрибаи зиддиятнок ва манфие, ки аз ҷониби онҳо дар оила ба даст оварда мешавад, ба амал меоянд. Муқоисаи муҳити оилавии делинквентҳо ва ғайриделинкветҳо нишон медиҳад, ки деликвентҳо аксар вақт дар шароити номусоид ба тарбия мерасанд. Ин бо таҳқиқотҳое, ки аз ҷониби муаллифони хориҷӣ: Хили (1936), Глюков (1950), Паттерсон (1987), Феррингтон (1990), И.В. Дубровина, В.К. Заретский, И. С. Кон, Т.И. Шулга, Д.И. Фелдштейн гузаронида мешаванд, исбот карда карда шудааст. Дар таҳққиотҳои ориҷӣ диққати асосӣ ба амалҳои муштарак байни волид ва кӯдак дар давраи наврасии рушд тамаркууз дода мешавад, ки таъсири афзудаи назарияҳои таълими иҷтимоиро инъикос менамояд. Назарияи мазкур самаранокии волидайнро аз нуқтаи назари ташаккул ва интиқоли малакаҳо ва стандартҳои рафтор баррасӣ менамояд. Таҳқиқотҳои муқоисавии оилаҳои наврасони беназорат ва хонандагони некӯаҳвол нишон медиҳанд, ки наврасони беназорат дар шароити номусоидтар нисбат ба ҳамосолони некӯаҳволи онҳо тарбия меёбанд. Дар миёни омилҳои номусоиди тарбияи оилавӣ: муносибатҳои номусоиди волидайн, назарҳо ва тамоюлҳои зиддииҷтимоии волидон, сатҳи пасти умумитаҳсилотии онҳо, тарзи ҳаёти бадахлоқонаи волидон, оилаи нопурраро қайд менамоянд. Баъзе омилҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

а) Муносибатҳои номусоиди волидон. Методҳои тарбиявие, ки дар ҳар як оила ташаккул меёбад, аз маҷмуи вариантҳои муносибати волидайнӣ иборат мебошанд. Таъсиррасониҳои интизомӣ ба таври алоҳида омӯта мешаванд ва, тавре ки Р. Блэкборн қайд менамояд, то ҳанӯз низомбандии ягонаи таъсиррасониҳои интизомӣ вуҷуд надорад.

Мутобиқи таҳқиқотҳои Бандура Ҷ. Боулби (1959), дар оилаҳои деликвентӣ аксар вақт ба истифодаи қувва/қудрат ҳамчун ба усули ба даст оврдани риояи меъёрҳо ва қоидаҳо аз ҷониби кӯдак мурочиат карда мешавад. Волидони деликвентҳо аксар вақт истеҳзо ва ҷазои иҷсмониро истифода мебаранд, дар ҳоле ки волидони ғайриделиквентҳо бештар ба индуксия ва маҳрумсозӣ аз муҳаббат умед мебанданд.

Э.Г. Эйдемиллер, В. Юстискис (1998) омилҳоеро фарққузорӣ кардаанд, ки услубҳои ғайриҳамоҳанги тарбияи оилавиро эҷод мекунанд: вайроншавии муносибтаҳои мутақобила байни волидаййн, вазъиятҳои тӯлонии муноқишавӣ; оилаҳои аз ҷиҳати сохторӣ номусоид, ки дар онҳо яке аз волидон вуҷуд надорад; рафтори дугонаи волидон, вақте ки маънавиёти зоҳиран мусоид “дар назди одамон” дар хона ба арзёбиҳои таҳрифшудаи арзишҳои ҷамъиятӣ мубаддал мешавад.

А.Е. Личко омилҳои амалияи тарбиявии волидонро, ки равонро захм мерасонанд, фарқгузорӣ мекунад. Дар ин зимн ба он ба навъҳои муносибатҳои номусоиди волидайнӣ барои кӯдак ишора карда бар меъёрҳои назорат ва муносибати эҳсосотӣ асос меёбад. Назорат аз ҷониби волидон аз талаботҳо дарнамуди уҳдадориҳои кӯдак дар он супоришҳое иборат мебошад,ж ки ӯ иҷро мекунадж талаботҳо – манъҳо, ки муқаррар мекунанд чир кӯдак набояд кунад. “Кӯдакони беназорат, новобаста аз он ки аз чӣ гуна оилаҳо онҳо баромадаанд, аксар вақт зери таъсири кӯча қарор гирифта, зуд зери таъсири ягон пешво аз ҷумлаи аксар вақт калонсолон қарор мегиранд”.

б) Тази ҳаёти бадахлоқонаи волидон. Хатари бештаринро аз рӯйи таъсиррасонии манфии худ ба кӯдакон оилаҳои ҷиноятӣ – хориҷулқоида доранд. Ҳаёти кӯдакон дар чунин оилаҳо аз сабаби ҷанҷолҳои пайваста, мавҷуд набудани ғамории оддӣ дар бораи нигоҳубини фарзандон аксар вақт зери таҳдид қарор дорад. Дар чунин оилаҳо кӯдак барвақт ба оворагардӣ сар карда, аксар вақт аз она фирор мекунад.

Омили на камтар муҳими ҷиноятзои оилаи хориқулқоида майзадагии волидон мебошад. Дар таҳқиқотҳои Г.И. Каплан, Б.Д. Эдок далели мавҷудияти робитаи дақиқи мутақобилаи байни майзадагии волидон ва солимии ҷисмонӣ равонӣ ва “иҷтимоии” фарзандони онҳо ошкор карда мешавад.

Таҳқиқотҳои муаллифони хориҷӣ, ки ба масъалаи таъсиррасонии майзадагии волидон ба беназоратии наврасон бахшида шуданд, ба сифати сабаби асосӣ омили биологиро ҷудо мекунанд, хусусан ҳангоми мавҷуд будани модаре, ки майзада аст, ки ин ба ихтилолои

органии мағзи сари кӯдак оварда, вайронашвии рафтори кӯдакро муайян мекунад (Килдене Л., Малинаускене Л., 1984).

в) Оилаи нопурра. Таъсири муътадили мавҷуд набудани яке аз волидон ба беназоратии наврасӣ мавҷуд аст, амм псиарбачаҳои аз оилаҳои бепадар таҷовузкортар буда, дорои сатҳи пасттари рушди маънавӣ мебошанд. Баррасии сабабҳое, ки аз рӯйи онҳо яке аз волидон нест, имкон медиҳад хулоса бароварда шавад, ки робита байни оилаи нопурра ва беназоратии наврасӣ возеҳтар аст, агар оила дар натиҷаи ҷудошавӣ пароканда шавад, ва камтар возеҳтар аст дар ҳолати марги яке аз волидон. Стрессе, ки аз ҷониби волиди бо кӯдак монда (одатан бо модар) дар натиҷаи ҷудошавӣ ҳис карда мешавад, метавонад муноқишаҳоро байни волид ва кӯдак тезутунд кунад. Модарони танҳо аз дастгирии заифи иҷтимоӣ ранҷ мекашанд, имконияти истироҳат аз уҳдадориҳои хонагӣ надоранд, аз ин рӯ, онҳо бо тарбияи кӯдакон дар давоми сол пас аз ҷудошавӣ кам машғул мешаванд (Мартин, 1979). Албатта, ин аз хусусиятҳои модар вобаста аст, тавре ки Мак – кор (1962) қайд мекунад, эҳтимолияти бавуҷудоии деликвентӣ дар оилаҳои бепадар дар он ҳолатҳое коҳиш меёфт, ки модар ба рафтори девиантӣ (инҳирофӣ) майл надошт.

Қонуниятҳои таъсироти манфии номусоидии оилавӣ аз зер иборат аст:

– дар моҷароҳои дохилиоилавӣ, ки бо сабаби номувофиқатии тасаввуроти ҳамсарон дар бораи ҳаёти оилавӣ, фарқ кардани тамоюлҳои асосии арзишӣ ба вуҷуд омада, ба ин васила наврасро аз боварӣ ба худ маҳрум карда, дар ӯ ҳисси номуайянии изтиробнокро ба вуҷуд меоварад;

– дар оилаҳои бадахлоқ, ки муносибатҳоро бо одамон дар асоси робитаи мутақобила бунёд карда наметавонанд, кӯдак барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои худ бо роҳи зӯроварӣ одат мекунад, ки ин боиси фардгароӣ мегардад;

– дар оилаҳои ҷанҷолӣ бо "волиди пешво" аз кӯдакии барвақт ба ҳисси шаъну шарафи шахсӣ фишор оварда мешавад. Кӯдакон аз муҳит вобаста ба воя расида, омодаанд иродаи бегонаро бо нари тобеияти ғайрифаъоли худ қабул кунанд;

– оилаҳои алоқан номусоид интиқолдиҳандаи хавфи сироятёбӣ бо назарҳо ва одатҳои зиддиҷтимоӣ мебошанд.

Дар навбати аввал гуфтан лозим аст, ки оила гурӯҳи муташаккили иҷтимоие мебоша, ки аъзояш бо умумияти маишат, масъулиятнокии тарафайни маънавӣ ва зарурати иҷтимоӣ алоқаманд мебошанд, ки бо талаботи ҷомеа ба худбозтавлиди ҷисмонӣ ва маънавӣ муайян шудааст.

Барои кӯдак оила – ин муҳитест, ки дар он шароити рушди ҷисмонӣ, равонӣ, эҳсосотӣ ва зеҳнии ӯ ташаккул меёбанд.

Бинобар ин, оилаи номусоид – ин оилаест, ки дар он сохтор вайрон шуда, вазифаҳои оилавӣ беарзиш гардида, ё нодида гирифта мешаванд, нуқсонҳои намоён ва ниҳонии тарбия мавҷуданд, ки дар натиҷаи он "кӯдакони душвор" пайдо мешаванд.

Оилаҳои номусоид ба оилҳаҳои ҷанҷолӣ, буҳронӣ ва масъалавӣ тақсим мешаванд:

1) Оилаҳои ҷанҷолӣ. Дар муносибатҳои мутақобилаи ҳамсарон ва фарзандон соҳаҳое мавҷуданд, ки дар онҳо манфиатҳо, талаботҳо, мақсадҳо ва хоҳишҳои аъзои оила ба ҳам бархӯрда, ҳолҳатҳои қавӣ ва давомдори манфии эҳсосотиро ба вуҷуд меоранд. Издивоҷ метавонад ба туфайли гузаришҳо ва созишҳои тарафайн, инчунин омилҳои дигари муттаҳидсозанда дар муддати тӯлонӣ боқӣ монад.

2) Оилаҳои буҳронӣ. Зиддияти манфиатҳо ва талаботҳои аъзои оила дорои хислати тундомез дошта, соҳаҳои муҳими фаъолияти ҳаётии хонаводаро фаро мегирад. Аъзои оила мавқеъҳои оштинопазир ва ҳатто хусуматомезонаро нисбати якдигар ишғол намуда, ба ҳеҷ гуна гузаришҳо ё қарорҳои созишкорона розӣ намешаванд. Издивоҷҳои буҳронӣ пароканда мешаванд ё дар канори паркандашавӣ қарор доранд.

3) Оилаҳои масъалавӣ. Барои онҳо пайдоиши вазъиятҳои ниҳоятан душвор хос аст, ки қодиранд боиси парокандашавии изидоҷ гарданд. Масалан, мавҷуд набудани манзил, бемории вазнин ва давомдори яке аз ҳамсарон, мавҷуд набудани воситаҳо барои нигоҳубини оилаҳо, қарор гирифтан дар маҳбас барои ҷиноят ба муҳлати дароз ё як қатор ҳолатҳои дигари фавқулоддаи ҳаётӣ.

– оилаи ғайрисозанда (худмухторӣ ва ҷудоихоҳии аъзои алоҳидаи оила, мавҷуд набудани тарафйнӣ дар робитаҳои эҳсосотӣ, моҷарои музмини ҳамсарӣ ё волидайнӣ – фарзандӣ;

– оилаи нопурра (яке аз волидон вуҷуд надорад, ки боиси хусусиятҳои гуногуни муносибатҳои оилавӣ, пеш аз ҳама, ҳудудҳои гумшудаи байни модар ва фарзанд мегардад);

– оилаи ҷанҷолӣ, қалбакӣ ҳамраъй (бартарияти бидуни қайду шарти яке аз аъзои оила, батартибдарории шадиди ҳаёти оилавӣ, навъи фишороварандаи тарбия);

– оилаи парокандашуда (яъне вазъиятест, ки дар он яке аз волидон алоҳида зиндагӣ мекунад, аммо робитаҳоро бо оилаи пешина нигоҳ дошта, иҷрои ягон вазифаҳоро дар он идома медиҳад, ҳамзамон вобастагии қавии эҳсосотӣ аз он боқӣ мемонад).

Баъзан оилаи нопурра барои кӯдак назар ба оила ғайри пурарзиш бештар фоида дорад (масалан, падар майзада буда, оиларои азият медиҳад, баъдан ниҳоят аз оила меравад ва оила бо сабукӣ нафас кашида, дар он сулҳ ҳукмфармо мегардад). Зоҳиран муносибатҳои хуб дар оила дучор меоянд, аммо, волидон бо корҳои истеҳсолии худ аз меъёр зиёд машғул шуда. ба фарзанд кам диққат медиҳанд, ки метавонад боиси паёмадҳои нохуш барои қаллби нозуки инсони хурд гардад. Ҷудошваиҳо низ ба кӯдак таъсир мерасонанд.

Номуосидӣ дар оила бар ин ё он дараҷа амалан ҳамеша боиси номусоидии рушди равонии кӯдак мегардад. На ба маънои камақлӣ ё ягон ихтилолҳои дигар, масалан, зеҳнӣ, балки ба маънои носозии бакамолрасии соҳаи эҳсосотӣ – иродавӣ, яъне асосан хислати инсон.

Ниҳоят, яке аз омилҳои қавии номусоид, ки на танҳо оила, балки инчунин мутавозинии рӯҳии кӯдакро вайрон мекунанд, майзадагии волидон мебошад. Он метавонад ҷароҳатовар на танҳо ҳангоми бордоркунии ҷанин ва дар вақти ҳомиладорӣ, балки инчунин дар тӯли тамоми ҳаёти кӯдак бошад. Ба кадом ҷанбаи масъалаи каҷравиҳое, ки мо дахл накунем, қариб ҳамеша мо маҷбурем дар бораи таъсири харобиоварии майзадагии волидон ҳарф занем. Аз ин падидаи бадкорона кӯдак ибратҳои зиштро азхуд карда, аз ин умуман мавҷуд набудани ҳар гуна тарбия ба вуҷуд меояд, аз ин кӯдакон аз волидони худ ҷудо гардида, ба хонаҳои кӯдакон меафтанд, ва ғайра.

Ҳамин тариқ, мо метавонем таъкид намоем, ки технологияи профилактика – ин маҷмуи усулҳо ва шаклҳое мебошад, ки барои татбиқи чорабиниҳои профилактикӣ заруранд. Профилактика амалҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва саривақтӣ андешидашударо дар назар дорад, ки ба пешгирии бархӯрдҳои эҳтимолии ҷисмонӣ ё иҷтимоӣ–фарҳангӣ дар шахсони алоҳидаи гурӯҳҳои хавф, нигоҳдорӣ, дастгирӣ ва ҳифзи сатҳи муқаррарии зиндагӣ ва саломатии одамон, мусоидат ба онҳо дар расидан ба ҳадафҳои худ ва кушодани неруи дохилии онҳо нигаронида шудааст. Педагоги иҷтимоӣ метавонад дар доираи фаъолияти касбии худ аз усулҳои гуногуни кор, ки шахсияти кӯдакро инкишоф дода, робитаи мутақобиларо бо волидон мустаҳкам мекунанд, истифода барад.

## *Адабиёт*


1. *Беличева, С. А. Сложный мир подростка. / С. А. Беличева. – Свердловск: Средне–Уральск. книжное изд–во, 1984.*
2. *Восстановление социального статуса безнадзорных детей / Под ред. Г.М. Иващенко. – М., 2002.*
3. *Галагузова, М.А. Социальная педагогика: Курс лекций / М.А. Галагузова. – М.: Гуманит. изд. центр ВЛАДОС, 2000. - 447 с. Словарь по социальной педагогике. / Сост. Л.В. Мардахаев. – М.: Академия, 2002.*
4. *Кузнецова, Л.П. Основные технологии социальной работы: Учебное пособие. / Л.П. Кузнецова. – Владивосток, 2002. – 92 с.*
5. *Кунельский, Л.Э., Мацковский М. С. Энциклопедия социальной работы. / Л.Э.Кунельский, М. С. Мацковский. - М., 2001.*
6. *Мустаева, Ф.А. Основы профилактики безнадзорности и беспризорности несовершеннолетних / Ф.А. Мустаева. – М., 2003.*
7. *Овчарова, Р.В. Социально–педагогическая запущенность детей и подростков. Учебное пособие для вузов. / Р.В. Овчарова. - М., 2020. – 395 с.*
8. *Фатеев, И.В. Групповая делинквентность как источник социальных рисков в трансформирующемся обществе. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата социологических наук: 22.00.04 – социальная структура, социальные институты и процессы / И.В. Фатеев. – Краснодар, 2011. – 35 с.*
9. *Фатеев, И.В. Факторы, влияющие на возникновение делинквентного поведения подростков / И.В. Фатеев. // Теория и практика общественного развития, 2009. № 3 –4. С. 166–169.*
10. *Шакурова, В. М. Методика и технология работы социального педагога. / В. М. Шакурова – М., 2002.*
11. *Шептенко, П.А. Технология работы социального педагога общеобразовательного учреждения / П.А. Шептенко, Е.Н.Дронова, Л.Н. Гиенко. – М.: Издательство: Издательство "ФЛИНТА". – 200 с. ISBN 978–5–9765–1686–1*

## ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИҶТИМОИЮ ПЕДАГОГИИ ПЕШГИРИИ БЕНАЗОРАТӢ ВА БЕПАРАСТОРӢ

Дар мақола технологияҳои иҷтимоию педагогии пешгирии беназоратӣ ва бепарасторӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Қайд карда мешавад, ки амалисозии вазифаи профилактикӣ аз ҷониби педагоги иҷтимоӣ самарабахштар аст, агар ӯ диққати асосиро ба ташаккули сифатҳои мусбат дар тарбиягиранда равона карда, ба худмуайянкунӣ ва худтарбиякунии кӯдакон мусоидат намояд. Таъкид карда мешавад, ки оила дар бавуҷудоии каҷравиҳои рафтори кӯдакон нақши назаррасро мебозад, бо вуҷуди ин, оила бояд ҳамчун яке аз омилҳое баррасӣ шавад, ки метавонад дар як ҳолат манфӣ ва бартаридошта ва танҳо мусоидаткунанда дар ҳолатҳои дигар бошад. Муаллиф ба хулоса меояд, ки педагоги иҷтимоӣ метавонад дар доираи фаъолияти касбии худ аз усулҳои гуногуни кор, ки шахсияти кӯдакро инкишоф дода, робитаи мутақобиларо бо волидон мустаҳкам мекунанд, истифода барад.



**Калидвожаҳо**: технологияи иҷтимоӣ-педагогӣ, профилактика, кӯдакон, беназоратӣ, бепарасторӣ, рафтори каҷравона, мактаб, оила, волидон.



## СОЦИАЛЬНО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ТЕХНОЛОГИИ ПРОФИЛАКТИКИ БЕЗНАДЗОРНОСТИ И БЕСПРИЗОРНОСТИ

В статье рассматриваются социально-педагогические технологии профилактики безнадзорности и пренебрежения. Отмечается, что выполнение профилактических заданий социальным педагогом более эффективно, если он делает акцент на формировании у ученика положительных качеств и способствует самоопределению и самообразованию детей. Подчеркивается, что семья играет значительную роль в возникновении девиантного поведенческих у детей, однако семью следует рассматривать как один из факторов, который может быть негативным и доминирующим в одной ситуации и только способствовать в других ситуациях. Автор приходит к выводу, что социальный педагог может использовать различные методы в своей профессиональной деятельности для развития личности ребенка и укрепления отношений с родителями.



**Ключевые слова**: социально–педагогическая технология, профилактика, дети, безнадзорность, беспризорность, девиантное поведение, школа, семья, родители.



## SOCIO-PEDAGOGICAL TECHNOLOGIES FOR PREVENTION OF NEGLECT, HOMELESSNESS

The article deals with social and pedagogical technologies for the prevention of neglect and homelessness. It is noted that the implementation of preventive tasks by a social teacher is more effective if he focuses on the formation of positive qualities in the pupil and contributes to the self-determination and self-education of children. It is emphasized that the family plays a significant role in the occurrence of deviant behavioral in children, however, the family should be considered as one of the factors that can be negative and dominant in one situation and only contribute in other situations. The author comes to the conclusion that a social educator can use various methods in his professional activity to develop the child's personality and strengthen relationships with parents.



**Keywords**: socio-pedagogical technology, prevention, children, neglect, homelessness, deviant behavior, school, family, parents.



**Дар бораи муаллиф**
Ҷумаев Муҳиддин Раҳмоналиевич
Аспиранти кафедраи психология
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб,
к. С.Сафаров, 16
Тел.: (+992) 988404138

**Об авторе**
Джумаев Мухиддин Рахмоналиевич
Аспирант кафедры психологии
Кулябский государственный университет
имени А.Рудаки
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб,
ул. С.Сафаров, 16
Тел.: (+992) 988404138

**About the author**
Jumaev Mukhiddin Rakhmonalievich
Post-graduate student of the Department of Psychology
Kulyab State University named after A. Rudaki
735360, Republic of Tajikistan, Kulyab,
S.Safarov st., 16
Phone: (+992) 988404138

ТДУ 37.035.3

# ТАРБИЯИ МЕҲНАТӢ - ОМИЛИ УМДАИ ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ

***Шарипов М. М.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Дар нақшаи таълимии мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати тайёрии умумии меҳнатӣ ва касбии мактаби асосӣ равияи техника ва технология зикр ёфтааст. Дар он ба ғайр аз ташкил кардани дарсҳои таълими меҳнат барои синфҳои 7 – 9 мактабҳои наздик дар комбинатҳои таълимию истеҳсолии байнимактабӣ ва мактабҳои миёнае, ки дорои заминаи хуби моддию техникианд, ташкил намудани равияи технология ва касбу ҳунарҳои миллӣ пешниҳод шудааст. Ҳини интихоби ин равия мактабҳо мувофиқи шароиту имкониятaшон соҳаҳои аниқро ҷорӣ менамоянд. Ин равия метавонад чунин соҳаҳо дошта бошад: боғпарвар – механизатор, сабзавоткор – механизатор, омӯзиши трактору дигар мошинҳои хоҷагии қишлоқ, кандакорӣ, кулолӣ, оҳангарӣ, корҳои нафис – заргарӣ, сангтарошӣ, гилему қолинбофӣ, паррандапарварӣ, санъати амалию бадеӣ ва амсоли инҳоро дошта бошад.

Инсонро меҳнат ба вуҷуд овардааст ва ӯ бояд меҳнат кунад. Меҳнат ӯро мехӯронад, мепӯшонад ва инкишоф медиҳад. Агар меҳнат намебуд, инсон қуллаҳои баландтарини илмро кашф намекард.

Авлоду аҷдодонамон ҳам меҳнат мекарданд. Асарҳои илмӣ-бадеӣ, китобҳои доир ба санъат, ёдгориҳои таърихию меъморӣ, ки аз гузаштагон мерос мондааст, маҳсули меҳнати онҳост. Олимони машҳур Абуалӣ ибни Сино, Садридин Айнӣ, Носири Хисрав, Умари Хайём, Фаридаддини Аттор, Саъдии Шерозӣ, Насриддини Тӯсӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон бо меҳнатдӯстӣ дар кашфи асрори илмҳо муваффақиятҳои беназир ба даст оварда, ба ҷавонон донишгириву меҳнатдӯстиро тарғибу талқин кардаанд.

Бечиз нест, ки дар эҷодиёти даҳонии халқ дар бораи аҳамияти меҳнат зарбулмасал ва мақолҳои сершумор ҳастанд. «Ганҷи беранҷ надидаст касе, гули бехор начидаст касе», «Набурда ранҷ ганҷ муяссар намешавад», «Кор кунӣ – дарё шавӣ, кор накунӣ – бӯрё», «Рӯсурхии одам кор аст», «Бе меҳнат роҳате нест», «Имрӯз меҳнат, пагоҳ роҳат» ва ғайраҳо намунае аз онҳоянд, ки ба аҳамияти меҳнат дар ҳаёт бахшида шудаанд. Дар ҳақиқат меҳнат доруест, ки ба одамизод солимӣ ва бардамӣ ато мекунад. Шахс, ки шуғле надорад, ҳаракат намекунад, лоғару бемору нотавон хоҳад буд [11, с. 266-267].

Дар мактаби муосир бояд насли ҷавононро то ҳадди ниҳоии муҳити иҷтимоӣ таълим ва тарбия кард, ки онҳо ҳис кунанд, ки дар асри нав зиндагӣ ва кор мекунанд ва ба воя мерасанд. Барои инкишофи минбаъдаи онҳо, тарбияи меҳнатӣ роли муҳимро мебозад ва дар назди омӯзгорон вазифаи муҳиме гузошта шудааст, ки хонандаеро имрӯз мо бояд ба воя расонем, ки дар заминаи ташаккули муносибатҳои бозаргонӣ ҷавобгӯй бошанд. Зеро омили инсонӣ дар истеҳсолот нақши ҳалкунанда дорад. Дар асоси назария ва амалияи таълим, тарбияи меҳнатӣ пеш бурда мешавад.

Тарбияи меҳнатӣ равандест, ки хонандагон кунун бо майлу рағбати худ равияеро интихоб мекунанд ва дар он муносибати софдилонаи худро ташаккул медиҳанд, ба кори супоридашуда барои ҳар чӣ бештар ноилгардӣ ба натиҷаҳои назаррас кӯшиш ба харҷ дода, ташаббусу эҷодкорӣ менамоянд ва ба ҳамдигар ёрӣ мерасонанд. Аммо ташаккули сифатҳои ба фаъолияти меҳнатӣ вобастаи шахсият, ҳамчун дигар намудҳои тарбия, бидуни ёддиҳии муайян ё омӯзиши маҳорату малакаҳои меҳнатӣ, усулҳои амалан иҷрокунии корҳои гуногунро тасаввур кардан номумкин аст.

Омодасозии ҳар як хонандагон барои ҳаёт то ҳадде бо дониш, таълими меҳнат, малакаҳои касбӣ аз ҷониби ӯ дар мактаб вобастааст. Маҳз татбиқи бомуваффақияти ин вазифаҳо дар мактабҳо зарур аст, ки аз усулҳои гуногун ва шаклҳои он васеъ истифода баранд. Манбаи асосии сарвати моддию маънавии ҷомеа ин меҳнат мебошад. Меҳнат асосҳои тарбияи шахсият буда, вазифаи ҳар як шахс аст. Аз ин рӯ, маълумоти меҳнат унсури муҳими раванди педагогии мактаб мебошад. Маорифро танҳо ҳангоми кори таълимӣ бо фаъолияти амалии меҳнатӣ метавон баррасӣ кард. Дар шароити вазъи муосири иқтисодӣ ва афзоиши босуръати пешрафти илмӣ ва технологӣ, шахс бояд қобилияти зуд аз худ кардани таълимро дошта бошад, ки барои он заҳмати ниҳоят зиёдеро талаб мекунад. Шахси муосир

дар соҳаи касбии худ як мутахассиси баландихтисос бошад, ки мунтазам дониш, малакаи худро такмил дода ва барои ноил шудан ба муваффақият меҳнати зиёдеро ба сомон расонад.

Барои ба мақсад расидан, меҳнати зиёде ба сомон расонидан лозим аст. Тарбия на танҳо дар раванди таълим балки дар доираи муассисаи таълимӣ мебошад. Тарбия инчунин вазифаи иҷтимоиро низ мебозад, яъне омодасозии ҷавонон барои ҳаёт дар ҷомеа мебошад [10, с. 45].

Ташаккули малакаҳои меҳнатӣ ба ҳисоби миёна, шуғли онҳо асоси муваффақияти касби ояндаи онҳо мебошад. Шиносоии хонандагон бо асосҳои истеҳсолоти муосир ва ташаккули малакаҳои умумии ин система дар интихоби ояндаи касб роли муҳим мебозад [4, с. 305].

Тарбияи меҳнатии мактаб ба омодагии психологӣ ва амалии мактабиён равона шудааст. Меҳнат – асоси зиндагӣ, ғановати маънавӣ – ва моддӣ, вазифаи муқаддаси инсон, меъёри қадру қимати ҳар фард, рукни рушду камолоти шахсият аст.

Мо аз мавзӯи «Рушди мутаносиби ҳамаҷонибаи шахсият» огоҳем, ки сохти иҷтимоии ғуломдорӣ, меҳнат ба ду қисмат – ақлӣ ва ҷисмонӣ ҷудо шуда буд. Фарзандони табақаи ҳокими истисморгар ба меҳнати ақлӣ ва синфҳои мазлум ба меҳнати ҷисмонӣ машғул мешуданд. Чунин аз ҳам чудоии меҳнат инсониятро асрҳои мадид аз инкишофи ҳамаҷониба боз дошта омад, чунки маҳз бо ҳам пайвастагии меҳнати ақлю ҷисмонӣ метавонад инкишофи ҳамаҷибаи шахсиятро таъмин гардонад.

Мактаби муосир бояд насли наврасро ба касбу кори омода созад, ки он ягонагии меҳнати ақлӣ ва ҷисмониро бо таълими политехникӣ пайваста бошад ва ба мақсади тарбияи ҷомеаи демократӣ ҳамоҳангӣ пайдо кунад. Аммо мактаби ҷумҳуририо чун пештара ба мактаби меҳнатӣ табдил дода, аз вазифаи аслиаш – таҳсилоти умумӣ дур кардан мумкин нест. Он бояд бо маҷрои муайян кардаи қонуни маориф ва консепсияи миллии тоҷик вазифаи асосии худро адо кунад, вале ин он маъноро надорад, ки мактаб тамомман аз таълиму тарбияи меҳнатӣ канда бошад. Ин вазифаро ҳоло дар мактаб фанҳои «Санъати миллӣ ва меҳнат», «Таълими меҳнат», «Технология ва касбу ҳунарҳои миллӣ» анҷом медиҳад, инчунин тавассути таълими фанҳои табиатшиносӣ, ботаника, биология ва ғайра, ки корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ доранд, сурат мегирад.

Барои тақвият додани моҳияти тарбияивии фаъолияти меҳнатии хонандагони мактаб чунин шарту шароитҳои педагогии ташкилкуниро бояд ба инобат гирифт:

- ҳар қадар хонанда ба меҳнат бармаҳал иштирок кунонда шавад, тарбияи меҳнатии ӯ минбаъд ҳамон қадар маҷрои дуруст мегирад;
- фаъолияти меҳнатии хонандагон бояд моҳияти шахсӣ, ҷамъиятӣ ва асоси ахлоқӣ дошта бошад;
- меҳнате, ки бо машаққат анҷом мепазирад, шодиву сурур меоварад. Меҳнати сабук, ки шиддати кори ҷисмонӣ, ақлӣ ва иродавиро талаб мекунад, қадр ва моҳияти тарбиявӣ надорад;
- меҳнати хонандагонро назорат кардани устодон ва волидайнҳо бояд одобона ва бо дастгирии онҳо гузарад, то ки онон ба қувваи худ боварӣ ҳосил кунанд. Агар хонанда баъди иҷрои супориши меҳнатӣ аз барори кори худ шод шавад ва таърифу тавсиф шунавад, вай фикр мекунад, ки далеру шуҷоъ шудаст, худро хушбахт ҳис мекунад;
- меҳнат бояд дамгирӣ дошта бошад. Хастагиро бо дигар намудҳои фаъолият ивазкунӣ ҳам рафъ мекунад. Ба ин ҳамгироии дарсҳои ботаника, зоология ва анатомия хеле мусоиданд, чунончи, дар як ҳиссаи дарс машғулиятҳои меҳнат гузаранд, дар ҳиссаи дигараш расми ягон чизро мекашанд;
- ҳар супориши меҳнатӣ бояд бо натиҷаҳои муфид ва ба қадри ҳол ба назар намоён хотима ёбад. Ҳар қадаре, ки натиҷаи кор барои ҷамъият аҳамият дошта бошад, ба худи коргар ҳам таъсири тарбиявии меҳнатӣ ҳамон қадар зиёд мешавад;
- дар меҳнати истеҳсолӣ на бояд манфиатдории моддии шахсии кӯдак рад карда шавад. Зеро фақат зимни ҳавасмандии шахсӣ кӯдак метавонад корро бо тамоми қувва омӯзад,ба коллективи корӣ ворид шавад ва ҳамин тавр ба дараҷаи коргари комил бардошта шавад ва дар ин асос барои худ бо шуури баланд, бо амри виҷдон кор кунад;
- ташкили фаъолияти меҳнатӣ бояд ба тарбияи ахлоқӣ ва иқтисодӣ вобастагӣ дошта бошад. Баъзан одам хуб кор мекунад, вале баҳри тамаъ аст. Кори тарбиявӣ ба он мувофиқат

мекунад, ки ҳоло талабагони хурдсол аз меҳнати ройгон, фоиданоки умумӣ, ба хотири коллектив хурсандӣ мекунанд;

- меҳнат бояд ба синну сол ва хусусиятҳои психофизиологии кӯдакон мувофиқат кунад. Мактабиёни хурдсол, хусусан талабагони синфи якум – ин кӯдакони томактабии дирӯза, машғулияти асосиашон бозӣ буд. Бинобар ин бояд он дар меҳнат ҳамроҳӣ кунад. Дар бозӣ ва ҳам кор фикр ва ҳисси пуркуввати масъулият вуҷуд дорад;
- дар раванди фаъоляити меҳнат талабагон бояд нафақат супоришҳои ба онҳо пешбаришударо иҷро кунанд, инчунин мустақилона ташкил кардани меҳнати худро ҳам омӯзанд [8, с. 330 - 331].

Хулоса тарбияи меҳнатии насли наврас нишон медиҳад, ки мардум аз давраҳои хеле қадим рол ва аҳамияти меҳнатро на танҳо ҳамчун воситаи муҳимтарини зиндагӣ, балки чун омили муҳимтарини тарбия низ фаҳмида гирифтаанд.

Бисёр намояндагони барҷастаи философия, педагогика ва психология инкишофи ҳаматарафаи одамро орзӯ карда дар хусуси меҳнатии ҷавонон бисёр фикрҳои пурқимат баён карданд. Садриддин Айнӣ гуфтааст: «Меҳнатдӯстӣ донистани қадри аҳли меҳнат сарфаю сариштa кардани натиҷаҳои меҳнатӣ ба мавзуи меҳнатӣ дохил карда, мегуфт, ки тарбияи меҳнатии хонандагон аз хурдсоли сар кардан лозим аст ба фикри ӯ, дар корҳои хона иштирок кардани кӯдакон шарти муҳимми ташаккули меҳнатдӯстӣ сариштакору сарфакор шудани онҳо мебошад» [9, с. 45].

Тарбияи меҳнатӣ барои ҷамъият фоиданок ҷалб кардани хонандагон, ҷавонон дар инкишофи симои маънавӣ, такомули ахлоқи одам дар давраи ҳозираи авҷи раванди илму техника торафт бештар аҳамият пайдо мекунад. Меҳантӣ барои ҷамъият фоиданок имрӯз натанҳо чун воситаи таонои ҳаматарафаи хонанда, балки чун воситаи муҳимтарини мубориза бар зидди таёрхурию муфтхӯри бисёр зарур аст.

***Адабиёт***


1. *Аверичев, Ю.П. Организация трудового обучения и воспитания школьников / Ю.П. Аверичев - М.: Педагогика, 1976. - 68с.*
2. *Баротов, К. Корҳои берун аз синфӣ аз биология / К. Баротов, М. Шарипов. - Матбааи ДДОТ ба номи Қ. Ҷураев, Душанбе, 2014. – 147 с.*
3. *Баротов, К. Методикаи таълими биология. Китоби дарси барои донишҷӯён ва муаллимони биология / К. Баротов, М. Шарипов. – Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ: Душанбе, 2022. - 352 с.*
4. *Бондаревская, Е.В. Трудовое воспитание учащихся в условиях реализации школьной реформы. / Е. В. Бондаревская. - Ростовн / Дону, 2006. – 110 с.*
5. *Воробьев, А.И. Теория и практика трудового воспитания учащихся в условиях реформы общеобразовательной школы / А. И. Воробьев. - Ташкент. "ФАН"., 2006. - 280с.*
6. *Воронов, В.В. Педагогика школы в двух словах. Конспект – пособие для студентов педагогов и учителей. / В.В. Воронов. - М.: Педагогическое общество России, 2012. - 192с.*
7. *Гуманистические воспитательные системы вчера и сегодня. Под ред. Н.Л. Селивановой. - М.: Дрофа, 2015. – 734 с.*
8. *Раҳимов, Х. Педагогика / Х. Раҳимов, А. Нуров. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007.*
9. *Садриддин, А. Мактаби кӯҳна / С. Айнӣ. – Душанбе нашр дав тоҷик, 1955, - 45 с.*
10. *Сластин, В.А. Педагогика. Учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений. / В.А. Сластин, И.Ф. Исаев, Е.Н. Шиянов. − М.: Издательский центр Академия, 2014. – 576 с.*
11. *Юнусов, Й. Педагогика: Китоби дарсӣ барои коллеҷҳо ва омӯзишгоҳҳои педагогӣ / Й. Юнусов. / Зери назари Обидов И.О. Муҳар. масъул Сулаймонӣ С. - Душанбе: Ирфон, 2005. - 380 с.*


## ТАРБИЯИ МЕҲНАТӢ – ОМИЛИ УМДАИ ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ


Дар мақола сухан доири тарбияи меҳнатӣ - омили умдаи ташаккули шахсият меравад. Ҷиҳати муҳими тарбияи меҳнатии талабагон, ки ба тарбияи иқтисоди бозоргонӣ вобастагӣ дорад, ин сарфакориву эҳтиёткорӣ нисбати тамоми сарватҳои моддӣ, маънавӣ ва маводи ниёзи зиндагӣ мебошад. Сарфакорӣ захирадорӣ аст. Сарфакорӣ бояд таҳти андарзи мардумӣ «Инсоф дорӣ – барака дорӣ» ё «Сад рӯз дар бор – як рӯз даркор» пардохта шавад, ки аз таҷрибаи зиндагӣ сар задааст. Ин намуди тарбия ҳам аз оила, аз муносибатҳои калонсолон сарчашма мегирад. Эҳтиёткории кӯдакон аввалҳо аз муносибатҳои оддии худхизматрасонӣ ба миён меояд: эҳтиёти бозичаҳо, дуруст ва сариштакорона пӯшидани пойафзол ва сару либос, эҳтиёт кардани ашёҳои рӯзгор, қадр кардани маводи озуқа, хусусан нон ва ғайра. Тарбияи меҳнатӣ равандест, ки хонандагон кунун бо майлу рағбати худ равияеро интихоб мекунанд ва дар он муносибати софдилонаи худро ташаккул медиҳанд, ба кори супоридашуда барои ҳар чӣ бештар ноилгардӣ ба натиҷаҳои назаррас кӯшиш ба харҷ дода, ташаббусу эҷодкорӣ менамоянд ва ба ҳамдигар ёрӣ мерасонанд.



**Калидвожаҳо:** тарбияи меҳнатӣ, нақшаи таълимӣ, мактаб, таълим, синф, тарбия, таҷриба, омӯзгор, бозӣ, меҳнати ҷисмонӣ, маҳорат ва малака.

## ТРУДОВОЕ ВОСПИТАНИЕ - ВАЖНЫЙ ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ ЛИЧНОСТИ

В этой статье рассматривается изучение темы: трудовом образовании - основной фактор в идентичности. Трудовое воспитание является важным аспектом социализации личности. В этой связи, трудовое воспитание является приоритетным направлением деятельности школы, подход к нему должен характеризоваться серьезностью, организовываться оно должно таким образом, чтобы увлечь и заинтересовать учащихся. Школа способствует развитию умений и навыков в разных областях, формирует фундамент умственного и физического труда. Трудовое воспитание в школьных учебных учреждениях призвано разрешать следующие задачи: Сформировать правильное отношение к труду. Развить мотивацию, заинтересованность и потребность в творческой деятельности, стремление к практическому применению, полученных в ходе обучения знаний и навыков. Сформировать трудолюбие и навыки делового, предприимчивого человека. Благодаря формированию трудолюбия развиваются и другие свойства личности, такие, как бережливость, способность к самоопределению, рациональной и целесообразной организации своей деятельности, терпеливость и способность к преодолению трудностей.

**Ключевые слова:** трудовое воспитание, школьный план, школы, образование, класс, опыт, учителя, физический труд, умений и навыков.

## LABOR EDUCATION IS AN IMPORTANT FACTOR IN PERSONALITY FORMATION

This article considers the study of the topic: Labor education is the main factor in identity. Labor education is an important aspect of personality socialization. In this regard, labor education is a priority for the school's activity, the approach to it should be characterized by seriousness, it should be organized in such a way as to captivate and interest students. The school contributes to the development of skills in different areas, forms the foundation of mental and physical labor. Labor education in school educational institutions is designed to solve the following tasks: to form the right attitude to work. To develop motivation, interest and the need for creative activity, the desire for practical application, obtained during the training of knowledge and skills. To form hard work and skills of a business, enterprising person. Thanks to the formation of hard work, other personality traits, such as frugality, the ability to self -determination, rational and appropriate organization of their activities, patience and the ability to overcome difficulties.

**Keywords:** labor education, school plan, school, education, class, experience, teachers, physical labor, skills.

**Дар бораи муаллиф**
Шарипов Мирзобек Мирзоевич
Номзади илмҳои педагогика, дотсенти кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биология
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 985 56 21 13

**Об авторе**
Шарипов Мирзобек Мирзоевич
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры общая биология и методика преподование биологии
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 985 56 21 13

**About the author**
Sharipov Mirzobek Mirzoevich
Candidate of Pedagogical Sciences, associate professor of the Department of General Biology and Methodology Refining the biology
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 985 56 21 13

ТДУ 37.01.02

# ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚӢ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ИЛМИ ПЕДАГОГИКА

***Ҳотамов Ф. М.***
*Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии*
*Академияи таҳсилоти Тоҷикистон*

Фарҳанг ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ҳамеша дар ҳар марҳилаи ташаккули давлат мавқеи хосеро ишғол кардааст. Ин падида хеле гуногунҷабҳа буда, ба вазъи сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва эстетикии шахсият, ҷомеа ва давлат таъсир мерасонад.

Бояд тазаккур дод, ки дар сохтори фарҳанг ҳуқуқ се вазифаро иҷро мекунад: иҷтимоӣ-танзимӣ, тарбиявӣ ва таълимӣ.

1. Вазифаи иҷтимоӣ-танзимӣ, барои танзими муносибатҳои иҷтимоии одамон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти якҷоя пешбинӣ шудааст.

Ҳуқуқ муносибатҳои ҷамъиятиро на танҳо бевосита, балки тавассути таъсир ба шуури ҳуқуқии иштирокчиёни онҳо танзим мекунад. Таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, риояи волоияти қонун, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа, махсусан хонандагон, бештар аз сатҳу ҳолати он вобаста мебошад.

2. Вазифаи тарбиявӣ, барои мусоидат намудан ба баланд бардоштан ва нигаҳдории сатҳи дурусти шуури ҳуқуқии шахс нигаронида шудааст.

Фарҳанги ҳуқуқӣ пеш аз ҳама дар зери таъсири шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ, муҳити зист ва фаъолияти амалӣ ташаккул меёбад. Донишҳои ҳуқуқӣ, ки дар раванди таълиму тарбия ва муошарати байни одамон ба даст омадааст, сарчашмаи асосии ташаккули шуури ҳуқуқии шахс мебошад. Асоси дониши ҳуқуқиро дарки талаботи ҳуқуқ ташкил медиҳад. Шахс ин талаботро дарк намуда, онҳоро бо амалияи воқеии ҳуқуқӣ алоқаманд месозад ва дар бораи қонун муҳокимаҳои дахлдори арзишӣ таҳия менамояд. Ҳангоми дучор шудан бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ё ба муносибатҳои ҳуқуқӣ бо одамони дигар, шахс меъёрҳои ҳуқукро дар робита бо мазмуни иҷтимоии онҳо меомӯзад ва баҳо медиҳад. Дар зери назари манфиатҳои ҷамъиятие, ки дар он меъёри ҳуқуқ ифода ёфтааст, масъалаи қонеъ гардонидани манфиати шахси муайян ҳал карда мешавад. Тамоми ин раванд, ки дар шуури инсон инъикос ёфтааст, шуури ҳуқуқии ӯро ташаккул медиҳад.

Дар адабиёти илмӣ оид ба таърифи мафҳум ва моҳияти фарҳанги ҳуқуқӣ нуқтаи назари ягона мавҷуд нест. Таҳлили адабиёти махсус оид ба ин масъала нишон дод, ки бори аввал дар адабиёти солҳои 60-80 аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос мафҳуми фарҳанги ҳуқуқӣ дода шудааст. Мафҳум ва моҳияти фарҳанги ҳуқуқӣ ба намудҳои гуногуни таснифҳо асос ёфтааст ваа равишҳо барои баррасии ин падида бо мурури замон тағйир ёфтанд.

Лозим ба ёдоварист, ки раванди ташаккули фарҳанги ҳуқуқиро дар алоҳидагӣ на танҳо бо тарбияи иҷтимоӣ-ҳуқуқии шахсият, инчунин бо дигар намудҳои он, аз ҷумла, сиёсӣ ва ахлоқӣ дар ягонагӣ баррасӣ метавон кард. Муносибати маҷмӯӣ ба ҳуқуқ имкон медиҳад, ки қобилияти он дар нигоҳдорӣ ва интиқоли донишҳои ҳуқуқии ҷамъшуда, ташаккул додани фарҳанги ҳуқуқӣ дар наслҳои нави ба ҳаёт воридшаванда пурратар ошкор карда шавад.

3. Вазифаи таълимӣ аз он иборат аст, ки дар ҷараёни инкишофи қонунгузорӣ донишҳои ҳуқуқӣ пайваста ҷамъ ва инкишоф меёбанд.

Ҳоло ҳамчун шарти ҳатмӣ ва самти таҳқиқоти илмии педагогӣ мебояд ба хусусиятҳои фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун навъи махсуси фарҳанги умумӣ таваҷҷӯҳ кард. Мафҳуми «фарҳанги ҳуқуқӣ» ягонагии ҳуқуқ ва фарҳангро бо назардошти асолати онҳо ифода мекунад.

Мафҳуми «фарҳанги ҳуқуқӣ», бо мафҳуми «фарҳанги ахлоқӣ-ҳуқуқӣ» (Т.С. Дячкова, М.В. Павлова, Т.Б. Юртаева ва ғ.) алоқаманд мебошад, ки дар илми муосир ба таври зарурӣ инкишоф ёфтааст. Дар баробари ин мафҳумҳо дар адабиёти илмӣ мафҳумҳои «фарҳанг этикӣ-ҳуқуқӣ» (С.А. Рудих), «фарҳанги экологӣ-ҳуқуқӣ» (П.Р. Аббосов) ва «фарҳанги иқтисодӣ-ҳуқуқӣ» (О.В. Хлимановская) низ мавҷуданд.

Асарҳои олимон ва пажӯҳишгарони зерин ба омӯзиши асосҳои консептуалии падидаи «фарҳанги ҳуқуқӣ» бахшида шудаанд: (Насриддинзода Э.С [1], Сотиволдиев Р.Ш [2], Ҷ. Саъдизода [3], М.С. Джамиева [4], Р.С.Дралюк [5], Е.И. Евсикова [6], Н.В. Корчагин [7], Н.Ю. Майданкина [8] ва ғ.

Мавҷудияти заминаҳои гуногуни илмӣ барои омӯзиши падидаи мавриди назар аз он шаҳодат медиҳад, ки фарҳанги ҳуқуқӣ як падидаи мураккаб мебошад ва ба ибораи

П.А.Шашина низоми сертаркиба буда, асоси онро фарҳанги умумии башарият ташкил медиҳад, ки ҳукукро дар бар мегирад [9, с. 3].

Барои таҳқиқоти мазкур нуқтаи назари Н.Ю. Майданкина шоёни таваҷҷӯҳ аст, ки ҳалли масъалаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқиро дар байни ҷавонон ва наврасон танҳо бо ҳамгирой бо дастовардҳои илмҳои гуногун: фалсафа, фарҳангшиносӣ, сотсиология, ҳуқуқ, педагогика ва психология раво мебинад. Дар баробари ин, муаллиф фарҳанги ҳуқуқиро як ташаккули бисёрсатҳаи таълимии шахс медонад, ки ба соҳаҳои гуногун таъсир мерасонад ва дар фаъолияти инсон дар рафтори қонунӣ зоҳир мегардад.

Олим рус Г.А. Головченко пайдоиши давлат ва ҳуқуқро дар заминаҳои таърихӣ таҳқиқ намуда, қайд мекунад, ки фарҳанги ҳуқуқӣ натиҷаи иҷтимоишавии ҳуқуқии шахс буда, дараҷаи аз худ намудани меъёрҳои ҳуқуқиро дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ инъикос мекунад. Фарҳанги ҳуқуқӣ танҳо бо донишҳои ҳуқуқӣ маҳдуд намешавад, балки муносибати арзишнок ба қонун, фаъолияти фаъолонаи волоияти қонун ва эҳтироми қонуну тартиботро дар бар мегирад. Муаллиф инчунин ба фарҳанги ҳуқуқӣ «тағйир додани қобилият ва сифатҳои иҷтимоии шахсро дар асоси таҷрибаи ҳуқуқӣ» дохил кардааст. Ҳамчун нишондиҳандаҳои ташаккули фарҳанги ҳуқуқии шахс Г.А.Головченко инҳоро ном мебарад: таълими ҳуқуқӣ; низоми арзишӣ; дастурҳои ҳуқуқӣ, ки омодагии фаъолиятро дар фазои иҷтимоӣ бо риояи меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқӣ таъмин мекунанд.

Таҳлили тадқиқотии М.А.Пронина нишон дод, ки фарҳанги ҳуқуқӣ бо дигар соҳаҳои фарҳанг робитаи зич дорад.

Дар кори тадқиқотии Л.А. Петручак фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун як навъи фарҳанги таърихан муқарраршуда муайян карда шудааст, ки ба азхудкунии арзишҳои ҳуқуқии дар ҷомеа мавҷудбуда аз ҷониби шахс, таҷдиди онҳо дар ҳолатҳои муҳими ҳуқуқӣ ва ташаккули муносибат ба рафтори риояи қонун нигаронида шудааст. Фарҳанги ҳуқуқӣ инъикоси ҳолат ва сатҳи инкишофи ҳуқуқии низоми ҳуқуқии ҷомеа мебошад. Дар баробари ин муаллиф вобастагии мутақобилаи фарҳангро аз соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва дигар соҳаҳои рушди иҷтимоӣ қайд кардааст.

П.А. Шашин фарҳанги ҳуқуқиро таҳқиқ намуда, онро ҳамчун сатҳи фардии азхудкунии қонун муайян мекунад, ки шахсро дар фаъолияти худ роҳнамоӣ мекунад. Муаллиф инчунин дар фарҳанги ҳуқуқӣ тағйироти шахсиеро, ки дар инсон дар раванди ҷамъиятикунонии ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, дохил намуда, бо ҳамин вобастагии фарҳанги ҳуқуқии шахс ва ҷомеаро таъкид мекунад.

Фарҳанги ҳуқуқӣ дар таҳқиқоти С.Ю. Тренихина маҷмӯи меъёрҳо ва арзишҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки аз насл ба насл интиқоли онҳо рушди мутаносиби ҷомеа ва шахсиятро таъмин менамояд.

Мо ба мавқеъи таърифи фарҳанги ҳуқуқии хонанда Л.Н. Николева мувофиқ ҳастем, ки мувофиқи он ин падида ҳамчун ҷузъи фарҳанги умумӣ ба ҳисоб меравад, ки дорои хусусиятҳои ба худ хосро дорост.

Барои таҳқиқоти мазкур таърифи Н.В.Корчагин ба мафҳуми фарҳанги ҳуқуқӣ ҷолиб аст, ки тибқи он «фарҳанги ҳуқуқӣ-тарбияи интегратсионалии шахсӣ мебошад, ки сатҳи азхудкунӣ ва сифати иҷрои нақши ҳуқуқии иҷтимоиро инъикос менамояд». Вобаста ба мазмуни фарҳанги ҳуқуқӣ муаллиф инҳоро қайд кардааст: дониш ва малакаи ҳуқуқӣ; донишҳои ҳуқуқӣ ва қобилияти истифодаи он; истифодаи воситаҳои ҳуқуқӣ ва далелҳои ҳуқуқӣ ҳангоми ҳалли мушкилот; қобилияти таҳлил ва назорат кардани амалҳо ва рафтори худ; муносибати арзишнок ва эҳтиромона ба қонун; хислатҳои шахсие, ки рафтору риояи конунро таъмин мекунанд.

Мо ба нуқтаи назари М. А. Амиров комилан шарик ҳастем, ки мувофиқи он фарҳанги ҳуқуқӣ сатҳи фарҳанги ҳуқуқии ҷомеаро инъикос мекунад, ки дараҷаи инкишофи фаъолияти ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва шуури ҳуқуқии субъекти алоҳидаро инъикос мекунад, риояи талаботи инсонро таъмин менамояд, ҳуқуку озодиҳо ҳамчун кафили ҳифзи ҳуқуқ ва фаъолияти шаҳрвандии худ баромад мекунад [10, с. 29].

Таҳлили тадқиқотӣ оид ба фарҳанги ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки аксари он асосан ба фарҳанги ҳуқуқии хонандагон дахл доранд (С. В. Воронков, Р. С. Дралюк, В. Ю. Живцов, Л.Н. Николаева, А.Ю. Мамкин, М. А. Муртузалиева, В. В. Потомахин, Е. Л. Раковская, Е. А. Рассолова, Т. И. Цыганова ва ғ.)

Барои тадқиқоти мазкур равшан кардани тавзеҳоти баёнкардаи Н.Ю. Майдакина муҳим аст, ки мутобиқи он асосҳои фарҳанги ҳуқуқӣ дар натиҷаи тарбияи ҳуқуқӣ гузошта мешаванд, ки дар рафти он барои хонандагон шароит фароҳам оварда мешавад, ки арзишҳои

умумибашариро ба ҳам мувофиқ гардонанд, барои аз худ намудани меъёрҳои асосии ҳуқуқ ва ташаккули мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ замина ба вучуд оваранд. Асоси фарҳанги ҳуқуқии хонандагон инҳо шуда метавонанд: ғояҳои ибтидоии ахлоқию ҳуқуқӣ; муҳокимаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ оид ба ҳодисаҳои воқеияти иҷтимоӣ ки арзишҳо ва моделҳои рафтори муносиби кӯдакон ва калонсолонро инъикос мекунанд.

М.В. Харников фарҳанги ҳуқуқии хонандагонро як навъи фарҳанги иҷтимоии шахсият дониста, онро натиҷаи фаъолияти мақсадноки педагогӣ дар тарбияи ҳуқуқӣ, ки мазмуни онро дониш ва арзишҳои ҳуқуқӣ, омодагӣ ба риояи қоидаҳо мебошад, медонад.

Ба ақидаи М.С. Фабриков, аз ҷиҳати мазмун фарҳанги ҳуқуқӣ, дониши ҳуқуқӣ, маҷмӯи салоҳиятҳо дар соҳаи ҳуқуқ, рафтори қонунӣ, ташаккули омодагии шахс ба иҷрои намудҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятиро дар асоси эътиқоди ҳуқуқии онҳо ифода мекунад.

Дар асоси ҷамъбасти гуфтаҳои боло, қайд кардан ба маврид аст, ки хусусияти хоси муносибати педагогӣ ба фарҳанги ҳуқуқӣ дар он аст, ки ин падида ҳамчун унсури муҳими шахсият ҷузъи интегративии фарҳанги умумии шахс мебошад.

Барои фаҳмидани мафҳум ва моҳияти фарҳанги ҳуқуқӣ сохтори онро баррасӣ кардан мувофиқи мақсад мебошад. Ҷузъи аввалро метавон ҳамчун ақидаҳо ва эътиқодҳои ахлоқӣ муайян кард. Ҷузъи дуюм сохтори фаъолияти ҳуқуқӣ мебошад, ки ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат мекунад, инчунин иҷрои меъёрҳои ҳуқуқиро назорат мекунад. Ҷузъи сеюм донишҳои илмиро дар бораи моҳият ва таъсири мутақобилаи ҳодисаҳои ҳуқуқӣ умуман, тамоми механизми танзими ҳуқуқӣ ифода мекунад.

Николаева Л.Н сохтори фарҳанги ҳуқуқиро баррасӣ намуда се ҷузъи онро муайян мекунад:

- Маърифатӣ (зеҳнӣ) - таъмин намудани иттилоотикунонии шахс аз меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқҳои онҳо;

-Арзишӣ (ҳавасмандгардонӣ) – баҳодиҳӣ ва танзими рафтори шахс аз мавқеи муносибатҳо ва арзишҳои ҳуқуқӣ, зарурати густариши донишҳои ҳуқуқӣ ва худтакмилдиҳӣ дар соҳаи ҳуқуқ; ташаккул додани муносибати арзишӣ нисбат ба ҳуқуқ;

-Танзимӣ (рафторӣ) - ҷузъи рафтори ҳуқуқӣ буда, назорати риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсро таъмин менамояд.

Дар робита ба сохтори фарҳанги ҳуқуқӣ мавқеъи шабеҳро М.А. Муртузалиева низ пешниҳод мекунад, вале ба хусусиятҳои онҳо дигар нишондиҳандаҳоро мегузорад:

-маърифатӣ ё зеҳнӣ (донишҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқ, санадҳои қонунгузорӣ);

-ҳавасмандӣ-арзишӣ (зарурати риояи этикаи корӣ, ҳавасмандии ахлоқӣ, эҳтиром ба қонун ҳамчун арзиши ахлоқӣ, талаботи қонунии ҷомеа);

-танзимӣ (эътиқод, риояи фарҳанг дар муошират ва рафтор, малакаҳои ҳуқуқӣ, одатҳо, риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ).

Тибқи ақидаи В.Ю.Живцов дар сохтори фарҳанги ҳуқуқӣ чаҳор унсурро ҷудо мекунанд:

-маърифатӣ, ки дар шакли дониш дар соҳаи ҳуқуқ, ихтиёрӣ, муносибати танқидӣ ба падидаҳои иҷтимоӣ ифода шудааст;

-амалиётӣ-технологӣ, аз ҷумла малакаҳои фаъолияти иттилоотӣ дар соҳаи ҳуқуқ, малакаҳои қабули қарорҳо дар ҳолатҳои ҳуқуқӣ ва қобилияти амалӣ намудани муошират ҳуқуқӣ;

-аксиологӣ (дараҷаи баланди арзишҳо, ки бо муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқ дар ҷомеа алоқаманданд, озодӣ, ҳамбастагӣ, принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд);

-танзимӣ (мавқеи устувори шаҳрвандӣ, таҷрибаи ҳуқуқӣ ва муносибат ба рафтори қонунӣ, эҳтироми волоияти қонун).

Д.Т.Абдолазанов масъалаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқии хонандагонро бо истифода аз фанҳои табиатшиносӣ омӯхта, унсурҳои зеринро муайян мекунад:

-эҳсосӣ-ҳавасмандӣ, ки дар ҷанбаи мавҷудияти шавқу рағбат ва ҳавасмандӣ барои гирифтани дониш дар соҳаи ҳуқуқ, эътиқод ба зарурати риояи қонунҳо муайян карда мешавад;

-маърифатӣ-мундариҷавӣ, ки дар низоми донишҳои ҳуқуқӣ ифода ёфтааст;

-танзимӣ, ки аз риояи бошуурона ба меъёрҳои ҳуқуқӣ дар рафтор ва фаъолият иборат аст.

Бо нигоҳдории мавқеи О.С.Ляхова оид ба сохтори фарҳанги ҳуқуқӣ, мо чунин мешуморем, ки унсури системавии он унсури маърифатӣ мебошад, ки аз таълими ҳуқуқӣ ва

унсури зеҳнӣ иборат мебошад. Унсури дуюми сохтории он, шуури ҳуқуқӣ мебошад, ки дар навбати худ психологияи ҳуқуқӣ ва мафкураи ҳуқуқиро ифода мекунад. Муаллиф рафтори қонуниро ҳамчун маҷмӯи се унсури асосӣ: ҳавасмандкунанда, танзимкунанда ва фаъолияти эҷодии фард дар соҳаи ҳуқуқ медонад.

Дар мавриди сохтори фарҳанги ҳуқуқӣ, инчунин нисбат ба хусусиятҳои он, дар адабиёти психологию педагогӣ фикру ақидаи якхела вуҷуд надорад ва равишҳои гуногунро мушоҳида кардан мумкин аст.

Лозим ба ёдоварист, ки масъалаи функсияи фарҳанги ҳуқуқӣ баррасии махсусро тақозо мекунад, зеро он бевосита бо ҳадафҳо ва вазифаҳои дар назди он истода алоқаманданд.

Олими намоёни рус М.Г.Баумова дар зери мафҳуми функсияи фарҳанги ҳуқуқӣ самтҳои нисбатан ҷудошудаи асосии фаъолият ва таъсири фарҳанги ҳуқуқӣ ба тамоми унсурҳои низоми ҳуқук, нақш ва ҳадафи иҷтимоии онро дар ҷанбаи танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳаёти шахсӣ медонад. Дар баробари ин, ба андешаи муҳаққиқ, асоси таснифи функсияи фарҳанги ҳуқуқиро метавон иборат аз: соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ; нақш дар танзими механизми ҳуқуқӣ; аҳамият барои шахсият ва ҷамъият, давомнокии амал ва ғайра.

Ба ақидаи М.Г.Баумова ва В.Н.Карташов, функсияҳои фарҳанги ҳуқуқӣ устувор ва муътадиланд, ки ин аз алоқамандӣ онҳо вобастагӣ дорад.

Дар баробари функсияҳои умумииҷтимоии фарҳанги ҳуқуқӣ (сиёсӣ, иқтисодӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва экологӣ) М.Г. Баумова функсияҳои махсуси ҳуқуқии онро (ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, танзимкунанда, аксиологӣ, пешгӯӣ, иҷтимоии ҳуқуқӣ, коммуникативӣ, таҷрибаи ҳуқуқӣ) ҷудо мекунад.

В.Н.Савин фарҳанги ҳуқуқиро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ эътироф карда, намуди махсуси он, яъне, унсури фарҳанги умумии инсонӣ таъкид мекунад. Ба андешаи муҳаққиқ фарҳанги ҳуқуқӣ функсияҳои зеринро иҷро мекунад: инсонӣ-эҷодкорӣ, аксиологӣ, меъёрӣ, табдилдиҳанда, коммуникативӣ, иттилоотӣ ва ғайра.

Г.И.Балюк дар байни функсияҳои гуногуни фарҳанги ҳуқуқӣ функсияи ташаккул ва инкишофи шахсиятро ҳамчун функсияи асосӣ баррасӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, мавҷудияти равишҳои гуногун барои муайян кардани мафҳум, моҳият ва сохтори фарҳанги ҳуқуқӣ аз мураккабии объективии падидаи баррасишаванда шаҳодат медиҳад. Дар доираи тадқиқоти мазкур метавон фарҳанги ҳуқуқиро ҳамчун тарбияи интегративии шахс донист, ки бо хусусиятҳои давраи синну солӣ (хоҳиши мустақилият, ташаккул наёфтани мавқеи устувори ахлоқӣ, мустақилияти доварӣ, худмуайянкунии шахсӣ) муайян карда мешавад, инчунин, маҷмӯи донишҳои ҳуқуқӣ, муносибат, эътиқод, сифатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок (худназоратӣ, масъулият, ташкилотчигӣ), таъмини мавқеи ахлоқӣ, қабули пурмазмуни меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки дар рафтору фаъолияти иҷтимоӣ нигаронидашудаи қонунӣ ифода ёфтаанд.

Дар илми педагогика аксар вақт на фарҳанги ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ, балки танҳо унсурҳои сохтории алоҳидаи он баррасӣ мешаванд. Таваҷҷуҳи бештар ба чунин унсур, ба монанди шуури ҳуқуқӣ дода мешавад. Худи раванди ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ басо мураккаб ва гуногунҷанба аст. Дар баъзе адабиётҳо зери мафҳуми фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун тарбияи ҳуқуқии шахс низ фаҳмида мешавад.

Аммо дар баробари ин гуна тафсири густурдаи ин таъриф яктарафа будани онро бояд эътироф кард. Мафҳуми "фарҳанги ҳуқуқӣ" ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ бештар маъмул аст. Дар баробари ин, ҷанбаи педагогии мафҳум низ омили ҳалкунанда мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки олими намоёни рус В.И.Даль дар замони худ фарҳангро ҳамчун "таълими ақлӣ ва ахлоқӣ" муайян кардааст. Истилоҳи калидӣ дар ин ҷо таълим мебошад. Омили педагогии ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар раванди иҷтимоишавии ҳуқуқ, раванди азхудкунии арзишҳои ҳуқуқии шахсият зоҳир мегардад. Марҳилаи ибтидоии ин раванд дар хурдсолӣ азхудкунии қонунҳои ахлоқии кӯдак мебошад. Асоси қонунияти иҷтимоишавии ҳуқуқ дар ҷанбаҳои иҷтимоӣ, педагогӣ ва психологии он асос ёфтаанд. Натиҷаи ниҳоии иҷтимоишавии ҳуқуқ ташаккули ҳуқуқии шахсият мебошад ваа дар ин ҷо, чунин унсурҳои таркибии раванди педагогӣ, ба монанди таълим, тарбия ба мадди аввал меоянд. Агар ба ҳар яке аз ин равандҳо бодиққат назар андозем, метавон дар бораи занҷири мантиқии унсурҳои ба ҳам алоқаманди ин мафҳум хулоса барорем.

Ҳамин тариқ, мо чунин мешуморем, ки категорияи «фарҳанги ҳуқуқӣ» бештар ҷанбаи педагогӣ мебошад. Аммо ҷанбаи ҳуқуқии он низ бо ҳам зич алоқаманд аст, зеро он мундариҷаи асосии ин мафҳум мебошад. Ташаккули шуури ҳуқуқии хонандагон, ҷамъият ва

давлат, албатта, ба мустахкам намудани тартиботи қонунӣ ва ташаккули давлати демократӣ нигаронида шудааст. Аммо бе омили педагогӣ ин равандро идора кардан ғайриимкон мебошад. Дар ин раванд нақши муассисаҳои таълимӣ хеле калон аст, вале набояд фаромӯш кард, ки таъсири омили иҷтимоӣ ва ҳаётии таъсиргузор ба ташаккули шахсият низ бузург мебошад.

Падидаҳои фарҳанги ҳуқуқӣ тағйирёбанда буда, таҷрибаи умумии рушди фарҳанг, давлат ва ҳуқуқро муайян мекунад. Нишондиҳандаи асосии фарҳанги ҳуқуқӣ - сифати қонун ва қонунгузорӣ дар маҷмӯъ мебошад.

Ба ақидаи як қатор муаллифон, дар марҳалаи ҳозира, ҷанбаи арзишии фарҳанги ҳуқуқӣ, ба монанди қобилияти зиндагӣ ва кор кардан дар шароити озод ва демократӣ, ки асосан аз муносибати одамон ба ҳамдигар, ҷомеа, давлат ва қонунҳо иборат аст, қобили қабул мебошад. Фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи таркибии фарҳанг, пеш аз ҳама дар худ донишҳои ҳуқуқӣ, анъана ва ғояҳо, усулҳои қонунбарорӣ, шаклу усулҳои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кафолатҳо ва тартиби ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро дар бар мегирад.

Ҳамаи мафҳумҳои дар боло зикршуда фарҳанги ҳуқуқиро ба маънои васеъ муайян намудаанд.

Мафҳуми фарҳанги ҳуқуқӣ ба маънои маҳдуди калима, ки дар фарҳанги «сотсиологӣ» оварда шудааст, хеле пурмаъно аст: «Фарҳанги ҳуқуқӣ-ин маҷмӯи донишҳои ҳуқуқӣ, эътиқод ва муносибатҳои шахс мебошад, ки дар раванди кор, муошират, рафтор ба амал меояд, инчунин муносибат ба арзишҳои моддию маънавӣ мебошад».

Оид ба мафҳуми «фарҳанги ҳуқуқӣ» дигар фикру ақидаҳои олимон низ мавҷуданд. Аммо тавре мебинем, дар ҳама таърифҳо фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ амал мекунад, ки бидуни шахс ва фаъолияти ӯ, бе самти пешқадами ин фаъолият ва тафаккури пешрафта ғайриимкон аст. Ин мафҳум падидаи мураккаб ва бисёрҷанба мебошад.

Умумӣ будани меъёрҳои ҳуқуқӣ хусусияти воқеии ҷудонашавандаи онҳо мебошад, ки дар муносибатҳо, амалҳо ва кирдори мушаххас зоҳир мегардад. Давлат бо қабули меъёрҳои ҳуқуқӣ барои татбиқи онҳо як қатор тадбирҳои гуногуни самарабахш меандешад, аз ҷумла:

– тарбияи ҳуқуқии аҳолиро ба амал мебарорад, моҳият ва самти меъёрҳои ҳуқуқии дар ҷамъият амалкунанда, тартиби татбиқ ва ҳифзи онҳоро мефаҳмонад;

– мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдорро вазифадор мекунад, ки бо мақсади ба иштирокчиёни муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ гузоштани ҳуқуқу уҳдадориҳо, ҳалли ихтилофот ва дигар амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятнок вогузор намудани фаъолияти ҳифзи ҳуқуқро анҷом диҳанд;

– фарҳанги ҳуқуқии хизматчиёни давлатиро баланд мебардорад, барои кори муваффақиятноки онҳо шароити моддӣ ва дигар имкониятҳоро фароҳам меорад;

– чораҳои маҷбуркунии давлатиро нисбати шахсоне, ки меъёрҳои ҳуқуқро вайрон менамоянд, татбиқ менамояд. [11, с. 157-161].

Таҳлили назариявии вазъи фарҳанги ҳуқуқӣ имкон медиҳад ба хулосае омад, ки олимон ба ин масъала равишҳои гуногунро кор карда баромадаанд, ки онҳоро ҳангоми такмили он қабул кардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, метавон ба хулосае омад, ки дар шарҳи мафҳум ва моҳияти фарҳанги ҳуқуқӣ ва ҷузъҳои сохтории он, мазмун, вазифаҳои он дар илми педагогика аз сабаби бисёрҷанба будани он фикру ақидаи ягона вуҷуд надорад. Аз фарҳанги ҳуқуқӣ метавон сифати ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ва дараҷаи кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон аз ҷониби давлат ва ҷомеа, инчунин дониш, дарк ва риояи қонунро аз ҷониби ҳар як узви фарди ҷомеаро дарк карда метавонем.


***Адабиёт***

1. *Насриддинзода, Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ [Матн] /* Э.С. Насриддинзода. *– Душанбе, 2016. – 313 с.*
2. *Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. [Матн] / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Сино, 2018. – 718 с.*
3. *Саъдизода, Ҷ. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш [Матн] / Љ. Саъдизода, Н.Ф. Сафарзода. – Душанбе, 2016. – 162 с.*
4. *Джамиева, М. С. Формирование правовой культуры педагога детского дома: автореф. дис. ... канд. пед. наук / М. С. Джамиева. – Махачкала, 2010. – 22 с.*
5. *Дралюк, Р. С. Формирование правовой культуры студентов как условие повышения качества профессиональной подготовки в колледже : автореф. дис. ... канд. пед. наук / Р. С. Дралюк. – Новокузнецк, 2010. – 23 с.*

6. *Евсикова, Е. И. Формирование правовой культуры школьников : автореф. дис. ... канд. пед. наук / Е. И. Евсикова. – Якутск, 2007. – 24 с.*
7. *Корчагин, Н. В. Формирование правовой культуры учащихся профессионального училища (лицея) : автореф. дис. ... канд. пед. наук / Н. В. Корчагин. – Саратов, 2012. – 22 с.*
8. *Майданкина, Н. Ю. Педагогические условия формирования основ правовой культуры на начальных этапах становления личности: старший дошкольный и младший школьный возраст : автореф. дис. ... канд. пед. наук / Н. Ю. Майданкина. – Ульяновск, 2004. – 22 с.*
9. *Шашин, П. А. Правовая культура в правовой системе общества : автореф. дис.… канд. юр. наук / П. А. Шашин. – Санкт-Петербург, 2006. – 28 с.*
10. *Амиров, М. А. Сущность правовой культуры личности старшеклассника / М. А. Амиров // Известия Дагестанского государственного педагогического университета. Психолого-педагогические науки. – 2012. – № 4 (21). – С. 28-30*
11. *Научно-исследовательский журнал: Таджикского педагогического университета им. С.Айни по изданию научного журнала «Вестник педагогического университета» 2021. № 2(6) - С. 157-161*

## ФАРҲАНГИ ҲУҚУҚӢ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ИЛМИ ПЕДАГОГИКА

Дар мақола роҷеъ ба мафҳум, моҳият, сохтори фарҳанги ҳуқуқӣ ва аҳамияти он дар илми педагогика сухан меравад. Муаллиф қайд мекунад, ки хусусияти хоси муносибати педагогӣ ба фарҳанги ҳуқуқӣ дар он аст, ки ин падида ҳамчун унсури муҳими шахсият ҷузъи интегративии фарҳанги умумӣ мебошад ва категорияи «фарҳанги ҳуқуқӣ» бештар ҷанбаи педагогиро дорост ва бе омили педагогӣ ин равандро идора кардан ғайриимкон мебошад. Таъкид карда мешавад, ки фарҳанги ҳуқуқӣ як падидаи табиии таърихӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки бо омилҳои объективӣ ва субъективии фарҳангӣ муайян карда мешавад. Муаллиф бар он назар аст, ки дар адабиётҳои илмӣ мафҳуми фарҳанги ҳуқуқӣ ба маънои васеъ ва маҳдуд истифода бурда мешавад. Падидаҳои фарҳанги ҳуқуқӣ тағйирёбанда буда, таҷрибаи умумии рушди фарҳанг, давлат ва ҳуқуқро муайян мекунад. Нишондиҳандаи асосии фарҳанги ҳуқуқӣ - сифати қонун ва қонунгузорӣ дар маҷмӯъ мебошад. Аз ҷониби дигар, дар шароити муосир бояд сифатҳои асосии фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун як ҷузъи салоҳияти ташаккул диҳад, ки дорои зеҳни иҷтимоии рушдёфта бошад, пас метавонад мушкилоти ба миёнгузошта ва пешниҳодкардаи ҷомеа ва давлатро ҳал намояд. Хулосаҳое, ки ба даст оварда шудаанд, барои ҳалли мукаммали масъалаи баррасишаванда иддао намекунанд. Фикрҳояшро ҷамъбаст намуда, муаллиф хулоса мекунад, ки ҳамин тариқ, сохтори фарҳанги ҳуқуқӣ ва аҳамияти он дар илми педагогика бояд танҳо ҳамчун фазои ягона иттилоотии муассиса, балки ҳамчун низоми муваффақи таълимӣ низ дарк карда шавад.

**Калидвожаҳо:** фарҳанг, фарҳанги ҳуқуқӣ, таълим, тарбия, ахлоқ, ташаккул, фарҳанги ҳуқуқии хонандагон.

## ПРАВОВАЯ КУЛЬТУРА И ЕЕ ЗНАЧЕНИЕ В ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ НАУКЕ

В статье рассматриваются понятие, сущность, структура правовой культуры и ее значение в педагогической науке. Автор отмечает, что особенность педагогического подхода к правовой культуре состоит в том, что это явление, как важный элемент личности, является интегративной частью общей культуры, а категория «правовая культура» имеет скорее педагогический аспект, и управлять этим процессом без педагогического фактора невозможно. Подчеркивается, что правовая культура представляет собой естественное историческое, социальное и правовое явление, определяемое объективными и субъективными культурными факторами. Автор считает, что понятие правовой культуры используется в научной литературе в широком и ограниченном смысле. Явления правовой культуры разнообразны и определяют общий опыт развития культуры, государства и права. Основным показателем правовой культуры является качество закона и законодательства в целом. С другой стороны, в современных условиях основные качества правовой культуры должны формироваться как часть компетентности, обладающей развитым социальным интеллектом, тогда она сможет решать проблемы, поднимаемые и предъявляемые обществом и государством. Сделанные выводы не претендуют на полное решение рассматриваемой проблемы. Обобщая свои мысли, автор приходит к выводу, что структуру правовой культуры и ее значение в педагогической науке следует понимать не только как единое информационное пространство учреждения, но и как успешную образовательную систему.

**Ключевые слова:** культура, правовая культура, воспитание, обучение, нравственность, формирование, правовая культура учащихся.

## LEGAL CULTURE AND ITS SIGNIFICANCE IN PEDAGOGICAL SCIENCE

The article discusses the concept, essence, structure of legal culture and its significance in pedagogical science. Author notes that the peculiarity of the pedagogical approach to legal culture is that this phenomenon, as an important element of the individual, is an integrative part of the general culture, and the category "legal culture" is rather pedagogical in nature. aspect, and it is impossible to manage this process without the pedagogical factor. It is emphasized that legal culture is a natural historical, social and legal phenomenon determined by objective and subjective cultural factors. The author believes that the concept of legal culture is used in scientific literature in a broad and limited sense. The phenomena of legal culture are

diverse and determine the general experience of the development of culture, state and law. The main indicator of legal culture is the quality of law and legislation in general. Summarizing his thoughts, the author concludes that the structure of legal culture and its importance in the science of pedagogy should be understood not only as a single information space of the institution, but also as a successful educational system. On the other hand, in modern conditions, the main qualities of legal culture should be formed as part of competence, which has a developed social intelligence, then it can solve the problems raised and presented by the society and the state. The conclusions reached do not claim to be a complete solution to the problem under consideration. Summing up his thoughts, the author concludes that the structure of legal culture and its importance in the science of pedagogy should be understood not only as a single informational space of the institution, but also as a successful educational system.

**Keywords:** culture, legal culture, education, training, morality, formation, legal culture of peoples.

**Дар бораи муаллиф**
Ҳотамов Фаридун Мирзораҳимович
Унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
Тел.: (+992) 989 01 17 11

**Об авторе**
Хотамов Фаридун Мирзорахимович
Соискатель Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана
Тел.: (+992) 989 01 17 11

**About the author**
Khotamov Faridun Mirzorakhimovich
Degree seeker of the Institute of Education Development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan
Ph.: (+992) 989 01 17 11

ТДУ 37.016.1

# МАСОИЛИ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚӢ ДАР ОСОРИ МУТАФАККИРОНИ АСРҲОИ XII-XIII ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ТАРБИЯИ НАВРАСОН ВА ҶАВОНОН

***Фарзонаи С., Иброҳимов Г.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ*

Афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII-XIII саҳми назаррасро дар педагогикаи ҷаҳонӣ гузоштааст. Аммо мероси педагогии олимон-мутафаккирони асримиёнагии Шарқ то истиқлолияти ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ мавриди бозхост қарор нагирифта буд. Танҳо дар солҳои охир таваҷҷуҳ ба ин ганҷинаи афкори педагогӣ эҳё гардид.

Давраи асримиёнагӣ дар рушди инсоният бо асарҳои мутафаккирон ва олимони форсу тоҷик муаррифӣ гардидааст, ки ғояҳои онҳо маъруфияти ҷаҳониро касб кардаанд. Ба шумори онҳо чунин олимон ва маорифпарварон, ба монанди Закариёи Розӣ, Абӯнаср Форобӣ, Котиби Хоразмӣ, Ибни Туфайл, Абурайҳони Берунӣ, Ҳаким Саноӣ, Низоми Ганҷавӣ, Фаридаддини Аттор, Ҷалолиддини Румӣ, Абӯҳамид Ғазолӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигаронро нисбат додан мумкин аст. Дар таълимоти онҳо ғояҳои пешбари олимони Ғарб ва Шарқ инъикоси сазовори худро ёфта, асосҳои бунёдии илм дар бораи тарбияи инсон - педагогика таҳия гардидаанд.

Дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ, ки дар Тоҷикистон ба вуқуъ пайваста истодаанд, вазифаҳои такмили сифати кори тарбиявии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз ҷумла тарбияи ватандӯстии хонандагон, ва муайян кардани роҳҳои самарабахштари раванди мазкурро ба миён гузоштаанд. Ҷиҳати татбиқи бомуваффақият ва эҷодкоронаи вазифаҳои мазкур зарур аст таҷриба ва афкори андӯхташуда дар рафти рушди ҷамъиятӣ ҳамаҷониба омӯхта шуда, объективона арзёбӣ ва мавриди истифода қарорд дода шаванд.

Имрӯз таваҷҷуҳ ба эҳёи афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII - XIII хеле бузург аст. Дар даҳсолаҳои охир масъалаҳои афкори педагогӣ ва анъанаҳои халқи тоҷик, ки бо решаҳои амиқи таърихии халқи тоҷик, хусусияти хоси фарҳанги бойи мардумӣ ва мероси педагогие, ки тоҷикон дар таърихи тамаддун боқӣ гузоштаанд, алоқаманд мебошанд, таваҷҷуҳи васеи олимон - педагогҳо, психологҳо, таърихнигорон, сиёсатшиносонро ба худ ҷалб кардаанд.

Равандҳои мураккаби иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки дар мамлакати мо сурат гирифта истодаанд, боиси тағйирёбии тамоюлоти арзишиии ҷавонон гардида, шакли армонҳо, эътиқодот ва назарҳои устувортаринро дигар кардаанд. Аз ин рӯ, ғамхорӣ дар бораи тарбияи ватандӯстии насли наврас барои давлати мо аҳамияти тақдирсозро касб мекунад.

Яке аз вазифаҳои асосии тарбияи муосир фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ташаккули сатҳи баланди рушди ватандӯстии шахсияти ҳомии Ватан мебошад. Маҳз аз ин рӯ дар тарбияи ватандӯстии ҳомиёниояндаи Ватан истифодаи афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII - XIII арзишҳои иҷтимоию фарҳангии халқи тоҷик, ки аз ҷониби наслҳои пешина андӯхта шудаанд, хеле муҳим аст. Омӯзиши таърих, забони модарӣ, машғулшавӣ бо намудҳои гуногуни санъат бояд ба насли наврас барои дарки амиқи олами маънавии халқи худ, фаҳмидани сарчашмаҳои фарҳанг, таърих, тарзи ҳаёт кумак намуда, идомадиҳандаи анъанаҳои пешрафтаи халқӣ гардад.

Мутафаккирони асрҳои XII-XIII аз зумраи саромадони илми маърифатшиносие ҳастанд, ки фикру андешаҳои худро, чунон ки дар таҳлилҳои фавқ тазаккур додем, оид ба арзишҳои тарбиявӣ ва таълимии инсонӣ, амсоли хирадмандӣ, ҷасорат, саховатмандӣ ва адолатпешагӣ, некӯманишӣ ва ғайра дар осори хеш бо далоили зиёде баён кардааст. Ҳар яке аз ин арзишҳо дорои таркиботи ҷаззоб ва водоркунандае мебошанд, ки дар ҳар амре ба таҳаввули хулқу атвор ва тарбияи маънавии аҳли башар метавонанд муассир бошанд.

Паҳлавонов А. қайд мекунад, ки хирадмандӣ аз донишу ақл вобаста буда, ҳамзамон падидаест, ки чизеро бе сарфи вақт ё дар муддати кӯтоҳи вақт ба ашёву ҳодисаҳо равона карда, ҳосили онро дар гузашти замон муайян мекунад. Лекин новобаста ба чунин назариёт бояд ба натиҷае расид, ки оқилӣ аз хирадмандӣ фарқ дорад. Агарчанде хирадмандӣ бо далоили исботшаванда ва тағйирёбанда муайян карда шавад, ҳамчунон бар асоси дарки фарқияти хираду хирадмандӣ аз ақл ва оқилӣ, Паҳлавонов А. мегӯяд: “Оқилӣ аз хирадмандӣ чанд зина поён аст, зеро вай ба ашёи паст равона карда шудааст ва хирадмандӣ бошад ба аркони абадият ва ҷазбу кашиши Илоҳӣ вобастагӣ дорад...” [7, с. 76].

Бо чунин иртибот метавон ба хулосае расид, ки таълимоти яке аз мутафаккирони асри мазкур Ибни Туфайл дар хусуси ақлу хирад на танҳо аз нуқтаи назари ахлоқӣ, балки аз ҷиҳати маърифатӣ ва матраҳи таълимӣ низ равшан ифода ёфтааст. Бинобар ин файласуф ҷанбаҳои ахлоқию маърифатии шарҳи масъалаи хирадро аз ҳамдигар дар алоҳидагӣ нишон надода, баръакс онҳоро дар ягонагӣ ва ҳамбастагии амиқ бо фарҳанги дин ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Назаргоҳи Ибни Туфайл ба фарохо вусъатбор аст, чунон ки аз нигоҳи файласуф арзишҳои маънавии инсон на ба насаб ва мартабаи иҷтимоӣ ва ё мансабу доройӣ, балки ба пешрафту иршоди ақлу заковату хиради ӯ сахт вобаста аст. Мутобиқи назариёти ӯ аз хирад дида болотару афзалтар чизе вуҷуд надорад ва танҳо ақлу хирад аст, ки роҳи инсонро ба сароҳат мунаввар месозад ва ба ин хотир бояд хирадро пос дошт. Шаффофияти хирад бо афзалияти илму дониш мурбут буда ва инсонро, ки соҳиби ин заковат ва доди илоҳист, барои дарёфти маърифати он ҳарчи бештар ҷазб медиҳад ва ҳар қадар савияи дониш, илм ва ҳунарандӯзии ӯ боло гирад, ҳамон қадар хирад рафтору амалиёти ӯ идорашаванда ва ба эҳсосот ва фаъолияти ӯ то ба дараҷаи ба камолоти олӣ, яъне саодатманд гардидани ӯ мусоидат мекунад.

Фирдавсӣ ақидаҳои тарбиявӣ ва панду ахлоқии худро аз забони қаҳрамонони асари безаволаш «Шоҳнома» баён карда, одамонро ба иҷрои сифатҳои ахлоқӣ, аз қабили накӯкорӣ, инсондӯстӣ, ростӣ ва ҷавонмардӣ, яъне дар ҷустуҷӯи хирад, ба хотири такомули онҳо таблиғ менамояд:

*Касе, к-ӯ хирад ҷӯяду эманӣ,*
*Натозад сӯйи кеши оҳарманӣ [11, с. 98].*

Мавзуи хирад дар «Шоҳнома» бисёр муҳим буда, ҳамчун мафҳуми ахлоқӣ бо мавзӯъҳои дигар, алалхусус бо мавзуи тарбияи инсон зич алоқаманд аст. Аз назари Фирдавсӣ зиндагӣ ва мавҷудоти олами моддӣ, ки башариятро иҳота кардаанд, низ дар тахаллуқи инсон ва камолёбии ӯ муассир мебошанд ва ҳар касе, ки бохирад ва фурӯтан аст, ҳаёт ва пастию баландиҳои он ӯро тарбия менамоянд:

*Фурӯтан бувад ҳар кӣ дорад хирад,*
*Сипеҳраш ҳаме дар хирад парварад [11, с. 180].*

Мавриди дигар баҳси таълими далериву шуҷоат дар инсон аст, ки ба қавли мутафаккирон яке аз фазилатҳои хуи инсонӣ ба шумор рафта ва ин нерӯ инсониятро аз тарсу ваҳм мераҳонад ва ба далерӣ водор мегардонад.

Ба ақидаи Ибни Туфайл мардуми шуҷоъ иродаи мустаҳкам доранд ва бо бартарият аз мардуми тарсончак ба бовару эътимод низ бештар қоиммақом мебошанд. Дар ин иртибот метавон гуфт, ки ҳар иқдоме аз ақл сар задааст, вобастаи хулқи инсон буда, албатта ё ба некӯӣ ва ё ба бадӣ меанҷомад. Бо хулоса бар ин метавон гуфт, ки каси бошуур барои некӣ шуда худро дар хатар андохта, аз он наметарсад ва айни рафтори чунин ашхосро намунаи шуҷоатмандиву далерӣ метавон ном бурд.

Чунин андешаҳои мутафаккирон ба ақидаҳои Арасту низ, ки дар тавзеҳи масъалаҳои далерӣ, мардонагиву шуҷоат ба кор мебарад, монандӣ доранд. Чунон ки Арасту низ далериву шуҷоатнокиро фаротар аз тарсу бим медонад ва ин хислатҳоро дар инсон қадр мекунад. Маҳз ҳамин иртибот аст, ки дар одам устуворӣ ба қавл ва иродаи мустаҳкамро ато мекунад ва айни матлаби вобаста ба тавсифи далериву шуҷоат қариб дар тамоми осори классикони адабиёти форс-тоҷик, аз ҷумла Фирдавсиву Низомиву Саъдиву Мавлоно ва садҳо тани дигар ба чашм мерасад, ки метавонем барои намуна ин байти Бадриддини Ҳилолиро дар зер намуна дошта бошем:

*Далерӣ кун, ки майдон аз далер аст,*
*Агар рӯбаҳ далер афтод, шер аст.*

Ибни Туфайл бо ин, ки дар боби дӯстиву самимияту ҳақиқати ишқ сухан мегӯяд, дар хусуси ростию ростқавлӣ низ ибрози назар намуда, унсурҳои дурӯғ, лофу газоф ва каживу фитнаву фиребро дар ин асари хеш мазаммат мекунад. Чунон ки хисоли ростиву устуворӣ ба қавли инсонро мутафаккирон зебу зевару зинати ахлоқи инсон маҳсуб медонад ва мегӯяд, ки ҳар куҷое, ки ростӣ ҳаст, фазилат ва тақво низ вуҷуд дорад. Мақсади ӯ тарғиби ростӣ буда, бо ин роҳ мехоҳад аҳли башариятро ба аҳдофи ниҳоии ӯ, яъне ба ҳақиқати камол ва худшиносӣ, ки дараҷаи амну огоҳии одам аст, бозрасонад.

Одамон, мутобиқи ақидаи ин орифи мутафаккирон, мебояд ростгӯю ростқавл ва суханвар ва дур аз дурӯғу лофу газоф ва жожгӯӣ бошанд, то бо чунин аъмоли хеш дар миёни ҷомеа шарафманду мӯътабар гарданд ва дар фаҳми маънӣ мумтоз бошанд ва “дурӯғи маслиҳатомез” -ро “беҳ аз рости фитнаангез” пазируфта тавонанд. Зеро касоне, ки ба фитнаву фиреб дода мешаванд, бешубҳа шарафи одамияти худро гум карда, аз мартабаҳои инсонӣ номуваффақ берун меоянд. Баракси чунин ҳол бошад омӯхтани илму донишу адаб

аст, ки инсони худшиносро ба мартабаи баланд мебардорад ва олами маънавӣ ва ҷаҳонбинии онро вусъатмебахшад.

Худшиносӣ бошад, ба инсон камол мебахшад ва инсони комил, ба ақидаи мутафаккирон, бояд худро аз ҳар гуна рафтору хислатҳои паст мисли мутеъи нафс шудан, шаҳватпарастӣ, ғурур ва такаббурӣ, ҳариси молу пул гардидан канор барад ва ба шарафи инсонии хеш иснод наорад.

Мутобиқ ба чунин андешаронихо, чунон ки бармеояд, ақидаҳои ибрознамудаи Ибни Туфайл дар мавриди масоили зикрнамуда ба афкори Форобию Ибни Туфайл, Ибни Мисквайҳу Ибни Рушд ва дигар мутафаккирон мувофиқат мекунад ва бо бархурдорӣ аз фикри мутафаккирони зикршуда ба хубӣ бармеояд, ки онҳо манфиати маърифатомӯзии халқро дар таъмин кардани хушбахтӣ ва саодатмандии умум баррасӣ намуда, дар мавриди тарбияи башарият ба тариқи осори гаронбаҳои хеш натиҷаи дилхоҳ низ ба даст овардаанд.

Дар ҳар сурат Ибни Туфайл низ чун Ибни Туфайл, Носири Хисрав (дар асари мутааллиқ ба ӯ «Офоқ ва анфус»), Наҷмуддини Розӣ, Эмом Ғазолӣ ва дигарон, меъёрҳои ҳавосии табиати инсонро ба асос гирифта, зиндагии насли наврасро ба чор давраи синнусолӣ, айёми бачагӣ, давраи наврасӣ, давраи ҷавонӣ ва давраи балоғат тақсим мекунад. Чунон ки бо таҳқиқи хусусиёти давраи бачагӣ, даврони аз ҷиҳати ҷисмонӣ зуд инкишоф ёфтани узвҳои ҳисси ӯро мавриди таҳлил қарор дода, ба падару модар ва омӯзгор мефармояд, ки аз хурдӣ дар кӯдакон фазилатҳои хуби инсониро тарбия намоянд, фақат дар ҳамин даврон дар кӯдак хоҳишҳое пайдо мешаванд, ки ӯ метавонад ба амалиёти шоистаи инсонӣ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намояд.

Дар зимни тарбияи инсон, ки аз даври зода шудани он шуруъ мегардад, мутобиқи назарияи мутафаккирони аҳди қадим иқтидори таълимии Ислом бағоят бузург аст. Қуръон барои ҳар як инсон китоби рӯйиимизӣ ва маҳаки тарбият мебошад, зеро он саршор аз ҳикмату нишондодҳои ахлоқӣ буда ва банӣ-одамро аз ахлоқи разила ҷилавгирӣ менамояд ва ба сӯи ахлоқи ҳамида раҳнамо месозад. Ҳазарати Муҳаммад (с) гуфтааст: “Қуръон шуморо аз дурӯғгуиву дугӯӣ наҳй мекунад ва фармон медиҳад, ки ҳамвора якдилу якзабон бошед” [8, с. 233].

Дар боло ҳам ишора рафта буд, ки тарбияи фарзанд ҳанӯз дар давраи ширхорагиаш оғоз мешавад. Дар Қуръони карим Худованд ба занон таъкид менамояд, ки кудаконро то дусолагӣ шир маконанд: “Модарон бояд шир диҳанд фарзандони худро ду соли тамом... Пас агар бихоҳанд модару падари тифл (ҷудо кардани тифлро) пеш аз ду сол баъди ризомандии якдигар, пас ҳеҷ гуноҳе нест бар падару модар. Ва агар хоҳанд, ки доя гиранд барои фарзандони хеш, пас ҳеҷ гуноҳе нест бар шумо, чун таслим намудед он чи, ки доданашро муқаррар карда будед ба хушхӯӣ. Ва битарсед аз Худо ва бидонед, ки Худо ба он чи, ки мекунед, биност” [8, с. 234].

Инкишофи ақлу хиради инсонро Фирдавсӣ низ ба қудрати Илоҳӣ вобаста медонад ва айни ин вобастагӣ аст, ки бо амри «шукру шикоят» бар даргоҳи Ҳақ менолад:

*Якеро барорӣ ба чархи баланд,*<br>
*Якеро кунӣ хору зору нажанд.*<br>
*Якеро зи моҳ андар орӣ ба чоҳ,*<br>
*Якеро зи чоҳ андар орӣ ба моҳ [9, с. 203].*

Ибни Туфайл Худо ва хости Ҳақро дар ташаккули шахсияти инсон омили асосӣ меҳисобад ва бар ақидае ҳаст, ки одами тарбиятдида ва покнажод ба Худо рӯйи оварда, аз дини ӯ сар намепечад. Чунки ба ақидаи мутафаккирон Худо рой ва кирдору ахлоқи покро дар шахс ташаккул дода, тарбия менамояд. Ба ибораи дигар, Ибни Туфайл аҳамияти ҳикматҳои динӣ ва риояи қонуну қоидаҳои фарҳанги тарбиявии диниро сифати ахлоқии инсон мешуморад, ки дар ташаккули шахсият ва тарбияи маънавии ӯ барои расидан ба камол созгор мебошад.

Ибни Туфайл дар баробари ин далерӣ, шуҷоатмандӣ, мардиро беҳтарин сифатҳои аз ин фарҳанг боровардаи инсон дониста, одамони тарсончак, буздил, бенангу номус ва ваҳшатзадаро мазамат намуда, инсонро ба фазилатҳои баланде чун далерӣ, нотарсӣ, иродати мардонагӣ, шуҷоатмандию ҷасурӣ ва ғайраҳо даъват намудааст.

Ибни Туфайл таъкид намуда буд, ки инсон бояд дар зиндагӣ аз пешомадҳои ҳаёт ва душвориҳои он наҳаросад ва дар умри худ кӯшиш намояд, ки на танҳо дар ҳифзи тану ҷони худ, балки дар ҳимояи ҷомеа, кишвар ва шарафу номуси он истодагар бошад. Касе, ки ба ақидаи мутафаккирон, дорои чунин хислат нест, ӯ мусибати ҷомеа ба шумор меравад ва мебояд, ки ҷомеа аз чунин мараз озод бошад. Айни ақидаҳои ин мутафаккирон дар осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдӣ Шерозӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дигарон низ ба тадриҷ инъикос ёфтаанд.

Аз ҷумла, дар ин миён ҳарчанд, Ҳофизи Шерозӣ дар ташаккулёбии инсон ба қувваю қудрати таълиму тарбия боварии комил дошта бошад ҳам, вале ӯ истеъдоди модарзодӣ ва такмилу тақвият додани онро аз ҷониби ҳар фард дар худ, барои инкишофи шахс низ яке аз шартҳои муҳим медонист. Ба ақидаи ӯ бе истеъдоди модарзодӣ ва тарбияву таълими устод инсон ба ҷое ва мақсаде расида наметавонад. Чунончи, гуфтааст:

*То ҷон наканӣ, санги сияҳ лаъл нагардад,*
*Бо тинати аслӣ чӣ кунад, бадгуҳар афтод [12, с. 66].*

Ҳофиз муаллимро чароғи ҳидоят хонда гуфтааст, ки муаллим инсонро таълим дода ба сарчашмаи ҳаёт мерасонад. Ӯ аз ҷумла муаллимро дар ашъори худ бо истилоҳоти “Хизр”, “аҳли дин”, “мурғи Сулаймон”, “далели роҳ” ном бурда ва бо ишорату мухотаб ба шогирдон дар ҳаққи маъниофарии ӯ чунин ҳамду сано гуфтааст:

*Саъй нокарда дар ин роҳ ба ҷое нарасӣ,*
*Музд гар металабӣ, тоати устод бибар [4, с. 147].*

Инсон ба ақидаи Ҳофиз бояд дар назди мушкилоти зиндагӣ босабру тоқату таҳаммул бошад. Аз ҳар гуна сахтиҳои зиндагӣ наҳаросида, баракс кӯшиш намояд, ки бо чолокӣ, нотарсӣ, иродаи мустаҳками худ ҳар гуна мушкилотро аз сар гузаронида, худро комёб гардонад, зеро садоқатмандии инсон фақат бо сабру тоқат ва заҳмат ба даст меояд.

Ақидаҳои педагогии Саъдӣ Шерозӣ низ дар ин замина бештар ба масъалаҳои тарбияи ахлоқии насли наврас бахшида шуда, бисёр тарафҳои ин масъаларо дар бар гирифтаанд. Гуфтан мумкин аст, ки Саъдӣ оид ба тарбияи ахлоқ бахусус дар «Гулистон», «Бӯстон» «Ғазалиёт» ва дигар осори хеш як таълимоти том ба вуҷуд оварда буд. Дуруст аст, ки ин таълимот аз ҷиҳати принсип гоҳо ба мафҳумоти динӣ асос меёфт ва замоне, ки Саъдӣ зиндагӣ мекард низ ба ин таълимот нақши худро гузошта буд, зеро айни фарҳанги динро низ аз заминаҳои ҳакимонаву ахлоқӣ саршор медид. Аз ин ҷиҳат, мо осори тарбиявии ӯро айнан ва бо бархурдорӣ дар зимни таассуроти бардоштааш дар бораи таълиму тарбияи инсон бештар метавонем пазируфт.

Дар таълимоти Саъдӣ бисёр ақидаҳои пешқадам ҳастанд, ки ба таҷрибаи ҳаёт ва гуфтаҳои пурҳикмати халқӣ асос ёфтаанд ва абадуддаҳр қимати худро аз даст нахоҳанд дод. Чунончи, ақидаҳои Саъдӣ оид ба тарбияи инсондӯстӣ, ватанпарварӣ, идеявӣ, баробарӣ ва бародарии тамоми халқҳои рӯйии дунё, зарурати тарбия ва маълумот барои инсон, алоқаи илму амал, тарбияи меҳнатдӯстӣ ва як қатор гуфтаҳои ӯ оид ба рафтори мадании насли наврас, ки хеле пешқадам буда, дар давоми асрҳо барои тарбияи инсоният назарас ва ҳамчун дастури амал ба халқҳои форсу тоҷик ва дигар миллиятҳои олам хизмат карда ва ёрӣ расониданд ва ақидаҳои ӯ ба афкори Ибни Туфайл дар баробари таълиму тарбияи инсон метавонанд ҳамсон бошанд.

Ибни Туфайл дар осори хеш бамаврид таъкид мекунад, ки бояд падару модар низ дорои сифати омӯзгор бошанд ва аз замони туфуллияту хӯрдӣ дар кӯдакон фазилатҳои хуби инсониро тарбия карда тавонанд ва фақат дар ҳамин давра дар кудакон хоҳишҳое пайдо мешванд, ки амалҳои худшиносиву шахсиятро пайдо кунанд.

Умари Хайём инсонро як қисми ҷудонашавандаи табиат мешумурд. Олами фаротабииро олами акбар ва одамро ба сифати олами асғар медонист. Бо вуҷуди ин инсонро ба сифати як махлуқи соҳибақл, ки ҳамчун фотеҳ метавонад дар худ олами руизаминӣ ва осмониро дар ягонагии том таҷассум кунад, тарғиб мекард. Аз ин ҷиҳат ва хусусиёт инсони соҳиби тааққулро метавон ҷаҳони бузург ё олами акбар номид.

Унсурулмаолии Кайковус бо қувваи беохири хираду дониши инсон боварии комил дошт. Ӯ бо боварӣ гуфтааст, ки инсон қодир аст ҳама чизро донад ва аз худ намояд, ғайр аз мавҷуди Худо.

Ӯ вазифаи инсонро аз се чиз иборат медонист: аввал хирадмандӣ; дуввум ростқавлӣ; сеюм мардумнавозӣ.

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ низ, ки аз зумраи саршиносони олами маърифат ба шумор меравад, дар ташаккули шахсият тарбия ва муҳитро омили асосӣ мешуморид.

Тарбияи инсон ба ақидаи ӯ бояд аз ҳар ҷиҳат фарогири такомул ва пурвусъат бошад. Инсон дар моварои ҳаёт, пеш аз он ки ба камол расад, бояд соҳиби тарбияи ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва фикрӣ, инчунин хулқи писандидаву ҳамида гардад. Дар ин иртибот ба хотири писандида гардидани хулқи инсон чунин гуфтааст:

*Чаҳор чиз мар – озодаро зи ғам бихарад,*
*Тани дурусту хӯи неку номи неку хирад [7, с. 36].*

Ӯ аҳамияти хирад ва донишро яке аз сарчашмаҳои асосии тарбия барои такомули инсон мешуморид. Ба ин хотир буд, ки фарҳангу илму донишро аз ҳамаи ганҷҳои дунё афзалтар دониста, ба тариқи осори бегазанди хеш инсонро ба фарогирии фарҳанг, ки заминаи мусоиди донишомӯзӣ ва доништалабӣ ба шумор меравад, ташвиқ намудааст:

*Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,*
*То тавонӣ, рӯйии бар ин ганҷ неҳ [12, с. 39]!*

Дар системаи муносибатҳои мутафовит ва гуногунҷанбаи иҷтимоӣ, ки шахс ба онҳо дохил мегардад, муносибатҳои тарбиявии дар фаъолияти якҷоя ва дар вобастагӣ ба мақсади тарбия пайдогардида, барои ташаккулёбии шахсият аҳамияти махсус дорад.

Мавриди зикр аст, ки "муносибатҳои тарбиявӣ пеш аз ҳама дар рафти ҳамкории оммавии тарбиятгирандагону тарбиятдиҳандагон, хонандагону муаллимон, падару модарон, кӯдакон ва шахсу коллектив пайдо мегарданд. Дар рафти ин муносибатҳо, мақсади тарбия ва таълиму маълумот амалӣ мегардад" [4, с. 24].

Бо ин ҳама дар охир метавон иктифо кард, ки ақидаи тамоми мутафаккирон дар ин боб бо назари Ибни Туфайл мувофиқат намуда, аксари ақидаҳои онҳо вобаста ба тарбия низ дар ҳадди талаботи таълиму тарбияи замони муосир хулоса мешавад.

### *Адабиёт*


1. *Қодиров, Қ. Ақидаҳои педагогӣ ва гуманистии Фирдавсӣ / Қ. Қодиров. – Кӯлоб, 1991. – 62 с.*
2. *Қодиров, Қ. Б. Таърихи афкори педагогии халқи тоҷик (аз аҳди қадим то зуҳури ислом) (Матн) / Қ. Б. Қодиров, А. Ҳалимов. – Душанбе: Ирфон, 1998. - 324 с.*
3. *Лутфуллоев, М. Эҳёи педагогика ва мактаби миллӣ Тоҷикистон, / М. Лутфуллоев. – Душанбе, 1991. – 266 с.*
4. *Мирзоев, А. Ҷомӣ ва таҳсили илму ҳунар. Дар китоби " Ба ёрии муаллими муаллими ғоибонахон" / А. Мирзоев. - Сталинобод: Нашр. дав. тоҷик, 1949. – 184 - 188 с.*
5. *Орифӣ, М. Баъзе масъалаҳои тарбия дар эҷодиёти А. Рӯдакӣ / М. Орифӣ. - Душанбе, 1956. - №9 – с. 30-36.*
6. *Орифӣ, М. Фикрҳои педагогии Аҳмади Дониш. Дар китоби "Ба ёрии муаллими ғоибонахон" / М. Орифӣ. – Сталинобод: Нашр. Дав. Тоҷик, 1949. – С. 237 - 256.*
7. *Паҳлавонов, А. Афкори педагогии халқи тоҷик дар асрҳои XV1 ва XV11. / А. Паҳлавонов. – Душанбе: Дониш, 1994. – 242 с.*
8. *Пудинаев, А. Афкори равоншиносии мутафаккирони форсу тоҷик. / А. Пудинаев. – Душанбе, 2003. - 21 с.*
9. *Раджабов, М. Педагогические идеи Фирдавси о нравственных качествах личности. / М. Раджабов. - Душанбе: Маориф, 2006. – 290 с.*
10. *Раҳмонов Э. Ш. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ (Матн) / Э.Раҳмонов. - Душанбе: Ирфон, 2001. – Ҷ.1. – 512 с.*
11. *Раҳмонов, Э. Ш. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ (Матн) / Э.Раҳмонов. - Душанбе: Ирфон, – Ҷ.2. – 512 с.*
12. *Шамсиддин, М. Ҳ. Ш. Куллиёт (ҳуруфи кириллӣ) Ш. М. Ҳ. Шерозӣ. - Теҳрон, "Нашри замон", 2001.- 69 с.*


## МАСОИЛИ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚӢ ДАР ОСОРИ МУТАФАККИРОНИ АСРҲОИ XII-XIII ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ТАРБИЯИ НАВРАСОН ВА ҶАВОНОН


Мақола дарбаргирандаи рушди масоили тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар осори мутафаккирони асрҳои XII - XIII ва аҳамияти он дар тарбияи наврасон ва ҷавонон буда, муаллифон кӯшиш кардаанд, ки дар асоси сарчашмаҳои муътамад ва бурҳони илмӣ маводи мазкурро созмон диҳад. Ба андешаи муаллифон, афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII-XIII саҳми назаррасро дар педагогикаи ҷаҳонӣ гузоштааст. Аммо мероси педагогии олимон-мутафаккирони асримиёнагии Шарқ то истиқлолияти ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ мавриди бозхост қарор нагирифта буд. Танҳо дар солҳои охир таваҷҷуҳ ба ин ганҷинаи афкори педагогӣ эҳё гардид. Давраи асримиёнагӣ дар рушди инсоният бо асарҳои мутафаккирон ва олимони форсу тоҷик муаррифӣ гардидааст, ки ғояҳои онҳо маъруфияти ҷаҳониро касб кардаанд. Ба шумори онҳо чунин олимон ва маорифпарварон, ба монанди Закариёи Розӣ, Абӯнаср Форобӣ, Котиби Хоразмӣ, Ибни Туфайл, Абурайҳони Берунӣ, Ҳаким Саноӣ, Низоми Ганҷавӣ, Фаридаддини Аттор, Ҷалолиддини Румӣ, Абӯҳамид Ғазолӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигаронро нисбат додан мумкин аст. Дар таълимоти онҳо ғояҳои пешбари олимони Ғарб ва Шарқ инъикоси сазовори худро ёфта, асосҳои бунёдии илм дар бораи тарбияи инсон - педагогика таҳия гардидаанд.



**Калидвожаҳо:** Таълиму тарбия, ахлоқ, афкори педагогӣ, мутафаккир, шарқ, педагогика ва дидактика.


## ВОПРОСЫ ДУХОВНО-НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ В ТВОРЧЕСТВЕ УЧЕНЫХ XII - XIII ВЕКОВ И ИХ ЗНАЧЕНИЕ В ВОСПИТАНИИ ПОДРОСТКОВ И МОЛОДЕЖИ


В данной статье рассматриваются вопросы развития духовно-нравственного воспитания в творчестве мыслителей XII – XIII веков и их значение в воспитании подростков и молодежи. Авторы постарались структурировать материал на основе достоверных источников и научных исследований. Авторы считают, что педагогические идеологии персидско-таджикских мыслителей XII-XIII веков внесли значительный вклад в мировую педагогику. Однако педагогическое наследие средневековых ученых и мыслителей Востока не подвергалось сомнению вплоть до периода независимости бывших советских республик. Лишь в последние годы возродился интерес к сокровищнице педагогических идей. Средневековой период развития человечества представлен произведениями персидско-

таджикских мыслителей и ученых, идеи которых завоевали мировую известность. Уместно упомянуть таких ученых и педагогов, как Закария Рази, Абу Наср Фараби, Котиби Хоразми, Абу Али Ибн Сина, Абу Райхан Беруни, Хаким Санаи, Низами Гянджеви, Фаридаддин Аттар, Джалалуддин Руми, Абу Хамид Газали, Саади Ширази, Абдуррахман Джами и другие среди этих фигур. В их учениях нашли отражение идеи ведущих ученых Запада и Востока, а также получили развитие фундаментальные принципы науки о воспитании человека - педагогики.

**Ключевые слова:** образование, этика, педагогическая мысль, мыслитель, востоковедение, педагогика и дидактика.

## THE ISSUES OF SPIRITUAL AND MORAL EDUCATION IN THE CREATIVE WORKS OF SCHOLARS OF THE 12th - 13th CENTURIES AND THEIR SIGNIFICANCE IN EDUCATING TEENAGERS AND YOUTH

This article deals with the issues of development of the spiritual and moral education in the works of thinkers of the $12^{th}$ - $13^{th}$ centuries and their importance in educating teenagers and youth. The authors strived to structure this material based on the reliable sources and scientific research. The authors believes that the pedagogical ideologies of the Persian-Tajik thinkers of the 12th - 13th centuries made a significant contribution to the world pedagogy. However, the pedagogical heritage of medieval scholars and thinkers of the East was not questioned until the independence period of the former Soviet republics. The interest in the treasure of pedagogical ideas has been revived only in recent years. The medieval period in human development is represented by the works of Persian-Tajik thinkers and scientists, whose ideas have gained world popularity. It is applicable to mention such scientists and educators as Zakaria Razi, Abu Nasr Farabi, Kotibi Khorazmi, Abu Ali Ibn Sina, Abu Rayhan Beruni, Hakim Sanai, Nizami Ganjavi, Faridaddin Attar, Jalaluddin Rumi, Abu Hamid Ghazali, Saadi Shirazi, Abdurrahman Jami and others among those figures. The ideas of the leading scientists of the West and the East have been reflected, and the fundamental principles of the science of human education - pedagogy have been developed in their teachings.

**Keywords:** education, ethics, pedagogical thought, thinker, orientalism, pedagogy and didactics.

**Дар бораи муаллифон**
Фарзонаи Сайфиддин
Ассистенти кафедраи психология
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992) 988 21 95 55

Иброҳимов Грез
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи педагогика
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб,
к. С.Сафаров 16

**Сведение об авторах**
Фарзонаи Сайфиддин
Ассистент кафедры психологии
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
улица Рудаки, 17
Тел.: (+992) 988 21 95 55

Ибрагимов Грез
Кандидат филологических наук, доцент
кафедры педагогики
Кулябский государственный университет
имени Абуабдуллох Рудаки
734065, Республика Таджикистан, г. Куляб,
ул. С.Сафаров 16

**About the authors**
Farzonai Saifiddin
Assistant of the Department of Psychology
National University of Tajikistan
734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki ave. 17
Ph.: (+992) 988 21 95 55

Ibrohimov Grez
Candidate of Philology
Docent of the Department of pedagogy
Kulob State University named after
Abuabdulloh Rudaki
734065, Republic of Tajikistan, city Kulab,
street S. Safarov 16

ТДУ 372.851

# ДАР ДОНИШҶӮЁН ТАШАККУЛ ДОДАНИ МАҲОРАТИ КОР БО АДАБИЁТИ ИЛОВАГӢ ДАР РАВАНДИ ТАЙЁРИИ МЕТОДӢ

**(дар мисоли ихтисосҳои математика)**

***Нугмонов М.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ*

Сифати тайёрии касбии омӯзгори ояндаи математика оид ба коркард ва истифодабарии адабиёти иловагӣ дар раванди тайёрии методӣ дар бисёр ҳолатҳо бо дараҷаи ташаккул ёфтани фаъолияти донишандӯзӣ ва тафаккури методӣ муайян карда мешавад. Бе ҷалб ва таъмини ҳаматарафаи донишҷӯён бо методҳои ратсионалӣ, аз диди илмӣ асоснокгардида ва тарзҳои фаъолияти донишандӯзии фардӣ ва корхои таълимию тарбиявӣ, раванди фаъолона азбаркунӣ ва коркарди донишҳои илмӣ, кофтукоби эҷодӣ ва ҳалли масъалаҳои таълими математика бо хонадагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ғайриимкон мебошад.

Аммо, тавре ки тадқиқотҳо ва амалияи таълими донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ собит менамоянд, методҳои мустақилона азхудкунии дониш, тарзҳои коркарди иттилооти илмӣ-методӣ ва истифодабарии ратсионалии онҳо, ки донишҷуён мусаллаҳ гардидаанд, наметавонанд ташкили фаъолияти донишандӯзии онҳоро оид ба масъалаи муоинашаванда дар сатҳи баланд таъмин намоянд. Ин бошад, ба тайёрии назариявӣ ва амалии донишҷӯён дар сатҳи методикаи таълими математика дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ таъсири манфӣ роасонида, ба сифати таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ низ таъсири мусбат намебахшад.

Аз тарафи дигар, дар раванди омӯзиши методикаи таълими математика то дараҷае мустақилӣ ва фаъолнокии донишҷӯ маҳдуд мебошад. Фаъолияти донишҷӯ аз тарафи омӯзгор идора карда мешавад, ки мақсад, масъалаи муоинашаванда, нақшаи амалиёт, асосдиҳӣ, зинаҳои санҷиш ва вақти иҷрои супоришҳоро муайян карда, маводи омӯзиширо интихоб мекунад, фаъолияти донишҷӯро ташкил мекунад ва барои хатогиҳои аз тарафи донишҷу содиршуда ёрӣ мерасонад. Тибқи меъёри муқаррагардида донишҷӯ кӯшиш менамояд, ки маводи омӯзишии дар дастурҳои таълимӣ барои ӯ пешниҳодшудаи методикаи таълими математикаро азбар намояд, ҳамаи амалиётро тибқи талаботи пешниҳодшуда иҷро менамояд. Бинобар ин қобилиятҳои дар боло номбаршудаи ташкили фаъолияти донишандӯзии донишҷӯ метавонанд ба натиҷаи ниҳоии таълим таъсири гуногун гузоранд. Дар ин ҳолат барои бавуқуъоии фаъолнокӣ, ба самти мустақмлонаи эҷодкорӣ ва омӯзиши мустақилонаи ҷустуҷӯи дониш, дар назди худ гузоштани мақсадҳои илмӣ-методии дарккунии донишҷӯён диққати ҷиддӣ дода намешавад. Такя ба ташкили ин гуна ҳолатҳо бештар барои азбаркунии маводи тайёри аз тарафи омӯзгор пешниҳодшуда, яъне танҳо ба яке аз масъалаҳоии дар назди донишҷӯ гузошташуда мебошад.

Масъалаи дигар – ташаккулдиҳии фаъолнокии мустақилонаи эҷодӣ, қобилияти истифодабарии дониши ба дарки илмӣ наздики воқеии илмӣ-методӣ, ки на дар ҳама ҳолат ба хубӣ ҳал карда мешавад. Ин маводро ҳам дар раванди ба донишҷуён пешниҳод кардани донишҳои нав аз методикаи таълими математика ва ҳам дар раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи онҳо амалӣ гардонидан мумкин аст.

Дар раванди тайёрии касбӣ-методӣ донишҷу бояд дорои як қатор сифатҳо бошад. Дар қатори ин сифатҳо одатан зеринҳо мадди назаранд:

- дониш, малака ва маҳорат;
- фаъолнокӣ ва мустақилӣ дар ҳалли масъалаи методии гузошташуда;
- самтбахшии эҷодии методӣ;
- кӯшиши мустақилона азхудкунии масъалаҳои нави методӣ.

Дар ин ҳолат бояд масъалаҳое ҳал карда шаванд, ки зуд-зуд ва ба таври доимӣ дар раванди тайёрии касбӣ-методии омӯзгори ояндаи математикаи муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ дучор меоянд:

- азбаркунии донишҳои методӣ, бо назардошти дарк, фаҳмиши онҳо, ташаккулдиҳии малака ва маҳоратҳои методӣ;

- тарбияи мустақилиятнокӣ, фаъолнокӣ, ҷустуҷӯи самтнок.

Барои бартараф кардани камбудиҳои иттилооти пешниҳодшавандаи баёни дониш адабиёти мавҷуда роҳҳои гуногун ба қайд гирифта шудаанд:

- истифодабарии тамоюлҳои таърихию мантиқӣ дар азбаркунии дониш;

- кушода додани раванди инкишофи дониш бе маҳдудкунии шарҳдиҳии он дар шакли тайёри пешниҳодшуда;

- татбиқи баёни проблемавии маводи методӣ ва таълими проблемавӣ;

- нишон додани раванди баамалоии мухолифат дар илм (асосҳои назариявию методологӣ) ва ҳалли онҳо;

- сохторбахшии проблемаҳои омӯзишии махсус, ки ҳалли онҳо ба донишҷӯён ҳавола карда мешаванд.

Тадқиқот нишон дод, ки талаботи омӯзгори ояндаи математика ба иттилооти илмӣ-методии иловагӣ, пеш аз ҳама, аз дараҷаи ташаккул ёфтани шавқи касбӣ-методӣ дар давраи таълим дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ, аз мавҷуд будани қобилият ва истеъдод ба меҳнати омӯзгор иборат мебошад. Тавре ки мушоҳидаҳо ва озмоиши бевосита собит менамоянд, фақат қисми ками донишҷӯён ба талаботи ба тарзи ситемавӣ истифодабарии адабиёти иловагӣ зарурат доранд, то ки савияи донишашонро мустақилона тақвият бахшанд.

Донишҷӯён пеш аз ҳама ҳангоми иҷрои реферат, навишти корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм, ҳангоми тайёрӣ ба машғулиятҳои семинарӣ, лабораторӣ ва ҳангоми таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои беруназдарсӣ ба омӯзиши адабиёти иловагӣ машғул мешаванл. Сабабҳои нокифоя истифодабарии адабиёти иловагӣ метавонанд гуногун бошанд:

- набудани вақти озод;

- набудани адабиёт дар китобхонаи донишгоҳӣ, шаҳрӣ ё ҷумҳуриявӣ;

- мураккабӣ ва душворӣ дар азбаркунии маводи иловагӣ;

- надоштани маҳорати самарабахши ташкили кори мустақилона;

- нокифоя будани талабот аз тарафи омӯзгор;

- дар донишҷуён ташаккул наёфтани мафҳумҳои асосии математикию методӣ ва психологию педагогӣ (проблемаҳои донишандӯзӣ ва азбаркунии малакаю маҳоратҳо);

- набудани малака ва маҳоратҳои фикрии аз як намуди фаъолият ба намуди дигари фаъолият гузаштан;

- набудани (дар бисёр ҳолатҳо) шавқ ва қобилияти азбаркунии донишҳои илмӣ-методии ғайрибарномавӣ ва ғайра.

Бинобар ин, дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ чунин шакл ва методҳои таълим заруранд, ки фаъолияти дарккунии донишҷӯёнро ҳавасманд гардонанд, ба инкишофи мустакилият ва фаъолияти эҷодии онҳо ёрӣ расонанд ва ба ҳамин восила ба донишҷуён барои кори мустақилона бо маводи илмӣ-методӣ ёрӣ расонанд.

Проблемаи дар донишҷӯён ташаккул додани кор бо адабиёти иловагӣ равандҳои психологӣ низ дорад. Дар психологияи педагогӣ проблемаи мустақилиятнокӣ вобаста ба сохтордиҳии равади таълим ҳал карда мешавад, зеро бе дониш, малака ва маҳоратҳои муайяни методӣ донишҷӯ иттилооти иловагиро наметавонад мустақилона азхуд кунад, онҳоро ӯ метавонад дар раванди ташкили фаъолияти таълимӣ азбар намояд. Дар ин ҳолат истифодабарии методҳо ва усулҳои таълим, шаклҳои ташкили раванди онро истифода бурдан зарур аст. Аҳамияти хосаро амалиётҳои фикрӣ мебозанд, ки донистани онҳо барои зоҳиршавӣ ва ташаккулёбии мустақилона фикрронии донишҷуён оид ба проблемаи муоинашаванда мусоидат менамоянд.

Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки барои самти мақсадноки дар омӯзгори ояндаи математика ташаккул додани талабот ба иттилооти иловагии илмӣ-методӣ мавқеи заруририро ташкили корҳои мустақилони онҳо мебозад. Барои он ки мукаммалгардонии доимии донишҳои илмӣ-методӣ боиси талабот бошанд, барномаи комплексии ташкили худомӯзии донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ зарур аст.

Таҳти мафҳуми барномаи комплексӣ мо системаи таъмини методии раванди зина ба зина дар донишҷӯён ташаккул додани он маҳоратҳои ҷамъбастиро оид ба интихоб, коркард ва татбиқи иттилооти иловагӣ мефаҳмем, ки мувофиқан муайян карда шудаанд ва амалиёти касбӣ методии омӯзгорро тибқи проблемаи муонишаванда таъмин менамоянд.

Мақсади системаи методии номбаршуда аз инкишофдиҳии сатҳи тайёрии касбӣ-методии донишҷӯён дар асоси ташаккулдиҳии малакаю маҳортҳои ҷамъбасткунӣ оид ба

интихоб, коркард ва татбиқи адабиёти иловагӣ дар раванди фаъолияти омӯзишӣ аз методикаи таълими математикат ва фаъолияти мустақилона мебошад.

Раванди ин мазмунии системаи методии таълим зеринҳоро мадди назар дорад:

1) ангезаи дар донишҷӯёни ихтисоси математика ташаккулдиҳӣ барои дарки иҷрои супоришҳо дар раванди таълим;

2) системаи дониш, малака ва маҳоратҳое, ки дар асоси бо муваффақият омӯхтани методикаи таълими математика ва зинаҳои корҳои мустақилона бо адабиёти иловагии илмӣ-методӣ меистанд.

Дар донишҷӯён ташаккулдиҳии маҳоратхои ҷамъбасткунӣ дар асоси ситемаи супоришҳои тавсифи илмӣ-методӣ дошта амали ғардонида шуданд. Ин масъалаҳо тавсифи инкишофдиҳандагӣ доранд ва дар асоси принсипҳои зерин амалӣ гардонида шуданд:

- мувофиқ бадани маҳоратхои ҷамъбастунии ташаккулдиҳанда ба сохтори фаъолияти омӯзгори математика;
- инкишофи маҳоратҳои касбӣ-методӣ;
- тақвияти самти методии таълим;
- инкишофи фаъолнокии дарки мустақилонаи омӯзгори ояндаи математика.

Супоришҳои асосие, ки донишҷӯён ҳангоми кофтукоб, интихоб, коркард ва татбиқи иттилооти иловагӣ иҷро мекунанд, асосан тасифи эҷодӣ доранд. Иҷрои онҳо аз донишҷӯён доштани дониш, малака ва маҳоратҳо аз методикаи таълими математика ва таҷрибаи фаъолияти эҷодиро талаб мекунад. Таҷрибаи мо собит намуд, ки ҳарчанд донишҷуён дар курсҳои поёнӣ таҷрибаи муайяни эҷодӣ (тайёрӣ ба машғулиятҳои семинарӣ аз фанҳои дигар, навиштани корхои курсӣ аз фанҳои сикли педагогию психологӣ, тайёр кардани шарҳи мухтасар ва ғайра) доранд, дар онҳо ба дараҷаи зарурӣ маҳоратҳои асосии кор бо адабиёти иловагӣ ташаккул наёфтаанд. Зиёда аз ин, дар онҳо маҳорати кор бо адабиёти иловагии тавсифи методӣ дошта ҳанӯз ташаккул наёфтааст, зеро адабиёти илмӣ-методӣ хусусиятҳои махсуси аз дигар манбаъҳои иттилоот фарқкунада дорад, бинобар ин иҷрои супоришҳо ҳам самти алгоритмии амалиёти муайян ва ҳам самти эвристикӣ доранд.

Дар зинаи ибтидоии таълими донишҷӯён, методикаи пешниҳодкардаи мо татбиқи алгоритмро мадди назар дошт – нақши ҷамъбасткунандаи зина ба зина иҷро кардани амал бо ададбиёти иловагӣ, бо донишҷуён дар ҳамгирой сохтор гирифта барои онҳо ҳамчун асоси нишонаи амалиёт хизмат мекунад. Асоси амалиёти нишонавиро инчунин намунаи натиҷаҳои тайёрӣ аз тарафи омӯзгорон ва донишҷӯён барои коркарди адабиёти иловагӣ дар намуди овезаҳои такягоҳӣ, нақшаи конспектҳо, намунаи навишти аннотатсия, рефератҳо, тартиб додани руйихвти адабиёт аз рӯи ихтисос (тибқи стандарти давлатӣ) ва ғайра ташкил доданд. Дар ин ҳолат, ҳар як зинаи иҷроиши супориш ба таври эҷодӣ буд, зеро иҷроиши онҳо талаботи аналиликию синтетикии тафаккур, ҷамъбасткунӣ ва синтези донишро дар назар дошт.

Ба сифати мисоли тамоюли эҷодӣ доштан ба ҳалли масъалаҳои методиро супориши зерин иҷро мекунад: мустакилона интихоб кардани адабиёти методии иловагӣ ва муайян кардани хусусиятҳои сохтории он.

Иҷро кардани ҷунин супориш аз донишҷуён талаботи интегронии дониш ва таҷрибаи (озмоиши) фаъолияти эҷодиро ҳангоми омӯзиши фанҳои гуногун ва хусусиятҳои характерноки адабиёти касбӣ-методиро дар назар дорад. Дар ин ҳолат сохтори матни илми-методӣ тибқи мантиқи тафаккур муайян карда мешавад, бо нақши муайян пешниҳод карда мешавад:

- асосдиҳии фаъолнокии мавзуъ;
- муайян кардани предмет ва объект:
- интихоби метод (ё методика)-и баён;
- навишти равиши мавзуи тадқиқот (озмоиш);
- муҳокимаи натиҷаҳои ниҳоӣ;
- башаклдарории хулосаҳо (натиҷаи бадастомада).

Барои он ки донишҷӯ мустақилона хусустятҳои сохтории матни адабиёти илмӣ-методиро муайян намояд зарур аст, ки ӯ муносибат ва ба ҳам таркиббандии қисмҳои онро донад, яъне композитсияи ба ҳам пайвастшудаҳо, инчунин донистани ба қисмҳои таркибӣ тақсим шудани матн (зерматн) ва ба ҳам пайвастшавии ин қисмҳо, маҳорати як қисмро аз дигращ ҷудо карда тавонистан, маҳорати ҷудо карда тавонистани як қисм аз дигараш бо инобати фаҳмиши унсурҳои асосии муайянкунанда, ки ҳар як қисм ва матнро ба таври куллӣ тавсиф медиҳанд ва дар охир фаҳмиши тамоми матни муонишаванда. Бомуваффақият иҷро

кардани чунин шакли супоришҳо бо дараҷаи умумии инкишофи раванди азбаркунии донишҷӯ муайян карда мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки маънидод кардани мазмуни иттилооти иловагӣ аз дараҷаи инкишофи дарк (фаҳмидагирӣ), тасаввурот, зеҳн (қувваи ҳофиза), тафаккур ва таваҷҷуҳи донишҷӯ вобаста буда, бо сифатҳои қавиродагӣ, меҳнатдӯстӣ, маҳорати душвориро аз худ дур кардан ва маҷбуран худро ба фаъолият бахшидан муайян карда мешавад.

Азбарноамоии маводи иловагӣ бо назардошти зерин амалӣ гардонида мешавад:

- дарки он, барои ин зарур аст, ки диққати донишҷӯ ба маводи омӯзишӣ равона карда шавад;
- коркард ва маънидод намудани мазмуни мавод, ки ба фаҳмиши иттилоот мебарад (барои ин ба мақсад мувофиқ аст, ки аз зеҳн (қувваи ҳофиза) донишҳои монандаро ҷустуҷӯ намуда, онҳо ба додашудаҳои нав алоқаманд карда шаванд);
- бақайдгирии воқеии маводи коркард ва шарҳдодашуда, ки бе фаолияти эҷодии мустақилонаи донишҷӯ ғайриимкон мебошад.

Дар раванди омӯзиши донишҷӯён барои коркард ва татбиқи адабиёти иловагӣ дар таълими математика методҳои гуногун боиси истифода гардиданд:

- умумимантиқӣ (анализ, синтез, муқоиса, мушаххасгардонӣ, ҷамъбасткунӣ, абстраксиякунӣ ва ғ.);
- махсусгардонӣ (сохторбахшии иттилооти иловагӣ дар асоси таҳлили методии матни адабиёти иловагӣ, пешниҳод намудани натиҷаҳои коркард дар шакли яклухт);
- шифоҳӣ (ворид кардани иттилооти иловагӣ дар семинарҳо оид ба методикаи таълими математика, маводи дарс, корҳои беруназдарсӣ ва дигар шаклҳои машғулиятҳо дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ);
- шифоҳию аёнӣ (дар намуди воситаи аёнӣ);
- шифоҳӣ-аёнӣ-амалӣ (ташкили корҳои озмоишӣ дар асоси матнҳои адабиёти иловагӣ, кор доир ба тартиб додани нақшаҳо, мулоҳизаҳо (тезисҳо) рефератҳо, аннотатсияҳо, конспектҳои схемавӣ ва ғ.).

Шакли асосии ташкил ва гузаронидани фаъолияти донишҷӯён бо адабиёти иловагро кори мустақилонаи беруназаудиторӣ муайян менамояд. Ин фаъолиятро донишҷӯён дар кабинети методии кафедраи методикаи таълими атематика, китобхонаҳо ва дар шароити хона иҷро намуданд.

Маълумотҳои назариявӣ оид ба масъалаи муоинашаванда дар ду машғулияти амалии (махсуси) курси “Методикаи таълими математика” пешноҳод карда шуданд. Мавзуи дарсиро ба сифати зермавзуи “Воситаҳои таълими математика” (барои донишҷуёни курси сеюм) ва чун мавзуи мантиқан хотимавии он дохил намудем.

Раванди ташаккулдиҳии таълими ояндаи ин мавзуъро дар машғулиятҳои семинарӣ ва амалӣ аз методикаи таълими математика ва дар вақти хониши курси “Методикаи омӯзиши чуқури математика”, ки зермавзуи методикаи умумӣ мебошад, мавриди омӯзиш қарор додем.

Дар дарсҳои амалӣ гузороши мақсади корҳои мустақилонаи донишчӯён бо адабиёти иловагии илмӣ-методӣ, коркарди асосҳои мавқеи фаъолият, гирифтани супоришҳои фардии эҷодӣ оид ба ҷустуҷӯ, интихоб ва коркарди адабиёти методӣ мавриди муҳокима қарор нирифтанд. Намунаи супоршҳои иҷрогардида дар яке аз дастурҳои барои ин мақсадҳо махсус ташкилшуда оварда шуданд.

Санҷиши кори мустақилонаи донишҷӯёнро омӯзгорон бо роҳи тафтиши иҷрои супоришҳои эҷодии иҷрогардидаи фардии онҳо амалӣ гардониданд. Натиҷаи зина ба зина иҷро намудани фаъолият оид ба ташаккулдиҳии малакаҳои ҷамъбастии кор бо адабиёти иловагӣ дар намуди карточкаҳои иттилоотии гуногун сабт карда мешаванд. Дар ин карточкаҳои иттилоотӣ сабт мегарданд: додашудаҳои библиографии манбаи адабиёти иловагии интихобгардида, ки дар натиҷаи коркарди методии иттилооти иловагӣ ба даст омадаанд, шаклҳои истифода (ташкили таълим), ки бо ёрии он нисбатан мувофиқи мақсад иттилооти бадастомадаро тадбиқ намоем (семинар, маърӯза, реферат, корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм, дарс, машғулияти факултативӣ, корҳои берунадарсӣ дар мактаб ва ғайра).

Тибқи хоҳиш ва зарурати муоинаи баъдинаи иттилооти иловагӣ донишҷӯ метавонад тарафи дигари карточкаи иттилоотиро истифода барад. Барои мисол, масъалаҳои методиро ҳал карда, донишҷуён дар тарафи дигари карточка мақсад ва тарзҳои дохил намудани иттилооти коркардшударо ба раванди таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (коллеҷҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумие, ки омӯзиши чуқури математика ба роҳ монда шудааст ва ғайра намудҳои мактабҳо) нишон медиҳанд. Мазмуни

карточкаҳои иттилоотиро таҳлил намуда, омӯзгор ба дараҷаи дар донишҷӯён ташаккулёбии маҳоратҳои ҷузъӣ ва умумишуда оид ба интихоб ва коркарди методӣ, инчунин ба махфуз доштани иттилооти иловагӣ баҳо медиҳад (нигар, ҷадвалҳои 1, 2 ва 3).

***Ҷадвали 1.***

***Нақшаи пурра кардани карточкаи иттилоотӣ***

| | |
|---|---|
| Манбаи адабиёти иловагӣ | Навишти библиографии манбаъ (маълумот дар бораи муаллиф (муаллифон), номгӯи кор, манбаъ, ҷой ва соли нашр, саҳифа ва ғайра). |
| Иттилооти иловагӣ (ИИ) | Иттилооти иловагии омӯзишӣ (таълимӣ) пас аз коркарди методии адабиёт (манбаъ) сабт мегардад. |
| Шакли ташкилии таълим) (ШТТ) | Шакли ташкили машғулият аз фанни “Методикаи таълими математика”, инчунин шакли ташкили таълим дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки иттилооти коркардшуда истифода бурда мешавад, бояд нишон дода шавад. |

***Ҷадвали 2.***

| | |
|---|---|
| Манбаи адабиёти иловагӣ | Нугмонов М., Юсупов Ҳ. Ташкили корҳои беруназдарсӣ аз математика (КБС) дар тайёрии касбӣ-методии донишҷӯёни мактаби олии педагогӣ. Монография. Зери таҳрири М.Нугмонов. – Душанбе: «Сифат», 2021. – 160 с. |
| Иттилооти иловагӣ (ИИ) | Ташкил ва гузаронидани корҳои беруназдарсӣ аз математика дар муассисаи таҳсилоти умумӣ яке аз масъалаҳои ҳалталаби методикаи таълими математика мебошад. Муаллифон кӯшиш намуданд, 66 ибо воситаи ин дастур асосҳои назариявӣ ва амалии проблемаро ҳаллу фасл намоянд ва бо ҳамин роҳ барои тайёр кардани донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ ва омӯзгорони математикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ доир ба ин масъала маводи зарурӣ пешниҳод намоянд. |
| Шакли ташкилии таълим (ШТТ) | Машғулиятҳои лексионӣ, семинарӣ ва амалӣ доир ба курси “КБС” дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ. |

***Ҷадвали 3.***

| | |
|---|---|
| Манбаи адабиёти иловагӣ | Нугмонов М. Дарси муосири математикаи мактабӣ. Нашри 2, бо ислоҳу иловаҳо. – Душанбе: «Сифат», 2018. – 297 саҳ. |
| Иттилооти иловагӣ (ИИ) | Дастури методии мазкур барои омӯзгорони фанни математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод мешавад, 66 ибо ҷорӣ шудани муносибати босалоҳият ба таълими математика раванди худомӯзии худро такмил диҳанд ва афзоиш бахшанд. Аз ин дастур инчунин донишҷӯёни факултети математикаи донишгоҳҳо ва донишкадаҳо, ки омӯзгори фанни математика тайёр мекунанд, ҳангоми таҷрибаи педагогӣ ва дар ҷараёни тайёрии касбӣ-методӣ истифода бурда метавонанд.<br>Дар дастур маълумоти мухтасари назариявӣ оид ба маҷмуи салоҳиятнокиҳои фаннӣ, ки стандарти таҳсилоти математикӣ барои синфҳои 5-11 муайййян кардааст, дарси математика ҳамчун системаи том дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, оиди муносибати босалоҳият ба таълими он, намудҳои дарси математика ва сохтори онҳо, намунаи сохтори нақшаи тақвимӣ, конспекти намунавӣ, намудҳои таҳлили дарси математика, тарзҳои баҳогузорӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон ва дигар маълумоти ба дарс алоқаманд гирд оварда шудаанд. |
| Шакли ташкилии таълим (ШТТ) | Машғулиятҳои лексионӣ, семинарӣ, амалӣ ва лабораторӣ доир ба курси “Методикаи таълими математика” дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ. |

Омӯзгор муҳокимаи натиҷаҳои иҷроиши супоришҳоро ташкил менамояд, ки дар давоми он донишҷӯён хатогиҳои содиршударо таҳлил ва роҳҳои рафъи онҳоро муайян менамоянд. Дар ин вазъият омӯзгор аз шаклҳои фардӣ, гурӯҳӣ ва коллективии санҷиш истифода бурда метавонад. Таҳлили коллективӣ ва гурӯҳии фаъолияти донишҷӯён (таҳлили хатогиҳои содиршуда, истифодаи хатогиҳо, нишон додани намунаҳои беҳтарини иҷрои

фаъолияти иҷрошуда ва ғ.) ба ташаккули маҳоратҳои баҳодиҳӣ доир ба фаъолияти мустақилонаи онҳо дар самти коркард ва истифодаи адабиёти иловагӣ меорад.

Карточкаҳои тайёркардашударо бо адабиёти методии коркардшуда донишҷӯён ҳангоми тайёр кардани конспекти дарсҳо, барои коркарди методии мавзуи дарсҳо, корҳои беруназдарсӣ аз математика, корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм, коркард ва тайёр намудани воситаҳои аёнии таълими математика, ҳангоми таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин дар раванди фаъолияти ояндаи омӯзгорӣ истифода мебаранд.

Дар донишҷӯёни тахассуси математикаи муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ ташаккулдиҳии мақсадноки дониш, малака, маҳорат ва салоҳиятҳои касбӣ доир ба интихоб, таҳлил ва татбиқи адабиёти иловагӣ аз методикаи таълими математика, дар асоси методикаи пешниҳодкардаи мо, ҳангоми тайёрии касбӣ-методии онҳо ба вуқуъ омад. Тавре ки қайд гардид, фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён баъд аз зинаи тайёрӣ амалӣ мегардад. Донишҷӯён, дар ҳамбастагӣ бо омӯзгор, пешакӣ мақсадҳо, зинаҳо, методҳо, усулҳо ва натиҷаҳои бадастояндаи кор бо адабиёти иловагиро муайян карданд. Дар ду машғулияти курси практикуми махсус асосҳои хусусиятҳои тавсифдиҳандаи кор бо адабиёти иловагӣ кушода дода шуданд. Баъд аз он ҳиссаи корҳои мустақилонаи донишҷӯён афзун гардида, масъалаҳои назариявии истифодаи иттилооти илмӣ-методӣ қисм-қисм, ҳангоми шакли фардӣ, гурӯҳӣ ва коллективии санҷиши фаъолияти онҳо иҷрогардида баён ёфтанд.

***Адабиёт***


1. *Бочарова, С.П. Память как процесс переработки информации. Дис. ...докт. психол. наук. – / С.П. Бочарова. - Л., 1976. – 344 с.*
2. *Букреева, О.М. Осмысление учебного материала как процесс и как эффект обучения //Определение трудности и ценности учебной информация для взрослых людей / О.М. Букреева. – Л.: НИИ ООВ, 1972. – С. 61-65.*
3. *Виленская, С.К. Основы библиотечно-библиографических знаний / С.К. Виленская, А.И. Веревкин, Г.П. Фонотов – М.: Высшая школа, 1967. – 380 с.*
4. *Гранатов, Г.Г. Метод дополнительности в педагогическом мышлени // Г.Г. Гранатов. //Педагогика. – 1995. - № 1. – С. 45-51.*
5. *Дружинина, Н.М. Методические основы работы с научно-познавательной книгой в школе: Дис. ...докт. пед. наук / Н.М. Дружинина. – Л., 1983. – 384 с.*
6. *Кирпичева, И.К. Проблемы библиотечно-библиографической ориентации ученых и специалистов: Автореф...докт. пед. наук. / И.К. Кирпичева. – Л., 1974. – 20 с.*
7. *Матросова, О.В. Анализ содержания и организация работы с научно-методическими журналами: Методические рекомендации / О.В. Матросова. - Л.: ЛГПИ, 1987. - 51 с.*
8. *Нугмонов, М. Введение в методику обучения математике /методологический аспект/. Монография / М. Нугмонов. - М.: Прометей, 1998. - 153 с.*
9. *Нугмонов, М. Теоретико-методологические основы системы методической подготовки учителя математики в педвузе. Монография / М. Нугмонов. - М.: Прометей, 1998. - 247 с.*


## ДАР ДОНИШҶӮЁН ТАШАККУЛ ДОДАНИ МАҲОРАТИ КОР БО АДАБИЁТИ ИЛОВАГӢ ДАР РАВАНДИ ТАЙЁРИИ МЕТОДӢ
### (дар мисоли ихтисосҳои математика)


Сифати тайёрии касбии омӯзгори ояндаи математика оид ба коркард ва истифодабарии адабиёти иловагӣ дар раванди тайёрии методӣ дар бисёр ҳолатҳо бо дараҷаи ташаккул ёфтани фаъолияти донишандӯзӣ ва тафаккури методӣ муайян карда мешавад. Бе ҷалб ва таъмини ҳаматарафаи донишҷӯён бо методҳои ратсионалӣ, аз диди илмӣ асоснокгардида ва тарзҳои фаъолияти донишандӯзии фардӣ ва корхои таълимию тарбиявӣ, раванди фаъолона азбаркунӣ ва коркарди донишҳои илмӣ, кофтукоби эҷодӣ ва ҳалли масъалаҳои таълими математика бо хонадагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ғайриимкон мебошад. Аммо, тавре ки тадқиқотҳо ва амалияи таълими донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ собит менамоянд, методҳои мустақилона азхудкунии дониш, тарзҳои коркарди иттилооти илмӣ-методӣ ва истифодабарии ратсионалии онҳо, ки донишҷуён мусаллаҳ гардидаанд, наметавонанд ташкили фаъолияти донишандӯзии онҳоро оид ба масъалаи муоинашаванда дар сатҳи баланд таъмин намоянд. Тарзҳои коркарди иттилооти иловагии илмӣ-методӣ ва истифодабарии ратсионалии онҳо дар раванди тайёрии касбӣ-методии омӯзгорони ояндаи математикаи муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ. Дар донишҷӯёни тахассуси математикаи муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ ташаккулдиҳии мақсадноки дониш, малака, маҳорат ва салоҳиятҳои касбӣ доир ба интихоб, таҳлил ва татбиқи адабиёти иловагӣ аз методикаи таълими математика, дар асоси методикаи пешниҳодкардаи мо, ҳангоми тайёрии касбӣ-методии онҳо ба вуқуъ омад.



**Калидвожаҳо:** донишҷӯ, омӯзгор, маҳорат, супориш, адабиёти иловагӣ, тайёрии касбӣ-методӣ, фаъолияти мустақилона, коркард ва истифодабарӣ.

## ФОРМИРОВАНИЕ У СТУДЕНТОВ УМЕНИЙ РАБОТАТ С ДОПОЛНИТЕЛЬНОЙ ЛИТЕРАТУРОЙ В ПРОЦЕССЕ МЕТОДИЧЕСКОЙ ПОДГОТОВКИ
### (на примере математических специальностей)

Качество подготовки будущего учителя математики по переработке и использованию дополнительной литературы в процессе их методической подготовки во многом определяется уровнем сформированности их познавательной деятельности и методического мышления. Без вооружения студентов рациональными и научно-обоснованными методами и приемами самостоятельной познавательной деятельности и учебно-воспитательной работы невозможен процесс активного усвоения и переработки научных знаний, творческий поиск и решение задач обучения школьников математике. Однако, как показывают исследавания и практика обучения студентов в педвузе, наличный багаж у них методов самостоятельного добывания знаний, способов обработки научно-методической информации и рациональное ее мспользование не обеспечивает организации их познавательной деятельности по расматриваемому вопросу на высоких уровнях. Способы обработки дополнительных научно-методических материалов и их рациональное использование в процессе профессионально-методической подготовки будущих учителей математики в педагогическом вузе. Осуществлены целенаправленное формирование у студентов математических специальностей педагогического вуза знание, умение, навыки и пофессиональной компетентности по выбору, анализу и использование дополнительнай литературы по методике обучения математике, на основе предлагаемой нами методике в процессе их профессионально-методической подготовке.

**Ключевые слова:** студент, преподаватель, задание, дополнительная литература, профессионально-методическая подготовка, самостоятельная деятельность, переработка и использование.

## FORMATION OF WORK SKILLS IN STUDENTS WITH ADDITIONAL READING IN PROGRESS METHODOLOGICAL PREPARATION
### (On the example of mathematical specialties)

The quality of the future mathematics teacher's training in the processing and use of additional literature in the process of their methodological training is largely determined by the level of formation of their cognitive activity and methodical thinking. Without arming students with rational and scientifically-based methods and techniques of independent cognitive activity and educational work, the process of active assimilation and processing of scientific knowledge, creative search and solving problems of teaching mathematics to schoolchildren is impossible. However, as the research and practice of teaching students at the pedagogical university show, their available baggage of methods of independent acquisition of knowledge, methods of processing scientific and methodological information and its rational use does not ensure the organization of their cognitive activity on the issue under consideration at high levels. Methods of processing additional scientific and methodological materials and their rational use in the process of professional and methodological training of future mathematics teachers at a pedagogical university. The purposeful formation of students of mathematical specialties of pedagogical university knowledge, ability, skills and professional competence by choice, analysis and use of additional literature on the methodology of teaching mathematics, based on the methodology we offer in the process of their professional and methodological training.

**Keywords:** student, teacher, assignment, additional literature, professional and methodological training, independent activity, processing and use.

**Дар бораи муаллиф**
Нугмонов Мансур
Профессори кафедраи методикаи таълими математика, узви вобастаи АТТ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 864 76 29
E-mail: nugmonov@mail.ru

**Об авторе**
Нугмонов Мансур
Профессор кафедры методики преподавания математики, член.-корр. АОТ
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 864 76 29
E-mail: nugmonov@mail.ru

**About the author**
Nugmonov Mansur
Professor in the Department of Math Teaching Methodology, member.-correspondent AET
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Phone: (+992) 93 864 76 29
E-mail: nugmonov@mail.ru

ТДУ 803.0(075.8)

# ИСТИФОДАИ БОЗИҲО БО УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ

***Қурбонов Т.З.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Донишманди номи М. Планк иброз медорад, ки “Барои ба зуди бадаст овардани муваффакият зарур аст, ки мақсади асосиро нисбат ба мақсадҳои ҷорӣ дучанд пеш гузошт” [10, с. 154]. Аз ин нуқтаи назар дар раванди таълим бо истифодаи усулҳои интерактивӣ низ масъалаҳои аввалиндараҷа ва ҷорӣ мавҷуданд.

Бозиҳои шавқовару дидактикӣ шавқу завқи хонандаро нисбат ба омӯзиши забони омӯхташаванда зиёд мегардонад. Агар омӯзгор дар таълимӣ забони фаронсавӣ ва ё дигар фанҳои таълимӣ аз методҳои нави таълимӣ махсусан аз усулҳои интерактивӣ истифода барад дар як муддати кӯтоҳ ба муваффақиятҳои назаррас ноил мегардад. Яке аз роҳҳои самаранок истифода бурдани усулҳои интерактивӣ дар таълими забони фаронсавӣ ин мақсаднок гузаронидани бозиҳои таълимӣ ва тарбиявӣ мебошад. Истифодаи бозиҳои шавқовар ва бозиҳои дидактикӣ доираи фаҳмиш ва дониши хонандагонро фаъол мегардонад.

Дар ин мақола мо дар бораи як қатор  бозиҳо, ки барои омӯзиши забони фаронсавӣ тариқи усулҳои интерактивӣ истифода бурдан мумкин аст, маълумоти мухтасар хоҳем дод. Омӯзгори соҳибтаҷриба метавонад бозиҳои таълимӣ ва дидактикиро бо усули интерактивӣ дар тим (команда) гузаронад. Масалан:

Бозии маърифатӣ: Jeu éducatif :

«Барои дилгарм намудан ва шикастани ниқоби шармгинонаи иштирокчиён дилхох бозии маърифатӣ ташкил намудан лозим мешавад, то дар он иштирокчиён бо шавқу рағбати зиёд ширкат варзанд. Машғулияти мазкур бо усули интерактивии таълим аз рӯи принсипи «Ҳамсол ба ҳамсол» гузаронида мешавад» [4, с. 11].

Мақсади машғулият: баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии иштирокдорони машғулият дар соҳаи ташкили  (команда), аз ҷумла барои соҳиб гаштани маҳорати кор дар гурӯҳ, тартиби ташкил ва гузаронидани ҷамъомаду вохӯриҳо, баромад кардан ва худро идора карда тавонистан дар назди гурӯҳ, усулҳои бадастории ризоият ва ҳамдигарфаҳмӣ дар гурӯҳ ва усулхои сарварӣ. Сохтори ташкилии гурӯх (ҳуҷуми фикрҳо). Барои бо муваффакият амалӣ гардонидани дилхоҳ мақсад ва вазифаҳои стратегӣ аз ҳисоби одамони махсус, мутахассисон гурӯҳи корӣ таъсис дода мешавад. Ва бо мақсади устуворона ба роҳ мондани кор зарурати тартиб додани сохтори фаъолият пайдо мегардад.

Сохтори фаъолияти корӣ чорчӯбае мебошад, ки ҳама гуна қадамҳои фаъолият, мақсаду маром, вазифаҳои страстегӣ ва ӯҳдадориҳоро дар бар гирифта, мувофиқи салоҳияти ҳар як мутахассис онро муқаррар гардонида амалӣ менамояд. Бинобар ин, бояд дар назар дошт, ки ҳар як гурӯхро  пеш аз созгор ёфтанаш таҳияи сохтори махсуси фаъолият пеш омадааст.

Муроҷиат ба аудитория:

Масалан, дилхоҳ гурӯҳро лозим аст роҳнамоҳои зеринро доро бошад. Пешниҳодоти зерин ба таври саволу ҷавоб бо аудитория таҳлил ва муҳокима мегардад. ҳар як гурӯҳро зарур аст, ки ин тартибро риоя намояд. Изҳороти пешниҳодгаштаи аъзоёни гурӯҳ бояд таҳлил гашта, сипас навишта шаванд. «Яке аз роҳҳои самаранок истифода бурдани усулҳои интерактивӣ дар таълими забони фаронсавӣ ин мақсаднок гузаронидани бозиҳои таълимӣ ва тарбиявӣ дар тим (команда) мебошад. Истифодаи бозиҳои шавковар ва бозиҳои дидактикӣ доираи фаҳмиш ва дониши хонандагонро фаъол мегардонад» [5, с. 33].

Кӯдак ҳамеша бозӣ карданро дӯст медорад , агар ба ӯ иҷозат диҳед рӯзи дароз бозӣ мекунаду мондашавиро ҳис наменамояд. Аз ин рӯ омӯзгори забони хориҷиро зарур аст, ки ҳангоми омӯзиши забон ба бозиҳои шавқовар муроҷиат намоянд. Бозиҳои шавқовар ва дидактикӣ агар аз ҷониби худи хонандагон ташкил карда шавад, таъсирбахш ва самаранок мегардад. Ин қобили қайд аст, зеро дар раванди бозӣ хонанда ҷузъҳои ин ё он намуди меҳнатро ба чо меорад. Дар ҷараёни дарс муаллим ва ё роҳбари гурӯҳ метавонад, супоришҳое диҳад, ки характери бозӣ дошта бошад. Чунин супоришҳо шавқовар ва диққатҷалбкунанда буда, шавқу ҳаваси хонандагонро бо омӯзиши забони хориҷӣ дучанд мекунад.

Муваффакияти хониши бачаҳои синфҳои 5-6 ба он вобаста аст, ки чӣ тавр дар онҳо ҳисси забономузӣ ташаккул меёбад. Тадқиқотҳо нишон додаанд, ки хусусиятҳое, ки хонандагонро ба омӯзиши забонҳо шавқманд мегардонад хеле зиёд мебошанд. Истифодаи бозӣ, махсусан дар омӯзиши грамматикаи забони фаронсавӣ ниҳоят муҳим ва мақсаднок мебошад.

Мақсади асосии таълими грамматикаи забони фаронсавӣ дар мактаби миёна ин ташаккул ва инкишоф додани малакаи грамматикии хонандагон ба ҳисоб меравад. Малакаи грамматикии хонандагон ин як қисми ҷудонашавандаи малака ва маҳорати ҳарфзанӣ, шунидан, фаҳмидан, хониш ва навишт мебошад.

«Ташаккул додани малакаҳои грамматикӣ дар омӯзиши забони фаронсавӣ, ин яке аз шартхои асосии таълими грамматикаи забони фаронсавӣ дониста мешавад. Хонанда агар дорои малакаи хуби грамматикӣ набошад, дар ҷараёни хониш ҳарф задан, шунидан, фаҳмидан ва навишт ба мушкилӣ дучор меояд» [6, с. 41].

Мавқеъи грамматика дар омӯзиши забони фаронсавӣ ниҳоят бузург аст. Танҳо туфайли риояи қонун ва қоидаҳои грамматикаи ҳар як забон ифодаи дурусти фикр имконпазир мегардад.

Дар мактаби миёна аз худ намудани баъзе ҳодисаҳои грамматикӣ барои хонандагон мушкилоти гуногунро пеш меоварад. Барои бартараф намудани ин мушкилот омӯзгор бояд сабаб ва манбаи ба миён омадани он мушкилотро донад.

Ин пеш аз ҳама ба мушкилиҳои сохти грамматикии забони омӯхташаванда алоқаманд аст. Омӯзгори забони хориҷӣ бояд на танҳо хусусиятхои хоси он забонро донад, балки ҷиҳатҳои монанду тафовутноки забони хориҷӣ ва модарии хонандаро пайдо карда тавонад. Омӯзгори забони хориҷӣ хусусиятхои хоси забони омӯхташавандаро дар муқоиса ба забони модарии хонанда таҳлил карда, ба хонандагон мефаҳмонад.

Барои мисол ҳангоми таълими исм барои хонандаи тоҷик ҳодисаҳои зерин метавонанд боиси азхудкунии баъзе мушкилиҳо гардад. Нишондиҳандаи ҳарфи -e- ва -s- дар охири калима. Исмҳои забони фаронсавӣ дорои категорияи ҷинсият мебошанд, ки ин категорияҳо ба воситаи артиклҳои -une, -un, -des, -le, -les ифода мегарданд.

Омӯзгор ин категорияҳои грамматикиро ба хонандагон аниқ фаҳмонад, то хонандагон дар истифодаи онҳо ба иштибоҳ роҳ надиҳанд. Қариб ҳамаи ҳиссаҳои нутқи забони фаронсавӣ хусусиятҳои хоси фарққунанда доранд.

Ҳангоми таълими грамматикаи забони фаронсавӣ хусусиятҳои фарққунандаи забони омӯхташаванда бо мисолхои аниқ бояд омӯхта шавад. Аз ин рӯ, омӯзгори забони фаронсавиро зарур аст, ки ҳангоми омӯзиши грамматика аз дигар роҳу воситаҳо истифода барад, то ки дар омӯзиши он ба дастовардҳо ноил гардад. Истифода аз усулҳои интерактивии таълим имконият фароҳам меоварад, ки хонанда қонуниятҳои грамматикаи забони франсавиро ба осонӣ аз худ кунад. Яке аз ин роҳу воситаҳо, ин истифодаи бозӣ дар омӯзиши грамматика ба шумор меравад.

Истифодаи бозӣ дар омӯзиши грамматикаи забони фаронсавӣ ҷараёни дарсазхудкунии хонандагонро фаъол мегардонад. Истифодаи бозӣ дар омӯзиши грамматикаи забони фаронсавӣ шарти муҳими азхудкуни ба ҳисоб меравад. Омӯзгори соҳибтаҷриба намудҳои гуногуни бозиҳоро дар таълим истифода мебарад. Зеро истифодаи бозиҳои мақсаднок дар лаҳзаҳои гуногуни дарс мушкилии хонандаро осон мегардонанд ва ба хонанда рӯҳи тоза бахшида, боваринокиро дар омӯзиши ин ё он фан меафзояд.

Тарзи гузаронидани бозиҳо гуногун мебошанд ва истифодаи мақсадноки ин ё он бозӣ аз дараҷаи дониш ва маҳорати омӯзгор вобастагӣ дорад. Бозиҳоро тарзе гузаронидан лозим аст, ки дар баробари характери дилхушӣ доштанашон, характери тарбиявӣ низ пайдо кунонанд.

Масалан, бозӣ бо номи **«Trouver".**

Ин бозиро омӯзгори забони фаронсавӣ метавонад дар синфхои 5-6 гузаронад. Дар ин бозӣ тамоми хонандагони синф иштирок мекунанд. Муаллим ва ё як хонандаи фаъол метавонад ин бозиро ташкил кунад. Барои ин хонандаи фаъолеро интихоб карда, вайро як лаҳза аз синф берун кардан даркор. Дар ин ҳангом хонандагони дигари синф предметеро аз синф якҷоя интихоб мекунанд. Баъд хонандаи берун аз синфбуда, ба синф ворид мешавад. Ин хонанда бояд предмети интихобкардаи ҳамсинфонашонро ёбад. Бо ин мақсад вай ба хонандагони синф савол медиҳад:

*Est-ce que c'est une table?*
*Хонандагон ҷавоб медиҳанд.*
*Non, ce n'est pas une table.*
*Хонанда давом медиҳад:*
*Est-ce que c'est un tableau?*
*Non ce n'est pas un tableau.*
*Est-ce que c'est une chaise?*
*Non ce n'est pas une chaise.*
*Est-ce que c'est une carte?*
*Non ce n'est pas une carte.*
*Est-ce que c'est un livre?*
*Non, ce n'est pas un livre*

Ин бозӣ то он даме давом мекунад, ки хонанда предмети интихобкардаи ҳамсинфашро ёбад.

Барои мисол, агар хонандагон аз предметхои синф "дафтар"-ро интихоб карда бошанд, вақте ки саволи "Est-ce que c'est un cahier''-ро мешунаванд ҳама якҷоя ҷавоб медиҳанд.

"Oui, c'est un cahier".

Дар назар чунин менамояд, ки ин бозӣ хеле содда аст. Вале мо дақиқтар ба бозӣ аҳамият диҳем, мебинем, ки дар баробари характери дилхушӣ доштан вай характери дидактикӣ-таълимӣ дорад. Ба воситаи ин бозӣ мо метавонем малакаҳои грамматикии хонандагон, яъне савол гузоштан ба ибораи саволи "Est-ce que c'est...?" ва ибораи инкории "Non, ce n'est pas...''-ро ба осонӣ инкишоф диҳем.

**Бозии дигар бо номи "Bateau"**

Ин бозиро бо хонандагони синфхои болоӣ 8-11 гузаронидан мумкин аст. Баъди ба хонандагон омӯзонидани замони гузаштаи феълҳои забони фаронсавӣ (passé composé) муаллим бори дигар ба хонандагон мефаҳмонад, ки замони гузашта дар забони фаронсавӣ бо ёрии феълҳои ёридиҳандаи "avoir" ва "être" сохта мешаванд.

Омӯзгор феълҳоеро, ки дар замони гузашта бо ёрии феъли ёридиҳандаи "être" тасриф мешаванд дар тахтаи синф навишта, ба хонандагон вазифа медиҳад, ки тамоми феълҳое, ки бо ёрии феъли "être" тасриф мешаванд аз ёд кунанд. Хонандагоне, ки феълҳои бо феъли "être" тасрифшавандаро аз ёд мекунанд метавонанд дар бозӣ иштирок кунанд. Хонандагон бо мақсади дар ин бозӣ иштирок кардан кӯшиш мекунад, ки феълхоро аз ёд кунанд.

Дарси оянда хангоми пурсиши вазифаи хонагӣ муаллим аз бозии **"Bateau"** истифода мебарад. Омӯзгор ва ё ягон хонандаи фаъол (агар омӯзгор хоҳад, ки бозӣ бо усули интерактивӣ гузарад) пеш аз пурсиши вазифаи хонагӣ шарти бозиро ба хонандагон мефаҳмонад.

Талабагон имрӯз мо бо шумо бозии **"Bateau"**-ро мегузаронем. Муаллим (хонандаи фаъол) таъкид мекунад, ки ҳоло ба киштӣ нишаста ба сафар мебароем. ҳамроҳамон дар киштӣ фақат феълҳоеро мегирем, ки дар замони гузашта бо ёрии феъли "être" тасриф мешаванд. -Канӣ бачаҳо, касе ки як феъл номбар кард ба киштӣ савор мешавад. Хонандагон як-як номбар мекунанд. -Aller, -venir, -monter, -descendre, -entrer, -sortir ва ғайраҳо. Ин бозиро омӯзгор метавонад дар синфҳои 5-6 ҳангоми гузаштани ин ё он овоз гузаронад.

Танҳо омӯзгор шартро дар ин синфҳо каме тағйир медиҳад. Барои мисол омӯзгор мегӯяд, ки дар киштӣ ҳамроҳамон ҳамон предметҳоеро мегирем, ки бо ҳарфи "C" сар мешаванд. Хонандагон бо навбат предметҳоеро, ки бо ҳарфи "C" сар мешаванд номбар мекунанд. -Carte, -craie, -crayon, -cinèma, -cartable, -cravat, -cahier ва ғайраҳо Омӯзгори соҳибтаҷриба метавонад ба воситаи ин бозӣ нутқи шифохӣ ва нутқи хаттии онҳоро низ инкишоф диҳад.

Бозии дигар бо номи "A, B, V, G, D..."

Дар омӯзиши забони фаронсавӣ омӯзгор бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки бештар бозиҳои шавқовар гузаронад, ҳангоми таълими забони фаронсавӣ хонандагон зуд хаста мегарданд. Бо мақсади каме дам гирифтани бачаҳо омӯзгор бояд аз бозиҳои таълимӣ фаровон истифода барад. Омӯзгор метавонад аз дигар бозиҳое, ки характери таълимӣ надоранд низ истифода баранд. Гурӯҳи зиёди бозиҳо , ки дар онҳо чизе омӯзонда намешавад, вале ҷиҳати калони тарбиявӣ дорад. Ин гуна бозиҳо ро омӯзгор метавонад дар ҳар лаҳзаи дарс ташкил намояд.

Чи ҷои бади дорад, ки бачаҳо каме нафас рост карда, андаке дам гирифта, боз корро давом диҳанд,ҳатто аз тарафи муаллим баён кардани ягон латифаи хурдакаки кӯдакона ва ё

аз ҷониби хонандаи фаъоле нақли латифаи ҳазломез боиси хандаи умум дар синф мегардад, ки ин худ лаҳзаи дамгирӣ, лаҳзаи рӯҳбардорист.

Le jeu « A, B, V, G, D » Ce joue principalement en 5e année. La condition du jeu est la suivante:

Le professeur prononce. Les gars, nous avons appris à prononcer des sons, à reconnaître des lettres, à reconnaître des syllabes et des mots, à lire des syllabes et des mots. Nous avons bien travaillé. Maintenant, nous montons dans le bus et partons en voyage.

Ils passent devant une forêt où deux corbeaux tiennent une corde des deux côtés et bloquent la route. Le bus s'arrête. Les enfants descendent et disent aux corbeaux : "Ô corbeaux, prenez la corde, dégagez le passage, nous passerons." Les corbeaux répondent : "Très bien, lisez d'abord ce qui est écrit ici."

Les enfants se rapprochent et constatent que toutes les lettres et syllabes sont familières. On y lit : "Ca-ma-rade, carte, pomme, élèphan, serviette, table, chaise, cravate, chat, chien".ва ғайраҳо ва баъд роҳашонро давом медиҳанд. «Дар интихоби бозиҳо омӯзгори забони хориҷӣ бояд хусусиятҳои синну соли хонандагонро ба назар гирад. Он бозиҳоеро интихоб кунад, ки шавқовар ва характери таълимӣ дошта бошад ва хонандагон аз иҷрои онҳо баромада тавонанд». [1, с. 12].

Омӯзгори забони фаронсавиро зарур аст, ки бозиҳоро вобаста ба вақту замонаш гузаронад, ҳеҷ гоҳ ба он роҳ надиҳанд, ки бозиҳо характери таваккалиро гиранд.

Бозии дигар бо номи **“ Loto".**

Le professeur de la langue française peut utiliser ce jeu pour apprendre la grammaire française (en particulier pour l'apprentissage des verbes) de la 6e à la 8e année. Une grande feuille est divisée en 4 à 6 parties égales. Chaque partie contient des images sur des sujets précédents. Ces photos seront distribuées aux participants du jeu. Des cartes sont créées pour chaque image et les actions décrites dans l'image y sont écrites. Par exemple, sur une photo hivernale, des enfants construisent un Père Noël, font du ski et de la luge. Les phrases suivantes doivent être écrites sur les cartes/ C'est l'hiver. Il fait froid. Les enfants font le bonhomme de neige. Ils lugent. Ils patinent. Les cartes sont remises aux principaux élèves capables de diriger le jeu. Le lecteur qui mène le jeu lit les phrases sur la carte et les autres lecteurs couvrent les mêmes images sur les cartes. L'enseignant peut également organiser ce jeu dans les classes supérieures, mais il choisit des conditions difficiles. Ce jeu est très important pour éveiller l'activité mentale des élèves, stimuler la réflexion et développer la parole orale des élèves.

Бозии дигар бо номи **."Leçon - Jeu".** «Дарс-бозӣ»

Le jeu de leçon diffère des leçons classiques par certaines de ses fonctionnalités. Tout d'abord, en termes de durée, si les cours quotidiens durent 45 minutes, la leçon - le jeu comprend 35 minutes, au cours desquelles les caractéristiques physiques et psychologiques des élèves sont prises en compte. Ces 10 minutes, qui ont été réduites, apportent beaucoup de tirats dans le cours.

Le fait est que même si la durée de 10 minutes a été réduite, la tâche didactique de la leçon n'a pas été réduite. Par exemple, prenons l'étude des sons et des lettres : dans les cours ordinaires, un son et une lettre sont appris et renforcés dans une autre leçon, et il en va de même dans la leçon-jeu.

L'enseignant doit donc prendre en compte les problèmes d'organisation des cours et des jeux et utiliser efficacement chaque instant et minute. De là, une autre caractéristique de la leçon-jeu émerge, à savoir les problèmes d'organisation.

Ҷиҳати ташкили дарс-бозӣ танҳо он нест, ки аз салому ба ҳисоб гирифтани давомоту ҳозир будани буру латта иборат бошад. Вай нисбатан доираи васеъро дар бар мегирад, ки агар ба тариқи фишурда бигӯем, самаранок ташкил кардан ва гузаронидани ҳар як дақиқаи дарс аз аввал то охир мебошад. Саволе пеш меояд, ки оё ин талабот пеш ҳам гузошта мешуд? Бале гузошта мешуд, вале иҷрои он баъзан амалӣ мешуду бисёр вақт не. Вақте, ки ба ҷои дарс дарс-бозӣ мегузаронему он аз 35 дақиқа иборат аст, иҷрои ин талабот пурра риоя намудани масъалаҳои ташкили дарс шарт ва зарур аст.

Барои ин, муаллим бояд масъалаҳои зайлро ба назар гирад:

- тайёрии пухта ва ҳамаҷонибаи муаллим ба дарс-бозӣ;
- фаъолияти пурраи бачаҳо дар равиши дарс-бозӣ;
- тартиби дохилӣ ва берунӣ дар ҷараёни дарс-бозӣ;
- аз тарафи талабагон дарк намудани мазмун ва моҳияти ҳар як дарс;
- ба қадри имкон ба рок мондани корҳои инфиродӣ дар ҳар як дарс;
- ба назар гирифтани фаъолияти коллективи синф;

- муҳити хуби корӣ дар ҳар як дарс.

Хусусияти муҳими дарс-бозӣ ҳамин аст, ки он беҳтарин унсурҳои дарсҳои мактаб ва машғулияти бачагонро дар худ таҷассум кардааст. Аз ин ҷост, ки хонандагон дарс хонда истода, бозӣ мекунанд ва бозӣ карда истода дарс мехонанд. Онҳо дар ҷараёни дарс ва нишасту хез озоданд.

Хусусияти дигари дарс-бозӣ дар он аст, ки омӯзгор онро метавонад бо хоҳиши худ гузаронад. Масалан, агар дарсҳо соати 13 сар шаванд, муаллим метавонад дарс- бозиро соати 12 оғоз намояд.

Муаллим соати 12 ба мактаб меояд. Омӯзгор метавонад ин вазифаро ба ягон талабаи фаъол вогузор намояд. Бачаҳо оҳиста-оҳиста ҷамъ мешаванд. Муаллим (хонандаи фаъол) дар ҳавои кушод ва ягон зали варзишӣ як намуди бозӣ ташкил мекунад. Ба ҳамин тарик бозӣ на танҳо муҳити дарсҳо, инчунин тамоми фаъолияти кӯдакро дар мактаб фаро мегирад. Дар баробари ин ҳангоми гузаронидаи дарс-бозӣ муаллим дар ҷараёни дарс аз машқҳои гуногуни бадан, расмкашӣ, сурудхонӣ ва ғайра истифода барад.

Агар дуруст назар кунем, дарс-бозӣ аз дарсҳои муқаррарӣ фарқ дорад, вале бо вуҷуди ин, бояд дар назар дошт, ки ин дарсҳо моҳият ё вазифаҳои худро аз даст надиҳанд.

Ин вазифаҳо иборатанд:

а) Инкишофи нутқи даҳонии хонандагон;

б) Ёд додани малакаҳои хониш;

в) Инкишофи нутқи хаттии хонандагон.

Истифодаи бозиҳо дар таълими забони фаронсавӣ омили асосии шавқманд гардонидани хонандагон ба омӯзиши ин фан ба ҳисоб меравад.

«Барои системанок ва мустахкам кардани дониши грамматикии талабагон нақши бозиҳо хеле калон аст.ҳангоми бозӣ хонанда худро озод ҳис карда, сухани худро бе малол гуфта метавонад» [3, с. 135].

Дар вақти бозӣ хонандагон ба осони грамматикаи забони фаронсавиро аз худ мекунанд. Бе донистани грамматикаи забони фаронсавӣ нутқи гуфтугӯии хонандагон инкишоф нахоҳад ёфт. Нақши асосиро барои худидоракунии талабагон дар вақти омӯзиши забони фаронсавӣ бозиҳо иҷро карда метавонанд.[2]амаи бозиҳо чунин тартиб дода шудаанд, ки онҳо метавонанд рафтори худро идора кунанд.

Дар вақти дуруст ташкил кардани бозиҳо талаба ба зудӣ мефаҳмад, ки рафтори ӯ дуруст аст ё не. Вақте, ки хонанда инро ҳис кард, вазифаи додашударо ба осонӣ иҷро мекунад. Бозиҳои омӯзишӣ раванди таълими забони франсавиро осон ва шавқовартар мегардонад. Бозиҳои лексикӣ ва грамматикӣ на ҳама вақт характери лексикӣ ё грамматикӣ доранд. Ба кадом самте, ки бозӣ равона карда шавад, он ҷаҳонбинии кӯдакро васеъ мекунад.

Хонандагони хурдсол ҳамеша бозӣ карданро дӯст медоранд, агар ба онҳо иҷозат диҳед рӯзи дароз бозӣ мекунаду мондашавиро ҳис наменамояд. Аз ин рӯ омӯзгори забони хориҷиро зарур аст, ки ҳангоми омӯзиши забон ба бозиҳои шавқовар мурочиат намояд. Зеро дар синфҳои поёнӣ омӯзиши забони хориҷӣ барои хонандагони хурдсол баъзе мушкилиҳоро пеш меорад.

Бозиҳои шавқовар ва дидактикӣ агар аз ҷониби худи хонандагон ташкил карда шавад, таъсирбахш ва самаранок мегардад. Дар ҷараёни дарс муаллим ва ё роҳбари гурӯҳ метавонад, супоришҳое диҳад, ки онҳо характери бозӣ дошта бошад. Чунин супоришҳо шавқовар ва диққатҷалбкунанда буда шавқу ҳаваси хонандагонро бо омӯзиши забони хориҷӣ дучанд мекунад. Дар ҳар як ҷомеа ҷавононе мавҷуданд, ки дар ҳамаи ҳолатҳо нисбат ба атрофиёне, ки ба ёрӣ муҳтоҷанд кӯмаки беғаразона мерасонанд. Агар чунин фаъолият ба худ шакли доимӣ гирад, пас доир ба мафҳуми ихтиёрӣ сухан хоҳад рафт. Агар дар як гурӯҳ 4-5 хонандаи фаъол бошад омӯзгор метавонад дар ҷараёни таълиму тарбия ба онҳо такя кунад.

Хулоса, дар раванди амалӣ намудани усулҳои интерактивӣ дар омӯзиши забони фаронсавӣ дар мактабҳои миёнаи Тоҷикистон методи бозӣ чун дар дигар кишварҳои олам нақши муҳим дорад, зеро кӯдакону талабагон дар тамоми дунё дӯстдори бозианд ва ҳаёти кӯдакро бе бозӣ тасаввур кардан имкон надорад. Вале омӯзгори закиро лозим аст, ки тарзе бозиро ба роҳ монад, ки ҳам ҷанбаи тарибявӣ ва ҳам таълимиро доро бошад то кӯдак дар баробари бозӣ кардан барномаи мактабро ба осонӣ аз худ намояд ва ҳамчун инсони соҳибмаърифат ба камол расад.

***Адабиёт***

1. *Авдулова, Т.П. Психология игры: современный подход: учеб. Пособие для студ. высш. учеб. заведений. / Т.П. Авдулова. – М.: Издательский центр «Академия». - 144 с.*
2. *Алиев, С.Н. Методикаи умумии таълими забонҳои хориҷӣ / С.Н. Алиев. - Душанбе, 2013. - 370 с.*
3. *Аникеева, Н. П. Воспитание игрой / Н. П. Аникеева – М.: Просвещение, 1987. - 144 с.*
4. *Ануфриева, Р.А. Игры как средство развития интереса к изучаемому языку / Р.А. Ануфриева. // Иностранные языки в школе, 2004. – № 9. – 128 с.*
5. *Выгодский, Л. С. Игра и ее роль в психическом развитии ребенка / Л. С. Выгодский. – М., 2004. - 510 с.*
6. *Елагова, Е.В. Игровые технологии как метод интенсификации обучении иностранному языку. / Е.В. Елагова. — Могилев, 2003. — 55 с.*
7. *Лутфуллоев, М. Дидактикаи муосир / М. Лутфуллоев. - Душанбе, 2001. - 209 с.*
8. *Миралиев, К. - Нақши усулҳои интерактивии таълим дар ташаккул ва рушди ҳаёти ҷавонон / К. Миралиев. - Душанбе, 2005. -66 с.*
9. *Сайфуллоев, Х.F. Тавсияҳои методӣ ба омӯзгорон дар татбиқи усулҳои интерактивӣ / Х.F. Сайфуллоев. - Душанбе, 2014. -19 с.*
10. *Max Planck, 1858 – 1947 // Die Grossen Deutschen, Bd 4. / Max Planck. - Berlin, 1957. – 226 s.*

## ИСТИФОДАИ БОЗИҲО БО УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ

Дар ин мақола дар бораи истифодаи бозиҳо бо усулҳои интерактивӣ дар дарсҳои забони фаронсавӣ сухан меравад. Барои дилгарми намудан ва шикастани ниқоби шармгинонаи иштирокчиён дилхоҳ бозии маърифатӣ ташкил намудан лозим мешавад, то дар он иштирокчиён бо шавқу рағбати зиёд ширкат варзанд. Машғулияти мазкур бо усули интерактивии таълим аз рӯи принсипи «Ҳамсол ба ҳамсол» гузаронида мешавад Хонандагони хурдсол ҳамеша бозӣ карданро дуст медоранд, агар ба онҳо иҷозат диҳед рӯзи дароз бозӣ мекунаду мондашавиро ҳис наменамояд. Аз ин рӯ омӯзгори забони хориҷиро зарур аст, ки ҳангоми омӯзиши забон ба бозиҳои шавқовар муроҷиат намояд. Зеро дар синфҳои поёнӣ омӯзиши забони хориҷӣ барои хонандагони хурдсол баъзе мушкилиҳоро пеш меорад. дар раванди амалӣ намудани усулҳои интерактивӣ дар омӯзиши забони фаронсавӣ дар мактабҳои миёнаи Тоҷикистон методи бозӣ чун дар дигар кишварҳои олам нақши муҳим дорад, зеро кӯдакону талабагон дар тамоми дунё дӯстдори бозианд ва ҳаёти кӯдакро бе бозӣ тасаввур кардан имкон надорад. Вале омӯзгори зиракро лозим аст, ки тарзе бозиро ба роҳ монад, ки ҳам ҷанбаи тарбиявӣ ва ҳам таълимиро доро бошад то кӯдак дар баробари бозӣ кардан барномаи мактабро ба осонӣ аз худ намояд ва ҳамчун инсони соҳибмаърифат ба камол расад.

**Калидвожаҳо:** усулҳои интерактивӣ, бозии маърифатӣ, ҳамсол бо ҳамсол, хонандагони хурдсол, ҷанбаи тарбиявӣ, инсони соҳибмаърифат, бозиҳои шавқовар.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИГР С ИНТЕРАКТИВНЫМИ МЕТОДАМИ НА УРОКАХ ФРАНЦУЗСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье говорится об использовании игр с интерактивными методами на занятиях по французскому языку. Чтобы воодушевить и снять застенчивую маску школьников, необходимо организовать развивающую игру, чтобы они участвовали с большим энтузиазмом. Данное занятие проводится интерактивным методом обучения по принципу «Равный-Равный». Юные школьники всегда любят играть, если им дать возможность, они играют целый день и никогда не чувствуют усталости. Поэтому учителю иностранного языка необходимо использовать интересные игры при изучении языка. Потому что изучение иностранного языка в младших классах вызывает у младших школьников некоторые проблемы. В процессе внедрения интерактивных методов изучения французского языка в средних школах Таджикистана игровой метод играет важную роль, как и в других странах мира, поскольку дети и учащиеся во всем мире любят игры, и невозможно представьте жизнь ребенка без игр. Однако умному учителю необходимо провести игру так, чтобы она имела как образовательный, так и воспитательный аспект, чтобы ребенок усвоил программу во время игры легко учиться в школе и стать образованным человеком.

**Ключевое слова:** интерактивные методи, познавательная игра, сверстники, учащиеся, образовательный аспект, образованный человек, веселые игры.

## USING GAMES WITH INTERACTIVE METHODS NOT FRENCH LESSONS

This article is written about the use of games with interactive methods in French lessons. To inspire and encourage students, it is necessary to organize an educational game so that they participate with more enthusiasm. This activity is carried out using an interactive teaching method based on the “Peer-to-Peer” principle. Young schoolchildren always love to play, if given the opportunity; they play all day long and never feel tired. There fore, a foreign language teacher needs to use interesting games when learning a language. Because learning a foreign language in elementary school causes some problems for younger students. In the process of introducing interactive methods of learning French in secondary schools in

Tajikistan, the game method plays an important role, as in other countries of the world, since children and students all over the world love games, and it is impossible to imagine a child's life without games. However, a smart teacher needs to conduct the game in such a way that it has both educational and educational aspects so that the child learns the program during the game. It is easy to study in school and become an educated person.

**Keywords:** interactive methods, educational game, peers, students, educational aspect, educated person, fun games.

**Дар бораи муаллиф**
Қурбонов Тағой Зуҳурович
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 004 44 59 73

**Об авторе**
Курбанов Тагай Зухурович
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры методика преподавания иностранных языков
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 004 44 59 73

**About the author**
Kurbanov Tagay Zukhurovich
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Senior Lecturer of the Department of Methods of Teaching Foreign Languages
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 004 44 59 73

ТДУ 372.853+372.852

# РОБИТАИ БАЙНИ ФАНҲОИ ФИЗИКАЮ АСТРОНОМИЯ ТАВАССУТИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ТАВСИФОТИ ЭҶОДИДОШТА АЗ АСТРОНОМИЯ

***Сафаров А. Ғ., Раҳимов Б. К., Файзов Ш. Б.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хусусиятҳои муҳими ташаккули фанҳои табиатшиносӣ на танҳо аз истифода бурдани муваффақият ва аз як фан ба фанни дигар гузаронидани методи таҳқиқот, балки аз робитаи байниҳамдигарии онҳо низ иборат аст.

Астрономия бо талаботи моддии инсоният пайдо гашта, кӯҳантарин илм ба шумор меравад ва давра ба давра ривоҷ ёфтааст. Астрономияи давраи қадимро мушоҳидаҳо ташкил медоданд, ки асосан навъҳои гуногуни тақвим бо назардошти ҳаракати ҷирмҳои мунир (Офтоб, Моҳ, сайёраҳо ва ситораҳои равшан) дар маҳаллаҳои гуногун аз тарафи олимон тадбиқ карда шуда буданд [2, с. 204].

Дар давраҳои гуногуни фаъолияти инсон астрономия дар худ нозукиҳои дигар фанҳоро аз бар карда, қисматҳои нави онро ташаккул додааст. Дар давраҳои гуногуни рушди астрономия алоқаи зичи он бо математика ва геометрия дида мешавад. Чунин алоқамандӣ ба ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ, ҳисоби аниқи лаҳзаҳои тулӯъ, қиём ва ғуруби онҳо рабт дорад. Ин буд ки аввалин моделҳои заминмарказӣ ва офтобмарказии олам, кура будани Замин, каталогҳои ситорагӣ ҳазорсолаҳо пештар мураттаб шуда, озодона гирифти Офтобу Моҳро пешгӯи мекарданд. Ин буд, ки фасли нави астрономия – *астрономияи сферикӣ* ба вуҷуд омад [2, с. 23]. Ин қисмати астрономия дар худ омӯзиши зоҳирӣ (чашмдид) ва ҳақиқии ҷирмҳои осмониро масъалаи асосӣ дониста, онро бо пуррагӣ ҳал намуд.

Инқилоби илмӣ дар Аврупо ва силсилакорҳои Кеплер, Галилео ва дигарон Нютонро имконият фароҳам овард, ки қонунҳои асосии механика ва ҷозибаро исбот намояд. Ин раванд дар астрономия фасли навро кушод, ки *механикаи осмон* мебошад. Дар асоси қонуни ҷозибаи ҷаҳонӣ – механикаи осмон, ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ, таҳаввули мадори онҳо, шакл ва андозаи ҷирмҳоро муайян намуда, ҳоло ҳам масълаҳои гуногуне, ки ба он дахл дорад, ҳал намуда истодааст [2, с. 70].

Истифодаи телескоп аз тарафи Галилей ба пайдоиши фасли нави астрономия – *астрономияи амалӣ* оварда расонд. То ин вақт даҳҳо асбобҳои астрономи сохта шуда буданд, аммо онҳо танҳо кунҷи бинишро муайян мекарданд. Бо истифодаи телескоп инсоният имконият пайдо намуд, ки кайҳони беохирро бо чашми худ назора намояд.

Бо истифодаи фотография қисмати нави астрономия – *астрофизика* ба вуҷуд омад. Имрӯзҳо астрофизика бисёрҷанбаъ шуда, қисматҳои гуногуни ин фаслро вусъат дода истодааст. Бо истифодаи спектр, поляризатсия (қутбиятсанҷӣ), мушоҳидаҳои кайҳонӣ ва дигар навъи мушоҳидаҳо астрофизикаи имрӯзаро муосир гардонида истодааст. Ин буд, ки истифодаи радиотелескопҳо дар тамоми соҳаҳои дарозии мавҷҳо аз нано то метрҳо; ботаника ва биология барои ҷустӯҷуи моддаҳои органикӣ чӣ дар сайёраҳо ва чӣ дар Кайҳон; геология барои омӯзиши сатҳи сайёраҳо ва радифони онҳо; химия барои муайян кардани таркиби химиявии ҷирмҳо имкониятҳо фароҳам оварданд. Астрономия имрӯз дар сарҳади илмҳо бо дигар фанҳо, математика, физика, химия, геология, биология робитаи зич барқарор намудааст [2, с. 169].

Тамоми қонунҳое, ки дар физика, математика ва химия кашф шуданд, аксари онҳо исботи худро дар ҷирмҳои кайҳонӣ тадбиқ карданд. Бо бозгашти кометаи Ҳалей (1P/Haley) қонуни ҷозибаи умумиҷаҳонӣ исботи худро ёфт ва маълум гашт, ки кометаҳо метавонанд бо мадори эллипсӣ ҳаракат намоянд. Ин дар асоси заҳматҳои тӯлонии Клеро, Лепот ва Лаланд муайян карда шуд. Дар озмоишгоҳҳо навъҳои гуногуни бактерияҳо ва ҳашаротҳо наздик ба шароити дигар сайёраҳо омӯхта ва тадқиқ карда шуда истодаанд.

Баъди парвози аввалин радифи маснӯи Замин 4-уми октябри соли 1957 оғози омӯзиши Кайҳон берун аз атмосфераи Замин шурӯъ шуд. Аз он рӯзҳо инҷониб на танҳо фазои кайҳонии наздизаминӣ, балки сайёраҳои алоҳида низ аз радифон пур шудааст, ки масъалаҳои алоҳидаро ҳал менамоянд. Дастгоҳҳои кайҳонии байнисайёравӣ ба лаборатория

(озмоишгоҳ)-ҳои илмӣ муҷаҳҳаз буда, натиҷаҳои комилан навро гирифта истодаанд. Дар ин самт барои идораи сафинаҳои кайҳонӣ математикаи тадбиқӣ нақши калидӣ дорад. Идора ва барномаҳои пешакӣ таҳияшуда, барои чунин сафинаҳо бе идораи инсон амалӣ карда мешаванд.

Истифодаи дастгоҳҳои кайҳонӣ дар сатҳи Моҳ (моҳгардҳо, лунаход), Зуҳро ва Миррих имконият фароҳам оварданд, ки дастгоҳҳои кайҳони насли нав сохта ба истифода диҳанд. Ҳамаи ин аз алоқаи астрономия бо муҳандисон-технологҳо муяссар гашт. Бинобар ин бо боварӣ гуфта метавонем, ки имрӯзҳо на танҳо астрономия балки дигар фанҳо аз алоқаи ҳамдигарӣ истифода мебаранд ва дар сарҳадҳои ниҳоӣ бо ҳам омезиш ёфта, фаслҳои навро эҷод мекунанд, ки барои беҳбудӣ ва пешрафти ҷомеъ дар соҳаҳои гуногун хизмат кунад [2, 229].

Дар ҷараёни таълим дар муассиаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз рӯи равияӣ табиатшиносӣ таҳсил мекунанд ва ё литсейҳои физикаю математикӣ аксаран вақт масъалаҳои ҷолибӣ астрономӣ пайдо мегарданд. Имрӯзҳо бо пешрафти илму техника – таҳқиқотҳои астрономӣ бисёрҷанбаъ шудаанд [5, с. 118]. Аз ин рӯ хонанда пайваста аз навоварию кашфиётҳои астрономӣ огаҳ аст. Ҳалли масъалаҳои эҷодӣ дар раванди таълим на танҳо дар ҷараёни дарси астрономия, ки имрӯзҳо онро ҳамчун “нуҷум” дар муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таълим медиҳанд, балки дар дарси физика боз ҳам ҷолибтар хоҳад буд [1, с. 25; 4, с. 77; 5, с. 118].

Муҳимияти маводи таҳия ва пешниҳодшаванда дар он аст, ки омӯзгорон чунин маводҳоро дар кружокҳои фаннӣ, олимпиадаҳои сатҳашон гуногун, барои хонандагони тамоми синфҳо аз 7 то 11 пешниҳод карда метавонанд [4, с. 32]. Агар омӯзгор дар синфе пайваста дарс диҳад, пас метавонад масъалаҳоеро ба хонандагон пешниҳод намояд, ки онҳо ҳалли пайдарпайӣ доранд. Ҳалли чунин масъалаҳо аслан тадқиқотӣ мебошанд, чунки омӯзгор пайваста дар ҷустӯҷӯи маводи нав буда, ҳамеша кӯшиши эҷод намуданро дорад [3, с. 122].

Аз ин рӯ, мо кӯшидем, ки якчанд масъалаҳои ҷолибро, ки дар ҷараёни таълими фанни астрономия (физика) суръат мегирад, пешниҳод намоем. Барои ин силсила масъалаҳое пешниҳод мешаванд, ки онҳо бо ҳам робитаи зич доранд. Масалан, доир ба кометаҳо ва метеорҳо [3, с. 128; 6, с. 176]:

**Масъалаи 1.** Астрономи ҳоландӣ Ян Оорт дар асоси омӯзиши 19 кометаҳои дароздавр, ки даври гардиши онҳо дар атрофи Офтоб беш аз 200 солро ташкил медод, ба чунин хулоса омад: дар канори Системаи офтобӣ бояд мавҷудияти абри кометаҳо бошад, ки аз Офтоб дар масофаҳои аз $2\times10^4$ то $2\times10^5$ в.а. (1 в.а. = $149{,}6\times10^6$ км, масофаи миёнаи байни Замину Офтоб) ҷойгиранд. Я.Оорт ин масофаро чӣ гуна муайян кард?

**Шарҳ барои ҳалли масъала**. Дар солҳои 50-уми қарни гузашта тасаввурот дар бораи Системаи офтобӣ хело сода буд. Аз ин рӯ, Ян Оорт барои ҳалли масъала душворӣ накашид, чунки наздиктарин ситора ба Системаи офтобӣ дар масофаи 2 пс (парсек) мехобад. Аз ин рӯ бо осонӣ муайян кардан мумкин аст, ки агар абри кометаҳо ба Системаи офтобӣ таалуқ дошта бошад, пас он бояд дар нисфи ин масофа ҷойгир бошад. Маълум мегарадад, ки макани абри кометаҳо дар масофаи 1 пс ҷойгир аст. 1 пс баробар аст ба 206265 в.а., пас маълӯм аст, ки сарҳади канории абри кометаҳо дар масофаи $2\times10^5$ в.а. мехобад. Бо назардошти қонуни сеюми Кеплер ва даври гардиши кометаҳо дар атрофи Офтоб ёфтан мумкин аст, ки қимати баръакс нисбати нимтири калони мадори ибтидоӣ дар ҳудудӣ $0 < 1 / a_0 < 0{,}1\times10^{-3}$ в.а.$^{-1}$ мехобад.

**Масъалаи 2.** Аксар кометаҳо аз абри Оорт ба дохили Системаи офтобӣ ҳаракат мекунанд ва пайваста онҳо фазои атрофи сайёраҳо ва офтобро бо хусусиятҳои хосӣ худ тобиш медиҳанд. Оё дар натиҷаи бархӯрди байни кометаҳо, мадори онҳо тағйир ёфта метавонад, ки баъдан ба дохили Системаи офтобӣ ҳаракат кунад? Теъдоди кометаҳоро дар абри Оорт $10^{11}$ ҷирм қабул кунед.

**Шарҳ барои ҳалли масъала.** Мо бояд миқдори бархӯрди кометаҳоро дар ягон фосилаи муайяни вақт (t) ҳисоб кунем. Бигузор миқдори кометаҳо дар як воҳиди абри Оорт $n_k$, масоҳати буриши кундалангӣ $\pi R_k^2$, суръати кометаҳо $\upsilon = \upsilon_r$ бошад. Пас бархӯрдҳои тасодуфиро аз рӯи формулаи $\nu = \pi R_k^2 n_k \upsilon t$ ҳисоб мекунем. Агар миқдори кометаҳо ба $10^{11}$ ва

радиуси сарҳади беруна $R_б = 2\times10^5$ в.а. баробар бошад, пас $n_k = N/V = N/(4/3\pi R_б^3) \approx 3\times10^{-6}$ ҳаста/в.а.$^3$ аст. Радиуси миёнаи ҳастаи кометаҳоро одатан 1 км қабул мекунанд. Ба сифати фосилаи вақт t ҳолати имрӯзаи Системаи офтобиро қабул менамоем, пас $t = 4,9\times10^9$ сол мешавад. Суръатро аз рӯи формулаи $\upsilon = \sqrt{2GM_{\odot}/R_б}$ ҳисоб мекунем. Пас ҳосил мекунем, ки $\nu = 3,6\times10^{-11}$. Ин қиммат чӣ маъно дорад? Бархӯрди кометаҳо дар абри Оорт наметавонад мадори онҳоро тағйир диҳад.

**Масъалаи 3.** Оё мумкин аст, ки ситораи ба Системаи офтобӣ наздикшаванда, кометаҳоро маҷбур намоянд, ки мадорашонро тағйир диҳанд?

**Шарҳ барои ҳалли масъала.** Барои ҳалли ин масъала аз формулаи масъалаи 2 истифода мебарем. Барои ин $R_k$ ба $R_б$, $n_k$-ро ба $n_{сит.}$ (миқдори ситораҳои дар воҳиди ҳаҷми фазои кайҳонии назди офтобии Роҳи Каҳкашон) ва $\upsilon$-ро ба $\upsilon_{сит.}$ (суръати ҳаракати тасодуфии ситораҳои атроф) қабул мекунем. Аз ин ҷо ҳосил мекунем $\nu = \pi R_б^2 n_{сит.}\ \upsilon_{сит.}t$. Маълум аст, ки $n_{сит.} = 0,1$ ситора/пс$^3$ ва $\upsilon_{сит.} \approx 20$км/с, ҳосил мекунем, ки $\nu = 30000$. Аз ин ҷо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таъсири ситораҳо ба абрии Оорт хело зиёд аст ва ҳаракати ситораҳои дигар метавонад, дар ҳаракати кометаҳо ошӯбро ба миён оварда, ки мадори онҳоро куллан тағйир диҳад. Аз ин рӯ мадори кометаҳое, ки зери ошӯби ситора қарор мегиранд, метавонанд, чӣ ба дохили Системаи офтобӣ ва чӣ ба берун аз Системаи офтобӣ партофта шавад.

**Масъалаи 4.** Радиуси танӯра ҳангоми бархӯрди метеорит ба сатҳи Замин ва массаи ниҳоии он ки танӯраро ташкил додааст, муайян карда шавад?

**Шарҳ барои ҳалли масъала.** Радиуси танӯраро аз тасаввуроти энергентикӣ муайян мекунем. Маълум аст, ки энергияи кинетикии метеорит $E_0 \sim m\upsilon^2$ дар ҳолатҳои зерин кам мешавад: 1) Вайроншавии қишрҳои хок ва вайроншавии худи танӯраи ҳосилшуда; 2) Қисми энергияи ибтидоӣ ба энергияи кинетикии моддаҳои партофташудаи ҷинсҳои кӯҳии танӯра мегузарад; 3) Энергияи мавҷи садогӣ, ки дар атмосфераи Замин ва қаъри он ба зизлзила мегузарад. Талафоти энергияро вобаста ба тартиби зиёдшавӣ дида мебароем. Талафоти $E_1$ ба вайроншавии қишрҳои кӯҳӣ ~ ҳаҷми танӯра V, яъне $E_1 \sim R^3$ сарф мешавад. Барои он ки кори вайроншавии ҷинсҳои кӯҳиро муайян кунем, бояд $E_1$-ро ба устувории ниҳоии қишри заминӣ $\sigma_{уст.}$ зарб намуд, яъне $E_1 \sim \sigma_{уст.}R^3$. Акнун энергияе, ки ба ихроҷи моддаҳои танӯра $E_2$ сарф мешавад, баҳо медиҳем. Ҷойивазкунии массаҳои ҷинсҳои кӯҳӣ ҳангоми ташаккули танӯра ба масофаи R мегеҷад. Суръати ибтидоии ҳангоми ғеҷиш бояд ба $\upsilon_0 \sim \sqrt{gR}$ баробар бошад, аз ин ҷо массаи ҷинсҳои партофташуда ба $m \sim \rho R^3$ рост меояд. Бинобар ин, талафоти энергия ба $E_2 \sim m\upsilon_0 \approx \rho g R^4$. Талафот ба $E_3 << E_1$ ва $E_2$. Аз ҳисобҳо ба хулоса омадан мумкин аст, ки муодилаи тақрибиро барои энергияи мувозинатӣ ҳангоми афтиши метеорит чунин навиштан мумкин аст: $E_0 \approx E_1 + E_2$, агар муодиларо соддатар кунем, пас чунин ҳосил карда метавонем: $m\upsilon^2 \sim \sigma_{уст.}R^3 + \rho g R^4$. Ин муодила имконият медиҳад, ки танҳо тартиби бузургии радиуси танӯра муайян карда шавад. Мақсади мо ин аст, ки танҳо баҳои тартиби бузургиро муайян кунем, аз ин рӯ дар формула барои энергияи кинетикӣ зариби ½ дида намешавад. Дида мебароем, ки дар кадом радиус ҳар ду аъзои тарафи рост баробар мебошанд: ҳангоми $R \sim R_0 = \sigma_{уст.}/\rho g$. Қабул мекунем, ки $\sigma_{уст.} \sim 10^7$ Н/м$^2$, $\rho \sim 3\times10^3$ кг/м$^3$ аст. Он гоҳ $R_0 = \sigma_{уст.}/\rho g \sim 3\times10^2$ м мешавад. Ин қимати радиуси ниҳоӣ (3-ро на ҳамчун зариб, балки ҳамчун нимтартиб $10^{0,5} \sim 3$ қабул карда мумкин аст) аст. Он гоҳ ҳангоми $R << R_0$ $m\upsilon^2 \sim \sigma_{уст.}R^3$ мешавад, ҳангоми $R >> \rho g R^4$ хоҳад шуд. Агар суръати ҳаракати метеоритро ҳангоми бархӯрд бо Замин $10^4$ км/с қабул кунем, пас барои массаи метеорит, ки танӯраи радиусаш ниҳоиро ташаккул додааст, ҳосил менамоем: $m_0 \approx \sigma_{уст.}R_0^3/\upsilon^2 \approx 3\times10^6$ кг.

Хулоса. Барои таҳия намудани чунин масъалаҳо мавзуъҳо дар астрономия хело бисёр аст. Аз ин рӯ, устод бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки масъалаи таҳиянамудаи ӯ бо физика алоқамандӣ дошта бошанд. Масалан, ҳангоми ҳалли масаълаҳо доир ба "Қонунҳои Кеплер ва ҳаракати сайёраҳо", "Қонуни ҷозибаи умумиолам", "Суръатҳои кайҳонӣ", "Табиати физикии сайёраҳо" ва амсоли инҳо метавон то даҳҳо ва аз ин бештар масъалаҳои пайдарпайиро пешниҳод намуд. Ҳангоми гирифтани кори санҷишӣ аз хонандагон истифодаи чунин масъалаҳо хело хуб буда, натиҷаи қаноатбахшро медиҳад. Дар ин раванд метавонад сатҳи дониши хонанда баланд гардад.

Ҳангоми таҳия ва пешниҳод намудани чунин масъалаҳо аз тарафи омӯзгорон хонанда водор мешавад, ки мустақилона фаъолияти худро такмил диҳанд. Чунки дар ин раванд ӯ кӯшиш менамояд бартарии сатҳи дониши худро ба дигарон намоиш диҳад. Инчунин, чунин масъалаҳоро метавон дар гурӯҳҳои хонандагони боистеъдод васеъ истифода бурд.


***Адабиёт***

1. *Андреянова, Е. А. Формирование универсальных учебных действий школьников в процессе обучения физике, астрономии / Е. А. Андреянова // Пути повышения результативности современных научных исследований: Сборник статей по итогам Международной научно-практической конференции, Омск, 27 марта 2023 года. – Стерлитамак: Общество с ограниченной ответственностью "Агентство международных исследований". – 2023. – С. 24 - 28.*
2. *Кононович, Э.В. Общий курс астрономии / Э.В. Кононович, В.И. Мороз. – М.: Леланд, – 2015. – 544 с.*
3. *Маҷмуи саволҳои тестӣ ва ҳалли масъалаҳо аз астрономия (Васоити таълимӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ) / Мураттибон Сафаров А.Ғ., Бобоев Ш. С. , Лутфилоев Н.А., Шоимов У.М., Зуҳуров М.Ҳ. – Душанбе: КВД Матбаа. – 2023. – 273 с.*
4. *Преподавание физики в современных условиях: проблемы, поиск, решения: Материалы Второго открытого семинара учителей физики школ города Рязани, Рязань, 01 декабря 2015 года. – Рязань: Муниципальное бюджетное учреждение "Центр мониторинга и сопровождения образования". – 2016. – 84 с.*
5. *Раҳимов, Б. К. Истифодаи дурусти истилоҳоти астрономӣ дар илму маориф / Б. К. Раҳимов, А. Ғ. Сафаров // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои табиӣ, 2022. – № 3 (15). – С. 117 - 123.*
6. *Сафаров, А. Г. Столкновения ядер комет с метеорными потоками / А. Г. Сафаров, А. С. Гулиев. // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук, 2022. № 2. – С. 174-184.*


## РОБИТАИ БАЙНИ ФАНҲОИ ФИЗИКАЮ АСТРОНОМИЯ ТАВАССУТИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ТАВСИФОТИ ЭҶОДИДОШТА АЗ АСТРОНОМИЯ


Имрӯзҳо бо пешрафти илму техника дар физика ва астрономия пайваста кашфиётҳои нав ба нав шуда истодааст. Мутаассифона, китобҳои дарсие, ки ин маълумотҳоро инъикос кунанд, бо забони тоҷикӣ қариб нест. Аз ин рӯ доир ба масъалаҳои ҷолиби астрономие, ки устодони фанни физика дар дарсҳои худ метавонанд истифода баранд, намунае пешниҳод шудааст. Таҳияи намудани мақолаҳои эҷодӣ дар мавзуъҳои гуногуни астрономӣ, ки дар дарси физика истифода бурда мешавад. Ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таҳияи мақолаҳои эҷодии астрономӣ дар дасрҳои физика барои баланд бардоштани савияи илмии хонандагон кӯмак мекунад. Дар ҷараёни дарс вобаста ба қонунҳои физикӣ равандҳои дар Кайҳон гузарандаро шарҳ додан осон аст. Аз ин рӯ пешниҳоди ҳалли масъалаҳои эҷодӣ дар мавзуҳои гуногун ба амсоли “Қонунҳои Кеплер ва ҳаракати сайёраҳо”, “Қонуни ҷозибаи умумиолам”, “Суръатҳои кайҳонӣ”, “Табиати физикии сайёраҳо” шуда метавонад.



**Калидвожаҳо:** физика, астрономия, алоқаи байнифаннӣ, ҳалли масъалаҳои эҷодӣ, усули таълими астрономия, усули таълими физика, усули таълими физика дар мактаб, усули таълими астрономия дар мактаб, Кайҳон, маориф.


## СВЯЗЬ МЕЖДУ ДИСЦИПЛИНАМИ ЧЕРЕЗ ФИЗИКУ И АСТРОНОМИЮ РЕШЕНИЕ ЗАДАЧ ТВОРЧЕСКОГО ОПИСАНИЯ АСТРОНОМИИ


Сегодня, с развитием науки и техники в физике и астрономии, постоянно делаются новые открытия. К сожалению, учебников, отражающих эту информацию, на таджикском языке почти нет. Поэтому представлен пример интересных астрономических задач, которые учителя физики могут использовать на своих уроках. Разработка творческих статей на различные астрономические темы, которые используются на уроках физики. Что развитие творческих астрономических статей на уроках физики способствует повышению научного уровня учащихся. В ходе урока легко объяснить процессы в космосе на основе физических законов. Именно поэтому можно предлагать решения творческих задач по различным темам, таким как «Законы Кеплера и движение планет», «Закон всемирного тяготения», «Космические скорости», «Физическая природа планет».



**Ключевые слова:** физика, астрономия, межпредметная связь, творческое решение задач, методика преподавания астрономии, методика преподавания физики, методика преподавания физики в школе, методика преподавания астрономии в школе, Космос, образование.

**CONNECTION BETWEEN THE DISCIPLINES THROUGH PHYSICS AND ASTRONOMY SOLVING PROBLEMS OF CREATIVE DESCRIPTION OF ASTRONOMY**

Today, with the development of science and technology in physics and astronomy, new discoveries are constantly being made. Unfortunately, there are almost no textbooks reflecting this information in the Tajik language. Therefore, an example of interesting astronomical problems that physics teachers can use in their lessons is presented. Is to develop creative articles on various astronomical topics that are used in physics lessons. We can conclude that the development of creative astronomical articles in physics lessons helps to improve the scientific level of students. During the lesson, it is easy to explain processes in space based on physical laws. That is why it is possible to offer solutions to creative problems on various topics, such as "Kepler's Laws and the Motion of Planets", "The Law of Universal Gravitation", "Cosmic Velocities", "The Physical Nature of Planets".

**Keywords:** physics, astronomy, interdisciplinary communication, creative problem solving, methods of teaching astronomy, methods of teaching physics, methods of teaching physics at school, methods of teaching astronomy at school, Space, education.

**Дар бораи муаллифон**
Сафаров Абдулҷалол Ғафурович
Номзади илмҳои физикаю математика, дотсент,
мудири кафедраи астрономия
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 17
Тел: (+992) 931 46 51 73.
E-mail: aj_safarov@mail.ru

Раҳимов Бахтиёр Каримович
Директори литсейи табиию риёзӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 17
Тел: (+992) 985 85 19 85
E-mail: bakhtiyor-r@mail.ru

Файзов Шеравган Species Бобоҷонович
Омӯзгори литсейи табиию риёзӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 17
Тел: (+992) 988 88 93 48
E-mail: sheravganf@mail.ru

**Об авторах**
Сафаров Абдулджалол Гафурович
Кандидат физико-математических наук,
доцент, заведующий кафедрой астрономии
Таджикский национальный университет
734025, Республики Таджикистан, г. Душанбе,
проспект Рудаки 17
Тел: (+992) 931 46 51 73
E-mail: aj_safarov@mail.ru

Рахимов Бахтиер Каримович
Директор естественно-математического лицея
Таджикский национальный университет
734025, Республики Таджикистан, г. Душанбе,
проспект Рудаки 17
Тел: (+992) 985 85 19 85
E-mail: bakhtiyor-r@mail.ru

Файзов Шеравган Бободжонович
Преподаватель естественно-математического
лицея
Таджикский национальный университет
734025, Республики Таджикистан, г. Душанбе,
проспект Рудаки 17
Тел: (+992) 988 88 93 48
E-mail: sheravganf@mail.ru

**About the authors**
Safarov Abduldjalol Gafurovich
Candidate of Physical and Mathematical Sciences,
Associate Professor, Head of the Department of
Astronomy
Tajik National University
734025, Repablic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki even 17
Phone: (+992) 931465173
E-mail: aj_safarov@mail.ru

Rakhimov Bakhtior Karimovich
Director of the Natural and Mathematical
Lyceum
Tajik National University
734025, Repablic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki even 17
Phone: (+992) 985 85 19 85
E-mail: bakhtiyor-r@mail.ru

Fayzov Sheravgan Bobojonovich
Lecturer at the Natural Mathematics Lyceum
Tajik National University
734025, Repablic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki even 17
Phone: (+992) 988 88 93 48
Email: sheravganf@mail.ru

ТДУ 372.851.378.147

# МЕТОДОЛОГИЯИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ КОРҲОИ САНҶИШӢ АЗ ФАННИ ФИЗИКА ДАР СИНФИ 7-УМ БО ТАТБИҚИ МЕТОДИ ПУЛОТ

***Назаров А. П., Мохруи А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*
*Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш. Панҷакент*

Таҷриба ва амалияи педагогӣ нишон додааст, ки шаклҳо ва методҳои гуногуни санҷиши дониш ва арзёбии салоҳиятҳои хонандагон дар амал дида мешаванд. Омӯзгори фанниро зарур аст, ки вобаста ба хусусиятҳои фанни физика шаклҳо ва методҳои гуногуни арзёбии сатҳи донишро ҷорӣ ва дар амали кори худ татбиқ намояд. Барои ташкил ва гузаронидани корҳои санҷишӣ (корҳои мустақилона ва корҳои контролӣ) аз фанни физика, аз омӯзгори фанни физика маҳорат ва малакаи баланди касбӣ талаб карда мешавад. Инчунин фаъолияти эҷодӣ ва методию тадқиқотии омӯзгор нақши муҳим дорад. Бояд қайд кард, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба омӯзгорон вобаста ба сатҳи дониш, маҳорату малакаи касбии дарсгузаронӣ бо донишомӯзон, бо ҳисоби фаъолияти эҷодӣ ва методию тадқиқотӣ дараҷаи тахассусӣ дода мешавад. Ин дар натиҷаи гузаронидани аттестатсияи омӯзгор аз тарафи комиссияи босалоҳият муайян карда мешавад. Вобаста ба дараҷаи баланди тахассусиро соҳиб гаштани омӯзгор, музди маоши стафкавии он низ меафзояд.

Тавре мушоҳидаҳо ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ нишон медиҳанд, айни замон омӯзгорони фанни физика дар синфи 7-ум зимни ташкил ва гузаронидани корҳои санҷишӣ бештар аз усулҳои анъанавӣ истифода мебаранд. Номгӯйи чунин усулҳо бисёранд. Аз ҷумла навиштани шарти супоришҳо дар тахтаи синфӣ, тайёр намудани мадракҳои дидактикӣ, супоришномаҳои тестӣ. Усулҳои номбаршудаи санҷиши дониши хонандагон аз фанни физика ва арзёбии салоҳиятҳо дар худ камбудию норасогиҳои зиёд дошта, меҳнату фаъолияти омӯзгорони фанниро боз ҳам душвортар мегардонанд. Усулҳои анъанавии мавҷудаи санҷиши дониш ва назорат, чун қоида, ба омӯзгорони фаннӣ имкон намедиҳанд, ки маълумотро дар бораи сатҳи омӯзиши хонандагон мунтазам арзёбӣ намоянд. Ба коркарди фаврии ин маълумот муваффақ шуда, дар бораи бартараф намудани камбудию норасогиҳо ва нуқсонҳо қарорҳои дахлдор қабул намоянд. Ин ҳолат талаб менамояд, ки камбудию норасогиҳои дар раванди дарс ва санҷиши дониш содирнамудаи донишомӯзон саривақт ошкор ва ислоҳ карда шаванд.

Мо дар мақолаи мазкур оид ба истифодабарии як барномаи компютерӣ барои ташкил ва гузаронидани кори контролии якум аз фанни физика дар синфи 7-ум маводеро пешниҳод менамоем. Поёнтар метологияи сохтани чунин барномаи компютериро коркард менамоем ва меомӯзем. Барномаи компютерӣ номи fizika_7.exe –ро дорад ва танҳо аз ҳамин як файли барномавӣ иборат аст. Аз ягон сарчашмаҳои дигари иттилоот, пойгоҳи додаҳо, ҷадвалҳои электронӣ, модулҳо ва файлҳои китобхонагӣ вобаста нест. Барномаи компютерии fizika_7.exe –ро ба кор омода менамоем. Мебинем, ки муҳити кории он, ки дорои як шакли муколамагӣ аст, кушода мешавад. Дар шакли муколамагӣ як варианти кори контролӣ инъикос меёбад (Расми 1).




***Расми 1. Як варианти кори санҷишӣ аз физикаи синфи 7***

Хонанда, ё умуман донишомӯз, ки варианти кори контролиро дар экрани компютер дид, шарти масъаларо дар дафтараш навишта, ба ҳалли масъала шурӯъ менамояд. Ё бо хоҳиши худ тугмаи амрии бо номи матнии “**Супориш**” бударо пахш мекунад ва дар экран варианти дигари кори контролӣ инъикос меёбад. Хонанда мустақилона дилхоҳ аз 3 супориши дар кори контролӣ пешниҳодшударо иҷро карда, ҷавобашро барои санҷидан ба майдони ҷузъи идоракунии матнӣ, ки дар тарафи рости калимаи “Ҷавоб” истодааст, дастӣ бо истифода аз клавиатура дохил менамояд. Ин ҷо хонанда бояд ҷавобро бо он воҳиди ченак, ки дар назди калимаи “Ҷавоб” дарҷ гардидааст, ёбад ва дохил кунад. Пас аз дохил кардани ҷавоб ба майдони матнӣ, тугмаи амрии бо номи матнии “**Санҷиш**” бударо пахш кардан зарур аст. Дар натиҷа кадом ҷавобе, ки дохил карда шудааст, санҷида мешавад. Агар ҷавоб(ҳо)и дохилгардида дуруст боша(н)д, пас ранги рангрезишавандаи майдони он ҷузъи идоракунии матн сабз мегардад. Ба хонанда баҳо гузошта шуда, он баҳо дар поёни шакли муколамагии варианти кори контролӣ инъикос мегардад. Дар ҳолати нодуруст будани ҷавоб(ҳо)и дохилгардида, ранги рангрезии майдони он ҷузъи идоракунии матн сурх мегардад. Ин ҷо ба хонанда ягон маҳдудият дар давоми вақти гузаронидани кори контролӣ, ки 45 дақиқа аст, гузошта намешавад. Яъне хонанда имкон дорад, ки корро бо варианти ҷорӣ давом диҳад. Агар ягон супоришро хато иҷро карда бошад, аз нав дуруст иҷро карда, ба майдони матнӣ дохил намуда, санҷад. Пас аз пахши тугмаи амрии “Санҷиш”, ин тугмаи амрӣ ва тугмаи амрии “Супориш” пинҳон шуда, тугмаи амрӣ бо номи матнии “**Давомдиҳӣ**” пайдо мешавад (Расми 2). Маҳз бо пахши ҳамин тугмаи амрӣ хонанда корро бо варианти ҷории кори контролӣ давом медиҳад. Дар

***Расми 2***Дар расми 2 намунаи як варианти кори контролӣ бо иҷрои супориши якумаш оварда шудааст. Ҷавоби супориши якум дохил карда шудааст. Дар он тугмаи амрии “Санҷиш” пахш шудааст. Дар натиҷа ҷавоби дохилкарда дуруст будаст, зеро ранги рангрезии майдон сабз шудааст ва ба хонанда баҳо гузошта шудааст (ҳоло баҳои 3).




***Расми 2. Иҷрои як супориш ва пахши тугмаи амрии “Санҷиш”.***

Ҷалби омӯзгорони фаннӣ ба ҷустуҷӯйи шаклҳо ва методҳои наву фаъоли гузаронидани корҳои санҷишӣ аз фанни физика, ҷалби онҳо ба корҳои илмию педагогӣ ва таълимию методӣ ҷузъи дигари ҳатмии раванди таълим ба шумор меравад. Рушди малака ва маҳорати касбии омӯзгори фаннӣ аз он вақт оғоз мегардад, ки агар дар ӯ маҳорату малакаи истифода бурда тавонистани методҳои фаъоли таълим ва муносибати эҷодӣ ба таълими фанни физика ташаккул ёбанд.

Фанни физика бо фанҳои математика ва информатика робитаи зич дорад. Дар асри XXI илми информатика бо суръат рушд ёфта истодааст. Дар ин раванд компютерҳои насли нав ва техникаҳои муосири компютерӣ истеҳсол шуда, забонҳои нави барномасозӣ сохта шудаанд. Дар баробари ин ҳама имрӯзҳо технологияҳои рақамӣ низ рушд ёфта, дар ҳама соҳаҳои ҳаёт, рушди иқтисод, бахши бонкӣ, соҳаи хизматрасонӣ ва хусусан илму маориф фаъолона ҷорӣ карда шуда истодааст. Бинобар ин зарурати мутобиқ кардани системаи илму маориф ба технологияи рақамӣ аз ҳисоби барномасозии компютерӣ ва истифодаи самараноки

технология ва таълими инноватсионӣ, моделҳои дидактикӣ дар асоси технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба миён омадааст. Зимнан, дар раванди таълим зарур аст, ки дастовардҳо дар ин соҳа фаъолона татбиқ гарданд, омӯзгорони фаннӣ муносибати босалоҳият ва касбӣ дошта бошанд. Ба ин васила инкишоф ва мустаҳкамкунии дониши хонандагон дар МТМУ зарур аст. Устуворгардонии маҳорату малака ва ташаккули онҳо, қобилияти эҷодӣ ва тафаккури созандаи хонандагон, ки дар асоси он мустақилияти хонандагон зимни иҷрои супоришҳои физикӣ ба миён меоянд, вазифаи ҳар як омӯзгори фаннист. Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар асри информатика ба ҳалли ҳама масъалаҳо ва мушкилоти дар низоми таҳсилот ба амал меомада мусоидат мекунанд. Қайд кардан зарур аст, ки дар ин замон дар МТОК лексияҳо, дарсҳои амалӣ ва семинарҳо бояд бештар бо технологияи рақамӣ гузаронида шаванд, то ба воридшавӣ ба ин технология суръат бахшида шавад. Қобили қайд аст, ки барои татбиқи ин технология омӯзгорон нақши калидиро мебозанд, дар интерактивкунонии раванди таълим саҳмгузор бошанд, то ба талаботи донишҷӯёну хонандагон ҳамчун объекти таълим ҷавобгӯ бошанд.

Барномаи компютерие, ки дар кори мазкур нишон дода шуд.

Расми 2 маҳз бо табиқи илми барномасозӣ ва методи Пулот сохта шудааст. Методологияи сохтани чунин барномаи компютериро коркард менамоем. Пеш аз ҳама шартҳои супориши дар кори контролӣ ҷойдодашавандаро дуруст ва дар доираи салоҳиятҳои мазӯию фаннии физика интихоб намудан зарур аст. Масъалаи якуми аз курси физикаи синфи 7-ум будаи кори контролии мазкурро мавриди тадқиқ ва омӯзиш қарор медиҳем. Шарти онро дар ҳолати умумӣ менависем:

*Зичии хишти хокиеро ҳисоб кунед, ки массааш **mmm** гр буда, андозаҳояш **aaa** см, **bbb** см ва **ccc** аст.*

Ҳангоми эҷоди шарти масъалаи мазкур ва ба хонандагон пешниҳод намудан барои ҳал, бояд қиматҳои ададии ***mmm***, ***aaa***, ***bbb*** ва ***ccc*** маълум бошанд. Инчунин бо мақсади таъмини объективияти санҷиши дониш ва арзёбии объективонаи салоҳиятҳои хонандагон, бояд ба ҳар як хонанда дар шакли фардӣ ин ададҳоро пешниҳод кард. Аммо иҷрои ин кор ба омӯзгорони фаннӣ бо истифода аз методҳои анъанавии гузаронидани корҳои санҷишӣ хеле заҳматталаб буда, ба фаъолияти онҳо мушкилиҳои зиёдро эҷод мекунад. Масалан, агар ба ҳар як хонанда тавассути мадрадкҳои дидактикӣ шарти масъаларо пешниҳод кунем. Омӯзгор чӣ қадар заҳмат кашида, ба ҳар як хонандаи синф мадрак тайёр мекунад. Мушкилии дигар дар ин технология ва дигар методҳои анъанавӣ мавҷуд буда тариқи дастӣ санҷидани масъалаи ҳалшуда ва ҷавобҳои он аст. Ин технология ва методҳои анъанавӣ дар асри технологияи информатсионӣ ба талабот ҷавобгӯй нестанд. Бо мақсади раҳоӣ ёфтан аз ин мушкилиҳо ва сабук гардонидани меҳнати омӯзгорони фаннӣ ба мо барномасозии компютерӣ ёрӣ мерасонад. Бо истифода аз ягон забони барномасозӣ мо бояд барномаи компютериеро созем, ки он шарти масъаларо бо қиматҳои ададии ***mmm***, ***aaa***, ***bbb*** ва ***ccc*** дар экран инъикос намояд. Дар ин маврид параметрҳои масъала ***mmm***, ***aaa***, ***bbb*** ва ***ccc*** параметрҳои воридшавандаи супориши кори контролӣ ё мустақилона ҳисобида мешаванд.

Тавре аз курси физика медонем, масъалаи мазкур бо истифода аз формулаҳои зерин ҳал карда мешавад:

$$V = a \cdot b \cdot c;$$
$$\rho = \frac{m}{V}.$$

Дар ин формулаҳо мувофиқан $a = aaa, b = bbb, c = ccc$ ва $m = mmm$ мебошанд. Адади $m$ бояд ба адади $V$ тақсим шавад (ё адади натуралӣ барояд, ё касри даҳии қисми касриаш охирнок), то хонандагон ҳангоми иҷрои масъала ба мушкилиҳо дучор нагарданд ва ҷавоби масъаларо дуруст ёбанд. Бо ин мақсад ҳангоми татбиқи методи Пулот барои барномасозӣ дар навбати аввал қиматҳои ададии параметрҳои воридшавандаи $aaa, bbb$ ва $ccc$ –ро меёбем. Барои генератсия ва муайян намудани қиматҳои ададии онҳо ҳангоми сохтани барномаи компютерӣ, ба матни барнома сатрҳои зеринро дохил менамоем:

```
long int mss=GetTickCount();
Word rd, rz,mh,sol,st,dq,sn,mls; double a,v;
DecodeDate(Date(),rz,mh,sol); DecodeTime(Time(),st,dq,sn,mls);
rd = rand()%109+1705;
```

***a = rd * abs(cos(float(dq+st+mls-rz)) + cos(float(sol-sn+rz+mls)) - cos(float(mss+mh)) - sin(float(mls)) + cos(float(mh+sn-mss))) + rd;***

***while (a>31.67) a=a/2.34; a=int(a*10); a/=10; Label5 -> Caption = a; v=a;***

Дар ин ҷо забони барномасозии C++ Builder (аз бастаи барномаҳои RAD Studio) истифода шудааст.

Ҳангоми иҷрои ин қисми матни барнома қимати тағйирёбандаи $a$ генератсия ва муайян карда мешавад, ки он дар аввал адади ҳақиқӣ аст. Онро ба адади мусбат табдил медиҳем. Баъдан он ададро чунон табдил медиҳем, ки масалан аз адади 31,67 калон нашавад ва ба хонандагон зимни иҷрои супориш мушкилиҳо пеш наорад. Дар охир адади ҳақиқии мусбатеро ҳосил мекунем, ки қисми касриаш на зиёда аз як рақам шуда метавонад. Онро ҳамчун қимати параметри воридшавандаи $aaa$ ҳисобида, бо истифода аз ҷузъи идоракунии нишона дар экрани компютер инъикос менамоем (дар матнти барнома *Label5 -> Caption = a;*). Ҳар боре ки барномаро аз нав ба кор омода кунем, ё тугмаи амрии мувофиқро пахш кунем, қимати ин параметр дигар шудан мегирад.

Айнан ҳаминтавр қимати ададии параметрҳои воридшавандаи $bbb$ ва $ccc$ –ро генератсия ва муайян менамоем. Баъдан ба салоҳиятҳои мавзуӣ ва фаннӣ мутобиқ карда, дар шакли муколамагӣ инъикос менамоем. Матни барномаҳои ин қисми корро меорем:

***rd = rand()%87+1609;***

***a = rd * abs(sin(float(dq+st+mls-rz)) + sin(float(sol-sn+rz+mls)) - sin(float(mss+mh)) - cos(float(mls)) + sin(float(mh+sn-mss))) + rd;***

***while (a>19.54) a=a/2.61; a=int(a*10); a/=10;***

***Label6 -> Caption = a; v*=a;***

***rd = rand()%59+889;***

***a = rd * abs(cos(float(dq+st-mls-rz)) + sin(float(sol-sn-rz+mls)) - cos(float(mss-mh)) - sin(float(mls)) + sin(float(mh-sn+mss))) + rd;***

***while (a>15.87) a=a/2.88; a=int(a*10); a/=10;***

***Label7 -> Caption = a; v*=a; Label25 -> Caption = v;***

Матни барномаҳои овардашударо таҳлил намуда, маълум менамоем, ки дар онҳо параметри $V$ низ пешакӣ муайян карда мешавад. Он ба ҳосили зарби се параметри воридшавандаи маълумкардаамон баробар аст: $V = a \cdot b \cdot c$. Акнун бо истифода аз методи Пулот боз як ададеро генератсия ва муайян намуда, ба параметри $V$ зарб мезанем.

***rd = rand()%800+986;***

***a = rd * abs(sin(float(dq-st-mls+rz-rd)) + sin(float(sol+sn+rz-mls)) - cos(float(mss+mh-rd)) - sin(float(mls-rd)) - cos(float(mh-sn+mss))) + rd;***

***while (a>3.3) a=a/2.13; a=int(a*10); a=a/10*v; Label3 -> Caption = a;***

Адади матлубро ҳамчун қимати ададии параметри воридшавандаи массаи ҷисм ***mmm*** қабул мекунем. Дар шакли муколамагӣ инъикос менамоем. Ин метод тасдиқ менамояд, ки ҳангоми иҷрои амали тақсим хонандагон ба ягон душворӣ дучор намегарданд.

Методологияи дар шакли муколамагӣ ҷойгир намудани шарти супориши якум ва дар экран инъикос намудани онро коркард менамоем. Ба шакли муколамагӣ як ҷузъи идоракунии қайдҳои **TLabel** –ро ҷойгир мекунем. Он дорои хосияти ***Caption*** мебошад. Қимати ин хосияташро “1. Зичии хишти хокиеро ҳисоб кунед, ки массааш” мегузорем. Ин қимат дар шакли муколамагӣ дар марҳилаи коркарди лоиҳаи таъминоти барномавӣ инъикос мегардад. Пас аз қимати ин ҷузъ боз як ҷузъи дигари идоракунии қайдҳоро мегузорем, ки бояд қимати ададии массаро инъикос кунад. Аз матни барномаҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки номи системавии ин ҷузъи идоракунии қайдҳо ***Label3*** мебошад. Ҷузъи дигари идоракунии қайдҳоро дар ҳамин сатр илова карда, қимати хосияти *Caption* –ашро “гр буда, андо-“ мегузорем. Дар сатри ояндаи шакли муколамагӣ пай дар пай боз якчанд ҷузъҳои идоракунии қайдҳо гузошта, қимати хосияти *Caption* –ашонро тибқи шарти супориш дуруст мегузорем. Он ҷое ки бояд адади генератсия ва маълумшуда инъикос гардад, қимати хосияти *Caption* –ашонро дар аввал дилхоҳ 5-6 рамз (вобаста аз дарозии адад) гузоштан мумкин аст. Навишти “**Ҷавоб бо кг/м**” низ ҳаминтавр инъикос мегардад. Дар охираш боз ҷузъи идоракунии қайдҳоро гузошта, қимати хосияти *Caption* –ашро “3” мегузорем. Дар фарқият аз дигар ҷузъи идоракунии қайдҳои пеш аз он истифода шуда, андозаи ҳарфро дар ҷузъи охирон хурдтар гузошта, каме болотар дар шакли муколамагӣ ҷойгир мекунем. Дар охири ин сатр як ҷузъи

идоракунии матнии **TEdit** –ро илова мекунем, ки барои тариқи дастӣ дохил намудани ҷавоби супориши якум зарур аст. Ранги рангрезии он мустақиман сафед аст. Тарзи дуруст ва бо шакли эстетикӣ ҷойгир намудани ҷузъҳои идоракунӣ дар шакли муколамагиро дизайни барномавӣ меноманд ва аз маҳорату малакаи касбии барномасоз вобастагӣ доранд.

Салоҳиятҳои мавзуӣ дар масъалаи супориши якум буда мафҳумҳои зичӣ, масса ва ҳаҷми ҷисм аст. Салоҳият ин маҷмуи амалҳост, ки хонанда онҳоро медонад ва иҷро карда метавонад. Салоҳиятҳои хонандагон доир ба ҳалли масъалаи мазкур инҳоянд:

- Хонанда ҷузъҳои масъаларо медонад ва масъаларо ба ҷузъҳо ҷудо карда метавонад, яъне шарт ва талаботи масъала;
- Формулаи ҳаҷми ҷисмро медонад ва навишта метавонад, онро тавсиф карда метавонад, қиматашро ҳисоб карда, ёфта метавонад;
- Формулаи зичии ҷисмро медонад ва навишта метавонад, онро тавсиф карда метавонад, қиматашро ҳисоб карда, ёфта метавонад;
- Аз рӯйи формула воҳиди бузургии матлубро ҳосил карда метавонад;
- Натиҷаи ҳалли масъаларо таҳлил карда метавонад.

Бо истифода аз методологияи коркардшуда шарти масъалаҳои дигари супоришҳои кори контролиро бо истифода аз методи Пулот барномасозӣ менамоем. Ба лоиҳаи таъминоти барномавӣ як тугмаи амриро илова намуда, номи матниашро “Супориш” (

***Расми***) мегузорем. Ба протседураи ин тугмаи амрӣ ворид шуда, матни пурраи барномаро барои генератсия ва муайян намудани параметрҳои воридшавандаи супоришҳо ва дар шакли муколамагӣ инъикос намудани онҳоро дохил менамоем. Ин қисми лоиҳаи таъминоти барномавиро компилятсия намуда, ба иҷроиш сар медиҳем. Мебинем, ки дар экран шакли муколамагии барномаи компютерӣ кушода мешавад. Дар он шарти ҳар се супоришҳои як варианти кори контролӣ инъикос мегарданд. Тугмаи амрии “Супориш” низ инъикос мегардад.

Бо мақсади санҷиши ҷавобҳои дохикардаи хонанда ва маълум намудани дурустии он, ба лоиҳаи таъминоти барномавӣ дигар тугмаи амриро илова намуда, номи матниашро “Санҷиш” (

***Расми***) мегузорем. Ин марҳилаи дуюми коркарди лоиҳаи таъминоти барномавӣ аст. Ба протседураи он матни пурраи барномаро барои санҷиши ҷавобҳои дохикардаи хонанда ва дар шакли муколамагӣ инъикос намудани дурустӣ ва эълони баҳои хонандаро дохил менамоем. Ин ҷо қисми матни барнома барои санҷиши ҷавоби супориши сеюмро меорем:

```
// Санҷиши ҷавоби супориши сеюм
ed = Edit3 -> Text;
if (!ed.IsEmpty()) {
try { v = StrToFloat(ed); } catch (EConvertError&)
{ int pzt = ed.Pos("."); int pzz = ed.Pos(","); if (pzt>0) ed[pzt]=','; else ed[pzz]='.'; Edit3 -> Text = ed;}
 v = StrToFloat(Label30 -> Caption)/(StrToFloat(Label28 -> Caption)*60);
 ed = FloatToStr(StrToFloat(ed));
 if (ed == FloatToStr(v)) {Edit3 ->Color = clLime; s+=3;} else Edit3 -> Color = clRed; }
```

Тавре дар қисмати методологияи истифодабарии барномаи компютерии мазкур қайд намудем, дар ин барнома тугмаи амрӣ бо номи матнии “Давомдиҳӣ” истифода карда мешавад. Бинобар ин ба лоиҳаи таъминоти барномавӣ боз тугмаи амриро бо ин номи матнӣ илова менамоем. Матни барномаи дар протседураи он бударо меорем:

```
void __fastcall TForm1::BitBtn3Click(TObject *Sender)
{BitBtn1 ->Visible = true; BitBtn2 ->Visible = true; BitBtn3 ->Visible = false;
Edit1 ->Color = clWhite; Edit2 ->Color = clWhite; Edit3 ->Color = clWhite;
Edit1 ->ReadOnly = false; Edit2 ->ReadOnly = false; Edit3 ->ReadOnly = false;
Label35 ->Visible = false; Label36 ->Visible = false};
```

Коркарди лоиҳаи таъминоти барномавӣ ва методологияи сохтани он ба охир расид. Лоиҳаро компилятсия намуда, ба иҷроиш сар медиҳем. Мебинем, ки дар экран шакли муколамагии барномаи компютерӣ бо инъикоси ҳама шарти супоришҳо ва ду тугмаи амрӣ инъикос мегарданд. Дар натиҷаи компилятсияи лоиҳа коди барнома сохта мешавад, ки танҳо аз файли барномавӣ иборат аст. Тавре дар боло қайд кардем, номи ин кодро аз аввал

fizika_7.exe гузоштаем. Маҳз ҳамин коди барнома fizika_7.exe барои истифодабарӣ ҷорӣ ва паҳн карда мешавад. Онро бо усули анъанавӣ (нусхабардорӣ ва гузоштан) дар дилхоҳ компютер сабт намуда, ба иҷро сар додан мумкин аст. Аз дилхоҳ барандаи иттилоот, ки дар он барнома сабт шудааст, сар додан мумкин аст. Дигар роҳу усулҳои истифодабарии барномаи компютерии мазкур монанд ба барномаи компютерии дар кори мебошанд.

Татбиқи чунин барномаҳои компютерӣ дар раванди гузаронидани корҳои санҷишӣ аз фанни физика вазифаҳои психологию педагогии санҷишро низ амалӣ менамоянд. Вазифаҳои психологию педагогии санҷиши дониши хонандагон аз физика ва арзёбии салоҳиятҳо аз як тараф ба муайян намудани дараҷа ва сатҳи комёбиҳои ба дастоварда ва донишҳои азхудкардаи хонандагон ба ҳисоб меравад. Зеро барномаҳои компютерии бо методи Пулот сохта шуда ба фардигардонии раванди гузаронидани корҳои санҷишӣ равона гардидааст. Донишҳои физикии ҳар як хонанда ба таври инфиродӣ муайян мегардад ва ба омӯзгори фанни физика ягон мушкилиро пеш намеорад. Баръакс, меҳнати омӯзгорро сабук мегардонад. Паҳлӯи дигари ин вазифаҳои психологию педагогӣ ба назорат ва ошкор намудани камбудию норасоиҳо дар фаъолият ва донишомӯзии хонандагон ҳисобида мешавад. Дар натиҷаи муқаррар намудани камбудию норасоиҳо омӯзгори фанниро зарур аст, ки моҳият ва сабабҳои онҳоро ошкор намуда, баҳри бартараф намудани ин камбудиҳо чорраандешӣ намояд. Омӯзгори фаннӣ метавонад бо хонандагони сустхон, ки ба камбудию норасоиҳо роҳ додаанд, машғулиятҳои иловагӣ ташкил намуда, ҳалли супоришҳои дар барномаи компютерӣ ҷой додашударо бори дигар фаҳмонад, ё хонандагони пешқадам дар ин машғулиятҳо вазифаи омӯзгорро иҷро кунанд. Баъдан боз бо он хонандагони сустхон бо истифода аз ҳамин барномаи компютерӣ такроран кори санҷиширо гузаронанд, зеро миқдори вариантҳо дар он барнома охир надорад. Боз муҳимаш он аст, ки омӯзгори фаннӣ ҳам дар бораи азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳо аз ҷониби хонандагон ва ҳам дар бораи чӣ гуна ба даст омадани онҳо маълумот дошта бошад. Илмҳои методикаи таълим, психология ва педагогика соҳаҳои илмҳоеро дар бар мегиранд, ки қонунҳо, принсипҳои ташкил ва механизмҳои фаъолияти тарбиявӣ ва донишомӯзиро дар марҳилаҳои гуногуни таҳсили хонандагонро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор мекунанд. Тайёрии психологию педагогӣ шарти ҳатмии хама гуна фаъолияти ҷамъиятӣ мебошад.

Мақсади гузаронидани кори контролии мазкур ба муайян намудани сатҳи донишҳои аз худ кардаи хонандагони синфи 7-ум аз физика оид ба мавзуъҳои омӯхташудаи зичӣ, ҳаҷм, масса, суръати ҳаракат ва амсоли инҳо равона гардидааст. Вобастагии байниҳамдигарии воҳидҳои ченак ва ҳосил намудани ҷавоби дуруст вобаста ба воҳиди ченаки дар супориш талаб кардашуда арзёбӣ карда мешаванд. Дар фарқият аз шаклу методҳои анъанавии гузаронидани корҳои санҷишӣ, дар кори мазкур раванди инфиродии гузаронидани корҳои санҷишӣ бо истифода аз барномаи компютерӣ коркард шудааст. Раванди инфиродӣ шакли вариантнокиро дорад, зеро дар ин барномаи компютерӣ миқдори вариантҳо барои кори контролӣ беохир аст. Баҳогузорӣ ба натиҷаи кори хонанда дар барномаи компютерии мазкур бо низоми анъанавии панҷбала амалӣ карда мешавад. Баҳогузорӣ тариқи худкор аз тарафи барномаи компютерӣ гузошта мешавад. Ҳангоми баҳогузорӣ меъёрҳои муайяне роҳнамоӣ карда мешаванд, аз ҷумла сатҳи азхудкардаи донишҳои назариявӣ, формулаҳо барои ҳисоб, амиқӣ ва огоҳии дониш, қобилияти таҳлил ва ҷамъбасти маводи омӯхташуда. Истифодаи донишҳои гирифтаро дар фаъолияти маърифатӣ ва амалӣ дар бар мегиранд. Яке аз шартҳою талаботи асосии баҳогузорӣ баҳогузории объективона ба дониши ҳар як хонанда зимни гузаронидани корҳои контролӣ мебошад. Ин шарт дар барномаи компютерии мазкур, ки бо татбиқи методи Пулот сохта шудааст, ҳамавақт риоя карда мешавад. Талаби асосии баҳодиҳӣ объективӣ будани он мебошад. Қариб ки ягон омил таъсир намерасонад, аз ҷумла муносибати омӯзгори фаннӣ нисбат ба хонандагон, нописандии омӯзгор нисбат ба хонандагони алоҳида, ақидаҳои пештар дар бораи ин ё он хонанда, рафтор дар дарсҳои гузашта. Ин сабабҳое мебошанд, ки ба дониш, малака ва маҳорат вобаста нестанд ва набояд ба баҳогузорӣ таъсир расонанд. Инчунин баҳодиҳии донишро ҳамчун воситаи ҷазо додани донишомӯз барои рафтораш дар дарсҳои гузашта, вайрон кардани интизом, беадабият истифода бурдан мумкин нест. Ин омилҳоро низ методологияи коркардшуда ва барномаи компютерии сохташуда пешгирӣ менамояд.

***Адабиёт***

1. *Назаров, А.П. Асосҳои методии барномасозӣ ва арзёбии салоҳияти хонандагон аз математика ва информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ // Монография / А.П. Назаров. - Душанбе – 2020. - 226 с.*
2. *Назаров А.П. Компьютерная программа для проверки письменных контрольных работ по математике / А.П. Назаров. // Научно-практический журнал “Школьные технологии”. - 2020. №1. С. 92-97*
3. *Назаров, А.П. ва Моҳруи Абдулаҳад. Технологияи санҷиши объективии дониши хонандагон аз фанни физика бо истифода аз компютер // Паёми филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. / А.П. Назаров. - Душанбе, 2017. №2 (1). С. 117-124.*
4. *Назаров, А.П. Компьютерная поддержка проведения проверочных работ по теме «Простые числа» // Научно-практический журнал “Информатика в школе”. - 2020. №9 (162) ноябрь. С. 59 – 62.*
5. *Назаров, А.П. Барномасозӣ ва дизайни барномавӣ дар забони PascalAbc. Net (Китоби дарсӣ барои МТО ва МК) / А.П. Назаров. - Душанбе, ҶДММ Меҳроҷ-Граф, 2021. - 756 с.*
6. *Андрюшечкин С. М. Многовариантные контрольные работы / Ред.-сост. А.В. Чеботарева // (Библиотека журнала «Физика в школе». Вып. 11). / С. М. Андрюшечкин А. С. Слухаевский.–М.: Школа-Пресс, 1998.–96 с.*
7. *Кабардин, О.Ф., Кабардин С. И., Орлов В.А. Задания для контроля знаний учащихся по физике в средней школе/ Дидакт. материал. Пособие для учителей / О.Ф. Кабардин, С. И. Кабардин, В.А. Орлов – М.: Просвещение, 1983. – 142 с.*
8. *Контроль знаний учащихся по физике. / Под ред. В.Г. Разумовского, Р.Ф. Кривошаповой. – М.: Просвещение, 1982. – 154 с.*
9. *Разумовский, В.Г. Проверка и оценка успеваемости учащихся по физике: 7–11 кл. / Кн. для учителя / Под ред. В.Г. Разумовского / В.Г. Разумовский, Ю.И. Дик, И.И. Нурминский – М.: Просвещение, 1996. - 202 с.*
10. *Умаров, У. С. Истифодаи методҳои интерактивӣ ҳангоми арзёбии босалоҳиятии хонандагон аз физика / Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психология. / У. С. Умаров, У.Х. Раҷабов, Г.А. Бобониёзова. - Душанбе, 2023. №1 (15). С. 98-102.*

## МЕТОДОЛОГИЯИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНИДАНИ КОРҲОИ САНҶИШӢ АЗ ФАННИ ФИЗИКА ДАР СИНФИ 7-УМ БО ТАТБИҚИ МЕТОДИ ПУЛОТ

Технологияи информатсионӣ ва барномасозӣ дар раванди гузаронидани корҳои санҷишӣ (корҳои мустақилона, корҳои контролӣ) аз фанни физика мавқеи калидиро мебозанд. Истифодабарии барномаҳои компютерӣ имкон медиҳанд, ки раванди гузаронидани корҳои санҷишӣ фардӣ гардида, объективияти санҷиши дониш ва арзёбии объективонаи салоҳиятҳо таъмин гардида, меҳнат ва фаъолияти омӯзгорони фанни физика сабук гардонида мешаванд. Дар ин асос дар мақолаи мазкур технологияи сохтани барномаи компютерӣ бо истифода аз методи Пулот барои гузаронидани кори контролӣ аз фанни физика дар синфи 7-ум омӯхта меашвад. Методи Пулот ва барномаи компютерии дар заминаи он сохташуда ба такмил додани усулҳои ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилона ва контролӣ аз фанни физика мусоидат намуда, таълими донишҷӯени МТОК-ро тавассути ин барномаҳои компютерӣ таъмин менамояд.

**Калидвожаҳо**: физика, кори санҷишӣ, салоҳият, ҳаҷм, масса, зичӣ, методология, барномаи компютерӣ, санҷиши дониш, баҳогузорӣ, объективият, методи Пулот.

## МЕТОДОЛОГИЯ ОРГАНИЗАЦИИ И ПРОВЕДЕНИЯ ПРОВЕРОЧНЫХ РАБОТ ПО ПРЕДМЕТУ ФИЗИКИ В 7-М КЛАССЕ С ПРИМЕНЕНИЕМ МЕТОДА ПУЛАТА

Информационные технологии и программирование играют ключевую роль в процессе проведения проверочной работы (самостоятельной работы, контрольной работы) по физике. Использование компьютерных программ позволяет идивидуализировать процесс проведения проверочных, обеспечить объективность проверки знаний и объективной оценки компетенций, облегчить труд и деятельность учителей физики. Исходя из этого, в данной статье исследуется технология создания компьютерной программы по методу Пулат для проведения контрольной работы по предмету физики в 7 классе. Метод Пулат и созданная на его основе компьютерная программа способствуют совершенствованию методов организации и проведения самостоятельных и контролируемых работ по физике, обеспечивают обучение учащихся средниш общеобразовательных школ с помощью этих компьютерных программ.

**Ключевые слова**: физика, проверочная работа, компетенция, объём, масса, плотность, методология, компьютерная программа, проверка знаний, оценка, объективность, метод Пулат.

## METHODOLOGY OF ORGANIZING AND CONDUCTING VERIFICATION WORK ON THE SUBJECT OF PHYSICS IN THE 7TH GRADE USING THE PULAT METHOD

Information technologies and programming play a key role in the process of conducting verification work (independent work, control work) in physics. The use of computer programs allows you to individualize the process of conducting tests, to ensure the objectivity of knowledge verification and objective assessment of competencies, to facilitate the work and activities of physics teachers. Based on this, this article examines the technology of creating a computer program using the Pulat method for conducting a control work on the subject of physics in the 7th grade. The Pulat method and the computer program created on its basis contribute to the improvement of methods of organizing and conducting independent and supervised work in physics, provide training for students of secondary schools with the help of these computer programs.

**Keywords**: physics, test work, competence, volume, mass, density, methodology, computer program, knowledge testing, assessment, objectivity, method Pulat.

**Дар бораи муаллифон**

Назаров Аҳтам Пулотович
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва комуникатсионӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 908 08 23 84
E-mail: ahtam_69@mail.ru

Моҳруи Абдулаҳад
Омӯзгори кафедраи математика-физика
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ, 108
Тел.: (+992) 884 44 84 66
E-mail: komilova-19@mail.ru

**Об авторах**

Назаров Ахтам Пулатович
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры информационно-коммуникационных технологий
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121
Тел.: (+992) 908 08 23 84
E-mail: ahtam_69@mail.ru

Мохруи Абдулахад
Преподаватель кафедры математики-физики
Таджикский педагогический институт в городе Пенджикент
Республика Таджикистан, г. Пенджикент, проспект Рудаки, 108
Тел.: (+992) 884 4484 66
E-mail: komilova-19@mail.ru

**About the authors**

Nazarov Ahtam Pulotovich
Candidate of pedagogical sciences, associate professor of the Department of Information and Communication Technologies
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121
Phone: (+992) 908 08 23 84
E-mail: ahtam_69@mail.ru

Mohrui Abdulahad
Lecturer at the Department of Mathematics-Physics
Tajik Pedagogical Institute in the city of Penjikent
Republic of Tajikistan, Penjakent, Rudaki Avenue, 108
Phone: (+992) 884448466
E-mail: komilova-19@mail.ru

УДК 811.161.1'373.2:37.015.3(470+571)

# ИЗУЧЕНИЕ ТЕКСТОВ ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ НА УРОКАХ РУССКОГО ЯЗЫКА В УСЛОВИЯХ ИНТЕГРИРОВАННОГО МЕТОДА ОБУЧЕНИЯ В НАЦИОНАЛЬНЫХ ШКОЛАХ

***Тошова Б. Р.***
*Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни*

Начиная с 2003 года в школах Таджикистана предмет «Русская литература» не изучается как отдельная дисциплина, а существует в контексте с русской грамматикой в составе предмета «Русский язык», как дополняющий дидактический материал для развития устной речи. В связи с этим «…произошли изменения в постановке целей, задач и принципов обучения русскому языку на современном этапе» [1, с. 36].

В 2008 году была составлена новая программа под редакцией Гусейновой Т.В, отражающая новые тенденции в практике преподавания русского языка и литературы в Таджикистане (в интегрированной основе). В программе по новому направлению сформированы цели и задачи преподавания русского языка в интеграции с русской литературой. В объяснительной записке к Программе автором определены основное назначение русского языка и методические предпосылки изучения русского языка как межнационального и овладение русским языком как средством общения «предполагает повышение общей культуры учащихся, расширение их кругозора, увеличение знаний о стране изучаемого языка, её культуре, науке, литературе, искусстве и вообще о мире, совершенствование культуры общения, приёмов умственного труда, развитие познавательных-интересов и способностей к логическим выводам и умозаключениям» [5, с. 15].

Проблемой интеграции русского языка и литературы в отечественной и зарубежной методической науке посвящены работы таких учёных как Л.И. Поливанов, И.С. Срезневский, В.Я. Стоюнин, Ц.П. Балталон, В.П. Острогорский, В.П. Шереметевский, А.Д. Алферов, Ф.И. Буслаев, К.Д Ушинский, А.М Пешковский, Л.В Щерба, М.А Рыбникова, Н.И Кудряшев, М.М Абдувалиева, Г.И Рябов, М.В Черкезова, К.В Мальцева и другие."Между уроками русского языка и литературы существуют естественные связи, особенно органичные в плане изучения лексики темы, обладающей большими возможностями для установления межпредметных связей. Языковые связи в работе по лексике являются необходимыми, так как учащиеся должны, с одной стороны, уметь понять и язык художественной литературы, широко использующий разные лексические пласты, и язык науки, имеющий свою лексическую специфику; с другой стороны, в своей творческой работе ученики должны уметь пользоваться богатыми возможностями русского языка для отображения многообразия явлений действительности» [3, с. 52-54]. В статье «Как организовать интегрированный урок?» И. Коложвари и Л. Печникова характеризуют интеграцию таким образом: «... изучая возможности интегрированного урока, мы убедились, что за этой методикой большое будущее». Являясь молодым методическим направлением, интегрированный метод заключает в себя эффективные пути и способы работы в субъект-субъектной деятельности. Буслаев считал, что изучение языку лучшим образом может послужить язык писателя, ибо при анализе совершенствуется и развивается речь учащихся, что повышает и возможности в коммуникативной платформе. Ушинский К.Д. всегда выступал за интегрированный принцип обучения в школе. По мнению ученого, уроки грамматики и уроки литературы – единый, неразрывный процесс и в своих работах неоднократно предлагал использовать пословицы, поговорки и стихи. Он рассчитывал, что учащиеся, работая над подобными текстами, непроизвольно знакомятся с грамматическим строем языка.

Изучение русского языка и литературы с интегрированной основой охватывает в себя лингвистические и литературоведческие понятия, так как эти понятия вместе обеспечивают процесс освоения не только грамматической и художественной структуры языка, но и культурологической структуры русской речи, что является основным компонентом коммуникативного развития учащихся в современном поликультурном и полилингвальном образовательном пространстве. Такова перспектива развития интегрированного образования на сегодняшний день в Таджикистане, так как на уроках с интегрированным методом обучения рассматриваются двусторонние, а иногда трёхсторонние и более компоненты,

касающиеся одной интегрированной дисциплины, как в нашем случаи развитие коммуникативных способностей учащихся по русскому языку и литературе в национальных (таджикских) школах.

Педагогическая наука рассматривает интегрированный метод обучения языку, как всесторонне активный метод, так как это акцентируется на взаимосвязь и интеграцию русского языка и русской литературы. «Сущность процесса интеграции - качественные преобразования внутри каждого элемента, входящего в систему. Принцип интеграции предполагает взаимосвязь всех компонентов процесса обучения, всех элементов системы, связь между системами, он является ведущим при разработке целеполагания, определения содержания обучения, его форм и методов» Такой метод в обучении языку обеспечивает ориентацию учащихся на всесторонне развитую коммуникативную деятельность, а также развивает мышление и гибкость ума при любых обстоятельствах. Отечественные методисты рассматривают интегративный метод как один из важнейших аспектов языкового образования в современном полилингвальном и поликультурном пространстве: «Обучение на интегративной основе играет значительную роль в систематизации, углублении и упрочении знаний школьников, формирование у учащихся научного и синтезирующего миропонимания, способствует расширению кругозора учащихся, развитию у них устойчивых познавательных интересов…» [6, с. 23].

Инновационные процессы, которые существуют в системе педагогики и языкознания, ставят перед специалистами вузов наиболее острые задачи и направляют на поиски новых методических задач по подготовке высококвалифицированных, интеллектуально развитых педагогов, а именно в личностном отношении, углублении знаний по специальности, которые всесторонне – личностно и коммуникативно развиваются в результате поисков образовательных проблем.

Введение интеграции предметов в систему образования позволит решить задачи, поставленные в настоящее время перед школой, а именно, всестороннее развитие личности учащихся, формирование, закрепление и углубление знаний. Интегрированное обучение влияет на развитие творческого мышления учащихся, оно способствует систематизации, активизации учебно-познавательной деятельности. Интегрированный метод побуждает учителя к самообразованию, творчеству и взаимодействию с художественной литературой русского и таджикского народов, взаимодействие с культурологическими особенностями, в результате чего происходит диалог культур. Восприятие и изучение литературы русского народа даёт возможность лучше ощутить культуру и быт русского народа наряду с изучением лингводидактической стороны. Это способствует повышению педагогического мастерства и сплочению педагогического коллектива в решении единых задач обучения. Интеграция в национальных школах является своего рода всесторонней ориентацией интеллектуальных и мировоззренческих потенциалов учащихся. Интеграция не только средство достижения общих коммуникативных целей, а способ развития личности учащихся в поликультурной среде. В этих взаимодействиях формируются новые условия необходимых в дальнейшей работе по выполнению коммуникативных задач. Интеграция предметов предполагает выполнении трех условий:

- интегрируемые объекты исследования либо должны совпадать, либо быть достаточно близкими;
- в интегрированных дисциплинах используются одинаковые или близкие методы исследования;
- интегрируемые учебные дисциплины формируются на общих закономерностях, общих теоретических концепциях.

По некоторым убеждениям интеграция языка (грамматики) с литературой в национальных школах является более эффективной, так как изучение «скучной и сухой грамматики», по мнению учащихся, не делает уроки интересными и увлекательными, побуждающими искать, развивать литературные взгляды, раскрывать художественные таланты. Литературное и культурное развитие учащихся, прежде всего, диктуется программным обеспечением в методике преподавания литературы, как таковой со стороны методистов. В учебниках для средних общеобразовательных школ с таджикским языком обучения, особенно для 10-11 классов в большом объёме даётся биография автора с отрывками из произведений или кратким содержанием, что даёт общую характеристику творчеству автора.

Весьма точным примером может послужить учебник «Русского языка» для общеобразовательных учреждений с таджикским языком обучения для 11 класса. Авторами, которого являются М.Б. Нагзибекова и Л.В. Мягкая. В этом учебнике вполне практично построена система упражнений по формированию языковой, познавательной и литературоведческой компетенций. Изучая цикл сложных предложений, в контексте учащиеся обращаются к теме «Жизнь и творчество Токаревой Виктории Самойловны. Рассказ «Один кубик надежды»». Прочитав биографию писателя, старшеклассники приступают к изучению художественного текста «Один кубик надежды». Перед чтением рассказа учащимися даётся лексико-грамматическое задание для выполнения по содержанию художественного текста:

Задание 119. Прочитайте рассказ В.С. Токаревой «Один кубик надежды». Перескажите его своим родителям, друзьям, одноклассникам. Объясните его название. Найдите ССП (сложносочинённое предложение), СПП (сложноподчинённое предложение) и охарактеризуйте их.

К примеру: Больные приходили в процедурный кабинет поликлиники, чтобысделать уколы (ССП). Лора была тихая и доверчивая (ССП). Таня была замужем, но в глубине души считала, что это не окончательный вариант её счастья, и под большим секретом для окружающих и даже для себя самой, она ждала другого.(смешанный тип сложных предложений) и так далее [4, с. 94].

После чтения и выполнения лингвистических заданий, учащиеся отвечают на заданные вопросы, опираясь на полученную информацию: Задание 120. Согласитесь с утверждением или возразите. Отвечайте одним словом «да» или «нет».

*Лора верила всем и всему: людям, словам, лекарствам. Она была оптимисткой.*

*Её подруга Таня была пессимисткой.*

*Лора любила свою работу, а Таня считала её обузой.*

*Лора ехала в магазин в пустом автобусе.*

*Незнакомый пассажир рассердился на Лору.*

*Больше они никогда друг друга не видели» [4, с. 97].*

На уроках по изучению лирических произведений по теме: «Жизнь и творчество Сергея Александровича Есенина», представляется иллюстрированный материал по биографии автора, а также отрывки из лирических произведений Есенина. Проводится словарная работа и беседа об эпохе и деятельности Есенина в определённые этапы жизни, а также значимые моменты в жизни поэта. Краткие обобщающие вопросы по биографии:

- *жизненный путь С. Есенин?*
- *литературное направление.*
- *история создания произведений.*

*Затем читать выразительно стихотворение «Письмо женщине»:*

*...Любимая!*
*Меня вы не любили.*
*Не знали вы, что в сонмище людском*
*Я был как лошадь, загнанная в мыле,*
*Пришпоренная – смелым ездоком...*

Следующим этапом изучения творчества Есенина является анализ стихотворения и обзорный анализ других лирических произведений поэта как «Не жалею не зову не плачу…», «Письмо матери» и другие» [4, с. 116-117]. При чтении и словарной работе по содержанию стихотворений особое внимание уделяется интонации и произношению. Основной целью авторов учебника и педагога помимо грамматических навыков, является литературное развитие учащихся, владение биографическими данными автора и знаниями касающиеся творчества Сергея Есенина. Здесь грамматические конструкции могут озвучиваться в устной форме с целью повторения прошлого (грамматического) материала на примере текста произведений. Дискуссия в обзорной части урока поможет больше осмыслить творчество поэта, также является стержнем для развития интеллектуальных, лингвистических, литературоведческих и коммуникативных навыков в условиях отсутствия языковой среды в национальных школах.

В учебниках по русскому языку для 11 класса также даются и эпические произведения специфика чтения и изучения, которых по структуре различается от других литературных жанров. По теме «Жизнь и творчество М.А. Шолохова» предусматривается рассказ «Судьба человека» в сжатом виде, которая читается в рамках задания для изучения грамматического

материала в разделе «Сложные предложения», а в частности «Сложноподчинённые предложения с придаточными определительными»: Задание 113. Прочитайте отрывок из рассказа М. Шолохова «Судьба человека». Перескажите его. Что мальчик помнил из своего детства? Почему он поверил шофёру? Почему солдат решил усыновить мальчика? Почему рассказ называется «Судьба человека»? Найдите СПП с придаточными определительными [4, с. 87-89]. В результате учащиеся не только получают инструкции по внешкольному чтению текста рассказа «Судьба человека», но и повторяют грамматические задачи.

Наивысший интерес представляется проблемам чтения и восприятия иноязычного художественного текста, без фундаментальных языковых знаний, без богатого словарного запаса учащихся национальных школ. Если в советское время дети теснейшим образом общались в детских садах, школах, в парке, в институте и в другом социальном пространстве, то сейчас это стало невозможным, что затрудняет усвоение бытовой и разговорной лексики, которая во многом препятствует полному осмыслению и воспроизведению текстов художественной литературы в виде устного пересказа эпических произведений учащимися. От недопонимания мельчайших деталей изучаемого текста таджикский читатель может упустить частичное значение самого произведения, иронию, стилистическую окраску языка произведения, а также нередко, и весь замысел произведения.

Таким образом, мы считаем, что изучение языку в интегрированной форме стало методом обучения языка и литературы одновременно не только в Республике Таджикистан, также этот метод применяется в ряде других стран тоже, так как взаимосвязь не только литературы и языка, но и культуры носителей языка изучается во взаимодействии с литературными текстами. «…взаимосвязь русского языка и литературы в обучении - традиционна и естественна. Основы здесь очевидны: тексты - отрывки из произведений художественной литературы - часто составляют языковой материал для упражнений и диктантов…» [2, с. 21].

Взаимосвязь языка и содержание текста художественного произведения происходит наглядно, так как учащиеся, прочитав текст, моментально ориентируются на лингвистическую сторону текста. Такой приём формирует всестороннюю ориентацию учащихся к комплексной лингвокультурной компетентности, а также выполнению определённых заданий по содержанию более сложных художественных текстов. В результате чего повышается личностная ориентация, потребность к познанию, когнитивные сдвиги, повышение коммуникативных навыков.

***Литература***


1. *Абдувалиева, М.М. Совершенствование процесса обучения учащихся-таджиков русской литературе на основе межпредметных связей: (Учебно-методическое пособие для студентов-филологов и учителей школ) М.М. Абдувалиева - Душанбе: Маориф, 1990 - 200 с.*
2. *Маткин, В.В. Художественный текст как средство обучения русскому языку в национальной школе. Автореф. дисс. канд. пед. наук / В.В. Маткин. – 1998. - 165 с.*
3. *Маткин, В.В.. Межпредметные связи при обучении русскому языку и литературе (Текст) / В.В. Маткин. – РЯШ., 1976. №3. - 205 с.*
4. *Нагзибекова, М.Б., Русский язык (Учебник для 11-ых классов общеобразовательных учреждений с таджикским языком обучения) / М.Б. Нагзибекова, Л.В. Мягкая – Душанбе: Маориф, 2018. - 288 с.*
5. *Программа по русскому языку для общеобразовательных учреждений с таджикским языком обучения (2-11 классы) - Душанбе, 2008. - 124 с.*
6. *Товбаева, М.М. Научно-методические основы интегрированного обучения русскому языку в таджикской школе. – автореф. диссертации на соискание учёной степени кандидат педагогических наук / М.М. Товбаева. - Душанбе – 2010 – 170 с.*


## ИЗУЧЕНИЕ ТЕКСТОВ ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ НА УРОКАХ РУССКОГО ЯЗЫКА В УСЛОВИЯХ ИНТЕГРИРОВАННОГО МЕТОДА ОБУЧЕНИЯ В НАЦИОНАЛЬНЫХ ШКОЛАХ


В данной статье рассматривается проблема интегрированного обучения русскому языку и литературе в национальных школах Таджикистана. Автор отмечает, что с 2003 года русский язык не изучается как отдельная дисциплина, а существует в контексте с русской грамматикой в составе предмета "Русский язык". В связи с этим, в статье ставятся задачи по совершенствованию методики преподавания русского языка и литературы в интегрированной форме. Автор статьи анализирует различные подходы к интегрированному обучению русскому языку и литературе, а также приводит примеры из учебников для таджикских школ. В частности, он рассматривает задания, направленные на формирование языковой, познавательной и литературоведческой компетенций учащихся. Автор приходит к выводу, что интегрированное обучение русскому языку и литературе является эффективным методом, который позволяет повысить мотивацию учащихся к изучению языка,

развить их коммуникативные навыки, а также сформировать у них целостное представление о русской культуре.
**Ключевые слова:** интегрированное обучение, русский язык, литература, национальные, школы, Таджикистан, методика преподавания, языковая компетенция, познавательная компетенция, литературоведческая компетенции, коммуникативные навыки, русская, культура.

## ОМӮЗИШИ МАТНҲОИ АДАБИЁТИ БАДЕӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ РУСӢ ДАР ШАРОИТИ МЕТОДИ ҲАМИГИРОӢ ДАР МАКТАБҲОИ МИЛЛӢ

Дар ин мақола мавзуи таълими якҷояи забон ва адабиёти рус дар мактабҳои миллии Тоҷикистон таҳқиқ карда мешавад. Дар ин матлаб таъкид шудааст, ки аз соли 2003 инҷониб забони русӣ ҳамчун фанни алоҳида таълим дода намешавад, балки дар баробари грамматикаи русӣ дар шакли курси “Забони русӣ” пешниҳод мешавад. Ин масъаларо ба назар гирифта, мақолаи мазкур бо мақсади такмил додани методикаи интегралии таълими забон ва адабиёти рус навишта шудааст. Муаллифи мақола равишҳои гуногуни таълими ҳамгирошудаи забон ва адабиёти русро таҳлил намуда, инчунин намунаҳои китобҳои дарсиро дар мактабҳои тоҷикӣ овардааст. Махсусан, муаллиф ба машқхое мурочиат мекунад, ки барои рушди малакаҳои забонӣ, маърифатӣ ва адабии хонандагон пешбинӣ шудаанд. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки таълими ҳамгироёнаи забон ва адабиёти рус усули муассирест, ки метавонад ҳавасмандии хонандагонро ба омӯхтани забон, инкишоф додани малакаҳои муошират ва дарки куллии фарҳанги рус мустаҳкам кунад.
**Калидвожаҳо:** таълими ҳамгирошуда, забони русӣ, адабиёт, мактабҳои миллӣ, Тоҷикистон, методикаи таълим, салоҳияти забонӣ, салоҳияти маърифатӣ, салоҳияти адабӣ, муошират, фарҳанги рус.

## INTEGRATED STUDY OF LITERARY TEXTS IN RUSSIAN LANGUAGE LESSONS IN NATIONAL SCHOOLS: A CASE STUDY OF TAJIKISTAN

This article explores the issue of integrated Russian language and literature instruction in Tajik national schools. It highlights that since 2003, Russian has not been taught as a separate subject but rather in conjunction with Russian grammar within the "Russian Language" course. In light of this, the article sets out to refine the methodology for integrated Russian language and literature instruction. The author analyzes various approaches to integrated Russian language and literature instruction and provides examples from Tajik school textbooks. Specifically, the author examines tasks aimed at developing students' linguistic, cognitive, and literary competencies. The author concludes that integrated Russian language and literature instruction is an effective method that can enhance students' motivation to learn the language, develop their communicative skills, and foster a holistic understanding of Russian culture.
**Keywords:** integrated instruction, Russian language, literature, national schools, Tajikistan, teaching methodology, linguistic competence, cognitive competence, literary competence, communicative skills, Russian culture.

**Об авторе**
Тошова Барно Рузикуловна
Кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры методики преподавания русского языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121
Тел.: (+992) 904 00 41 87
E-mail: tbarno87@mail.ru

**About the author**
Toshova Barno Ruzikulovna
Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer of the Department of Methods of Teaching Russian Language and Literature
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni
734003, Republic of Tajikistan, city Dushanbe, Rudaki Aven, 121
Phone: (+992) 904 00 41 87
E-mail: tbarno87@mail.ru

**Дар бораи муаллиф**
Тошова Барно Рӯзиқуловна
Номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони каф. методикаи таълими забон ва адабиёти рус
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 904 00 41 87
E-mail: tbarno87@mail.ru

ТДУ 371.3:52

# ТАЪЛИМИ АСТРОНОМИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ПРОБЛЕМАҲОИ ОН

***Умаров У. С., Сафаралӣ А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Астрономия қадимтарин илми табиатшиносӣ мебошад ва он вобаста ба талаботи амалии инсоният ба вуҷуд омадааст. Дар ҳама давру замон донишҳои астрономӣ барои башарият муҳим ва зарурӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ин сабаб, астрономия ҳамчун соҳаи мустақили илм дар тӯли таърихи инсоният рушду нумӯъ кардааст.

Аҳамияти илми астрономия дар ҳаёти ҷамъияти муосир, вобаста бо таъсироти ҳалкунандааш ба суръати тараққиёти илму техника мавқеи фанни астрономияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар низоми маълумоти миёнаи умумӣ муайян менамояд.

Илми астрономия яке аз илмҳоест, ки мо тоҷикон бо он ифтихор карда метавонем, чунки ниёгони мо: Яҳё Ибни Абӯ Мансур, Санод Ибни Алӣ, Аббос ал-Ҷавҳарӣ, Холиди Марварудӣ, Муҳаммад Мусои Хоразмӣ, Аҳмади Фарғонӣ, Абулвафои Бузҷонӣ, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, Кушиёри Гелонӣ, Муҳаммади Баттонӣ, Абдураҳмони Хазинӣ, Абдураҳмон Суфӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯсаиди Сиҷизӣ, Иброҳими Зарқола, Собит ибни Қурра, Ибни Юнус, Ибни Сино, Умари Хайём, Насириддини Тӯсӣ, Низомиддини Бирҷандӣ, Ибни Шотир, Мирзо Улуғбек, Қутбиддини Шерозӣ, Қозизодаи Румӣ, Ҷамшеди Кошонӣ, Алӣ Қушчӣ ва дигарон [10, с. 7-8] ҳамчун поягузорони он эътироф шуда, имрӯзҳо мо бо давомдиҳандагони кори ниёгонамон, олимони арсаи ҷаҳонӣ дар соҳаи астрономия: П. Бобоҷонов, А. Бахарев, О. Доброволский, Қ.Ҳ. Саидов, Х. Ибодинов, С. Ибодов, В.А. Герасименко, Г.И. Қоҳирова ва дигарон ифтихор дорем. Дар даврони Шӯравӣ илми астрономия ҳамчун яке аз илмҳои пешқадамтарини Тоҷикистон ва Иттиҳоди Шӯравӣ эътироф шуда буду имрӯз Тоҷикистон дорои Институти астрофизика ва се расадхона (Расадхонаи астрономии Ҳисор, Расадхонаи байналмилалии астрономии «Санглох» ва Комплекси офтобии Помир) мебошад [16, с. 124].

Ба ақидаи инҷониб, мо ҳангоми таълими фанни астрономия ба хонандагон доир ба корҳои илмӣ-тадқиқотии олимони гузаштаву имрӯзаи тоҷик маълумот дода, дар онҳо ҳисси ифтихори миллӣ ва ватандӯстиро парварида метавонем. Бар замми ин, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳояшон таъкид карда буданд: «Муҳимтарин вазифаи мактаб ва ҷомеа дар шароити нави таърихӣ аз он иборат аст, ки шогирдонро дар рӯҳияи хештаншиносӣ ва ифтихори миллӣ, дарки равшани арзишҳои умумимиллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд». Аз ин таъкиди Пешвои миллат бармеояд, ки ҳангоми соҳибистиқлол шудан ҳадафи таълиму тарбия бояд ба худшиносӣ, донистану омӯхтани маданияти халқи худ, одамони бузург ва хизмату корнамоиҳои онҳо, эътибори махсус додан ба арзишҳои миллӣ равона карда шавад. Пас, лозим аст, ки сари ин масъала андеша кард ва таълими астрономияро ҳамчун фанни алоҳидаву мустақил дар синфҳои X-XI-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барқарор намуд.

Агар ба хронологияи таълими фанни астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ назар афканем, чунин манзара ба назар мерасад.

То солҳои 90-уми қарни XX дар мактабҳои миёна фанни астрономия дар синфи X (XI) ҳафтае яксоатӣ (ҳамагӣ 34 соат) омӯхта мешуд. Дар ин давра барои мактабҳои миёна ҳам барномаи таълимӣ [9] ва ҳам китоби дарсии астрономия [2] мавҷуд буд.

Пас аз пош хӯрдани Давлати Шӯравӣ дар мактабҳои Россия омӯзиши астрономия ҳамчун фанни мустақил барҳам хурд. Бо ҳамин сабаб дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши астрономия ҳамчун фанни мустақил дар мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барҳам хурд. Дар ин давра ҳам барномаи таълимӣ ва ҳам китоби дарсии астрономия аз байн рафт.

Боиси зикр аст, ки дар «Нақшаи таълимии мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои таҳсили 2006 - 2007 то 2010 - 2011» [5], ки бо қарори №19/1 мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2006 тасдиқ карда шудааст, доир ба таълими фанни астрономия дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ қайд

гардидааст, ки астрономия дар таркиби фанни Физика дар синфи IX (9 соат) ва дар синфи XI (16 соат) омӯхта мешавад» [5]. Мутаассифона, мувофиқи ҳамин нақшаҳои таълимӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ астрономия ҳамчун фанни алоҳида омӯхта намешуд.

Тазаккур бояд дод, ки дар «Барномаи физика барои синфҳои 7-11–и мактабҳои таҳсилоти умумӣ» (Душанбе, Матбуот, 2004) [1] барои синфи IX миқдори соатҳо ва номгӯи мавзуъҳо аз астрономия дода шудааст. Дар китоби дарсии «Физика-9» (муаллифон Маҷидов Ҳ., Нозимов О. –Самара: Издательский дом «Федоров», 2006) [4] доир ба омӯзиши мавзуъҳои барномавии астрономия барои хонандагон маводи зарурӣ пешниҳод гардидааст. Таҳлили барнома ва китоби мазкур собит менамояд, ки ҳангоми омӯзиши боби «Тавсифи умумии ҷирмҳои Системаи офтобӣ» хонандагони синфи IX-и муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба мавзуъҳои муқаддимаи астрономия, харитаҳои ситораҳо, бурҷҳо, тавсифоти умумии сайёраҳо ва ҷирмҳои дигари Системаи офтобӣ, Офтоб ҳамчун ситораи наздиктарин, Моҳ – радифи табиии Замин, инчунин ба телескопҳо ва намудҳои гуногуни тақвимҳо шинос мешаванд. Ҳамчунин, хонандагони ин синф ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои фавқуззикр дорои як қатор малакаву маҳоратҳои гузаронидани мушоҳидаҳои астрономӣ бо чашми номусаллаҳ ва тавассути телескоп мегарданд, чунончи: ҳаракати зоҳирии ситораҳо, Офтоб ва Моҳ, ҳодисаҳои гирифти Офтоб ва Моҳ, инчунин усулҳои муомила бо телескоп ва ғ. Мувофиқи барномаи таълимии физика барои омӯзиши ҷузъиёти астрономия дар синфи IX миқдори ками соат ҷудо карда шудааст, ки ин албатта барои амиқу пурра омӯхтани ин фан кифоя нест.

Мутаассифона, хонандагони синфи XI-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва омӯзгорони онҳо аз мавод доир ба астрономия маҳрум буданд. Дар «Барномаи физика барои синфҳои 7-11-и мактабҳои таҳсилоти умумӣ» (Душанбе, Матбуот, 2004) [1] ҳатто номгӯи мавзуъҳои астрономия барои синфи XI пешниҳод нашудааст, чунки «Нақшаи таълимии мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои таҳсили 2006-2007 то 2010-2011» пас аз нашр шудани ин барнома таҳия шуда буд. Аз ин лиҳоз, омӯзгорони астрономияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми тартиб додани нақшаҳои тақвимӣ, дар ҷо ба ҷокунии мавзуъҳои астрономия (дар таркиби нақшаи тақвимии фанни физика) ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Мавҷуд набудани номгӯи мавзуъҳои астрономия дар «Барномаи физика барои синфҳои 7-11-и мактабҳои таҳсилоти умумӣ» (Душанбе, Матбуот, 2004) [1] дастрас намудани маводи таълимиро душвор мегардонид [14]. Омӯзгорони ин фан барои тартиб додани нақшаҳои тақвимӣ ва ҷо ба ҷокунии мавзуъҳои астрономия (дар таркиби нақшаи тақвимии фанни физика) аз [14] истифода мекарданд.

Аз соли 2015 мувофиқи «Нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» омӯзиши фанни астрономия дар синфҳои X-XI-и равияи табиӣ-математикии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, синфҳои X-XI-и литсейҳо ва X-XI-и равияҳои табиӣ-математикии гимназияҳо пешбинӣ шудааст [8].

Дар Нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019 ва солҳои минбаъда [6], ки бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 01 октябри соли 2018, таҳти рақами 18/39 тасдиқ шудааст, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии таълимашон ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ, туркманӣ ва қирғизӣ; гимназияҳои таълимашон ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ, туркманӣ ва қирғизӣ; равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ; равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ бо соҳаи филологиву таъриху ҳуқуқ; равияи технологӣ барои соҳаи агротехнология ва барои соҳаи зерравияи индустриалӣ-технологӣ таълими фанни астрономия дар синфҳои X ва XI пешбинӣ нашудааст. Дар ҳамин Нақшаи таълимӣ [6] омӯзиши фанни астрономия дар литсейҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ, туркманӣ ва қирғизӣ; барои синфҳои равияи табиӣ-математикӣ; равияи табиӣ-математикӣ барои соҳаи физикаю математика; равияи табиӣ-математикӣ барои соҳаи биология ва география; равияи табиӣ-математикӣ барои соҳаи химияву биология ва барои равияи технологӣ таълими фанни астрономия дар синфҳои X ва равияҳо аз фанни астрономия то ҳол барномаи таълимӣ ва китоби дарсӣ мавҷуд нест. Омӯзгорон аз китоби дарсии Нуҷум (Нуҷум – XI, муаллифон Ҳ. Маҷидов ва О. Нозимов, - Душанбе: КММ «Насиба», 2008) [3] ҳам барои синфи X ва ҳам барои синфи XI истифода мекунанд. Омӯзгорон аз ноилоҷии дастрас набудани маводи таълимӣ ҳамин китоби дарсиро ба ду қисм ҷудо карда, қисми аввалашро дар синфи X ва қисми дуюмашро дар синфи XI ба

хонандагон меомӯзонанд. Эшон нақшаи тақвимиашонро низ аз рӯйи китоби мазкур тартиб медиҳанд.

Зикр кардан бамаврид медонам, ки моҳи майи соли 2022 барои ин равияҳо «Барномаи астрономия барои синфҳои X-XI-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (равияи табиӣ-математикӣ)» (муаллифон, устодони ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Умаров У. С. ва Сафаралӣ Авлиёқул) таҳия гардида, ба шуъбаи табъу нашри Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда буд. Мутаассифона, то ба ҳол аз тақдири ин Барнома шуъбаи мазкур барои муаллифон ягон маълумот пешниҳод накардааст. Агар ҳамин Барнома аз ҷониби ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардад, муаллифон омодаанд, ки тибқи он китоби дарсии астрономияро таҳия намоянд. Ба мо маълум аст, ки аз фанни астрономия барномаи алтернативӣ аз ҷониби муаллифони дигар пешниҳод нагардидааст.

Соли 2021 аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Стандарт ва барномаи таълими фанни физика барои синфҳои VII-XI-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [12] ба табъ расид. Мувофиқи ҳуҷҷати мазкур, ки барои синфҳои VII-XI-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод шудааст, мавзуъҳои астрономӣ дар синфи ҳамагӣ 5 соат (боби «Сохт ва таҳаввулоти Кайҳон») ва дар синфи XI ҳамагӣ 6 соат (боби «Астрономия») ба нақша гирифта шудааст, ки мавзуъҳояшон тахминан якхелаанд, яъне такроранд. Мувофиқи ин ҳуҷҷат таълими астрономия ҳамчун фанни алоҳида пешбинӣ нашудааст. Дар ин ҳуҷҷат муаллифон аз ҳисоби фанни астрономия миқдори соатҳои фанни физикаро бештар кардаанд, ки ин ба манфиати кор нест.

Дар Нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2024 ва солҳои минбаъда [7], ки бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 31 майи соли 2023, тахти рақами 8/1 тасдиқ шудааст, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии равияи ҷамъиятӣ-гуманитарии таълимашон бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ, туркманӣ, қирғизӣ, англисӣ; муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ барои соҳаи филологӣ; барои соҳаи таъриху ҳуқуқ; равияи технологӣ барои соҳаи агротехнология ва барои соҳаи индустриалӣ-технологӣ; гимназияҳои таълимашон ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ, туркманӣ, қирғизӣ, англисӣ таълими фанни астрономия дар синфҳои X ва XI пешбинӣ нашудааст. Дар ҳамин Нақшаи таълимӣ [7] омӯзиши фанни астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии равияи умумии таълимашон ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ, туркманӣ, қирғизӣ, англисӣ; муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии равияи табиӣ-математикии таълимашон ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ, туркманӣ, қирғизӣ, англисӣ; муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии равияи табиӣ-математикӣ барои соҳаи физикаю математика, барои соҳаи биология ва география, барои соҳаи химия ва биология; муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии равияи технологии таълимашон ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ, туркманӣ, қирғизӣ, англисӣ; литсейҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ, туркманӣ, қирғизӣ ва англисӣ таълими фанни астрономия дар синфҳои X ва XI ҳафтае яксоатӣ (ҳамагӣ 35 соатӣ) пешбинӣ шудааст, ки ин боиси дастгирист. Ин иқдом бахри самаранок амалишавии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) заминаи хуб фароҳам меорад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки барои ҳамаи ин равияҳо аз фанни астрономия барномаи таълимӣ ва китоби дарсӣ то ба ҳол мавҷуд нест, чунки ин Нақшаҳои таълимӣ аз соли таҳсили нав (яъне, соли таҳсили 2023-2024) амалӣ гашта истодаанд. Агар барои самаранок амалӣ гаштани Нақшаҳои таълимии нав ягон чораҷӯйӣ карда нашавад, вазъи таълими астрономия чун пештара нигароникунанда боқӣ мемонад.

Боиси зикр аст, ки дар таълими астрономияи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ як қатор проблемаҳои мавҷуданд [11, 13, 15].

Ба андешаи мо, **проблемаи якум** ин нарасидани омӯзгорони ихтисосманд мебошад. Аксарияти омӯзгороне, ки ба таълими астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ машғуланд, салоҳияти таълим додани ин фанро надоранд, чунки эшон ихтисосҳои астрономия ё физика-астрономияи донишгоҳҳои омӯзгориро хатм накардаанд.

**Проблемаи дуюм**, ин нарасидани маводи чопӣ, аз қабили дастрас набудани барномаи таълимӣ, дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва нарасидани китобҳои дарсӣ барои

хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Тавре дар боло гуфтем, хонандагони муассисаҳои таҳсиоти миёнаи умумӣ бо китоби дарсии ба талабот ҷавобгӯ, ки комёбиҳои навини илми астрономияро инъикос намоянд, дастрасӣ надоранд.

**Проблемаи сеюм**, ин мавҷуд набудани синфхонаи фаннии муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти зарурӣ мебошад. Аёниятҳои таълимӣ аз фанни астрономия, аз қабили ҷадвалу овезаҳо (вобаста ба ҳар як мавзуи курси астрономия), амсилаву расми дастгоҳҳои кайҳонӣ ва акси ҷирмҳои осмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ қариб ки дида намешаванд. Аҳён-аҳён дар баъзе аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ телескопи мактабӣ ва як навъи теллурий – амсила барои намоиши ҳаракати Замину Моҳтобро мушоҳида кардан мумкин аст. Мутаассифона, аз онҳо омӯзгорон ба таври самаранок истифода намебаранд.

**Проблемаи чорум** ба ташкили раванди таълими астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ рабт дорад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки таълими астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври самаранок ба роҳ монда нашудааст. Бархе аз омӯзгорон фанни астрономияро дуюмдараҷа ҳисобида, ба омӯзиши он диққати ҷиддӣ намедиҳанд. Аз он ҷумла, ба ҷиҳатҳои амалии дарсҳо, аз қабили ҳал кардани масъалаҳои астрономӣ, гузаронидани корҳои лабораторӣ аз астрономия ва мушоҳидаҳои астрономӣ қариб ки аҳамият дода намешавад; ба ҳамин монанд, ба ташкилу гузаронидани машғулиятҳои берунисинфӣ аз астрономия низ. Гуфтан бамаврид аст, ки дар таълими астрономия ташкилу гузаронидани навъҳои гуногуни машғулиятҳои берунисинфӣ, аз қабили мушоҳидаҳои астрономӣ, саёҳати астрономӣ, конференсияи астрономӣ, маҳфили астрономӣ ва монанди инҳо ба мақсад мувофиқ мебошад. Ҳамчунин, суҳбат бо чанде аз омӯзгорони астрономия собит намуд, ки эшон дар таълими астрономия чанде шаклҳои гуногуни дарс – дарси кори амалӣ, дарси ҳалли масъалаҳо, дарси назорат ва баҳисобгирии донишро ташкил намекунанд. Ба андешаи мо, ин ҳам метавонад, то ҳадди имкон боиси қафомондагии раванди таълим гардад [11, с. 32-33].

Барои беҳтар гардонидани сифати таълими астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва самаранок амалӣ гаштани Нақшаҳои таълимии нав чунин таклифу пешниҳодот ироа менамоем [13, с. 218-220].

***Хуб мебуд, агар:***

1) ҳарчи зудтар барномаи таълимии фанни астрономия барои синфҳои X-XI вобаста ба ҳамаи равияҳо, ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ, туркманӣ, қирғизӣ ва англисӣ таҳия карда мешуд;

2) ҳарчи зудтар китобҳои дарсии фанни астрономия барои синфҳои X-XI (дар алоҳидагӣ) вобаста ба ҳамаи равияҳо, ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ, туркманӣ, қирғизӣ ва англисӣ бо баҳисобгирии дастовардҳои муосири илми астрономия таҳия карда мешуд;

3) ҳарчи зудтар китоби «Методикаи таълими астрономия» барои синфҳои X-XI (дар алоҳидагӣ) таҳия карда мешуд;

4) дар барномаи таълимӣ мақсаду вазифаҳо ва аҳамияти таълими фанни астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аниқу саҳеҳ муайян карда мешуд;

5) дар асоси Стандарти давлатии таҳсилот вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таълими астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мазмун ва мундариҷаи ин фанни таълимӣ дар синфҳои X-XI-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда мешуд;

6) дар барномаи таълимии фанни астрономия бояд омӯзиши мавзуъҳое пешбинӣ шаванд, ки нисбатан соддафаҳм, барои хусусиятҳои синнусолии хонандагон мувофиқ, дастрас ва аҳамияти амалиашон бештар бошанд;

7) ҳангоми омӯзиши фанни астрономия дар синфи X хонандагон бо мавзуъҳои муқаддимавии астрономия (дар робита бо таърихи ташаккули астрономия, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон), асосҳои астрономияи амалӣ, сохти Системаи офтобӣ ва табиати физикии ҷирмҳои Системаи офтобӣ шинос шуда, вобаста ба ин якчанд корҳои лабораторӣ ва мушоҳидаҳои астрономиро бо ҳамроҳии омӯзгор гузаронанд;

8) зимни омӯзиши фанни астрономия дар синфи XI хонандагон доир ба методҳои тадқиқоти астрофизикӣ, тавсифоти Офтобу ситораҳо, сохт ва таркиби Галактикаи мо, хусусиятҳои галактикаҳои гуногун, сохт ва таҳаввулоти Коинот, инчунин проблемаҳои муосири астрономия маълумот гиранд. Дар ин синф низ, номгӯйи корҳои лабораторӣ ва мушоҳидаҳо аз астрономия пешбинӣ гардад;

9) дар барномаи таълимӣ саҳеҳу аниқ нишон дода мешуд, ки ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои дар он пешбинишуда, хонандагон ба кадом салоҳиятҳо ноил мегарданд;

10) дар барнома ва китоби дарсии астрономия нақши олимони ватаниву хориҷӣ, алалхусус мутафаккирони тоҷику форс ва олимони муосири тоҷик дар инкишофи илми астрономия инъикос меёфт;

11) дар барномаи ҳар як синф ба миқдори ду соатӣ (берун аз барнома) барои гузаронидани саёҳатҳои астрономӣ вақт ҷудо карда мешуд. Интихоби мавзуъ, мавқеъ ва санаи баргузор намудани саёҳатҳои астрономӣ ба салоҳияти омӯзгор вогузор карда мешавад;

12) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ барои соҳаи филологӣ низ омӯзиши фанни астрономия ҷорӣ карда мешуд, зеро шоире, ки сирру асрори табиат, минҷумла Коинотро намедонад, зебоии онро чӣ тавр дар ашъораш таҷассум карда метавонад;

13) ҷадвалҳои (плакатҳои) таълимӣ аз фанни астрономия таҳияву нашр карда шаванд;

14) маводи дидактикӣ аз фанни астрономия (дафтари корӣ, маҷмуаи масъалаҳои астрономӣ, маҷмуаи корҳои лабораторӣ аз астрономия, маҷмуаи мушоҳидаҳои астрономӣ, хрестоматияи астрономӣ) ва ғайраҳо таҳияву нашр карда мешуд;

15) пешниҳоди охирин ва аз ҳама муҳим, хуб мебуд, агар барномаи таълимӣ ва китоби дарсии фанни астрономияро мутахассисони соҳа (методист, омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олим-астроном) таҳия мекарданд.

Ба андешаи мо, амалӣ намудани таклифу пешниҳодоти зикршуда вазъи таълими фанни астрономияро дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ беҳтар ва сатҳу сифати дониши хонандагон хуб мегардад.

***Адабиёт***


1. *Барномаи физика барои синфҳои 7-11-и мактабҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе: Матбуот, 2004. – 48 с.*
2. *Воронцов-Вельяминов, Б.А. Астрономия. Китоби дарсӣ барои синфи XI-уми мактаби миёна Б.А. Воронцов-Вельяминов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 176 с.*
3. *Маҷидов Ҳ., Нозимов О. Нуҷум – 11. Китоби дарсӣ барои синфи XI / Ҳ. Маҷидов, О. Нозимов. – Душанбе, 2008. – 152 с.*
4. *Маҷидов, Ҳ. Физика – 9. Китоби дарсӣ барои синфи IX // Ҳ. Маҷидов, О. Нозимов. – Самара: Федоров, Учебная литература, 2006. – 272 с.*
5. *Нақшаи таълимии мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои таҳсили 2006-2007 то 2010-2011. – Душанбе, 2006.*
6. *Нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2019 ва солҳои минбаъда. – Душанбе: ҶДММ «Табъу нашр», 2018. – 64 с.*
7. *Нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2024 ва солҳои минбаъда. – Душанбе: ҶДММ «Табъу нашр», 2023. – 96 с.*
8. *Нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 - 2020. – Душанбе, 2015. – 55 с.*
9. *Программаҳои мактабҳои миёна. Физика. Астрономия. – Душанбе: «Ирфон», 1987. – 52 с. ; 1989. – 48 с.*
10. *Сафаралӣ, А. Методикаи истифодаи мероси илмии мутафаккирони тоҷику форс дар таълими астрономия (Дастур барои омӯзгорон) / А. Сафаралӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2020. – 122 с.*
11. *Сафаралӣ, А. Проблемаҳои таълими астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ доир ба «Проблемаҳои татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими фанҳои табиӣ-математикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва миёнаву олии касбӣ» бахшида ба амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» / А. Сафаралӣ. – Душанбе, 2022. - С. 32-33.*
12. *Стандарт ва барномаи таълими фанни физика барои синфҳои VII-XI-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. – Душанбе, 2021. – 83 с.*
13. *Умаров У. С. Андешаҳо перомуни таълими астрономия дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Мақоми педагогикаи халқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» / У. С. Умаров. –Душанбе: ДДОТ, 2013. С. 218-220.*
14. *Умаров, У. С. Нуҷумро бо чашми кам набинед // Ҳафтаномаи «Омӯзгор», №8, 2007.*
15. *Умаров, У. С. Таълими нуҷум дар синфи XI-и мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ // Маводи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагону донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиӣ-риёзӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ» бахшида ба 20-солагии Иҷлосияи 16-уми таърихии Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 15-солагии Ваҳдати миллӣ / Т. Ҷумъаев, У. С. Умаров. –Душанбе: ДДОТ, 2012. - С. 106 - 109.*
16. *Умаров, У. С. Истифодаи ақидаҳои мутафаккирони тоҷику форс дар таълими астрономия // Маводи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагону донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиӣ-риёзӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ» бахшида ба 20-солагии Иҷлосияи 16-уми таърихии Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 15-солагии Ваҳдати миллӣ» / У. С. Умаров, А. Сафаралӣ. –Душанбе: ДДОТ, 2012. С. 124 - 127.*

## ТАЪЛИМИ АСТРОНОМИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ПРОБЛЕМАҲОИ ОН

Дар мақолаи мазкур вазъи таълими астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва проблемаҳои он матраҳ гардидааст. Дар ибтидо доир ба аҳамияти амалии фанни астрономия ва зарурати омӯзиши он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод карда шудааст. Зикр гардидааст, ки омӯзиши фанни астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри тақвият додани донишу ҷаҳонбинӣ ва дар руҳияи худшиносӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ ва арҷгузорӣ ба мероси илмии ниёгон тарбия намудани хонандагон муфид мебошад. Сипас, нақшаву барнома ва китобҳои дарсии астрономия барои солҳои гуногуни таҳсил таҳлилу баррасӣ гардидааст. Ин ҷо доир ба чӣ гуна пешбинӣ гардидани омӯзиши астрономия мувофиқи нақшаву барномаҳои таҳиягардидаи солҳои аввал ва минбаъдаи давраи Истиқлолияти Ҷумҳурӣ маълумоти муфассал оварда шудааст. Ҳамчунин, доир ба проблемаҳои таълими астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дода шудааст. Муаллифон чор проблемаи асосии таълими астрономияро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурӣ матраҳ намудаанд. Дар интиҳо доир ба беҳтар гардонидани раванди таълими астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таклифу пешниҳодоти муфид ироа карда шудааст. Зикр гардидааст, ки мавриди амалӣ намудани таклифу пешниҳодоти мазкур вазъи таълими астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ беҳтар ва сатҳу сифати дониши хонандагон баланд мегардад.

**Калидвожаҳо:** таълим, тарбия, астрономия, таълими астрономия, нақшаи таълим, барномаи таълим, китоби дарсӣ, маводи таълим, маводи таърихӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, Галактика, Офтоб, Системаи офтобӣ, Моҳ, сайёра, ситора.

## ПРЕПОДАВАНИЯ АСТРОНОМИИ В СРЕДНЕОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЕЕ ПРОБЛЕМЫ

В данной статье рассматривается состояние преподавания астрономии в средеобщеобразовательных учреждениях Республики Таджикистан и ее проблемы. В начале приставляется информация о практической значимости предмета астрономии и необходимости ее изучения в среднеобщеобразовательных учреждениях Республики Таджикистан. Высказываются, что изучение астрономии в среднеобщеобразовательных учреждениях Республики Таджикистан полезно для укрепления знаний, формирование мировоззрения, воспитания учащихся в духе самопознания, национальной гордости, патриотизма, любви к труду и уважения к научной наследие предков. В связи с этим были проанализированы и рассмотрены планы, программы и учебники астрономии на разные годы обучения. Здесь представлена подробная информация о том, как планировалось изучение астрономии согласно планам и программам, разработанным на первый и последующие годы периода Независимости Республики. Также приводится информация о проблемах преподавания астрономии в среднеобщеобразовательных учреждениях Республики Таджикистан. Авторы рассматривали четыре основные проблемы преподавания астрономии в среднеобщеобразовательных учреждениях Республики. В конце статьи приведены некоторые полезные предложения по совершенствованию процесса преподавания астрономии в среднеобщеобразовательных учреждениях. Отмечается, что реализация этих предложений улучшит состояние преподавания астрономии в среднеобщеобразовательных учреждениях, повысит уровень и качество знаний учащихся.

**Ключевые слова:** преподавание, воспитание, астрономия, преподавание астрономии, учебный план, учебная программа, учебник, учебный материал, исторический материал, научного мировоззрение, национальный гордость, любви к родине, трудолюбие, Галактика, Солнца, Солнечная система, Луна, планета, звезда.

## TEACHING ASTRONOMY IN SECONDARY EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND ITS PROBLEMS

This article discusses the state of teaching astronomy in general educational institutions of the Republic of Tajikistan and its problems. At the beginning there is information about the practical significance of the subject of astronomy and the need to study it in secondary educational institutions of the Republic of Tajikistan. It is argued that the study of astronomy in secondary educational institutions of the Republic of Tajikistan is useful for strengthening knowledge, developing a worldview, educating students in the spirit of self-knowledge, national pride, patriotism, love of work and respect for the scientific heritage of their ancestors. In this regard, plans, programs and astronomy textbooks for different years of study were analyzed and reviewed. Here is detailed information about how the study of astronomy was planned according to the plans and programs developed for the first and subsequent years of the period of Independence of the Republic. Information is also provided on the problems of teaching astronomy in secondary educational institutions of the Republic of Tajikistan. The authors considered four main problems

of teaching astronomy in secondary educational institutions of the Republic. At the end of the article, some useful suggestions are given for improving the process of teaching astronomy in secondary educational institutions. It is noted that the implementation of these proposals will improve the state of teaching astronomy in secondary educational institutions and increase the level and quality of students’ knowledge.

**Keywords:** teaching, education, astronomy, teaching astronomy, curriculum, curriculum, textbook, educational material, historical material, scientific worldview, national pride, love for the motherland, hard work, Galaxy, Sun, Solar system, Moon, planet, star.

**Дар бораи муаллифон**

Умаров Умар Сулаймонович
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими физика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 904 08 19 66

Сафаралӣ Авлиёқул
Муаллими калони кафедраи методикаи таълими физика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел.: (+992) 904 20 19 90

**Об авторах**

Умаров Умар Сулаймонович
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики преподавания физики
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121
Тел.: (+992) 904 08 19 66

Сафарали Авлиёкул
Старший преподаватель кафедры методики преподавания физики
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121
Тел.: (+992) 904 20 19 90

**About authors**

Umarov Umar Sulaymonovich
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Methods of Teaching Physics
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121
Phone: (+992) 904 08 19 66

Safarali Avliyoqul
Is a senior lecturer at the Department of Methods of Teaching Physics
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121.
Phone: (+992) 904 20 19 90

ТДУ 371.134:004

# РОҶЕЪ БА ИСТИФОДАБАРИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР ДАР ДАРСҲОИ МАТЕМАТИКА

***Раҷабова С. Ҷ.***
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*

Маориф дар ҳама давру замон неруи пешбарандаи ҷамъияти мутамаддин, маҳаки соҳибмаърифатӣ ва соҳибфарҳангии аҳли ҷомеа аст. Пешравии тамоми ҷабҳаҳои фаъолияту кору зиндагӣ ба низому суботи он алоқаманд мебошанд. Ҳамин аст, ки ҳамеша дигаргуниҳои куллӣ дар ҷомеа, муайян намудани самтиояндаи инкишоф ба души маориф гузошта аст ва масъулияти ҳамин сохтор ба шумор меравад. Муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим аслан масъалаи нав нест, он ҳанӯз дар сароғози рушди бонизоми назарияҳои илмии педагогӣ ба вуҷуд омада омадааст. Низоми таълим ва маорифи мо моҳияти инсондӯстонаи худро гум накарда, танҳо муносибат ба тарбияи инсони замони муосир дар ин низом таъкид мекунад. Тамоми саъю кӯшиш ва талоши системаи маорифи имрӯзаи кишварамон барои ҳамин аст, ки мактаб инсонеро ба камол расонад, ки насли баркамол бо дили пур Тоҷикистони азизро ба онҳо бисупорад.

Фанни математикаи мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз фанҳои асосии муассисаҳои таълимӣ ба шумор меравад, вай ба омӯзиши дигар фанҳо (физика, химия, асосҳои технологияи компютерӣ ва ғайра) муосидат кунад. Инкишофи тафаккури мантиқии хонандагон ҳангоми таълими математика барои аз худ намудани фанҳои гуманитарӣ муосидат мекунад. Маҳорат ва малакаҳои зарурие, ки характери амалӣ доранд барои тайёрии меҳнатӣ ва касбии онҳо зарур мебошад. Имрӯз техникаҳои компютерӣ ва технологияҳои иттилооти дар ҳама ҷабҳаҳои зиндагии инсон татбиқи худро ёфтааст. Инак технологияи иттилоотиро рушдёбандаро на танҳо дар истеҳсолот, балки дар ҷабҳаҳои маърифат ва маориф ба таври васеъ истифода намудан мумкин аст.

Истифодаи технологияи иттилооти дар дарсҳо завқи фаҳмиши устувории хонандаро ташаккул медиҳанд, дар ӯ хосияти фикрронии мустақилона бедор кунад, дар ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалаҳои додашуда, мустақилӣ ва истеъдоди ташаббуси эҷодиро баланд мебардорад.

Таълими ҳосила ва қоидаҳои ҳисоб намудани ҳосила каме мушкил буда омӯзонидани он аз муаллим маҳорату салоҳияти махсусро талаб мекунад.

Ба вуҷуд омадани шавқу ҳавас ба фанни таълимдиҳанда дар байни шумораи зиёди донишҷӯён бештар ба методикаи таълими он вобаста буда, ба маҳорату малака ва салоҳияти касбии муаллим ва сифати фаъолияти таълиму тарбиявии ӯ вобастагӣ дорад. Муаллим бояд кӯшиш намояд, ки ҳар як донишҷӯ, ки оянда омӯзгори фан мешавад ба дар дарс фаъолона ва бо шавқу ҳавас дарсҳо омӯзад ва онро таълим дода тавонад.

Дар замони муосир ислоҳоти соҳаи маориф баҳри баланд бардоштани сифати таълим ҷорӣ намудани технологияҳои нави педагогии таълимро тақозо мекунад. Омӯзиш ва истифодаи технологияҳои нави таълим барои иштироки фаъолонаи муҳассилин дар донишандӯзӣ мусоидат мекунад.

Аксари низомҳои таълими анъанавӣ барои азхудкунии мавзуъ нигаронида шудаанд, яъне омӯзгорон муҳассилинро барои аз худ кардани мавзуъ ва аз ёд кардани маълумот водор менамоянд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта мутобиқ буд, аммо дар замони муосир, ки андозаи дониш босуръат зиёд мегардад, дар раванди таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишӣ равона гардад, то ки онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб ва истифода баранд [3, с. 244].

Дар шароити кунунӣ бе донистани илми инноватсионӣ, инчунин технологояҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ташаккули донишҳои техникӣ ба пеш рафтан номумкин аст. Бинобар ин, мақсади баланд бардоштани тафаккури техникӣ сатҳи омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ дар муасиссаҳои олӣ дар бистсолаи омӯзиши рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ бо воситаи салоҳиятнокӣ баланд бардоштани омӯзиши фанни технологияи иттилоотӣ мебошад.

Системаи математикаи компютерӣ воситаи барномавии комплексие мебошад, ки автоматикунонӣ, ягонагии технологӣ ва коркарди масъалаҳои математикиро ҳангоми нишон додани шартҳои он дар забони пешакӣ муайяншудаи истифодабаранда таъмин мекунад.

Системаи математикаи компютерӣ мушкилоти худро дорад. Яъне, ҳар як система ба синфи масъалаҳои В.П. Дянков [2, 3] муайян нигаронида шуда, зери мафҳуми системаи математикаи компютерӣ воситаи барномавӣ ё комплекси воситаҳои барномавиро мефаҳманд, ки функсияҳои он аз ҳал намудани масъалаҳои математикии мушкилиашон дилхоҳ, бо дараҷаи баланди визуализатсияи ҳамаи намудҳои ҳал мебошад [5, с. 57-60].

Масъалаи истифодаи технологияи иттилоотӣ дар ҳамаи фанҳои дақиқ махсусан математика, химия, биология, физика ва ғайра барои азхудкунии мавзуи омӯхташаванда кӯмакӣ амалии зиёд мерасонад.

Доир ба масъалаҳои таълими математика бо истифодаи аз барномаҳои компютерӣ диққати олимони зиёдро ба худ ҷалб кардааст: Дяконов В.П, Игнатев Ю. Г., Семенко М., Ғуломнабиев С. Ғ, Рахимов А. А [8], Раҷабова С. Ҷ. [9, 10, 11, 12], Ризоев Э., Дадоҷонов Ё., ва дигарон таҳқиқот анҷом додаанд.

Доир ба масъалаҳои усулҳои фаъоли таълими математика дар мактабҳои миёнаю олӣ олимон Нугмонов М., Азимова Н., Қодиров Б., Сатторов А., Усмонов О., татқиқот бурдаанд.

Бояд гуфт, ки истифодаи муаррифи ва маводҳои мултимедиавӣ азхудшавии мавзуҳоро осон намуда, шавқу ҳаваси хонандагону донишҷӯёнро бедор месозанд. Ғайр аз ин, ба ақидаи ман, истифодаи муаррифии дарсӣ маҳсулнокии дарсро боло бурда барои фаҳмонидани мафҳумҳои мураккаби фанни математика кӯмак мерасонад.

Дар шароити муосири тараққиёти технология ва таълимии инноватсионӣ дар муассисаҳои олии педагогӣ ба роҳ мондани методҳои нав саривақтӣ ва зарурӣ мебошад.

Вазифаи асосии соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурииии Тоҷикистон таълим ва тадриси насли наврас ва махсусан ҷавонон дар шароити кунунӣ, тайёр намудани мутахассисони ба бозори ҷаҳонӣ ҷавобгӯ иборат мебошад. Дар замони муосир ба туфайли паҳншавии воситаҳои электронии ахбор дар дунё як нав инқилоби электронӣ ба вуҷуд омад, ки боиси азнавфаъолшавии тафаккури инсонӣ гардид. Ба ибораи дигар гӯем, инсон ба ҷараёни пурқуввати иттилоотӣ рӯ ба рӯ шуда истодааст, ки ин рӯйдод бояд ҳамаҷониба таҳлил ва аз он самаранок истифода бурдан лозим аст. Дар шароити ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба дастрасии воситаҳои иттилоотонӣ (интернет, телефонҳои мобилӣ, телевизион ва ғайра) танҳо бо дониш мусаллаҳ намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил шудан ба шумор меравад.

Муваффақияти асосӣ дар он аст, ки шавқу ҳаваси донишҷӯён ба дарси технологияи иттилоотӣ ва тайёрии онҳо ба эҷодиёт, талабот барои ҳосил намудани салоҳиятҳои нав ва эҳсоси мустақилӣ дар онҳо баланд бардошта мешавад.

Лозим меояд, ки омӯзгори имрӯза қобилияти дар фаъолияти хеш бомаърифатона истифода кардани воситаҳои технологияи иттилоотии муосирро аз худ намояд. Дар рафти дарс ӯ тамоми имкониятҳои техникаи компютериро, махсусан аз воситаҳои мултимедиавӣ ба монанди муаррифӣ васеъ истифода барад. Ин талаботҳо яке аз меъёрҳои сифати тайёрии мутаххассиси дар ҳақиқат ҳозиразамон ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ истифодаи намудани технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим тадқиқотчиёни зиёдро ба худ ҷалб менамояд.

Ҳамин тавр, хулоса баровардан мумкин аст, ки истифодаи оқилонаи технологияи иттилоотӣ, дар марҳилаҳои гуногуни раванди таълим самараи хуб медиҳад:

- ҳангоми пешкаш намудани иттилооти таълимӣ ба омӯзанда;
- ҳангоми азхудкунӣ маводи таълимӣ дар раванда ҳамкории интерактивию коммуникатсионӣ;
- ҳангоми такроркунӣ ва мустаҳкамкунии дониши азхудкардашаванда;
- ҳангоми санҷиши дониш ва интиҳои худсанҷии натиҷаҳои бадастомада дар таълим.

Хулоса истифодаи технологияи иттилоотӣ самаранок буда, он метавонад ба кори омӯзгор дар раванди таълим ва умуман ба марҳилаи нави педагогикаи муосир мусоидат менамояд. Ҳамин тавр, натиҷаи тадқиқоти экспериментали таълимӣ ва назариявӣ нишон доданд, ки дар хонандагон мувофиқи методикаи мавҷуда, дониш, малака ва маҳорат оид ба ҳосила ташаккул наёфтааст.

Аз тарафи дигар, барои аз худ кунонидани мафҳумҳои асосии математика мавқеи компютер ва истифодаи воситаҳои техникӣ хело калон аст. Бинобар ҳамин ҳам воситаҳои техникӣ имконият медиҳанд, ки мафҳумҳои мураккаби математикро хонанда бо ёрии муаррифи пурра ва ҳаматарафа аз худ намояд.

Мисоли истифодаи муаррифӣ дар таълими ҳосила дар алгебраи синфи 10



## Муқоиса мекунем:

$$v_{в.} = \lim_{\Delta t \to 0} \frac{\Delta S}{\Delta t}, \quad к_{рас.} = \lim_{\Delta x \to 0} \frac{\Delta f}{\Delta x}$$

**Ин аст ҳосила!**

## Таъриф:

**Ададе, ки ба он нисбати**

$$\frac{\Delta f}{\Delta y} = \frac{f(x_0 + \Delta x) - f(x_0)}{\Delta x}$$

**ҳангоми ба нол майл кардани $\Delta x$ майл мекунад, ҳосилаи функсияи $f$ дар нуқтаи $x_0$ номида мешавад.**

Ҳосилаи функсияи $f$ дар нуқтаи $x_0$ бо $f'(x_0)$ ишора карда мешавад, яъне мувофиқи таъриф

$$y' = f'(x) = \lim_{\Delta x \to 0} \frac{\Delta f}{\Delta x}$$

$$f'(x) = \lim_{\Delta x \to O} \frac{f(x_0 + \Delta x) - f(x_0)}{\Delta x}$$

### Алгоритм

1) $\Delta x = x - x_0$
2) $\Delta f = f(x + x_0) - f(x_0)$
3) $\dfrac{\Delta f}{\Delta x} = \dfrac{f(x_0 + \Delta x) - f(x_0)}{x - x_0}$
4) $f'(x_0) = \lim\limits_{\Delta x \to 0} \dfrac{\Delta f}{\Delta x}$

## Формулаҳои асосӣ

- **Суръати миёна** $v_{cp} = \dfrac{\Delta s}{\Delta t}$
- **Суръати лаҳзаина**
- $v(t) = \lim\limits_{\Delta t \to 0} v_{cp}$ ё $v(t) = \lim\limits_{\Delta t \to 0} \dfrac{\Delta s}{\Delta t}$
- **Суръати тағйирёбии функсия** $\lim\limits_{\Delta x \to 0} \dfrac{f(x_0 + \Delta x) - f(x_0)}{\Delta x}$
- **Мазмуни ҳосила дар нуқта**
- $f'(x) = \lim\limits_{\Delta x \to O} \dfrac{f(x_0 + \Delta x) - f(x_0)}{\Delta x}$ $\quad k = tg\varphi = \lim\limits_{\alpha \to \varphi} tg\alpha =$

***Мисол:***

*Агар $f(x) = x^2$; $x_0 = 2$; $x = 2,1$ бошад, $\Delta x$ ва $\Delta f$ – ро дар нуқтаи $x_0$ ёбед.*

$$\Delta x = x - x_0 = 2,1 - 2 = 0,1$$

$$\Delta f = f(2,1) - f(2) = 4,41 - 4 = 0,41$$

***Ҷавоб:*** $\Delta x = 0,1 \quad \Delta f = 0,41$

***Мисол:***

*Ҳосилаи функсияи $f(x)=x^3$ дар нуқтаи $x_0$ ёфта шавад.*

***Ҳал:***

1) $\Delta f = (x_o + \Delta x)^3 x_o^3 3x_o^2 \Delta x + 3x_o(\Delta x)^2 + (\Delta x)^3$

2) $\dfrac{\Delta f}{\Delta x} = 3x_o^2 + 3x_o \Delta x + (\Delta x)^2 \qquad (\Delta x \neq 0)$

***Мазмуни физикии ҳосиларо дида мебароем. Фарз мекунем, ки ягон ҷисм мунтазам ҳаракат намуда, дар муддати вақт масофаи $\Delta S$ -ро тай мекунад. Он гоҳ $\Delta t$ суръати миёнаи ҳаракати ҷисмро ифода мекунад.***

***Ҳангоми ба сифр майл кардани $\dfrac{\Delta S}{\Delta t}$ суръати миёна ба суръати лаҳзавӣ баробар мешавад.***

**Мисол:** Аз таърифи ҳосила истифода бурда, суръати лаҳзавии нуқтаеро ёбед, ки аз рӯи қонуни

$$S(t) = t^2 + 3t$$

ҳаракат мекунад, агар $t_o = 5$ бошад.

**Ҳал:**

1) $\Delta S = [(t_o + \Delta t)^2 + 3(t_o + \Delta t)] - (t_o^2 + 3t_o) = 2t_o \Delta t + (\Delta t)^2 + 3\Delta t$

2) $\dfrac{\Delta S}{\Delta t} = 2t_o + 3$

3) $Ҳангоми\, t_o = 5, \quad 2t_o + 3 = 2 \cdot 5 + 3 = 13$

*Ҷавоб* $\vartheta = 13$

21

Аз таърифи ҳосила истифода бурда, қимати ҳосилаи функсияи $f$ - ро ёбед:

а) $f(x) = x^2 + x, \qquad x_o = 2$

б) $f(x) = 1 - x^3, \qquad x_o = 3$

3. Аз таърифи ҳосила истифода бурда, ҳосилаи функсияи $f$ - ро ёбед:

а) $f(x) = 2x^3 \qquad$ б) $f(x) = 4 - x^2$

## Маънои механикии ҳосила:

- **Ҳосила аз рӯи вақт ин аст суръат**
  **V(t) = S’(t)**



## Маънои геометрии ҳосила:

Хотиррасон мекунем, ки коэффисенти кунҷии хати рости $y=kx+в$ ба тангенси кунҷи $\alpha$, ки ин хати рост бо тири абсиссаҳо ташкил мекунад, баробар аст.

$$k = tg\alpha = \frac{\Delta y}{\Delta x}$$

**$K_{рас.} = f'(x_o)$**



### Афзоиши функсияи Δf ва афзоиши аргумент ΔX




**Ҳосила**

$$f'(x) = \lim_{\Delta x \to 0} \frac{\Delta f}{\Delta x} = \lim_{\Delta x \to 0} \frac{f(x + \Delta x) - f(x)}{\Delta x}$$

**Маълумоти таърихӣ**

Калимаи «ҳосила» - аз калимаи фронсавии derivee гирифта шудааст. 1797с – Ж.Лагранж ишорати ҳозираро дохил намуд

$$y',\ f'(x)$$

Исаак Нютон ҳосиларо флюксия ва худи функсияро – флюент номид.

Г.Лейбниц муносибатҳои дифференсиали номида онро ин тавр ишорат кард

$$\frac{df}{dx}$$

Калимаи «ҳудуд» (lim – аз ихтисори калимаҳои лотинии limes (сарҳад, ҳудуд)) аст аз тарафи И.Нютон дохил кардааст.




***Хулоса.*** Таълими низоми босалоҳият аз муаллим талаб менамояд, ки бештар ба мафҳуми мавзуи таълимӣ диққат надода, балки ба мазмуни таълим аҳамияти ҷиддӣ диҳем. Таълимоти мавзуъҳо бо ёрии муаррифӣ ин имконияти хубе барои омӯхтан ва азхуд намудани маводҳои гуногуни дарсӣ мебошад. Ҳангоми истифодабарии маводҳои мултимедиавӣ дар дарси математика тавассути муаррифӣ, қолаббандӣ ва визуалигардонии иттилоот, фаъолнокии амалиёти дарккунии муассилинро ба амал меояд. Мо истифодаи муаррифиро дар таълими математика дар мисоли таълими ҳосила овардем.

***Адабиёт***


1. *Алиев, Б. Алгебра ва ибтидои анализ. Китоби дарсӣ барои синфи 11 / Б. Алиев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг», 2006. - 177 с.*
2. *Андреев, А.А. Дидактические основы дистанционного обучения / А.А. Андреев. – М.: МЭСИ, 1999.– 120 с.*
3. *Байдуллоев, Ш. С. Роҳҳои баланд бардоштани салоҳиятнокӣ дар омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ / Ш. С. Байдуллоев. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ).- 2021.- №3.- С. 245-252.*
4. *Джусубалиева, Д.М. Формирование информационной культуры студента в условиях дистанционного обучения: дис. ... д-ра. пед. наук. / Джусубалиева. – Алматы, 1997. – 222 с.*
5. *Колмогоров, А.Н. ва дигарон. Алгебра ва ибтидои анализ: Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11 / А.Н. Колмогоров. - Душанбе, 1993. – 242 с.*
6. *Колягин Ю.М. Методика преподавания математики в средней школе: Общая методика / Ю.М. Колягин. - Москва, 1975. - 246 с.*
7. *Лаврентьев, Г.В. Инновационные обучающие технологии в профессиональной подготовке специалистов. Часть 2 : учеб.пособие [Электронный ресурс] / Г. В. Лаврентьев, Н. Б.Лаврентьева, Н. А. Неудахина. - Барнаул, 2004. - 234 с.*
8. *Рахимов А.А. Компьютерная система Maple как средство формирования творческой самостоятельности в обучении высшей математике студентов технических вузов в условиях кредитной технологии обучения /А.А. Рахимов. // Вестник национального университета Таджикистана (научный журнал), -Душанбе, 2017. -№ 1(1). - с. 57-60.*
9. *Раджабова, С. Использование мультимедийных средств в процессе обучения математике / С. Раджабова, Д. Н. Холматова. // Актуальные исследования. 2022. - №11 (90). - С. 96-98.*
10. *Раджабова, С. Дж. Электронные образовательные ресурсы и их использование на практических работах по информатике /С. Д. Раджабова, М.Г. Темирова, М.Д. Мирзоходжаев, М. С.Назаров. // В сборнике: Прикладные вопросы точных наук. Материалы VI Международной научно-практической конференции студентов, аспирантов, преподавателей. АМТИ, г.Армавир, Россия, 28-29 октября 2022. - С. 266 - 269*
11. *Раджабова, С. Дж. Основные принципы компетентного подхода, влияюшие на формирование педагогической культуры будущих учителей естественно - математических наук / Раджабова С. Д., Арипова М.Р., Кодиров Б.Р. // Вестник Академии образования Таджикистана. - 2021. - №1 (38). - С. 165-169.*
12. *Раҷабова, С. Ҷ. Аҳамияти ҳалли масъалаҳо дар тарбияи фаъолнокии эҷодии хонандагон бо принсипи таълими босалоҳият / С. Ҷ. Раҷабова, А.У. Очилов. // "Номаи донишгоҳ" -и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. 2022. - №1 (70). - С. 175 - 179.*
13. *Эльконин Б. Д. Понятие компетентности с позиций развивающего обучения//Современные подходы к компетентностно ориентированному образованию / Б.Д. Эльконин. - Красноярск, 2002. – 216 с.*

## РОҶЕЪ БА ИСТИФОДАБАРИИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР ДАР ДАРСҲОИ МАТЕМАТИКА

Дар мақолаи мазкур оид ба истифодаи усулҳои нави таълим дар дарсҳои математика сухан меравад. Дар мақола оид ба омодасозии муаллимониояндаи математика дар таълими алгебра дар мисоли таълими ҳосила бо истифода аз муаррифӣ нишон дода шудааст. Таълимоти мавзуҳо бо ёрии муаррифӣ ин имконияти хубест барои омӯхтан ва азхуд намудани маводҳои гуногуни дарсӣ мебошад. Ҳангоми истифодабарии муаррифӣ дар дарси математика қолаббандӣ ва визуалигардонии иттилоот, фаъолнокии амалиёти дарккунии муассилинро ба амал меояд, ки ин барои азхудшавии мавзуи мушкил ва таъмини сифати таълим оварда мерасонад. Мо истифодаи муаррифиро дар таълими математика дар мисоли таълими ҳосила овардем. Мақолаи мазкурро омӯзгорони математикаи мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯён ҳамчун маводи ёрирасон барои таълими ҳосила истифода карда метавонанд. Муаррифии сохташуда имконият медиҳад, ки омӯзиши мавзуи нав осонтар гардад.

**Калидвожаҳо:** ҳосила, математика, муаррифӣ, технологияи иттилоотӣ, усули таълим, афзоиши аргумент, афзоиши функсия, суръати миёна, суръати лаҳзагӣ, маънои геометрии ҳосила.

## К ИСПОЛЬЗОВАНИЮ СОВРЕМЕННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА УРОКАХ МАТЕМАТИИ

В данной статье рассматривается использование новых методов обучения на уроках математики. В статье о подготовке будущих учителей математики к преподаванию алгебры на примере обучения производной с помощью презентации.Преподавание темы с помощью презентации дает хорошая возможность для изучению и освоение различных материалов урока. При использовании презентации на уроке математики визуализации информации происходит активность познавательных операций участников, необходимая для усвоения темы это приводит к трудностям и обеспечению качества образования.. Мы использовали использования презентации в преподавании математики на примеры обучения производный. Эту статью учителей и студентов можеть использоват как вспомогательный материал при производном обучении. Встроенная презентация позволяет предмету усваивает легче.

**Ключевые слова:** производная, математика, показателья, информационные технология, метод обучения, приращение аргумента, приращение функции, средняя скорость, скорость, геометрический смысл производной.

## TOWARDS THE USE OF MODERN TECHNOLOGIES IN MATHEMATICS LESSONS

This article discusses the use of new teaching methods in mathematics classes. In the article on the preparation of future teachers of mathematics in the teaching of algebra in the example of teaching Hosila using the presenteri is shown.Teaching of the topicoho with the help of the presenterithis is a good opportunity for omhereading and mastering various lesson materialsiis When using the presenteri in the mathematics lessoniand visualization of information, the activity of cognitive operations of the participants takes place, which is necessary for mastering the topicheIt leads to difficulties and ensuring the quality of education. We used representation in teaching mathematics as an example of teaching derivatives.Read this articleheteachers of mathematics in secondary schoolsi, knowledgeVolheIt can be used as an auxiliary material for derivative teaching. The built-in presentation allows the omhesubject matterheit will become easier.

**Keywords:** derivative, mathematics, exponenti, information technologyi, teaching method,argument increment, function increment, average speed, lah speedzagi, the geometric meaning of the derivative.

**Дар бораи муаллиф**
Раҷабова Саодат Ҷамоловна
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотӣ
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, х. Мавлонбеков, 1
Тел.: (+992) 92 719 12 83
E-mail: saodat_6@mail.ru

**Об авторе**
Раджабова Саодат Джамоловна
Кандидат педагогических наук, доцент, заведующая кафедрой методики обучения математике и информационным технологиям
Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова
735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1
Тел.: (+992) 92 719 12 83
E-mail: saodat_6@mail.ru

**About the author**
Rajabova Saodat Jamolovna
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Methods of Teaching Mathematics and Information Technologies
Khujand State University named after academician B. Gafurov
735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1
Ph.: (+992) 92 719 12 83
E-mail: saodat_6@mail.ru

ТДУ 574.6:477

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

***Саидзода И. М., Каримов У. М.***
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дар шароити муосири имрӯза зарурати ба роҳ мондани шаклҳои нави таълим ва истифодаи самараноки воситаҳои нав ба миён омадааст, ки онҳо аз омӯзгор маҳорати баланди касбиро талаб мекунанд. Аз ин рӯ, бояд омӯзгор ва хонанда дар раванди таълим ба технологияҳои нав рӯ оварда, ҷараёни таълимро бакуллӣ тағйир диҳанд. Азхудкунии технологияҳои нав, аз ҷумла технологияҳои нави иттилоотӣ, боиси он гаштаанд, ки салоҳиятнокии хонандагон дар омузиши мавзуъҳои дарсӣ даҳҳо маротиба боло равад.

Таҷрибаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки усулҳо ва шаклҳои таълимӣ дар натиҷаи ба кор бурдани воситаҳои нави иттилоотӣ бакуллӣ тағйир меёбанд. Талабот ба мавҷудияти технологияҳои компютерӣ ва ташкили фаъолияти якҷояи хонандагону омӯзгорон бо истифодаи воситаҳои техникии таълимӣ имконияти бештар намудани аёниятҳои таълимро фароҳам меорад. Зеро равандҳои рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ боиси меҳнати дастаҷамъона ва гурӯҳии одамон гардидааст, ки дар натиҷаи он талабот ба доштани қобилияти фикрии дастаҷамъӣ, донистани техникаҳою технологияҳои иттилоотӣ ва ғайраро афзоиш медиҳад.

Оид ба масъалаи татбиқи босамари технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ корҳои илмӣ-таҳқиқотии зиёде нашр шудааст. Масалан, аз ҷониби М. И. Желдаков [5], И. В. Роберт [7], Г. К. Слевко [13; 14], Ф. С. Комилиён [6], С. Ҳ. Мирзоев, И. М. Саидзода [8-12] ва дигарон дар ин самт корҳои илмию методии зиёде нашр гардидаанд, ки имрӯз бо таври васеъ дар раванди таълим татбиқ мешаванд.

Тамоюли бемайлони рушди ҷомеаи муосир боиси ба вуҷуд омадани стандартҳои нави таълим гардидааст, ки онҳо зарурати коркарди усулҳои нави таълимро муайян мекунанд. Чунки стандартҳои нави таълим зарурати тағйир додани хусусиятҳои ҳамкории педагогӣ, тағйир додани мундариҷа, таркиб ва шароити амалисозии фаъолияти таълимиро ба миён оварда, моро водор месозанд то ба раванди таълим аз диди нав назар созем.

Дар стандартҳои таълимӣ баъзан вақт ба мафҳуми “Амалҳои унверсалии таълимӣ” рӯ ба рӯ мешаваем, ки ин мафҳум дорои чунин маъно аст: “Амалҳои унверсалии таълимӣ ин қобилияти субъект ба худинкишофдиҳӣ ва худтакмилдиҳӣ тавассути фаъолона аз худ намудани таҷрибаи нави иҷтимоии маҷмуи амалҳои хонанда мебошад, ки он тафовути фарҳангӣ, салоҳияти иҷтимоӣ, таҳаммулпазирӣ, қобилияти мустақилона аз худ намудани донишҳою қобилиятҳои нав ба шумули қобилияти ташкили раванди омӯзишро таъмин менамоянд” [6, с. 12].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки аз худ кардани амалҳои унверсалии таълимӣ ба хонанда имкон медиҳанд, то дар асоси ташаккули қобилияти омӯзиш мустақилона ва муваффақона дониш, қобилият ва салоҳияти навро аз худ намояд. Имрӯз дар раванди таълим ба амалҳои унверсалии таълимӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Ба амалҳои унверсалии таълимӣ метавон малакаҳои хонандагонро арзёбӣ намуд, ки бояд дар мактаб дар раванди ҳамаи дарсҳо ташаккул дода шаванд.

Амалҳои унверсалии таълимиро метавон ба чор бахш гурӯҳбандӣ намуд: амалҳои шахсӣ, амалҳои танзимкунанда, амалҳои маърифатӣ ва амалҳои муоширатӣ.

Дар раванди ҳалли масъалаҳои муоширатӣ ва маърифатӣ нутқ ва воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ фаъолона истифода мешаванд. Аз ҷиҳати методӣ метавон салоҳияти корбурди технологияҳои иттилоотиро ба қобилияти берун аз фаннӣ дохил намуда, аҳаммияти корбурди технологияҳои иттилоотиро баробар ба қобилиятҳои хондану навиштан арзёбӣ намуд [7-9].

Имрӯз дар тамоми муассисаҳои таълимӣ ба масъалаи баландбардории салоҳият ва салоҳиятнокии дониши хонандагон диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Мафҳуми салоҳият ва салоҳиятнокиро бо якчанд маъноҳо шарҳ медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки аз нуқтаи назари педагогӣ дар раванди таълим мафҳуми салоҳиятро чунин шарҳ додаанд: “Салоҳият ин бархӯрдор будан аз маҳорати хуби

азбарнамоии дониш, истифодаи малакаҳои касбии худ ва дар амалия татбиқ намудани донишҳои назариявӣ мебошад". Дар шинохти шахсият чунин салоҳиятҳо, ба мисли салоҳияти омӯзишӣ, салоҳияти умумифарҳангӣ, салоҳияти иҷтимоӣ-меҳнатӣ, салоҳияти иттилоотӣ, салоҳияти муошират ва амсоли инҳоро фарқ кардан мумин аст [2].

***Салоҳияти иттилоотӣ.*** Вақте сухан дар бораи салоҳияти иттилоотӣ меравад, бояд ҳар як фард дарк намояд, ки салоҳияти иттилоотӣ мафҳуми хеле васеъро фарогир буда, қобилият, маҳорати мустақилона ҷустуҷӯй ва таҳлил, интихобу коркард ва интиқол додани иттилоот тавассути технолгияҳои иттилоотӣ, шифоҳӣ ва хаттиро дар бар мегирад.

***Салоҳияти муоширатӣ*** ин қобилияти шахс доир ба муошират шифоҳӣ ва маҳорати гӯш кардани ҳамсуҳбат мебошад. Аз ҷумлаи қобитлятҳои ҳатмие, ки муошират муваффақонаи шахсро таъмин менамоянд, инҳо махсуб мешаванд:

- ✓ қобилияти пешниҳоди савол ва додани ҷавобҳои дақиқ ба онҳо;
- ✓ бодиққат гӯш кардану фаъолона баррасӣ намудани масъалаи пешниҳодшуда;
- ✓ шарҳ додани суханҳои ҳамсуҳбатон ва аз нигоҳи интиқодӣ арзёбӣ кардани онҳо;
- ✓ асоснок намудани ақидаи худ дар корҳои гурӯҳӣ;
- ✓ қобилияти ба ҳамсуҳбат изҳор намудани фиркри худ ва мутобиқ намудани суханронинҳо бо дигар иштирокчиёни ба муошират ҳамроҳшуда [3; 8].

***Салоҳияти корбурди технологияҳои иттилоотӣ***. Ҳангоми истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ҳар як истифодабаранда бояд аз салоҳиятҳои худ бархурдор бошад. Корбар бояд дарк намояд, ки ба зимаи ӯ кадом вазифаҳо гузошта шудаанд ва онҳоро бояд бо кадом роҳҳо амалӣ намояд. Салоҳияти корбурди технологияҳои иттилоотӣ қобилияти хонандагонро доир ба истифода намудани технологияҳои компютерӣ барои дастрасӣ доштан ба манбаи иттилоот, коркард ва ҷустуҷӯ, арзёбӣ, инчунин барои тавлиду интиқол ва густариши иттилоот роҳандозӣ намуда, барои зиндагию фаъолият кардан дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ мусоидат мекунад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим бевосита аз омӯзгор ва хонанда салоҳиятнокии баланро талаб мекунад.

Оид ба мафҳуми технологияҳои иттилоотӣ дар адабиётҳои илмӣ таърифҳои гуногун дода шудааст. Аммо таърифи нисбатан қобили қабул ин тафсири истилоҳи мазкур аз ҷониби муҳаққиқ М. И. Желдак, мебошад, ки зери истилоҳи технологияи иттилоотӣ "Маҷмуи методҳо ва воситаҳои техникии ҷамъоварӣ, ташкил, нигоҳдорӣ, коркард, интиқол ва пешниҳоди иттилоот фаҳмида мешавад, ки донишҳои инсонро вусъат бахшида, имкониятҳои онро доир ба идора намудани равандҳои техникию иҷтимоӣ афзун менамоянд" [5, с. 22].

Технологияҳои иттилоотиро дар раванди таълим дар ҳамаи самтҳои мухталифи гуногун истифода намудан мумкин аст (расми 1).




***Расми 1. Самтҳои асосии истифодабарии технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим***

Имрӯз дар раванди таълим мо наметавонем дарси муосирро бидуни истифодаи технологияҳои иттилоотӣ тасаввур намоем. Зери истилоҳи *“Технологияи иттилоотӣ”* раванде фаҳмида мешавад, ки дар он маҷмуи воситаҳою методҳои ҷамъоварӣ, коркард ва интиқоли додаҳо (маълумоти ибтидоӣ) барои ба даст овардани маълумоти сифатан нав дар бораи ҳолати объект, раванд ва ё ҳодиса (маҳсули иттилоотӣ) ба кор бурда мешаванд [6,7].

Истилоҳи *“Технологияҳои иттилоотӣ”* дар бисёр маврид ҳамчун муродифи истилоҳи *“Технологияҳои компютерӣ”* истифода мешавад, зеро ҳамаи технологияҳои иттилоотӣ бо корбурди компютер алоқамандӣ доранд. Вале истилоҳи *“Технологияҳои иттилоотӣ*” нисбатан васеътар буда, *“Технологияҳои компютерӣ”* яке аз ҷузъҳои технологияҳои иттилоотӣ ба ҳисоб меравад [5].

Муҳаққиқони соҳа ба он назаранд, ки дурнамои вазъи ситемаи маорифи дилхоҳ давлат ва рушди он аз истифодаи босамари технологияҳои иттилоотӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Зеро маҳз бо татбиқи босамари технологияҳои муосир мо метавонем раванди таълимро бакуллӣ тағйир дода, малака ва маҳорати эҷодии хонандагонро баланд бардорем.

Ба ақидаи С. Г. Слевко [13; 14] дар раванди таълим технологияи иттилоотӣ метавонад дар се ҳолат истифода шавад:

1. *Ҳамчун воситаи иловагӣ*, истифодаи компютер ва технологияҳои чандрасонаӣ ҳангоми омӯзиши мавзуъҳо ва бахшҳои ҷудогона барои ҳалли масъалаҳои таълимӣ;
2. *Ҳамчун воситаи муҳимми таълимӣ*, ки дар бисёр ҳолатҳо барои вусъат бахшидани технологияҳои педагогӣ истифода мешавад;
3. *Ҳамчун техологияи ягона*, вақте ки омӯзиш ва идоракунии раванди таълим, ба шумули ҳамаи навъҳои ташхис, назорат ва мониторинг бо истифодаи компютер сурат мегиранд.

Таҷрибаҳои педагогии солҳои охир нишон медиҳанд, ки истифодаи босамараи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим ҷанбаи равонӣ дошта, аз ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим (омӯзгорон ва хонандагон) истифодаи оқилона ва дарки масъулиятро талаб мекунанд. Технологияи иттилоотиро баъзе истифодабарандагон имрӯз ҳамчун воситаи фароғатӣ тасаввур мекунанд, ки ин куллан хато аст. Зеро технологияи иттилоотӣ на ҳамчун воситаи фароғатӣ, балки ҳамчун воситаи ёрирасони таълимӣ бояд фаҳмида шавад. Инчунин, бояд қайд намуд, ки муваффақияти татбиқи технологияҳои иттилоотӣ аз татбиқи босалоҳият иборат буда, дар сурати истифодаи нодурусти он эҳтимоли паст шудани сифати таълим дар назар аст.

Яке аз самтҳои муҳим ва татбиқии технологияҳои иттилоотӣ ин дастрасӣ доштан ба манбаи захираҳои иттилоотӣ аст, ки онҳо бо истифода аз компютер рӯйи кор омадаанд. Дар сурати истифодаи дурусти ин технологияҳо имконият даст медиҳад ҳатто ба корҳои тарбиявӣ ва идеологии муассисаҳо диққати аввалиндараҷа дода шавад. Зеро вақте, ки иттилоот дар пойгоҳи додаҳо захира шуда бошад, дастрасӣ ва коркарди он дар раванди таълим чандин маротиба осон мегардад [7; 13].

Ба қатори технологияҳои асосии иттилоотие, ки дар раванди таълим истифода мешаванд, метавон инҳоро дохил намуд:

**1. Рӯнамоҳои чандрасонаӣ.** Ҳангоми тадриси мавзуъҳои дарсӣ омӯзгор тасвирҳои гуногун бо графикаҳо, ҷадвалҳо ва амсилаҳоро тавассути рунамоҳои чандрасонаӣ нишод дода метавонад, ки ин ҳолат боиси шавқи хонандагонро нисбати мавзуи дарсӣ зиёд мекунад. Инчунин нишон додани наворҳои кӯтоҳи видеоӣ ва ғайра. Тавассути рӯнамоҳо метавон диаграммаҳо, нақшаҳо, ҷадвалҳо ва графикҳои мухталифро нишон дод. Рӯнамоиро ҳам худи омӯзгор ва ҳам хонандагони синфҳои болоӣ омода намуда метавонанд. Бо ин восита хонандагон маводи худро муаррифӣ намуда, нутқи худро бурро мегардонанд. Бо ин роҳ имкон фароҳам меояд то хонандагон ҳавасманд гардида, маводҳои таълимӣ ва муҳиммияти омӯзиши онҳоро дарк намоянд.

**2. Китобҳои дарсии электронӣ.** Китобҳои дарсии электронӣ яке аз самтҳои босамари татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим буда, имкон медиҳанд, ки хонанда мустақилона ва бидуни ягон техникаи дигар ҳам ба мақсади худомӯзӣ ва ҳам ба сифати воситаи методии ягон фан, онҳоро истифода намояд. Китоби электронӣ имкон медиҳад мисолу масъалаҳо, супоришҳои гуногун ва саволномаҳои тестӣ дастраси хонандагон

гарданд. Зарурати доимо нашр кардани маводро аз байн мебарад. Яке аз бартариятҳои китоби дарсии электронӣ дар он аст, ки имконияти зуд ёфтани маводи зарурири аз матн фароҳам меорад. На ҳар гуна китоби чопӣ нишондиҳанда дорад ва агар дошта бошад ҳам, он хеле маҳдуд аст. Фароматн (гипертекст) дар китобҳои дарсии электронӣ имкон медиҳад, ки маводи таълимӣ ба порчаҳои сершумор ҷудо карда шавад ва онҳо бо ҳамдигар алоқаманд гарданд.

**3. Нармафзорҳои омӯзишӣ.** Бо рушд намудани технологияҳои иттилоотӣ аз ҷониби мутахасиисони соҳаи барномасозӣ нармафзорҳои махсуси таълимие сохта шудаанд, ки онҳо дар раванди таълим истифода мешаванд. Дар раванди дарсҳо ва дар машғулиятҳои беруназсинфӣ истифодаи нармафзорҳои омӯзишӣ ба болобардории салоҳиятнокии хонандагон ва омӯзиши инфиродии онҳо мусоидат мекунад. Нармафзорҳои таълимӣ имкон медиҳанд, ки хонанда худаш фаъолияти омӯзишиашро инкишоф дода, раванди омӯзиши маводҳои таълимиро назорат кунанд. Ба сифати нармафзорҳои омӯзишӣ метавонем чунин барномаҳоро номбар намоем: "Математикаи зинда", "Геометрияи зинда", "Қутбнамо" ва ғайра, ки онҳо дар раванди дарсҳои амалӣ аз фанҳои математика, алгебра ва геометрия ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо ёрӣ мерасонанд [7].

**4. Дастрасӣ бо истифодаи интернет.** Интернет ба хонандагон имкон медиҳад, то маълумоти барои онҳо зарурири аз махзанҳои бузурги иттилоотӣ интихоб ва дарёфт намоянд. Ба монанди маҷмуаҳои омӯзишӣ, ки хонанда бо истифодаи онҳо метавонад, масъалаҳоеро, ки дар раванди фаъолияти омӯзишӣ ба вуҷуд меоянд, ҳал намоянд. Инчунин, дар ҳама марҳилаҳои раванди таълим аз шабакаи интернет бо таври васеъ истифода намудан имконпазир аст. Дар шабакаи интернет блокҳои махсуси педагогӣ таҳия шудаанд, ки онҳо барои идеяҳои эҷодкориии хонандагонро рушд додан нақши муҳимро мебозанд.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим суръати интиқоли донишҳо ва ҷамъоварии таҷрибаи технологию иҷтимоии инсониятро боло мебардоранд. Технологияҳои иттилоотии муосир сифати омӯзишро баланд бардошта, ба инсон имкон медиҳанд, ки ӯ зудтар ва бо муваффақияти бештар ба муҳити атроф ва тағйироти дар ҷомеа бавуҷудомада мутобиқ шавад. Технологияҳои иттилоотӣ ба ҳар як инсон имконияти гирифтани донишҳои зарурири фароҳам меоранд.

Фаъолонаю самарабахш ҷорӣ намудани технологияҳои мазкур дар раванди таълим омили муҳимми ташкили низоми таҳсилот буда, ҷавобгӯйи талаботи ҷомеаи иттилоотӣ ва раванди ислоҳоти низоми анъанавии таҳсилот мебошад. Дар мактабҳои муосир технологияҳои иттилоотӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва дар ҳар як фанни таълимӣ бо гунаҳои махсус истифода мешаванд.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим аз ҷорӣ намудани талаботи ягонаи Стандарти давлатии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Дар амал татбиқ намудани талаботи ҷиддӣ ба натиҷаҳои аз худ кардани барномаи таълимӣ, ба таркиб ва шартҳои амалисозии он бидуни истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ имконнопазир аст. Технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ дар аз худ кардани ҳам донишу малакаҳои фаннӣ ва ҳам фарофаннӣ ёрӣ мерасонанд. Инчунин, бояд ёдрас шуд, ки маҳз бо истифодаи босамари технологияҳои иттилоотӣ вақт самаранок истифода гардида, маводи зиёд ба хонанда пешкаш карда мешавад ва қобилияти эҷодии зеҳни хонандаро инкишоф додан мумкин аст.

***Адабиёт***


1. *Актуганова, О.Н. «Интерактивные» уроки математики / О.Н. Актуганова. // Вестник Марийского государственного университета. – Марийск: Изд-во МарГУ, 2012. – №9. – С. 66–69.*
2. *Андреев, А.А. Компьютерные и телекоммуникационные технологии в сфере образования / А.А. Андреев // Школьные технологии. – 2007. – №3. – С. 151–170.*
3. *Антонова, А.В. О способах использования интерактивной доски при организации дидактических игр по математике / А.В. Антонова // Успехи современного естествознания. – М.: Изд-во Академия Естествознания, 2011. – №8. – С. 152–160.*
4. *Джаджа, В.П. Мультимедийная модель и интерактивная доска в обучении математике в школе / В.П. Джаджа // Вестник Московского городского педагогического университета: серия информатика и информатизация образования. –М.: Изд-во МГПУ, 2007. – №8. – С. 36–39.*
5. *Желдаков, М.И. Внедрения информационных технологий в учебный процес с. / М.И. Желдаков. – Мн.: Новое знание, 2003. – 152 с.*

6. *Комилиён, Ф. С. Барномаи таълими фанни технологияи иттилоотӣ дар синфҳои 5-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ [Матн] / Ф. С. Комилиён. – Душанбе: Матбааи ВМИ ҶТ, 2018. – 64 с.*
7. *Роберт, И.В. Теория и методика информатизации образования (психолого- педагогический и технологический аспекты) / И.В. Роберт //– М.: ИИО РАО, 2007. – 234 с.*
8. *Саидзода, И. М. Методикаи ташкили дарсҳои технологияи иттилоотӣ дар мактабҳои миёна / И. М. Саидзода, Қ. Э. Ҳайетов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №3. – С. 293-300.*
9. *Саидов, И. М. Асосҳои амсиласозии риёзӣ / И.М. Саидов. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2020. – 152 с.*
10. *Саидов, И.М. Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар фаъолияти таълимӣ / Саидов И., Саидҷаҳфаров А.И. //Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ. – Душанбе, 2021. – №4. – С. 220-227.*
11. *Саидов, И.М. Нақши технологияи иттилоотӣ дар таҳсилоти фосилавӣ [Матн] / Саидов И.М. // Паёми пажуишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2020. – №1,(29), – С. 161-166.*
12. *Саидов, И.М. Омӯзиши технологияи иттилоотӣ ҳамчун омили рушди салоҳиятнокии дониши хонандагон / Саидов И.М., Мирзоев С. , Ҳайётов Қ.// Пайёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Бахши технологияи таълим. – Душанбе, 2021. – №1(33). – С. 60-64.*
13. *Селевко, Г.К. Педагогические технологии на основе информационно-коммуникационных средств / Г.К. Селевко. - М.: НИИ школьных технологий, 2005. – 204 с.*
14. *Селевко, Г.К. Современные образовательные технологии: учебное пособие / Г.К. Селевко. – М.: Народное образование, 1998. – 256 с.*

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Мақола ба масъалаи асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва самараноки онҳо дар раванди таълим бахшида шудааст. Таҷрибаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки усулҳо ва шаклҳои таълимӣ дар натиҷаи бакор бурдани воситаҳои нави иттилоотӣ бакуллӣ тағйир меёбанд. Талабот ба мавҷудияти технологияҳои компютерӣ ва ташкили фаъолияти якҷояи хонандагону омӯзгорон бо истифодаи воситаҳои техникии таълимӣ имконияти бештар намудани аёниятҳои таълимро фароҳам меорад. Зеро равандҳои рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ боиси меҳнати дастаҷамъона ва гурӯҳии одамон гардидааст, ки дар натиҷаи он талабот ба доштани қобилияти фикрии дастаҷамъӣ, донистани техникаҳою технологияҳои иттилоотӣ ва ғайраро тақозо мекунад. Технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ дар аз худ кардани ҳам донишу малакаҳои фаннӣ ва ҳам фарофаннӣ ёрӣ мерасонанд. Инчунин, бояд ёдрас шуд, ки маҳз бо истифодаи босамари технологияҳои иттилоотӣ қобилияти эҷодии зеҳни хонандаро инкишоф додан мумкин аст. Дар мақола ҷанбаҳои назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, муҳиммияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва самарабахшии онҳо дар баландабардории сифати таълим арзёбӣ шудаанд.

**Калидвожаҳо:** салоҳият, технология, компютер, омӯзгор, малака, таҷриба, метод, самаранокӣ, дониш, омӯзиш.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

Статья посвящена задачам теоретических основ использования информационных технологий и их эффективности в образовательном процессе. Педагогический опыт показывает, что методы и формы обучения полностью меняются в результате использования новых информационных средств. Потребность компьютерных технологий и организация совместной деятельности учащихся и преподавателей с использованием технических средств обучения позволяет повысить качество обучения. По этому процессы развития мирового общества привели к коллективной и групповой работа людей, вследствие чего требуется востребованность коллективного мышления, знания техники, информационных технологий. Информационно-коммуникационные технологии помогают в приобретении как технических, так и междисциплинарных знаний и навыков. Также следует, что творческие способности мышления студенти можно развить именно при эффективном использовании информационных технологий. В статье изучены и проанализированы теоретические аспекты использования информационных технологий, а также оценена значимость использования информационных технологий и их эффективность в повышении качества образования.

**Ключевые слова:** компетентность, технология, компьютер, учитель, умение, опыт, метод, эффективность, знания, обучение.

## THEORETICAL FOUNDATIONS FOR THE USE OF INFORMATION TECHNOLOGY IN THE EDUCATIONAL PROCESS

The article is devoted to the tasks of the theoretical foundations of the use of information technologies and their effectiveness in the educational process. Pedagogical experience shows that the methods and forms

of teaching are completely changing as a result of the use of new information tools. The need for computer technology and the organization of joint activities of students and teachers using technical teaching aids can improve the quality of education. Therefore, the processes of development of the world society have led to the collective and group work of people, as a result of which the demand for collective thinking, knowledge of technology, information technology is required. Information and communication technologies help in acquiring both technical and interdisciplinary knowledge and skills. It also follows that the creative thinking abilities of students can be developed precisely with the effective use of information technology. The article studies and analyzes the theoretical aspects of the use of information technology, as well as assesses the importance of the use of information technology and their effectiveness in improving the quality of education.

**Keywords:** competence, technology, computer, teacher, skill, experience, method, efficiency, knowledge, learning.

**Дар бораи муаллифон**

Саидзода Исроил Маҳмад
Номзади илмҳои техникӣ, дотсенти
кафедраи информатика
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992) 904 48 55 55
E-mail: isroil-84@list.ru

Каримов Умед Мусоевич
Ассистенти кафедраи информатика
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х.Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992) 93 103 04 00
E-mail: umedjon_karimov@list.ru

**Об авторах**

Саидзода Исроил Махмад
Кандидат технических наук, доцент
кафедры информатики
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе,
пр. Рудаки 17,
Тел: (+992) 904 48 55 55
E-mail: isroil-84@list.ru

Каримов Умед Мусоевич
ассистент кафедры информатики
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе,
пр.Рудаки 17
Тел: (+992) 93 103 04 00
E-mail: umedjon_karimov@list.ru.

**About the authors**

Saidzoda Isroil Mahmad
Candidate of Technical Sciences, Associate
Professor of the Department of Informatics
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki
ave., 17
Phone: (+992) 904 48 55 55
E-mail: isroil-84@list.ru

Karimov Umed Musoevich
Assistant of the Department of Informatics of
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki ave., 17
Phone: (+992) 93 103 04 00
E-mail: umedjon_karimov@list.ru

ТДУ 51 (075)

# АЛОҚАМАНДИИ ФАННИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ БО ТАБИАТШИНОСӢ

***Бегимов Ҳ. Х., Бурҳонов Қ. Т.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи*
*академик Бобоҷон Ғафуров*

Асоси биологии шахсияти инсон дар имконияти вай оид ба дарки ҷаҳони муосир ва амалисозии он дар сатҳҳои гуногун, ки барои муҳити иҷтимоӣ мусоидат менамояд, ифода карда мешавад. Ин ҳақиқат дар амалисозии раванди таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ сурат мегирад, ки тавассути таълими фанҳои табиӣ-математикӣ роҳандозӣ шуда, як ҷузъиёти умумии фарҳангии шахс мебошад.

Дар ҳамин замина, Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдовар мешавем, ки дар он қайд гардидааст: «Солҳои 2020-2040 омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардидааст, ки ин иқдом боз афзалияти омӯзиши фанҳои табиӣ-математикиро тақвият мебахшад.

Навгониҳое, ки дар системаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо амалӣ мешавад ба рушду ташаккули шахсияти хонандагон нигаронида шудааст.

Яке аз ин самтҳо ҳалли масъалаи роҳандозии корҳо оид ба ҳамгироии муассисаҳои таҳсилоти таълимӣ ва ҷомеа мебошад. Ҳамгироӣ дар раванди таълим – яке аз равияҳои муҳимми ҷустуҷӯи усулу методҳои нави ҳалли масъалаҳои педагогӣ мебошад, ки боиси инкишофи нуфузи омӯзгорон гардида, бо мақсади таъсири самараноки онҳо ба хонандагонро ифода менамояд. Ҳамгироӣ ҳамчун раванд пеш аз ҳама, дар илмҳои табиӣ-риёзӣ ба таври амалӣ сурат мегирад. Ин раванд баръакси тафриқаи илмҳо буда, ба рушди ҳаҷму васеъгии донишҳо талабҳои навро пеш меорад [10]. Аз ин лиҳоз, ба хонандагон дониши муайян додан ва дар амалия татбиқ кардани ин донишҳо ва омӯзонидани онҳо мақсади асосии таълими математика дар мактаб мебошад. Дар як вақт таълими математикаро, монанди дигар предметҳо, барои тарбияи имрӯзаи бачаҳо, барои инкишоф додани тафаккур, ирода, малакаи меҳнатию ташкилӣ ва маҳорати онҳо истифода бурдан лозим аст.

Маводи таълимии омодашуда ба инкишофи тафаккур, пайдарҳамӣ ва мантиқии хонандагони хурдсол, инчунин барои кӯтоҳ, аниқ ва фаҳмо ифода карда тавонистани фикрашон мадад мерасонад.

Ҳангоми ҳал кардани масъалаву мисолҳо аз хонандагон бодиққат будан ва аксар вақт, зарурияти дар хотир нигоҳ доштани маълумотҳои ададӣ ва натиҷаи амалҳо талаб карда мешавад. Бо ҳамин роҳ, таълими математика ба инкишоф ёфтани диққат ва хотираи хонандагон ёрӣ мерасонад [8].

Методикаи таълими математика пеш аз ҳама, бо фанни математика (назарияи математика) алоқаманд аст, зеро он фанни базавӣ буда, ба мазмун ва мундариҷаи курси математика таъсир мерасонад. Интихоби усули таълим аз он ки кадом ғояҳои математикӣ дар синфҳои ибтидоӣ равшан карда мешаванд, вобаста аст.

Ҳаминро бояд қайд кард, ки методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ бо фанҳои мантиқ, фалсафа, табиатшиносӣ, физика ва ғайра робитаи зич дорад.

Шиносоӣ бо табиат хонандагони хурдсолро дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ ва эҳтироми якдигар тарбия менамояд. Аз тарафи дигар, хонандагон барои ояндаи худ роҳ мекушоянд [2].

Омӯзиши табиат дар синфҳои ибтидоӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки хонандагонро дар рӯҳияи эстетикӣ тарбия намояд. Бо ин мақсад, омӯзгор ҳангоми экскурсия диққати хонандагонро ба зебоии дашту саҳро, чаманзору бешазор, ғуруби офтоб, хониши парандагон ва ғайра ҷалб мекунад.

Мувофиқи талаботи пешрафти илмҳои ҷудогона, тағйирёбии шароити маданӣ – сиёсӣ ва иқтисодии мардуми ҷумҳурӣ барои боз ҳам самаранок гардидани системаи таълиму тарбияи насли наврас дигаргуниҳои куллӣ ба миён омад.

Мувофиқи сохти нави мактаби маълумоти умумӣ таълими ибтидоӣ синфи 1-4-ро дар бар гирифта, барои ба мактаб омода намудани кӯдакон масъулияти шахсони калонсоли оила, кормандони системаи тарбияи томактабӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳоро боз ҳам зиёд кард.

Мақсади асосии барномаҳои нав ҳам дар он аст, ки тарбияи ҳаматарафаи шахсияти кӯдакро дуруст ба роҳ монем.

Табиатшиносӣ, пеш аз ҳама илми серсоҳа буда, дар синфҳои ибтидоӣ ҳамчун фанни яклухт таълим дода мешавад ва дар синфҳои болоӣ бошад, мафҳумҳои алоҳидаи он мавриди омӯзиши фанҳои алоҳида қарор мегирад.

Мақсади асосии ин барномаи нав аз он иборат аст, ки бояд дар шахсияти кӯдакон ҳисса гузоштан ба табиат тарбия карда шавад.

Бояд қайд кард, ки таълими табиатшиносӣ ба психологияи синну- солии хонандагон марбут буда, он дар рӯҳияи донистагирии ашёву ҳодиса ва воқеаҳои табиати ҷондору беҷон,табиатдӯстӣ, ҳифзи боигариҳои муҳити зист сурат хоҳад гирифт.

Яке аз вазифаҳои асосии омӯзиши математика дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо дар хонандагон ташаккул додани малакаҳои мустаҳками ҳисобкуниҳои шифоҳӣ ва хаттӣ мебошад. Дар синфи якум, ки хонандагон бо ададҳои хурд кордор бошанд, ҳисобкуниҳо танҳо бо усулҳои шифоҳӣ иҷро карда мешаванд. Омӯзиши ҳисобкуниҳои хаттӣ низ аҳамияти муҳим дорад.

Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки дар вақти таълим додани амалҳои ҷамъ ва зарб хонандагони хурдсолро ба баландшавии ҳарорати ҳаво (масалан: $+19^0$, $+25^0$, $+35^0$ ва ғайра) ва дар таълими амалҳои тарҳ ва тақсим ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо паст рафтани ҳарорати ҳаво (масалан: $-19^0$, $-25^0$, $-35^0$ ва ғайра), шинос намудаи яке аз усулҳои беҳтарин мебошад.

**Математика - китоби дарсӣ барои синфи 1**

Ҳаминро бояд қайд кард, ки ҳалли масъалаҳо дар синфи 1 бо ёрии расм гузаронида мешавад, масалан (саҳ. 44):




**Суҳбати муқаддимавии омӯзгор пас аз ҳалли масъалаҳо бо хонандагон:**

Омӯзгор: Дар расм шумоён чиро мебинед?

Хонандагон: Дар расм тарбузҳоро мебинем.

Омӯзгор: Миқдори тарбузҳо чандто?

Хонандагон: Миқдори тарбузҳо 10 то.

Омӯзгор: Масъала бо кадом амал ҳал карда мешавад?

Хонандагон: Масъаларо бо амали тарҳ ҳал карда мешавад.

**Чистон:**

Гунбази лӯндаи сабзи камбар,
Ҳуҷраҳо ҷораду надорад дар. (Тарбуз)

Ҳалли масъала бо ёрии расм.(саҳ.59)



**Суҳбати муқаддимавии омӯзгор пас аз ҳалли масъалаҳо бо хонандагон:**

Омӯзгор: Дар расм шумоён чиро мебинед?

Хонандагон: Дар расм ангурҳоро мебинем.

Омӯзгор: Миқдори ангурҳо чандто?

Хонандагон: Миқдори тарбузҳо 5- то.

Омӯзгор: Масъала бо кадом амал ҳал карда мешавад?

Хонандагон: Масъала бо амали тарҳ ҳал карда мешавад.

➢ Дар тамоми дунё зиёда аз 8000 хели ангур, дар Тоҷикистон 211 навъи ангур парвариш карда мешавад. Дар мавсими ангурпазӣ ҳар кас бояд рӯзе 300-500 грамм ангур хӯрад. (Ангур барои иллати дил, меъда, ҷигар, шуш, асаб ва ғайра фоиданок аст.)

**Масъала.** Ба хонаи бачагон 125 кг ангур оварданд, ки аз ин гелос 14 кг зиёд буд. Олуҳои овардашуда аз гелос 30 кг камтар буд. Ҳамагӣ ба хонаи бачагон чанд килограмм мева оварданд?

<u>Шарти кутоҳи масъала</u>

Ангур – 125 кг

Гелос - 14 кг

Олу – аз гелос 30 кг камтар аст.

Ҳамагӣ - ?

**Ҳал:** 1) 30 кг +14кг = 54 кг – олу.

2) 125 кг + 14 кг + 54 кг = 139 кг +54кг = 193 кг.

**Ҷавоб:** Ҳамагӣ ба хонаи бачагон 193 кг килограмм мева оварданд.

**Математика - китоби дарсӣ барои синфи 2**

**Масъала.** (саҳ. 27). Вазни ду қуттӣ шафтолу 15 кг аст. Вазни як сабад шафтолу назар ба вазни қуттиҳои шафтолу 5 кг сабук аст. Вазни сабади шафтолуро муайян кунед.

<u>Шарти кутоҳи масъала</u>

Ҳамагӣ – 15 кг

$C_1$ – 5 кг

$C_2$ - ?

**Ҳал:** 15кг – 5 кг = 10 кг. **Ҷавоб:** 10 кг.

**Масъала**. (саҳ. 39) Дар сатили якум 9 л ва дар сатили дуюм 6 л равған ҳаст. Дар ду сатил чанд литр равған ҳаст?

<u>Шарти кӯтоҳи масъала</u>

$C_1$ – 9 л

$C_2$ – 6 л

Ҳамагӣ - ?

**Ҳал:** 9 л +6 л = 15 л.

**Ҷавоб:** Дар ду сатил 15 литр равған ҳаст.

**Математика - китоби дарсӣ барои синфи 4**

Ҳисоб кунед (саҳ. 30). 1) 20 т + 30 т +40 т = 90 т; 2) 45 т-18 т+21 т = 48 т.

**Масъала**.(саҳ. 149) Дар гармхонаи гулпарварӣ 240 қаламчаи гули садбарг парвариш мекарданд. Аз ин гулҳо $\frac{1}{4}$ ҳиссааш зард, $\frac{1}{6}$ ҳиссааш сафед, боқимондааш гули сурх буд. Дар гармхона чандто қаламчаи гули сурх буд?

<u>Шарти кутоҳи масъала</u>

Гули зард - $\frac{1}{4}$

Гули сафед - $\frac{1}{6}$

Гули сурх - ?

**Ҳал:** 1) 240:4×1= 60**;** 2) 240:6×1 =40; 3) 60+40 = 100; 4) 240-100= 140.

**Ҷавоб:** гули сурх 140 то.

**Суҳбати муқаддимавии омӯзгор пас аз ҳалли масъалаҳо бо хонандагон:**

**Чӯробакиҳо - Роасеае**

**Маводи доругӣ:** Бехрешаи растанӣ. Баҳору тирамоҳ ҷамъоварӣ мекунанд.

**Истифодабарӣ:** Абӯалӣ ибни Сино таъкид мекунад, ки решаи гандумакӣ, хазанда дошта ба монанди тухмҳои он хусусияти таъсиррасонии зиддиқайоварӣ дорад. Решаҳои дар об ҷӯшондаи он ҳангоми печиши рӯдаҳо (қуланҷ), мушкилии пешоббарорӣ ва пайдо шудани

захмҳо дар пешобдон муфид аст. Тухмиҳои он пешоброн аст ва сангҳоро майда мекунанд. Шираи афшурдаи гандумак, ки бо асал ё шароб ҷӯшонида шудааст, доругии беҳтарин барои чашмон аст.

Решаҳои дар шираи ҷӯшондаи гандумак ҳангоми гирифтори сили шуш, дарди қафаси сина, табларза, тарбод ва дарди устухон, оташак истифода мебаранд.

**Аҷириқи ангуштмонанд, гурозалаф - Pers**

**Моводи доругӣ:** поя ва бехрешаи растанӣ. Аз аввали баҳор то охири тирамоҳ ҷамъоварӣ мекунанд.

**Истифодабарӣ:** қиёми бехрешаашро ҳангоми бемориҳои қафаси сина ва узвҳои пешобу таносул ҳамчун доруҳои умумии қавикунанда истифода мебаранд. Дар тибби халқӣ – ҳангоми бемориҳои гурда ҳамчун дору истифода бурда мешавад.

**Торониҳо - Polygonaceae**

**Маводи доругӣ:** реша ва қисми рӯизаминиаш. Онро дар айёми гулкунияш, аз июн то тирамоҳ ҷамъоварӣ мекунанд. Муҳлати нигоҳдорӣ 3 сол аст.

**Истифодабарӣ:** хунравиҳои раҳмро монеъ гашта, захми рӯдаро шифо мебахшад. Шираaш ба хунтуфкунӣ фоидабахш аст. Онро ба болои носур, флегмона ва саромос бо дока мебанданд. Дар тибби мардумӣ онро барои муолиҷаи вараҷа, омосҳо, сили шуш, исҳоли хунин ва ба ҳайси пешоброн, табшикан, маводи витаминию хунбанд, ҳангоми бавосир, хунравиҳои раҳм, илтиҳоби меъда ва сулфакабутак истифода мебаранд. Оби ҷӯшашро барои муолиҷаи санги гурда, бемориҳои ҷигар, меъда, тарбод, нафастангӣ, бемориҳои занона, бавосир кор мефармоянд.

**Карамиҳо - Brassicaceae**

**Маводи доругӣ:** қисми рӯйи заминии растанӣ. Муҳлати нигоҳдорӣ 3 сол аст.

**Истифодабарӣ:** дар тибби мардумӣ қиёми онро ҳангоми исҳоли хун, гастрит, захмҳои меъда, дардҳои дил, ҷигар, гурда, масона, сили шуш, вараҷаи рӯздармиён, домана, ҳам чунин воситаи пешгиркунандаи хунравӣ ҳангоми хунравиҳои дарунӣ истифода мебаранд. Дар амалияи гинекологӣ ва бемориҳои занона низ истифода мешаванд.

**Испандиҳо - Peganaceace**

**Маводи доругӣ:** қисмати рӯйи заминии растанӣ.

**Истифодабарӣ:** испанд барои рафъи дарди буғумҳо ва илтиҳоби раги сурин, бемориҳои испурч, рӯдаҳо, бавосир ва ғайра истифода мешавад. Туркманҳо ба он беморони фалаҷгардидаро дуд медоданд, бо буғи баргҳояш омосҳоро табобат мекарданд. Бо обҷӯши тухмаш бо тухми зағир ё кунҷит бемории диққи нафас, дамкӯтоҳи, тарбодро шифо бахшида, ҳамчун оромибахш, талхарон, пешоброн ва арақрон истифода мебаранд.

Мардуми Осиёи Марказӣ аз қадимулаём испандро барои муолиҷаи бемориҳои пӯст, шамолхӯрӣ, вараҷа, табларза, саръ ва ва ғайра истифода мешуд. Аз қисми рӯйи заминии он тайёркардаро ҳангоми ҷунунӣ, хурӯҷи бемории саръ, бемориҳои гурда, сифилис, ва дар шакли ғарғара барои муолиҷаи илтиҳоби пилкҳои дандон истифода мекунанд.

**Бангидевонаи муқаррарӣ**

**Маводи доругӣ:** баргҳои онҳо, ки асосан фасли тобистон 3-4 бор ҷамъоварӣ мекунанд.

**Истифодабарӣ:** дар тибби мардумӣ аз тухмдонаҳояш доруҳои зиёд тайёр мекунанд. Обҷӯшашро дар шакли ғарғара барои дарди дандон, дарди сар ва ҳамчун дардбанду хобовар барои рафъи дарди мудҳиши дилу меъда корбурд менамоянд. Табибон барги онро барои табобати дамкӯтоҳӣ, оромибахш ба беморони асабию ҷунунӣ, илтиҳоби торҳои асаб, тарбоди музмин ва илтиҳоби асаби сурин тавсия медиҳанд. Дар гемопатия бангидевонаро барои муолиҷаи мубталоёни ҷунунӣ, кузоз, саръ, фалаҷ, менингит ва сулфакабутан истифода мебаранд. Қиёми спиртии онро баъзан барои муолиҷаи саратон низ истифода мекунанд.

**Масъала.** Шутурмурғ 200 метр масофаро дар 12 сония, аспи тозӣ дар 10 сония, оҳу дар 6 сония тай карда метавонад. Агар ин ҳайвонҳо суръати дар 200 м доштаашонро охир нигоҳ доранд, ҳар яке аз онҳо дар 1 соат чӣ қадар метавонад [4]?

Шарти кутоҳи масъала

Шутурмурғ – 200 м дар 12 сония;

Аспи тозӣ – 200 м дар 10 сония;

Оҳу – 200 м дар 6 сония;

Ҳар яке аз онҳо дар 1 соат чӣ қадар метавонад?

**Ҳал:** 1) 200 м × 60 : 12 = 200 м × 5= 1000 м;

2) 200 м × 60:10 = 200 м × 6 = 1200 м;

3) 200 м × 60:6 = 200 м × 10 = 2000 м.

**Ҷавоб:** Шутурмурғ дар як соат 1000 м; Аспи тозӣ – дар як соат 1200 м ва Оҳу дар як соат 2000 м.

**Суҳбати муқаддимавии омӯзгор пас аз ҳалли машқҳо бо хонандагон:**

➢ Дар тамоми ҷаҳон бештар аз 200 зоти асп, аз ҷумла, дар Тоҷикистон 13 зоти асп ҳаст. Қади асп аз 50 см то 185 см, вазнаш аз 60 кг то 1500 кг мешавад. Асп 25 – 30 сол умр мебинад. Аз ададҳои 50 см ва 185 см; 60 кг ва 1500 кг; 25 ва 30 сол истифода бурда, се нобаробарӣ нависед.

**Масъала.** Моҳи апрел адади рӯзҳои абрнок $\frac{2}{5}$ ҳиссаи тамоми рӯзҳои ин моҳ ва адади рӯзҳои боронӣ $\frac{1}{3}$ ҳиссаи рӯзҳои абрнокро ташкил мекард ва рӯзҳои боқимонда софу беғубор буданд. Чанд рӯзи абрнок буд? Рӯзҳои боронӣ-чӣ? Рӯзҳои софу беғубор-чӣ?

<u>Шарти кутоҳи масъала</u>

Абрнок - $\frac{2}{5}$

Боронӣ - $\frac{1}{3}$

Чанд рӯзи абрнок буд? Рӯзҳои боронӣ-чӣ? Рӯзҳои софу беғубор-чӣ?

**Ҳал:** 1) 30 : 5 × 2 = 6 × 2=12 рӯз; 2) 30: 3 × 1= 10 × 1= 10 рӯз;

3) 12 рӯз + 10 рӯз = 22 рӯз; 4) 30 – 22 = 8 (рӯз).

**Ҷавоб:** абрнок 12 рӯз; боронӣ -10рӯз ва софу беғубор 8 рӯз.

**Суҳбати муқаддимавии омӯзгор пас аз ҳалли машқҳо бо хонандагон:**

**Чистон:** Болои бом, шӯълапазон. (Борон).
Дар баландӣ - баланд,
Дар сахтӣ - сахт.
Дар давандӣ – даванд,
Дар кабудӣ – соф. (Осмон, замин, абр, об).

**Хулоса,** аз рӯйи таҳқиқоти олимон, ақидаҳои методистон, таҳлили адабиёти илмӣ - методӣ ва дарсҳои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳои ҷумҳурӣ оид ба мавзуи “Алоқамандии фанни методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ бо табиатшиносӣ” чунин таклифҳои хешро пешниҳод менамоем:

✓ ҳар як омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд мафҳумҳои табиатшиносиро дуруст дарк карда тавонад;

✓ омӯзгор вазифадор аст, ки дар дарси математикаи синфҳои ибтидоӣ аз мафҳумҳои фанни табиатшиносӣ васеъ истифода баранд бо мисолҳои мушаххас ба хонандагон дарс гузаранд.

Мо боварӣ дорем, ки ин таклифҳо ва пешниҳодҳо, пеш аз ҳама, робитаи байни фанни математика ва фаннии табиатшиносиро нишон медиҳад ва барои баланд бардоштани савияи дониши математикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ёрии амалии худро мерасонад.

***Адабиёт***


1. *Акрамов, С. Методикаи таълими табиатшиносӣ / С. Акрамов. - Душанбе: 1987. – 200 с.*
2. *Акрамов, С. Табиатшиносӣ. Китоби дарси барои синфи 4 // С. Акрамов. – Душанбе: Маориф, 1997. - 152 с.*
3. *Бегимов, Ҳ.Х. Маҷмуи кор бо мактаббачагони хурдсол доир ба шинос кардани онҳо бо ҷузъиёти физика. (Дастури методӣ) / Ҳ.Х. Бегимов. – Душанбе: ДДОТ, 2007. - 50 с.*
4. *Бегимов, Ҳ.Х. Физика ва робитаи он бо дигар илмҳои табиат- шиносӣ // Ҳ.Х. Бегимов. // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. № 4, соли 2003. - С. 27-29.*
5. *Бурҳонов, Қ.Т. Лексияҳо аз математика / Қ.Т. Бурҳонов. – Душанбе, 2009. - 216 с.*
6. *Бурҳонов, Қ.Т. Курси махсус аз методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ / / Қ.Т. Бурҳонов.- Хуҷанд, 2015. – 252 с.*
7. *Бурҳонов, Қ.Т. ва диг. Истифодаи маводи шавқовар ва ашъори ниёгон дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ // Қ.Т. Бурҳонов. – Хуҷанд, 2001. – 66 с.*
8. *Бурҳонов, Қ.Т. Ҳалли масъалаҳои типикӣ // Қ.Т. Бурҳонов. – Хуҷанд, 2011. – 52 с.*
9. *Кулагин, П.Г. Межпредметные связи в процессе обучения / П.Г. Кулагин. - М.: Педагогика, 1981. -176 с.*
10. *Мамбетакунов, Э.М. Дидактические основы реализации меж- предметных связей в формировании у школьников естественно-научных понятий. Текст. Учебно-методические пособие. Э. Мамбетакунов. – Фрунзе, 1990. - 94 с.*

11. Ҳамидова, А. Математика. Китоби дарсӣ барои синфи 3 / А. Ҳамидова. - Душанбе: Собириён, 2012. - 196 с.
12. Ҳамидова, А. Математика. Китоби дарсӣ барои синфи 4 / А. Ҳамидова. - Душанбе: Собириён, 2012. – 238с.
13. Шуайбова, О. Математика. Китоби дарсӣ барои синфи 1 / О. Шуайбова. - Душанбе: Собириён, 2012. - 207с.
14. Шуайбова, О. Математика. Китоби дарсӣ барои синфи 2 / О. Шуайбова. – Душанбе: Собириён, 2012.-20 с.

## АЛОҚАМАНДИИ ФАННИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ БО ТАБИАТШИНОСӢ

Дар мақолаи мазкур ташаккул додани алоқамандии методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ бо фанни табиатшиносӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми дарс мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Гуфтан бамаврид аст, ки таҷриба нишон медиҳад, ки алоқамандии байнифаннӣ дар раванди таълими мактабӣ яке аз воситаҳои асосии амалисозии ҳамгироии донишҳо, маҳорату малакаҳои илмӣ ва ҳаётиро ифода мекунанд. Ин робитаҳо боиси баландшавии омодагии амалӣ ва назариявӣ-илмии хонандагони хурдсол мегардад, ки заминаи дарки хонандагон ҷабҳаҳои умумии фаъолияти азбаркунӣ мебошад. Бо ёрии бисёрсамтии алоқамандии байнифаннӣ на фақат масъалаҳои нав дар сатҳи сифатан баландтар, балки ҳадафҳои инкишоф ва тарбияи хонандагон низ дар ҷодаи системаноки масъалаҳои алоқамандии байни фаннӣ вобаста ба имкониятҳои воқеӣ ҳал карда мешаванд. Бинобар ин, робитаи байнифаннӣ яке аз рукнҳои асосӣ ва зарурии ташаккули донишҳои табиии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ мебошад. Натиҷаи тадқиқот нишон дод, ки ҳангоми ташаккули сарчашмаҳои педагогӣ оид ба робитаи байнифаннӣ таърифҳои гуногун мавҷуданд, ки онҳо аз ҷониби бисёр донишмандон баррасӣ шудаанд. Аз он ҷумла корҳои таҳқиқотии донишмандони тоҷик оид ба имконияти ташаккули оддитарин мафҳумҳои табиӣ аз он ҷумла, мафҳумҳои одитарини фанҳои табиӣ ва шавқу ҳаваси азбаркуниҳои онҳоро дар синфҳои ибтидоӣ, дар таълифоти Ҳ.Х. Бегимов, М.А. Бозорова, Б.М. Мирзоев, Л.К. Назирова, А.Т. Пирназаров, С. К. Табаров, Д. Шодиев, М.Ю. Юнусова ва дигарон, ки андешаҳояшон оид ба мақом, хелҳо ва намудҳои робитаи байнифаннӣ бахшида шудааст.

**Калидвожаҳо:** таҳсилот, дониш, малака, маҳорат, шавқу ҳаваси азхудкунӣ, таҳлил, мушоҳида, раванди таълим, масъалаҳо, фанни табиатшиносӣ, математика, робитаи байни фанҳои таълимӣ, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, муассисаи таҳсилоти таълимӣ.

## ВЗАИМОСВЯЗЬ МЕТОДИКИ ПРЕПОДАВАНИЯ МАТЕМАТИКИ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ С ЕСТЕСТВОЗНАНИЕМ

В данной статье изучается и анализируется формирование связи между методикой обучения математике начальных классов и предметом естествознания у учащихся начальных классов в ходе урока. Стоит сказать, что опыт показывает, что межпредметная коммуникация в процессе школьного образования представляет собой одно из основных средств реализации интеграции знаний, научных и жизненных умений. Эти связи приводят к повышению практической и научно-теоретической подготовки учащейся молодежи, что является основой понимания учащимися общих сторон учебной деятельности. При разнонаправленной помощи междисциплинарной коммуникации не только решаются новые задачи на более высоком качественном уровне, но и системным путем решаются задачи развития и воспитания студентов, проблемы междисциплинарной коммуникации, основанные на реальных возможностях. Поэтому меж предметная связь является одним из основных и необходимых столпов формирования естественно- научных знаний учащихся начальных классов при обучении естественно-математическим предметам. Результат исследования показал, что при формировании педагоги- ческих источников по меж предметной коммуникации возникают разные определения, которые обсуждались многими учеными. Среди них исследования таджикских ученых о возможности образования простейших естественнонаучных понятий, в том числе простейших понятий естествознания и их увлечение в младших классах, в трудах Х.Х. Бегимова, М.А. Бозоровой, Б.М. Мирзоева, Л.К. Назировой, А.Т. Пирназарова, С. К. Табарова, Д. Шодиева, М.Ю. Юнусовой и др., чьи мнения о состоянии, типах и видах меж- дисциплинарной коммуникации посвящены.

**Ключевые слова**: образование, знания, умения, навыки, страсть к усвоению, анализ, наблюдение, учебный процесс, задачи, физика, математика, взаимосвязь учебных предметов, учащиеся начальных классов, учителя начальных классов, образовательное учреждение.

## RELATIONSHIP OF METHODS OF TEACHING MATHEMATICS IN PRIMARY SCHOOL WITH NATURAL SCIENCE

This article studies and analyzes the formation of a connection between the methodology of teaching mathematics in primary school and the subject of natural science in primary school students during the lesson. It is worth saying that experience shows that interdisciplinary communication in the process of school education is one of the main means of implementing the integration of knowledge, scientific and life skills. These connections lead to an increase in the practical and scientific-theoretical training of young students, which is the basis for students' understanding of the general aspects of educational activity. With the multidirectional assistance of interdisciplinary communication, not only new tasks are solved at a higher quality level, but also the tasks of developing and educating students, the problems of interdisciplinary

communication based on real opportunities, are solved in a systematic way. Therefore, interdisciplinary communication is one of the main and necessary pillars of the formation of natural science knowledge of primary school students when teaching natural and mathematical subjects. The result of the study showed that when forming pedagogical sources on interdisciplinary communication, different definitions arise, which were discussed by many scientists. Among them are the studies of Tajik scientists on the possibility of forming the simplest natural science concepts, including the simplest concepts of natural science and their enthusiasm in elementary grades, in the works of H.Kh. Begimova, M.A. Bozorova, B.M. Mirzoeva, L.K. Nazirova, A.T. Pirnazarova, S.K. Tabarova, D. Chodieva., M.Yu. Yunusova and others, whose opinions on the state, types and types of interdisciplinary communication are devoted.

**Keywords:** education, knowledge, skills, passion for learning, analysis, observation, educational process, tasks, physics, mathematics, the relationship of educational subjects, primary school students, primary school teachers, educational institution.

**Дар бораи муаллифон**
Бегимов Ҳусен Худоёрович
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел: (+992) 985 76 26 34
E-mail: begimovhusen@gmail.com

Бурҳонов Қурбонбой Турсунраҷабович
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи табиӣ-риёзӣ, тарбияи эстетикӣ ва методикаи таълими он
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
Тел: (+992) 927 84 17 71
E-mail: kurbon1953@mail.ru

**Об авторах**
Бегимов Хусен Худоярович
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры методика начального образования
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел: (+992) 985 76 26 34
E-mail: begimovhusen@gmail.com

Бурханов Курбонбой Турсунраджбович
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры естественно-математики, эстетической воспитания и его преподавания
Худжандский государственный университет имени академика Бободжан Гафурова
735700, Республики Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1
Тел: (+992) 927 84 17 71
E-mail: kurbon1953@mail.ru

**About the authors**
Begimov Khusen Khudoyarovich
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor Department of Primary Education Methods
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Phone: (+992) 985 76 26 34
E-mail: begimovhusen@gmail.com

Burhanov Kurbonboi Tursunrajabovich
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor at the Department Methods of Teaching of Primary Classes
Khujand State University named after academician Bobojon Ghafurov
735700, Repablic of Tajikistan, Khujand, 1 Mavlonbekov
Phone: (+992) 927 84 17 71
E-mail: kurbon1953@mail. ru

ТДУ 37.026+372.8

# ФАЪОЛГАРДОНИИ АМАЛИЁТИ ФИКРРОНИИ ХОНАНДАГОН ТАВАССУТИ ИСТИФОДАИ БОЗӢ ДАР ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***Бадалова М. А.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Марҳилаи муосири рушди ҷомеа, ки ҳаҷми иттилоот бо суръат меафзояд аз ҳар як фард рушди зеҳнии зиёдро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, системаи таҳсилот нафақат ба хонандагон захираи муайяни донишҳоро медиҳад, балки бояд барои инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти хонанда нигаронда шавад. Ин ҳамон маврид амалӣ мегардад, ки ҳамаи имкониятҳои фанҳои таълимиро ба ин самт нигарон намоем.

Ҳалли проблемаи дар боло зикршуда заминаи ташаккули фаъолияти таҳқиқотии хонандагонро дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пеш меоварад. Ҳамзамон хотиррасон бояд кард, ки фаъолияти математикии хонандагон табиатан таҳқиқотӣ мебошад. Дар ҳақиқат мавриди ташкили бомавқеи фаъолияти таҳқиқотии хонандагон фарҳанги фикрию зеҳнии онҳо беҳтар мешавад.

Дар ҳамин радиф Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040-ро «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намуд, ки ҳамаи имконоти таълими математикаро барои рушди шахсияти хонандагон истифода намудан амри воқеист. Аз ин рӯ, ин раванд рӯзмарра мебошад. Яъне ташаккули маҳорат ва малакаҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика зинаи такягоҳ мебошад.

Мафҳуми маҳорату малакаҳои таҳқиқотиро олимони соҳа ба таври гуногун таҳлилу баррасӣ менамоянд. Акнун якчанд андешаҳои баррасишавандаро дида мебароем. Ба гуфтаи В. Калней, таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ мақоми хосаро дорост. Маҳз ҳамин фан ҳангоми самаранок омӯхтани он барои фаъолияти равонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ замина фароҳам меорад. Математика ҳамчун фан шавқу ҳаваси устувори маърифатӣ ва малакаҳои тафаккури мантиқиро ташаккул медиҳад. Супоришҳои математикӣ ба инкишофи тафаккур, диққат, мушоҳида, пайдарпайии қатъии фикрронӣ ва тасаввуроти эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунанд [1].

Ба ҷомеаи имрӯза одамоне, ки онҳо қобилияти мустақилона ҳал карда тавонистани масъалаи дар назди онҳо бaромада, ба корҳои худ эҷодкорона муносибат карда тавонанда лозиманд. Ин гуфтаҳо талаб менамоянд, ки мундариҷа ва функсияи таълим иваз карда шаванд. Бо ин мақсад, ҷойи асосӣ барои амалӣ намудани ин талаботҳо ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ дода мешавад. Дар ҳақиқат, барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ инкишофи талаботҳо, қобилиятҳо, шавқу рағбат заммина гузошта мешаванд.

То давраи ба мактаб омадан фаъолияти асосии кӯдак ин бозӣ аст. Бо оғози таълим дар муассисаҳои таълимӣ ба ивази бозӣ фаъолияти омӯзиш меояд. Ба ин нигоҳ накарда, бозӣ мубрамияти худро гум накарда, ҳамчун воситаи яке аз шаклҳои омӯзиши кӯдакон боқӣ мемонад.

Истифодабарии лаҳзаҳои бозӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо ҳалли масъалаҳои зерин зич алоқаманд аст:

- ҷойи шавқмандӣ дар дарс;
- мақсаднокии истифодабарии он;
- функсияҳои шавқмандӣ;
- методикаи гузаронидан;
- ба ибродарории бозиҳое, ки иҷозат дода мешаванд.

Бо байни ҳам таъсири омӯзгорон ва кӯдакон ба бозӣ аҳамияти бештар дорад. Ба ин олимони машҳури рус К.Д. Ушинский, Н.К. Крупская, А. С. Макаренко ва диг. ишора намудаанд. Таъсири равонии фаъолияти бозикунии кӯдакон, ба инкишофи кӯдак, истифода намудани он бо мақсадҳои таълимӣ диққати бисёр олимони педагогика ва равониро Я. С. Выготский, Д.Б. Эльконин, Н. С. Лукин ва дигаронро ба худ ҷалб намудааст. Ба фаъолгардонии дарккунии хонандагони хурдсолро ҳангоми бозӣ таҳқиқотчиён В.В. Давыдов, Ю.К. Бабанский ва диг. мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Хулосаҳои онҳо оид ба ин проблема чунинанд:

- истифодабарии лаҳзаҳои бозигии ба синусол ва хусусиятҳои фардии кӯдакон номувофиқ;

- гузаронидани номувофиқи бозиҳо дар раванди таълими кӯдакон;

- набудани маводҳои аёнӣ ва тақсимшаванда, будани онҳо боиси самаранокии бештари бозӣ мегарданд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, проблемаи амалиёти фикрронии хонандагон ҳангоми таълими математикаи синфҳои ибтидоиро дар намуди зайл муайян намудан мумкин аст:

«Чи гуна шартҳо лозим аст, ки бозиҳо дар раванди таълим самаранок баҳри ташаккули фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ ва бедоркунии бештари шавқ ба омӯзиш истифода бурда шаванд?».

*Мафҳуми «фаъолияти фаъол» дар адабиётҳои педагогию равонӣ чунин муайян карда шудаанд.*

Фаъолияти таълимӣ фаъолияти махсуси хонандаи хурдсол мебошад. Дар он кӯдак бо усулҳои амалиёти таълимӣ мусаллаҳ мегардад, дар шавқи дарккунӣ инкишоф меёбад ва фаъолнокии иҷтимоӣ ташаккул меёбанд. Фаъолити таълимӣ – ин намуди махсуси фаъолият мебошад. Хонандагон бо роҳбарии омӯзгор корбариро бо мафҳумҳои илмӣ меомӯзад. Натиҷаи фаъолияти таълимӣ ин тағйирёбии худи хонанда, азхудкунии усулҳои нави роҳҳои амалиёт бо мафҳумҳои илмӣ мебошад.

Ба такомулдиҳии фаъолияти таълимӣ аниқ муайян намудани компонетҳои сохти он боис мешавад. Аз рӯи сохти худ фаъолияти таълимӣ такроран такроркунии ҳама гуна фаъолияти инсонӣ аст. Ин аз қисматҳои зерин иборат аст:

- мотиватсионию ташбеҳкунӣ;
- марказӣ – корӣ;
- санҷишӣ – баҳоӣ.

*Мувофиқан дар фаъолияти таълимӣ қисматҳои асосии зеринро ҷудо мекунанд:*

- сабабҳо ва масъалаҳои таълимӣ;
- амалиётҳои таълимӣ;
- амалҳои санҷишӣ ва баҳогузорӣ.

Фаъолиятҳои гуногуне мавҷуд аст, ки ба онҳо кӯдак шомил мешавад. Бозӣ – қисми асосии фаъолият аст. Аз ин ҷо, дар бораи бисёрнақшии бозиҳо гуфтан мумкин аст.

Дар таҷрибаи мактабӣ тадбиқи бозиҳои дидактикӣ бештар мушоҳида мешаванд. Ин аз он сабаб аст, ки вазифаи асосии мактаб ин таълими кӯдакон, инкишофи онҳо мебошад ва дар амалӣ намудани ин мақсадҳо нақши бозиҳои дидактикӣ бузург аст. Азхудкунии фаъолияти таълимӣ бо инкишофи кӯдак зич алоқаманд мебошад. Лекин инкишоф ҷоест, ки дар он ҷо нишон додани фаъолнокӣ ва мустақилият мавҷуд бошад. Равоншиноси машҳури гурҷии шуравӣ Ш.А. Амонашвили навиштааст, бе бозӣ дар дарс кӯдакро мумкин нест, ки ба ҷаҳони дониш ва безобитагиҳои ахлоқӣ машғул намоем, ӯро хонандаи фаъол ва кошифи дарс кунем. Бозӣ пурра ба фаъолияти табиии хонандаи хурдсол мувофиқ мебошад. Дониш ба кӯдак ҳамон вақт фаҳмо мешавад, ки агар азхудкунии фаъолона бошад. Дар алоқамандӣ бо ин гуфтаҳо мо бо роҳҳои таҷрибавӣ – озмоишӣ шартҳои баландбардории самаранокии истифодабарии бозиҳо дар дарсҳои математика, ки боиси фаъолнокшавии фаъолияти дарккунии хонандагони хурдсол мешавад, муайян карда шудаанд:

- ❖ Баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ.
- ❖ Истифодабарии маводҳои дараҷаи душворияшон гуногун.
- ❖ Истифодабарии дақиқаҳои ҷисмонии гуногун.
- ❖ Сохтани дарсҳои ғайрианъанавӣ.
- ❖ Истифодабарии бозиҳои лаҳзаина.
- ❖ Истифодаи аёнияти содда.
- ❖ Тадбиқи бозӣ – мусобиқаҳо.
- ❖ Истифодабарии машғулиятҳои ғайрианъанавӣ.
- ❖ Истифодабарии масъалаҳо бо назм.

Риояи ин шартҳо имкон медиҳанд, ки корро дар дарсҳо натанҳо гуногун намуда, балки истифодаи лаҳзаҳои бозӣ боз ҳам самаранок мешавад, ки таъсири бемислу монанд дар ташаккулёбии фаъолияти таълимии хонандагон расонида, фаъолияти фикрронии онҳоро фаъол менамояд.

Фаъол намудани хонандагон дар раванди таълим – ин яке аз самтҳои асосии такмилдиҳии кори таълимию тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ ба шумор меравад.

Азхудкунии маводи таълимӣ ба дараҷаи кофӣ он вақт муяссар мегардад, ки ҷараёни раванди дарк ва фаъоли равонӣ гузарад. Назди омӯзгор вазифа меистад, ки хоҳиши мавҷудаи донишдоштаи кӯдакро истифода бурда, онҳоро ташаккул ва мустаҳкам намояд. Омӯзгор кӯшиш менамояд, ки фаъолиятнокии дарккунии кӯдакро ба иҷрои масъалаҳои таълимӣ роҳнамо созад. Лекин, фаъолнокии кӯдакон дар раванди азхудкунии маводи таълимӣ гуногун ва ба талаботҳои омӯзгор ҷавобгӯ набуданаш мумкин аст. Омӯзгор диққаташро ба амлиётҳои мантиқии фикрронӣ, фаъолнокии хонанда ба мисолҳо ва шарҳи он равон месозад.

Вазифаи омӯзгор – бавуҷудоварии шароит барои инкишофёбии фаъолияти умумии дарккунии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ташаккулдиҳии муносибати мусбӣ ба омӯзиш, тарбияи мустақилият ва кордонии онҳо иборат мебошад.

Хусусияти асосии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ин сустии диққати ихтиёрӣ мебошад, аз ин рӯ, мотиватсияи наздик талаб карда мешавад. Кӯдак дуру дароз дар бораи кори нодаркор ва ё кори душвор баҳри натиҷа, ки он дар оянда интизор шудан лозим аст фикр кунад. Дар фаъолияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ бештару хубтар диққати беихтиёрона инкишоф ёфтааст. Чунин диққати кӯдак сарҷамъ ва мустаҳкам мешавад, ки маводи таълимӣ аёнӣ ва дар хонанда муносибати эҳсосӣ бедор намуда тавонад.

Аз ин сабаб, шарти асосии ташкили диққат ин аёнияти таълим, истифодаи васеи онҳо ба ҳисоб меравад. Азбаски диққати беихтиёрона бо шавқ дастгирӣ меёбад, бинобар ин ҳар як омӯзгор кӯшиш менамояд, ки дарсашро диққатҷалбкунанда ва шавқовар гузаронад. Ба ин пурра истифодаи бозӣ ва ҷузъҳои алоҳидаи он мувофиқат менамояд. Боз ҳаминро таъкид менамоем, ки истифодаи аз ҳад зиёди бозӣ дар дарс нораво мебошад. Ин гуфтаҳоро педагоги бузурги қарни XIX-и рус К.Д. Ушинский таъкид карда буд.

Хотира дар синни хурди мактабӣ дар зери таъсири омӯзиш дар ду самт инкишоф меёбад:

Нақш ва вазни бахотиргирии калимавӣ-мантиқии маъно меафзояд (нисбат ба аёнӣ). **Бахотиргирии** хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо намудҳои дар хотир нигоҳдорӣ мусаллаҳ мебошанд. Дар ин ҷо нақши омӯзгор бузург аст, чунки хонандагон мустақилона дар аз худкунии ин тарифҳо душворӣ мекашад. Таҳқиқотҳо собит намудаанд, ки усули маънавии дар хотирнигоҳдорӣ ба монанди ҷудокунии мавод ба қисмҳои асосияшон ниҳоят кам истифода бурда мешавад.

**Тасаввуркунӣ** – ин яке аз ҷараёнҳои асосии равонӣ буда, маводи китобро аз худ кардан мумкин нест, фаҳмидани он, ки омӯзгор дар бораи чи гап мезанад. Тасаввуркунӣ ин яке аз ҷараёнҳои асосии равонӣ мебошад, чунки маводи китоби дарсиро аз худ кардан, онро, бе гузаронидани амалиёт бо нақшҳои аёнӣ фаҳмидан, дар бораи чӣ гап задани омӯзгор ноимкон аст. Хусусияти тасаввуркунии ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ хос ин такя ба ашёҳои мушаххас иборат аст. Чунки, дар бозӣ кӯдакони хурдсол ашёҳо, бозичаҳо ва дигарро истифода мебаранд. Бе он ҳам ба онҳо душвор аст, нақшҳои тасаввуркуниро созанд. Пеш аз ҳама дар оғози фикр намудани маънои матнҳо ба мусавваракҳо, нақши мушаххас такя мекунанд, баъд ба сухан.

Дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, пеш аз ҳама тасаввуротҳои барқароркунанда такмил дода шуда, бо тасаввуротҳои эҳсосии пешина ҳосилгардида ва ё сохтани нақш дар мувофиқа бо додашудаҳо, нақша, тасвири алоқаманд такомул дода мешаванд. Тасаввуротҳои эҷодӣ инкишоф дода мешавад. Дар ин кор истифодаи бозиҳо аз тарафи омӯзгор низ ниҳоят нишонрасанд.

Фикрронии хонандагони синфҳои ибтидоӣ характери аёнию нақшӣ дорад. Хонандагони ин синну сол аз тасаввуркунии маҳдудгардида истифода мебаранд. Хонандагон ба сифати нишонаҳои хос дар ҳолатҳои бештар хосиятҳои беруна, нишонаҳои рӯшании онҳоро ба инобат мегиранд. Дар онҳо амалиёти муошират ниҳоят суст мегузарад. Онҳо феъли ҳисси эҳсосӣ доранд. Дар раванди умумикунонӣ инкишоф аз эҳсос то илмӣ ривоҷ меёбанд. Машқҳои бозигӣ ба гузариши умумикунонӣ ба дарҷаи боз ҳам баландтар ёрӣ мерасонад.

Яке аз воситаҳои инкишофи шавқ ба фанни таълимӣ, дар баробари дигар усулҳо ва роҳҳо, ки дар дарсҳо истифода бурда мешаванд, бозиҳои дидактикӣ мебошад. Дар замонаш К.Д. Ушинский пешниҳод карда буд, ки элементҳои шавқоварӣ, лаҳзаҳои бозигиро ба меҳнати таълимии хонандагон дохил намуда шаванд, чунки ин кор боиси маҳсулнок шудани раванди дарккунии кӯдакон мегардад.

Бозӣ дар солҳои аввали таҳсили кӯдакон дар мактаб мавқеи ниҳоят назаррас дорад. Дар ибтидо хонандагонро шакли бозӣ диққаташонро ба худ ҷалб мекунад, баъд он маводе, ки бе

он дар бозӣ иштирок кардан мумкин нест. Дар равиши бозӣ хонандагон ноаён худашон машқҳои гуногунро иҷро мекунанд, ба худи онҳо лозим меояд, ки муқоиса кунанд, амалҳои арифметикиро иҷро намоянд, ҳисобкунии шифоҳиро донанд, масъалаҳоро ҳал кунанд. Бозӣ хонандагонро дар ҳолати ҷустуҷӯи мегузорад, ба ғалаба намудан водор менамояд, аз ин сабаб, хонандагон кӯшиш мекунанд чаққон шаванд, ҳозирҷавоб бошанд, супоришро бо риояи қойдаҳои бозӣ саҳеҳ иҷро намоянд.

Дар бозиҳо, махсусан дар бозиҳои дастарҷамъона, сифатҳои маънавии хонандагони синфҳои ибтидоӣ инкишоф меёбад. Дар рафти бозӣ хонандагон ба рафиқонашон ёрӣ расонидан, бо фикру мулоҳизаҳои дигаронро ба инобат гирифтан, хоҳишҳои худро мавкуф гузоштанро меомӯзанд. Дар кӯдакон ҳисси масъулият, дастарҷамъӣ, боодобӣ, ирода, хислат инкишоф меёбанд.

Намуна:

**Синфи якум**

**Мавзуъ:** Ададҳои ҷуфт ва тоқ

**Мақсади бозӣ**: Ташаккул додани малакаҳои ҳисоби шифоҳӣ.

**Рафти бозӣ**: Муоинаи объектҳои математикӣ аз диди мафҳумҳои гуногун ин усули тартибдиҳии супоришҳои вариантҳои вариантивӣ мебошад. Масалан: чунин супориши: “Ҳамаи ададҳои ҷуфти аз 2 то 20 ва тоқи аз 1 то 13-ро менависем”. Натиҷаи навишт ду қатор мешавад:

**2,4,6,8,10,12,14,16,18,20**

**1,3,5,7,9,11,13,15,17,19.**

**Шарти бозӣ:** Акнун инро (объектҳои математикиро) барои тартиб додани супоришҳо истифода мекунем:

1. Қатори ададро ба ду гурӯҳ чунон ҷудо кунед, ки дар ҳар кадомаш ададҳои байни ҳам монанд бошад.
2. Қатори якум навишта мувофиқи кадом қоида шудааст? Онро давом диҳед.
3. Кадом ададҳоро дар қатори якум хат задан лозим аст, ки ҳар як адад аз ададі пешоянд ба 4 воҳид калон бошад ?
4. Оё ин супоришҳоро барои қатори дуюм иҷро кардан мумкин аст ?
5. Аз қатори якум ҷуфти ададҳоро интихоб намоед, ки фарқашон ба 10 баробар бошад (2 ва 12; 4 ва 14; 6 ва 16; 8 ва 18; 10 ва 20).
6. Аз қатори дуюм ҷуфти ададҳоро интихоб намоед, ки фарқашон баробари 10 бошад. (1 ва 11; 3 ва 13; 5 ва 15; 7 ва 17; 9 ва 19).
7. Кадоме аз ҷуфтҳо “зиёдатӣ” аст? (10 ва 20, дар ин дуто адади дурақама, дар ҷуфтҳои дигар якто дурақама ва якто якрақама мебошад).
8. Дар қатори якум суммаи адади якум ва охирин; адади дуюм ва пеш аз охирин; адади сеюм ва аз охир сеюмро ёбед. Ин суммаҳо ба чӣ монандӣ доранд?
9. Ин супоришҳоро барои қатори дуюм низ иҷро кунед. Суммаҳои ҳосилшуда ба чӣ монандӣ доранд?

Амалиётҳои бозиҳои гуногун, ки бо ёрии онҳо ин ё он масъалаи фикрӣ ҳал карда мешавад, шавқи хонандагони синфҳои ибтидоиро ба омӯзиши фанҳои таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ, ба дарки олами атроф меафзояд. Усулҳои аёниятии шунавоӣ, биноӣ, ҳаракатӣ, саволҳои шавқовар, масъалаҳои шухиомез, лаҳзаҳои ногаҳонӣ ба фаъолнокии фаъолияти фикрии хонандагон мусоидат мекунанд.

***Адабиёт***


1. *Асадов, Х. Бозии математикӣ «Мактуби маҳорӣ». / Х. Асадов. - Мактаби советӣ. 1980, №12, - С. 35-37*
2. *Блехер, Ф.И. Дидактические игры и игровые упражнения. / Ф.И. Блехер. - М.: Просвещение, 1964. - 184 с.*
3. *Бадалова, М.А. Мамадносирова М.Ташкил ва гузарондани корҳои беруназсинфӣ дар синфҳои ибтидоӣ / М.А. Бадалова, М.Ҳ. Қаҳҳоров. – Душанбе, 2019. - 82 с.*
4. *Волкова, С. И., Столярова Н.Н. Развитие познавательных способностей у детей на уроках математики. / С. И. Волкова, Н.Н. Столярова. - М., 1994.*
5. *Волкова, С. И. Дидактические игры и занимательные упражнения в1-классе. / С. И. Волкова. - Минск, 1987 - 200 с.*
6. *Варфоломеева, В. С. Формирование у учащихся некоторых умений с помощью игр. / В. С. Варфоломеева. - Начальная школа, 1987. №7 - С. 15-17.*
7. *Глушкова, Р.М. Игра в учебном процессе. / Р.М. Глушкова. - Начальная школа, 1986. №7 - С. 35-39.*
8. *Давыдов, В.В. Учебная деятельность: состояние и проблемы исследования. / В.В. Давыдов. - Начальная школа. 1991. №6 - с. 16-23.*
9. *Нугмонов, М. Стандарти таҳсилоти ибтидоии фанни математика барои синфҳои 1- 4 ва раҳнамои омӯзгор, / М. Нугмонов, У. Эрматова, М. Бадалова. - Душанбе, 2012. - 31 с.*

## ФАЪОЛГАРДОНИИ АМАЛИЁТИ ФИКРРОНИИ ХОНАНДАГОН ТАВАССУТИ ИСТИФОДАИ БОЗӢ ДАР ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Муаллиф дар мақолаи худ қайд мекунад, ки кор доир ба таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ гузаронидашуда нақши истифодабарии маводҳои шавқовар дар раванди дарсҳо ниҳоят калон мебошад. Чи тавре ки таҷрибаи омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълими нишон дода истодааст, истифодаи устокоронаи чунин маводҳо аз тарафи омӯзгор дар раванди таълим, он самаранокии раванди таълим, тарбия ва инкишофи хонандагонро таъмин менамояд. Суръат ва нозукии фикркунии хонандагонро роҳ ба афзоиш (ташаккул) меоварад. Муҳаббат ба математика, ба ҳал намудани машқҳои он ба дараҷаи лозимӣ меафзояд, ҳисси шухӣ намудан инкишоф меёбад. Барои баланд бардоштани фаъолияти маърифатии хонандагон дар синф бозиҳои гуногун хеле муҳиманд. Барои худ шахсан қоидаи бозиро ба дарс барои машғул шудан интихоб накун. “Бозӣ дар дарс мантиқан бо мавзуъ алоқаманд бошад ва барои кӯшодани мақсад ва вазифаҳои дарс ёрӣ расонад”.

**Калидвожаҳо:** фаъолгардонӣ, фикрронӣ, бозӣ, вазифаҳои дарс, мақсади дарс, таълими математика, фаъолияти маърифатӣ, инкишоф, ташаккули инсон.

## АКТИВАЦИЯ МЫСЛИТЕЛЬНЫХ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧАЩИХСЯ ПРИ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИГРЫ В ПРЕПОДАВАНИЕ МАТЕМАТИКИ НАЧАЛНЫХ КЛАССОВ

Автор отмечает, что огромную роль преподавании математики играют использование интересных материалов. Использование материалов в устной форме в образовательных учреждениях показывает опыт преподавателя в процессе обучение, это эффективность учебного процесса, обеспечивает воспитание и развитие зрачков. Скорость и тонкость мышления ведет учеников к росту (формированию) принести. Любовь к математике, к решению его упражнения в определенной степени находит чувство радости повышает. Для повышения производительности познавательные игры учащихся в классе разнообразие очень важно. Для себя лично добавить игровую приставку к уроку для участия не выбрей. «Лично играть в классе тема должно быть актуальной и цель и помочь с задачами урока».

**Ключевые слова:** активатор, идея, игра, задачи урока, цель урока, обучение математика, позновательная деятельность, развитие, формирование человека.

## ACTIVATION OF MENTAL ACTIVITY OF STUDENTS THROUGH THE USE OF GAMES IN TEACHING MATHEMATICS OF ELEMENTARY GRADES

In order to form and develop the mental abilities and mathematical talents of students with the help of games for studying mathematics in elementary grades. The author notes in his article that the main task of the mathematical game conducted in elementary grades is the use of fascinating materials (puzzles, crosswords, mathematical modeling), which allows you to master logical operations during the game. Such a game is served in comparison, comparison and encourages children to constantly reason, analyze and draw their own conclusions, teaches them to justify them, choose the right solution among various options, experiment, and also brings up a love of mathematics, the ability to perform its exercises at the proper level. The game in the lesson should be related to the topic and help in achieving the goals and objectives of the lesson.

**Keywords:** favorites, thinking, game, lesson objectives, lesson goal, mathematical talent, spontaneity, development, human formations.

**Дар бораи муаллиф**
Бадалова Мавлуда Ашуровна
Омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими ибтидоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 988 32 00 02

**Об авторе**
Бадалова Мавлуда Ашуровна
Старший преподаватель кафедры методики начального обучения
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни
734003, Республики Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 121,
Тел.: (+992) 988 32 00 02

**About author**
Badalova Mavluda Ashurovna
The head teacher, Chairmen of Method of Primary Classes Teaching
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Phone: (+992) 988 32 00 02

ТДУ 372.851

# ИСТИФОДАИ МАВОДИ ТАЪРИХӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА ТАРАҚҚИЁТИ ФАЪОЛИЯТИ ИДРОКИИ ХОНАНДАГОН

***Хоҷаев А. М.***
*Донишгоҳи давлатии Бохтар*
*ба номи Носири Хусрав*

Дар замони ҳозира дар мактабҳои таълимашон бо забони тоҷикӣ табдилдиҳии система ва мазмуни таълим дар асоси муносибатҳои нав, бо мақсади баланд бардоштани сифат, самаранокӣ ва дастрасӣ гузаронида мешавад. Истифодаи дурусти он боиси дар хатмкунандагон ташаккул ёфтани сифатҳои умуми фарҳангӣ, илмӣ-идрокӣ ва касбӣ мегардад. Ин сифатҳо албатта он гоҳ ташаккул меёбанд, ки дар хонандагон тайёрӣ ба худомӯзӣ ва таълими бетанаффус ташаккул ёбад.

Ташаккулёбӣ ва тараққиёти фаъолияти идрокии хонандагон асоси тарбияи ҳаматарафаи ташаккули шахсиятро дар бар мегирад, ки ин мақсади охирини табдилдиҳии система ва мазмуни таълимро дар мактабҳои типпи нав ташкил медиҳад [1, с. 86].

Барои фаъолгардонии фаъолияти идрокнокии хонандагон, усулҳо ва роҳҳои гуногуни таълим, ки ба тараққиёти минбаъдаи тамоми раванди илмӣ–тарбиявӣ нигаронида шудаанд, кофтукови воситаҳо ва имкониятҳои нав барои бойгардонии мазмун ва баланд бардоштани фоиданокии онро истифода мебаранд. Яке аз ин имкониятҳо барои мактабҳои тоҷик истифодаи маводҳои таърихи математика дар асоси корҳои олимони асримиёнагии Осиёи Марказӣ мебошад [2, с. 7].

Маводи таърихӣ дар курси математика воситаи муҳими аёниятнокии таълим буда, дар раванди фаъолгардонии фаъолияти идрокии донишҷӯён нақши муҳим мебозад. Вақте ки омӯзгор дар дарси таълимии худ маводи таърихии иловагиро истифода мебарад, вай ба донишҷӯён назар ба дигар маводҳои аёнӣ сахттар таъсир мерасонад, зеро ки он ҳақиқӣ мебошад. Маводи таърихӣ аёниятнокии фикрронии донишҷӯёнро такмил медиҳад, ба омӯзгор имконияти истифодаи васеи таҷрибаи хусусии худ, мушоҳидаи шахсӣ ва фикррониро нисбат ба назарияи омӯхташаванда медиҳад. Чунин мавод, инчунин дар ташаккули фаъолияти идрокӣ, фаъолнокӣ ва мушоҳидакории хонанда ҳангоми омӯзиши назарияҳои алоҳидаи математика муҳим ҳисобида мешавад. Омӯзгор дар дарсҳои худ аз маълумотҳои таърихи математика, хусусан аз маводҳои корҳои олимони асримиёнагии Осиёи Марказӣ истифода намуда, дар донишҷӯён нисбат ба фанни математика шавқи табииро бедор мекунад ва онро бо мақсади фикрронии мустақилонаи хонандагон истифода менамояд. Масъалаҳое, ки дар таркибашон маводи таърихӣ доранд, аз қабили сарчашмаҳои хаттии гуногунхислат, дар таълими математика мақеи муҳимро ишғол мекунанд. Масалан, масъалаҳои ҷолиб, афсонаҳо, маълумотномаи нависандагони асримиёнагӣ [3, с. 67].

Мувофиқи мақсад, маводҳои таърихиро дар раванди таълим бо усулҳои зерин ҷорӣ менамоянд:

- бо ёрии ҳалли масъалаҳои мазмуни таърихӣ дошта барои мустаҳкамкунии маводи омӯхташаванда.
- бо роҳи тартиб додани масъалаҳои нав, ки бо омилҳои воқеии таърихӣ асоснок карда шудааст.
- бо воситаи ташкили фаъолияти идрокии хонандагон (омӯзиши эҷодиёти олимон – математикон, усулҳои ҷустуҷӯи осори илмии онҳо, пайдоиши кашфиётҳои математикӣ, исботи онҳо ва ғайраҳо) [4, с. 244].

Дар ин маврид маводи таърихӣ маводи беҳтарин барои иҷрои ҳолатҳои дар боло овардашуда ҳисобида мешавад.

Ҳаминро қайд мекунем, ки дар дарсҳои математика маводҳои таърихиро бо мақсади фаъолгардонии фаъолияти идрокии донишҷӯён истифода намудан зарур аст, чун ки:

1. Маводи таърихии дар дарс истифодашуда фаъолияти эҷодии донишҷӯёнро пурқувват мегардонад. Ин ба воситаи дохил кардани онҳо дар ҷустуҷӯи усулҳои нави ҳалли масъалаҳои аҷиби таърихӣ ба амал меояд. Ба воситаи ҳаёт ва фаъолияти математикони бузург омӯзгор, дар як вақт чун мураббӣ, имконият пайдо мекунад, ки донишҷуёнро ба худи мафҳуми эҷодиёт, дар илм эҷодкор будан шинос гардонда, ба бисёр мафҳумҳои асосии математикӣ, ки ба раванди эҷодӣ алоқаманд мебошанд, рӯ ба рӯ гардонад.

2. Бо ёрии маводи таърихӣ дар дарс, омӯзгор ба донишҷуён имконият медиҳад, ки мустақилона дар сохтани теоремаҳо ширкат варзанд, ба монанди он ки онҳоро аз сари нав «кашф» карда бошанд, ба онҳо ёфтани исботи теоремаҳоро медиҳад, дар донишҷӯён хоҳиши

мустақилона интихоб намудани омилҳои таърихии дилхоҳашонро, ки ба кашфиётҳои математикӣ алоқаманданд, бедор мекунад ва бо ҳамкурсони худ фаҳмондани маводҳои таърихиро дастур медиҳад. Асосан ҳамаи ин ба донишҷӯён худмуайянкунӣ, дар имкониятҳои худ мустаҳкам будан ва дар нигоҳ ва фикри худ қавӣ буданро меомӯзонад.

3. Мубоҳиса ва диспутҳои бо ҷиду ҷаҳд фикркарда ва ташкилкардаи муаллим дар дарс, ки ба муҳокимаи проблемаҳои таърихии математика асоснок карда шудаанд, дар донишҷӯён батоқатиро ба фикри дигарон тарбия карда, эҳтиром ба худ ва ба воситаи ҳурмати дигарон, муносибати эҳтиёткорона ба атрофиёнро такмил медиҳад. Ин мубоҳисаҳо инчунин ба муносибати байнишахсӣ, иконятҳо ва ҳалли масъалаҳои зиддиятӣ оварда мерасонад.

4. Ташаккули математикии одам бе баланд бардоштани маданияти умумӣ номумкин аст ва маводи таърихӣ метавонад аз ҳама бештар дар дарс ба тараққиёти яктарафаи малакаҳои математикӣ таъсир расонад.

5. Маводи таърихӣ ба баланд бардоштани савияи дониш таъсир расонида, ҷаҳонбинии донишҷӯёнро васеъ мегардонад, ки ин яке аз имкониятҳои зиёд намудани қобилияти зеҳнии донишҷӯён мебошад. Ин амал ба онҳо фикр кардан ва дар ҳолатҳои мушкили зиндагӣ зуд қабул кардани ҳалли онро меомӯзонад [4, с. 246].

Таҷрибаи аз тарафи муҳаққиқон гузаронидашуда имконият медиҳад қайд кунем, ки маводи таърихӣ дар дарсҳои математика, маводи хуби ёрирасон барои ҳалли масъалаҳои дар боло гузошташуда ба шумор меравад.

Имконияти истифодаи маводҳои таърихӣ ҳангоми гузаронидани дарсҳои амалӣ аз дилхоҳ фанҳои табиии нақшаи таълимӣ ба таври назаррас намоён мебошад. Ҳангоми таҳлили маводи маърӯзавӣ, масалан аз фанни математика, ҳалли масъалаҳои зеринро ба миён гузоштан мумкин аст:

- бо кадом мақсад ин ё он теорема дохил карда мешавад;
- имкониятҳои исботи ин теорема чӣ гунаанд;
- баёнҳои гуногуни ин теорема чӣ гунаанд;
- муносибатҳоро дар теорема чӣ гуна ба тартиб даровардан мумкин аст;
- кадом имкониятҳои аналогӣ ҷой доранд;
- имконияти истифодаи маводҳои таърихӣ.

Ин талабот тақозо мекунад, ки бевосита ба таърихи математика назар афканем. Чунки, баъди омӯзиши мавзуи «Нақши олимони асримиёнагӣ дар инкишофи математика» дар курси математикаи дохилкардашуда, гузаронидани дарси семинарӣ дар ин мавзуъ манфиатовар мебошад. Ба донишҷӯён аз рӯи нақшаи зерин тайёр намудани маълумотҳоро супориш додан мумкин аст:

1. Нақши Хоразмӣ дар инкишофи математика, хусусан, дар ҳалли муодилаҳои квадратӣ.
2. Ибни Сино ҳамчун олим – энсиклопедист.
3. Ибни Сино ҳамчун геометрист.
4. Умари Хайём ҳамчун риёзидон ва нуҷумшиносӣ.
5. Умари Хайём ҳамчун геометрист.
6. Умари Хайём ва ҳалли муодилаҳои кубӣ [2, с. 24].

Ба сифати мисол масъалаҳоро аз китоби математики машҳури асримиёнагӣ Муҳаммад Наҷмуддинхон (асрҳои XI – XII) «Рисола доир ба алгера» [3, с. 67], ки дар он ҳалли шаш намуди муодилаҳо нишон дода шудааст, ба ғайр аз ин қоидаи ёфтани решаҳои онҳоро олим дар намуди шеър ифода намудааст (дар он давра ифодаҳои ҳарфӣ истифода намешуданд), дида мебароем.

Масалан, барои муодилаҳои намуди якум (дар символи ҳозира $ax = b$) Наҷмуддинхон менависад:

«Ҳар гоҳе, ки танҳо баробар мешаванд ададҳо,
Ҷисмҳо (номаълумҳо), ба ту зарур аст
Тақсим кунӣ он ададро
Ба миқдори ҳамаи ҷисмҳо
Аз тақсими ту номаълум мешавад пайдо
Ва ҷисми номаълум ба ту нишон медиҳад рӯяшро» [3, с. 69].

Барои тасдиқи қоидаи баёншуда вай ҳалли масъалаи зеринро меорад:

«Писар аз падар пурсид; - Падари бузургвор, бигӯед, ки чандсолаед? Падар гуфт: Даҳ сол пеш синни ман аз синни ту се маротиба калон буд, ҳозир бошад синни ман аз синни ту ду маротиба калон аст».

Дар символикаҳои ҳозира ҳалли масъалаи пешниҳодкардаи олимон намуди зеринро мегирад: $x$ – синни писар даҳ сол пеш, $3x$ – синни падар дар ҳамон вақт, $(x+10)$ – синни писар ва $(3x+10)$ – синни падар дар замони ҳозира.

Вобаста ба шарти масъала чунин менависем:

$$3x+10=2(x+10).$$

Аз ин ҷо $x=10$ ҳосил мешавад, яъне синни писар 10 сол пеш ба 10 баробар буд, ҳоло бошад $x+10=10+10=20$ сол мешавад ва синни падар $3x+10= =3\cdot 10+10=40$сола.

Самаранокии истифодаи маълумотҳои таърихӣ аз гуногунии мазмуни он вобастагии калон дорад. Дар ин ҷо бояд ба хусусиятҳои қабули донишҷӯён, тайёр будани онҳо ба қабули маводи додашуда, самаранокии таълимӣ ва тарбиявии масъала ва маълумоти таърихӣ, диққати ҷиддӣ диҳем.

Тағйирот дар системаи таълим дар ҷумҳурии мо мақсад дорад, ки мутахассисони баландмартабаро барои ҷамъият тайёр намояд. Барои ин истифодаи усулҳои гуногуни таълим, иттилоотии нав ва технологияҳои навтаринро пешниҳод мекунанд. Бинобар ин, аз омӯзгори имрӯза талаботи зиёдеро интизоранд, хусусан ин ба омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ таалluқ дорад. Аз тайёрӣ ва муташаккилии муалимони ҳозира, ки онҳоро муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ тайёр мекунад, дараҷаи дониш ва маҳорати хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумитаълимӣ вобастагӣ доранд [5, с. 101].

Донише, ки донишҷӯён аз фанҳои табиӣ, хусусан аз геометрия мегиранд, ба онҳоро мустақилият, дониши чуқури ҷаҳонфаҳмӣ ва андозаи функсионалии амалии онҳоро васеъ мегардонад, ки ин умуман масъалаи муҳими педагогикаи ҳозиразамон ва хусусан методикаи таълими математика мебошад. Дар асоси ин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ҳангоми таълими геометрия мувофиқи мақсад аст, ки диққати асосиро ба масъалаҳои таълими геометрӣ ва сарчашмаҳои аввалини он диҳем ва ин аз омӯзгор талаб мекунад, ки истифодаи дурусти маводҳои таърихиро дар дарсаш таъмин намояд [6, с. 109].

Раванди таълими геометрия дар муассисаҳои умумитаълимӣ ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамон вақт дуруст инкишоф меёбад, ки агар дар онҳо бо тарзи системанок ва мақсаднок маводи таърихии математикӣ, махсусан аз корҳои математикони асримиёнагии Осиёи Марказӣ истифода бурда шаванд. Коркарди методикаи истифодаи он дар таълими ҳозираи математикӣ, хусусан, таълими геометрия, бо роҳи асосҳои дидактикии таълими геометрия дар асрҳои миёна, фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ бо ёрии маводҳо дар асоси рисолаҳои математикони он давра ва коркарди муносибати масъулонаи хонанда ва донишҷӯ ба сарчашмаҳои геометрия, инчунин ҷустуҷӯи усулҳои дурусти корҳои муаллимон доир ба геометрия, иҷро карда мешаванд. Маълум, ки раванди таълими геометрия ҳамон вақт маҳсулнок мешавад, агар дар он на танҳо воситаҳо ва усулҳои алоҳида, балки комплекси шакл, усул ва воситаҳои мукаммалгардонии таълими геометрия, аз он ҷумла маводҳои таърихӣ истифода бурда шаванд [7, с. 109].

Маводи таърихӣ имконият медиҳанд, ки истифодаи онҳо ба сифати раванди таълиму тарбия таъсири мусбӣ расонанд. Таълими геометрия бо равияи мақсаднок ва системанок истифодабарии маводи таърихӣ дар асоси дастовардҳои илмии олимони асримиёнагии Осиёи Марказӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ва донишҷӯён иконятҳои калони неруиро пайдо мекунад. Маълумотҳо аз таърихӣ илм ҷаҳонбинии донишҷӯёнро васеъ мегардонад ва диалектикаи ин фанро нишон медиҳад. Бинобар ин, бисёр муҳим аст, ки маводи таърихӣ дар дарсҳои геометрия алоқамандона таълим дода шавад, то донишҷуёнро водор созад, ки фикр кунанд ва ифтихор аз таърихи бои ин фанни дар илм васеъ истифодабаранда намоянд. Истифодаи ба нақшадаровардашуда ва мақсадноки маълумоти таърихӣ дар таълими геометрия ва алоқамандии зичи он бо маводи таълимӣ имконият медиҳад, ки раванди таълим гуногунҷабҳа шуда, вай нисбатан ҷолиб, пурмазмун гардад ва функсияи тараққикардаистодаи вай ба таври намоён афзояд. Шиносоӣ бо таърихи геометрия ба боз ҳам чуқуртар ва пурратар аз худ кардани мафҳумҳои илмӣ оварда мерасонад, имконияти дуруст дарк кардани мафҳумҳои диалектикаи идрокиро медиҳад, инкишофи қонунии илмҳои геометриро нишон медиҳад, хонандагон ва донишҷӯёнро ба қабули мусбати мероси фарҳангӣ ва илмӣ тайёр мекунад [8, с. 81].

Геометрия дар қатори фанҳои мактабӣ яке аз мавқеъҳои муҳимро ишғол намуда, агар хонанда онро хуб аз худ кунад, дигар фанҳоро бе мушкилӣ аз худ мекунад. Элементҳои аввалини ин фан, ба монанди «нуқта», хати рост», «порча», «давра» ва дигарон ба ҳонандагон ҳануз дар синфҳои ибтидоӣ фаҳмонда мешаванд, яъне дар синфи 7-ум, вақте ки фанни геометрия ҳамчун фанни алоҳида омӯзонда мешавад, хонандагон аллакай ба

элементҳои асосии он шинос мебошанд. Лекин, чӣ тавре ки таҷрибаи бисёрсолаи таълими геометрия нишон медиҳад, хонандагон нисбат ба дигар фанҳои дар мактаб таълимдодамешуда, баъди хатми мактаб дар ҳалли масъалаҳои геометрӣ ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Аз нуқтаи назари мо, барои хуб аз худ кардани маводҳо аз фанни геометрия ва ҳангоми ҳалли масъалаҳои геометрӣ аз хонанда дар мадди аввал ташаккул ва инкишофи тафаккури фазоӣ талаб карда мешавад, ки ба он диққати асосии муаллимони геометрияи мактабҳои миёнаро бояд ҷалб намуд.

***Адабиёт***


1. *Переяслова, Н.В. Развитие творческой деятельности учащихся на основе использования исторических сведений.//Сб. статей межд.научн.-практ.конф. «Педагогические технологии математического творчества» / Н.В. Переяслова, Б.Б. Коваленко. - Арзамас, 2011. - С. 86 – 89.*
2. *Сатторов, А.Э. О методике использования достижений ученых средневекового Ближнего и Среднего Востока в процессе обучения математике / А.Э. Сатторов. – Душанбе, Ирфон, 2010. - 140 с.*
3. *Ходжаев, А. Использование исто-рического материала как средства активизации позновательной деятельности школьников / А. Ходжаев. / Сатторов А.Э. Кенджаев Г. // Сборник трудов VI Международной научной конференции «Математика, Образование. Культура» 24-26 апреля 2013 года Тольяти ТГУ 2013. – С. 66-69.*
4. *Хоҷаев, А. М. Ақидаҳо роҷеъ ба таълими геометрия бо истифодаи маводи таърихӣ / А.Э. Сатторов, Б.Д. Холова / А.М. Хоҷаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – №3/2(162). – Душанбе: Сино, 2015. – С. 244-246.*
5. *Хоҷаев, А. М. Истифодаи маводи таърихӣ дар геометрияи дифференсиалӣ // А.М. Хоҷаев. / А.Э. Сатторов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – №1-2(59), 2019. – С. 101-103.*
6. *Хоҷаев, А. М. Истифодаи унсурҳои таърихӣ дар як дарси геометрияи макотиби олӣ / А.М. Хоҷаев. / А.Э. Сатторов / Мав. конф. илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Соли маориф ва фарҳанги техникӣ (17-18 июли соли 2010). – Бохтар, 2010. – С. 108-111.*
7. *Ходжаев, А. М. Исторические материалы в курсе геометрии педвузов / А.Э. Сатторов / Мав. конф. ҷумҳ. бахшида ба 70 – солагии профессор Б. Алиев «Проблемаҳои муосири математикаи амалӣ ва информатика» / А. М. Ходжаев. – Душанбе, 2014. – С. 109-111.*
8. *Ходжаев, А. М. Исторические элементы на уроках геометрии // А. М. Ходжаев. /А.Э. Сатторов, Г.Д. Кенджаев//, Математика и математическое образование (Сбор. труд.VII Междун. научной конф. «Математика, Образование. Культура» 27-29 апреля 2015 года. – Тольяти: ТГУ 2015. – С. 80-82.*


## ИСТИФОДАИ МАВОДИ ТАЪРИХӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА ТАРАҚҚИЁТИ ФАЪОЛИЯТИ ИДРОКИИ ХОНАНДАГОН


Дар мақолаи мазкур дар бораи ташаккулёбӣ ва тараққиёти фаъолияти идрокии хонандагон, ки асоси тарбияи ҳаматарафаи ташаккули шахсиятро дар бар мегирад ва мақсади охирини табдилдиҳии система ва мазмуни таълимро дар мактабҳои типпи нав ташкил медиҳад, сухан меравад. Маълум, ки математика яке аз фанҳои асосии таълими мактабӣ буда, дар азхудкунии ҷаҳони моро иҳотанамуда воситаи муҳим ба шумор меравад, инчунин асоси ҳозираи прогресси илмӣ-техникӣ ва компоненти муҳими ташаккули шахсият мебошад. Таълими математикӣ ба хонанда фаҳмиши хуби мазмуни масъалаи дар назди худ гузошташуда ва дарки дурусту мантиқии ӯро такмил медиҳад, инчунин фаъолияти идроккунии вайро фаъол мегардонад. Яке аз ин имкониятҳо барои мактабҳои тоҷик истифодаи маводҳои таърихи математика дар асоси корҳои олимони асримиёнагии Осиёи Марказӣ мебошад. Геометрия дар қатори фанҳои мактабӣ яке аз мавқеъҳои муҳимро ишғол намуда, агар хонанда онро хуб аз худ кунад, дигар фанҳоро бе мушкилӣ аз худ мекунад.



**Калидвожаҳо:** фаъолияти идрокӣ, фаъолияти эҷодӣ, маводи таърихӣ, прогреси илмӣ-техникӣ, корҳои олимони асримиёнагии Осиёи Марказӣ, таълими математикӣ.


## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИСТОРИЧЕСКОГО МАТЕРИАЛА КАК СРЕДСТВА ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧАЩИХСЯ


В данной статье речь идет о формировании и развитии познавательной деятельности учащихся, которая составляет основу всестороннего воспитания личности и является конечной целью преобразования системы и содержания образования в школах нового типа. Известно, что математика является одним из основных предметов школьного образования и является важным инструментом в освоении окружающего нас мира, а также основой современного научно-технического прогресса и важным компонентом формирования личности. Математическое обучение дает читателю хорошее понимание содержания поставленной перед ним проблемы и улучшает его правильное и логическое восприятие, а также активизирует его перцептивную деятельность. Одной из таких возможностей для таджикских школ является использование материалов по истории математики на основе работ средневековых ученых Центральной Азии. Геометрия занимает одну из самых важных позиций среди школьных предметов, и если ученик хорошо ее усваивает, он без проблем осваивает другие предметы.



**Ключевые слова:** познавательная деятельность, творческая деятельность, исторический материал, научно-технический прогресс, работы средневековых ученых Центральной Азии, математическое образование.

## THE USE OF HISTORICAL MATERIAL AS A MEANS OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF COGNITIVE ACTIVITY OF STUDENTS

In this article we are talking about the formation and development of cognitive activity of students, which forms the basis of comprehensive personal education and is the ultimate goal of transforming the system and content of education in schools of a new type. It is known that mathematics is one of the main subjects of school education and is an important tool in mastering the world around us, as well as the basis of modern scientific and technological progress and an important component of personality formation. Mathematical training gives the reader a good understanding of the content of the problem set before him and improves his correct and logical perception, as well as activates his perceptual activity. One of such opportunities for Tajik schools is the use of materials on the history of mathematics based on the works of medieval scholars of Central Asia. Geometry occupies one of the most important positions among school subjects, and if a student learns it well, he learns other subjects without problems.

**Keywords:** cognitive activity, creative activity, historical material, scientific and technological progress, works of medieval scientists of Central Asia, mathematical education.

**Дар бораи муаллиф**
Хоҷаев Амрохон Мирзоевич
Номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи алгебра ва геометрия
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Тел.: (+992) 936 36 25 63
E-mail: khojaev59@inbox.ru

**Об авторе**
Ходжаев Амрохон Мирзоевич
Кандидат педагогических наук, и.о. доцент кафедры алгебры и геометрии
Бохтарский государственный университет имени Н. Хусрав
735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 67
Тел.: (+992) 936 36 25 63
E-mail: khojaev59@inbox.ru

**About the author**
Khodjaev Amrokhon Mirzoevich
Candidate of Pedagogical Sciences, assistant Professor Department of Algebra and Geometry
Bokhtar State University named after N. Khusrav
735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street, 67
Phone: (+992) 936 36 25 63
E-mail:khojaev59@inbox.ru

ТДУ 51 (075)

# АЛОҚАМАНДИИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА БО ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***Бурҳонов Қ. Т., Узбекова М. А.***
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи*
*академик Бобоҷон Ғафуров*

Дар барномаи синфҳои ибтидоӣ оид ба вазифаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ чунин нукта таъкид шудааст: «Математика дар синфҳои ибтидоӣ қисми таркибии математикаи мактаби миёна мебошад. Вазифаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ аз он иборат аст, ки дар асоси вазифаҳои умумии омӯзиши ибтидоӣ ва таҷрибаи ҳаётии худи онҳо, ки бо таҳлили теъдоди ҳодисаҳою далелҳои воқеии муҳит алоқаманд аст, тасаввуроти миқдорӣ ва фазоии хонандагонро инкишоф диҳад, дар хонандагон мафҳумҳои математикиро ташаккул дода, малакаю маҳорати қатъии ҳисобкуниро ба онҳо дастрас намояд. Баробари омӯзиши математика бояд дараҷаи дониши талабагон ва тафаккури мантиқии онҳоро инкишоф дод, ки он бо нутқи фасеҳ, равшан ва пурмазмун вобаста аст. Ташаккулдиҳии малакаҳои мустақилона фаъолият намудани талабагон, ки барои ҳаёт, дар фаъолияти таълимӣ ва меҳнати бомуваффақият татбиқ намудани донишҳои математикӣ заруранд, низ вазифаи омӯзиши математика мебошад» [2].

Ҳаминро бояд қайд кард, ки методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ бо фанҳои мантиқ, фалсафа, санъат ва меҳнат ва ғайра алоқаи зич дорад. Яке аз вазифаҳои асосии омӯзиши фанни санъат ва меҳнат ин инкишоф додани образҳои бадеии хонандагон, ба меҳнат, зебоиофарию зебопарастӣ ва ба эҷодкорӣ ҳидоят намудани онҳо мебошад. Фароҳам овардани шароити мувофиқ, муҳайё намудани таҷҳизот, маводи кор, дуруст, мақсаднок ва мунтазаму бошуурона ба роҳ мондани омӯзиши фанни санъат ва меҳнат хонандагонро ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр менамояд, ки аз тадбирҳои аввалини таълими технология дар доираи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар хонандагон оддитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ ва рассомӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ, ба ҳаёт омода мешаванд. Вобаста ба малакаҳои меҳнативу рассомӣ фанни мазкур ба чор самти зерин тақсим карда шудааст:

- корҳои тасвирӣ;
- кор бо коғаз ва картон;
- кор бо маводи табиӣ ва пластилин;
- кор бо ришта ва матоъ.

Хонандагон бо зарурияти доир ба ҳиссаҳои воҳид тасаввурот пайдо кардан ҳанӯз дар мактаби ибтидоӣ дар дарсҳои математика, таълими меҳнат, расмкашӣ, суруд ва ғайра дучор мешаванд. Маводи геометриро бошад, дар алоқамандии нақшу нигорҳои одитари миллӣ таълим додан аст, то ки хонандагон онҳоро мустақилона дарк кунанд.

Дар барнома ба омӯзиши ченакҳо ва машқҳои ченкунӣ диққати калон дода шудааст. Ченкунӣ дар фаъолияти меҳнатии одам ҳамроҳи доимӣ мебошад. Хонанда ҳам дар фаъолияти таълимӣ – меҳнатии худ, дар дарсҳои санъат ва меҳнат дар раванди суробсозӣ, тархрезӣ ва ғайра бо эҳтиёҷоти ченкунӣ аксар вақт дучор мешавад.

Ҳоло таҳлили алоқамандии фанни математикаро бо фанни саъант ва меҳнат дар маводҳои китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ дида мебароем:

Масалан: Математикаи синфи 2. саҳ 30

Мавзуъ:“Хати рост ва порча”.

Мақсади дарс: 1. Ба хонандагон шинос кардани мафҳуми хати рост ва порча




***Расми 1-6***

Ба хонандагон дар вараќи дафтар нуќтаеро ќайд кунед. Аз он ба тарафи рост 6 катак ҳисоб карда, нуќтаи дигар гузоред. Нуќтаҳоро бо ёрии хаткашак пайваст кунед. Кадом шакл ҳосил шуд? Порчаи ҳосилшуда чанд сантиметр аст? Бо хаткашак хати росте кашед. Онро ба ҳар ду тараф то канори вараќи дафтар давом диҳед.

Хати рост чен карда намешавад, зеро он беохир аст. Як хати рост порча аст. Дарозии порчаро чен кардан мумкин аст.

Эзоҳ: Бо расмҳои 1 – 6 ба хонандагони хурдсол шаклҳои гуногуни тасвири фигураҳои геометрӣ шинос карда мешавад.

2.Тарафҳои чоркунҷа ва секунҷаро чен кунед.



***Расми 7***

Эзоҳ: Бо воситаи ададҳои номдор тарафҳои чоркунҷа ва секунҷа чен карда мешавад.

3. Ҷунин порчаҳоро бо ёрии хаткашак дар дафтар кашед:




***Расми 8***

Эзоҳ: Дар ин расми 8 муќоисаи порчаҳо ба хонандагон шинос карда мешавад.

Мавзуи “Радиус ва диаметр”. Математикаи синфи 2. саҳ. 137

1. Ҳолатҳое мешавад, ки ду радиус дар як хати рост мехобанд. Инро чӣ номидан мумкин аст?



***Радиус*** ***Диаметр***

Ҷунин порчаро диаметри давра меноманд.

*Эзоҳ.* Баъд аз шинос кардан бо маводҳои геометрӣ ба хонандагон, омӯзгор вазифадор аст, ки истифодаи ин мафҳумҳоро бо фанни санъат ва меҳнат шарҳ диҳад.

Математикаи синфи 3. саҳ.49

2. Суммаи тарафҳои секунҷа ва чоркунҷаро ёбед:

Бо воситаи расми 9 периметри секунҷа ва росткунҷа ҳал карда мешавад.




***Расми 9***

**Ҳал:**

1) Азбаски секунҷаи додашуда секунҷаи баробартараф аст, бинобар он, суммаи тарафҳои он аз рӯйи формулаи Р=3а ҳисоб карда мешавад. Р=3*3см=9см. Ҷавоб: Р=9 см.

2) Суммаи тарафҳои чоркунҷаро аз рӯйи формулаи Р=a+b+c+d ҳисоб карда мешавад: Р=3см+6см+4см+6см=19 см. Ҷавоб: Р=19 см. Саҳ.72. Аз ќоғази катакдор ҷунин фигураҳоро бурида, оред.



***Расми 10***

Дар китоби дарсии синфи 3 мавзуи “Мафҳуми периметри росткунҷа квадрат ва секунҷа” ин тавр омӯзонида шудааст: [9, с. 90]

*Эзоҳ.* Пас аз шинос кардани ин мафҳумҳои математикии дар боло нишон додашуда омӯзгор вазифадор аст, ки мафҳумҳоро ба хонандагон дар қоғаз кашидани шаклҳои гуногунии геометрӣ ва дар матоъҳо бо воситаи хати рост, хати қач ва кунҷ тасвир кардани нақшу нигорҳои одитари миллиро фаҳмонданаш лозим аст.

1. Периметри росткунҷа

Периметри росткунҷаро бо се тарз ҳисоб кардан мумкин аст:

Барои ёфтани периметри росткунҷа дарозии тарафҳои росткунҷа ҷамъ карда мешавад: 5см+2см+5см+2см = 14 см.




***Расми 11***

Ҷавоб: периметри росткунҷа 14 см аст.

1. Дарозӣ ва бари росткунҷаро ҷамъ карда, натиҷа ба 2 зарб карда мешавад (тарафҳои муқобили росткунҷа баробаранд).

(5см+2см)*2=7см*2=14см. Ҷавоб: периметри росткунҷа 14 см аст.

3. Барои ёфтани периметри росткунҷа дарозӣ ва барашро ба 2 зарб карда, натиҷаро ҷамъ кардан мумкин аст: 5см*2+2см*2=10см+4см=14 см. Ҷавоб: Периметри росткунҷа 14 см аст.

2. Периметри квадрат

Периметри квадратро бо ду тарз ҳисоб кардан мумкин аст:

**Тарзи якум:**

Барои ёфтани периметри квадрат дарозии чор тарафи квадратро ҷамъ кардан мумкин аст:

3см+3см+3см+3см = 12см.




***Расми 12***

Ҷавоб: периметри квадрат 12 см аст.

**Тарзи дуюм:**

Азбаски тарафҳои квадрат баробаранд, бинобар ин, як тарафи квадратро ба 4 зарб кардан кифоя аст: 3 см*4=12 см.

Ҷавоб: периметри квадрат 12 см аст.

2. Периметри секунҷа

Периметри секунҷаро бо се тарз ҳисоб кардан мумкин аст:

**Тарзи якум:**

Ёфтани периметри секунҷаҳои баробартараф

Масалан: Тарафи секунҷа ба 4 см аст.

Қоида : а) Се тарафҳои секунҷаро ба 4 – сантиметрӣ зарб кардан кифоя аст.

4 см*3 = 12 см.




***Расми 13***

б) Се тарафҳои секунҷаро ҷамъ кардан кифоя аст:

4см+4см+4см=12см. Ҷавоб: периметри секунҷаи баробартараф ба 12 см баробар аст.

**Тарзи дуюм:**

Ёфтани периметри секунҷаҳои баробарпаҳлӯ

Формулаи периметри секунҷаи баробарпаҳлӯро ин тавр навиштан мумкин аст: P=2a+c




P=2*5см+3см=10см+3см=13 см.

***Расми 14***

Ҷавоб: периметри секунҷаи баробарпаҳлӯ ба 13 см баробар аст.

**Тарзи сеюм:**

Ёфтани периметри секунҷаҳои гуногунтараф аз рӯйи формулаи

**Р=а+в+с**

Масалан:

а=6см, в=8см, с=7см.

Р = 6см+8см+7см=21см.

6см 8см



7см

***Расми 15***

Ҷавоб: периметри секунҷаи гуногунтараф ба 13 см баробар аст.

Таҳлили мафҳуми масоҳти фигураҳои геометрӣ дар синфҳои ибтидоӣ аз синфи чорум оғоз карда мешавад.

Эзоҳ: Бо воситаи расамҳои 13-15 периметри секунҷаҳо ёфта мешавад.

**Таъриф.** Қисми ҳамворӣ, ки дар дохили фигура ҷойгир аст, масоҳати фигура мебошад. Масоҳати фигураҳоро чен кардан мумкин аст.

Ба сифати воҳиди ченаки масоҳат, масоҳати квадрате қабул карда шудааст, ки тарафи он 1м аст. Чунин квадрат воҳидӣ ном дорад. Масоҳати ин квадрат ҳамчун 1 метри квадратӣ қабул шудааст. Ин масоҳат ин тавр навишта мешавад: 1м*1м=1м кв. (тарафи рости ин баробарӣ ин тавр хонда мешавад: як метри квадратӣ). Агар метрро ба миллиметр, сантиметр, детсиметр баргардонем, он гоҳ масоҳат бо миллиметри квадратӣ, сантиметри квадратӣ, детсиметри квадратӣ ифода карда мешавад [10, с. 138].

Сантиметри квадратиро бо см кв., детсиметри квадратиро бо дм кв., метри квадратиро бо м кв., километри квадратиро бо км кв. ишора мекунанд.

| Ҷадвали воҳидҳои дарозӣ | Ҷадвали воҳидҳои масоҳат |
|---|---|
| 1 см= 10 мм | 1 см в. = 100 м кв. |
| 1 дм = 10 см | 1 дм кв. = 100 см кв. |
| 1 м = 10 дм | 1 м кв. = 100 дм кв. |
| 1м = 100 см | 1 м кв. = 1000 см кв. |
| 1 км = 1000 м | 1 км кв. = 1 000000 м кв. |

Хулоса, агар тарафи квадрати 10 мм бошад, масоҳаташ 100 мм кв. мешавад. Агар ин ададро см. кв иваз кунем, он гоҳ 100 мм кв. = 1 см кв. мешавад, чунки 10 мм = 1 см аст. Агар тарафи квадрат 10 см бошад, масоҳаташ 100 см кв. мешавад. Агар ин ададро бо дм кв. иваз кунем, он гоҳ 100 см кв. = 1 дм кв. мешавад, чунки 10 см = 1 дм.

Тарафи квадрат 100 см бошад, масоҳаташ 10000 см кв. мешавад. Агар ин ададро бо метри квадратӣ иваз намоем, он гоҳ 10000 см кв.= 1 м кв. мешавад [10, с. 140].

Дарозии росткунҷа 4 см ва бараш 3 см аст. Дарозиро ба 4 қисм ва барро ба 3 қисми баробар ҷудо карда, охирҳои қисмҳоро бо ҳам пайваст кардем.Чандто квадрати воҳидӣ ҳосил шуд? Ҳисоб карда мебинем, ки квадратҳои воҳидӣ 12-тоанд. Яъне масоҳати росткунҷа ба 12 см кв. баробар аст.

4см




4 см * 3 см = 12 см кв.

Масъала. Дарозии тарафҳои росткунҷа ба 8 см ва 6 см баробар аст. Ин росткунҷаро дар дафтар тасвир намуда, онро ба квадратҳои воҳидӣ ҷудо кунед. Муайян кунед, ки ин росткунҷа чандто квадрати воҳидӣ дорад? Масоҳати ин росткунҷаро ёбед.

8см

Шарти кӯтоҳ

а = 8 см,

в = 6 см,

S = ?

6см



***Расми 16***

Ҳал: S = а * в = 8 см * 6 см = 48 см кв. Ҷавоб: 48 см кв.

Эзоҳ. Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки дар вақти ҳисоб кардани масоҳати фигураҳои геометрӣ, агар ченакҳои фигураҳои геометрӣ гуногун бошад, он гоҳ ченакҳои онҳоро якхела карда масоҳати фигураи геометрӣ ёфта мешавад.

в = 15 м = 1500 см.

S =а*в = 423 см*1500 см = 634500 см кв. Ҷавоб: 634500 см кв. [10, с. 144].

Чӣ тавре медонем, росткунҷае, ки тарафҳояш ба ҳамдигар баробаранд, квадрат ном дорад. Агар дар формулаи масоҳати росткунҷа инро ба эътибор гирем, яъне дар формулаи S= а*в, а = в гузорем, он гоҳ формулаи масоҳати квадрат S=а*а мешавад. Ҳамин тавр, барои ёфтани масоҳати квадрат тарафи онро ба худаш зарб кардан лозим аст.

Масъала. Дарозии тарафи квадрат ба 6см баробар аст. Ин квадрат чандто квадрати воҳидӣ дорад. Дар расми овардашуда ҳисоб карда мебинем, ки квадратҳои воҳидӣ 36-тоанд. Яъне, масоҳати квадрат ба

36 м кв. баробар аст. Аз тарафи дигар 6*6 = 36 аст.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1см | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | 6-то | см | |

Тарафи квадратро бо ҳарфи *а* ишора мекунем ва барои ёфтани масоҳат аз формулаи масоҳати квадрат S=а*а истифода мебарем:

Навишти кӯтоҳ:

а = 6 см

S = ?

Ҳал: S = а * а = 6 см * 6 см = 36 см кв. Ҷавоб: 36 см кв.

Дар мисоли ҳалли масъала дидем, ки формулаи масоҳати квадрат дуруст аст [10, с. 147].

Масоҳати секунҷаи росткунҷа

Агар ду қуллаи муқобили росткунҷаро бо хати рост пайваст кунем, он гоҳ росткунҷа ба ду секунҷаи росткунҷа ҷудо мешавад.

Аз сабаби бо ҳам баробар будани тарафҳои муқобили росткунҷа тарафҳои ин секунҷаҳо бо ҳамдигар баробаранд.



***Расми 17***

Масоҳати секунҷаҳо низ ба ҳам баробар мешаванд: онҳо ба нисфи масоҳати росткунҷа баробаранд.

Масоҳати секунҷаи росткунҷа ба нисфи ҳосили зарби тарафҳое, ки кунҷи ростро ташкил медиҳанд, баробар аст.

S=а*в:2



***Расми 18***

Тарафҳои кунҷи рости секунҷаи росткунҷа ба 3 см ва 4 см баробаранд. Масоҳаташро ёбед.

Ҳал: S=а*в:2=3см*4см:2=12 см кв:2=6 см кв. Ҷавоб: S=6 см кв.

Эзоҳ. Бо воситаи расми 17-18 ёфтани масоҳати секунҷаҳо дар синфҳои ибтидоӣ таълим дода мешавад. Пас аз омӯхтани таълими периметр ва масоҳати фигураҳои геометрӣ омӯзгор ба хонандагон бо системаи ченакҳо ва ададҳои номдор шинос мешаванд.

Ченкунӣ дар ҳаёти ҳаррӯза, дар фаъолияти меҳнатии одамон мавқеи васеъ ёфтааст. Омӯхтани ченакҳо, машқҳо оид ба ченкунӣ, омӯхтани амалҳо бо ададҳои номдор, дониши хонандагонро васеъ карда, барои инкишофи фикрӣ ва тайёрии политехникии онҳо мадад мерасонад.

Дар барномаи муассисаҳои таълимӣ ба омӯзиши ченакҳо ва ҳалли машқҳо оид ба ченкунӣ диққати калон дода шудааст. Ченкунӣ дар фаъолияти меҳнатии одам ҳамроҳи доимӣ

мебошад. Хонанда ҳам дар фаъолияти таълимӣ-меҳнатии худ, дар дарсҳои санъат ва меҳнат ҳангоми кор бо қоғазу картон, кашидадӯзӣ, дуредгарӣ ва ғайра бо эҳтиёҷоти ченкунӣ аксар вақт дучор мешавад. Бинобар ин, муассисаи таълимӣ дар раванди дарс бояд ба талабагон оид ба ченакҳо дониши мустаҳкам дода, малакаҳои ченкунии онҳоро тараққӣ диҳад.

Ҳамин тавр, бояд қайд кард, ки бо воситаи ченаки дарозӣ ва ададҳои номдор дар дарси санъат ва меҳнат хонандагон қобилияти рассомӣ ва ҳунармандии худро ошкор месозанд ва такмил диҳанд, хоҳиш пайдо мекунанад, ки дар машғулиятҳои эҷодӣ – маҳфилҳои рассомӣ, моделсозӣ дуредгарӣ, дӯзандагӣ, тарроҳӣ, бофандагӣ, кандакорӣ, суробсозӣ ва ғайра васеъ истифода карда мешавад ва яке аз роҳҳои баланд бардоштани дониши математикии хонандагони хурдсол доир ба фанни санъат ва меҳнат муносибати байни фанни математика ба ҳисоб меравад.

***Адабиёт***

1. *Атохонов, Р. Масъалаҳои сода дар синфҳои ибтидоӣ. / Р. Атохонов. – Душанбе: 1986. – 68 с.*
2. *Барномаҳои синфҳои ибтидоӣ 1- 4. / Барнома. – Душанбе: 2014 с. – 66 с.*
3. *Бантова, М.А. Методика преподавания математики в начальных классах. / М.А. Бантова, Г.В. Бельтюкова. – М.: 1984. – 335 с.*
4. *Белошистая, А.В. Методика обучения математике в начальной школе. Курс лекций. / А.В. Белошистая. - М.: 2006 - 454 с.*
5. *Бурҳонов, Қ.Т. Курси махсус аз методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. / Қ.Т. Бурҳонов – Хуҷанд: 2015 - 252 с.*
6. *Бурҳонов Қ.Т. Ҳалли масъалаҳои типикӣ. / Бурҳонов Қ.Т. – Хуҷанд: 2011 с. – 52 с.*
7. *Шуайбова, О. Математика. Китоби дарсӣ барои синфи 1 / О.Шуайбова. – Душанбе: Собириён, 2012 - 207 с.*
8. *Шуайбова О. Математика. Китоби дарсӣ барои синфи 2 / О.Шуайбова. – Душанбе: Собириён, 2012. - 207 с.*
9. *Ҳамидова А. Математика. Китоби дарсӣ барои синфи 3 / А. Ҳамидова. – Душанбе: Собириён, 2012. - 196 с.*
10. *Ҳамидова А. Математика. Китоби дарсӣ барои синфи 4 / А. Ҳамидова. - Душанбе: Маориф, 2016. - 279 с.*

## АЛОҚАМАНДИИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА БО ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Мақолаи мазкур ба баланд бардоштани дониши математикии хонандагони хурдсол дар муносибати байнифаннии математика ва санъат ва меҳнат бахшида шудааст. Дар мақола якчанд маводҳои таълими математика аз китоби дарсии синфҳои ибтидоӣ, ки ба фанни санъат ва меҳнат вобастаи зич дорад, таҳлил карда шудааст. Қайд карда мешавад, ки барои самаранок гузаронидани раванди таълими математикаю санъат ва меҳнат мафҳумҳои асосии математика ва санъату меҳнат аз ҷониби хонандагони хурдсол хеле муҳим аст. Барои аз ҷониби хонандагони хурдсол самаранок аз худ кардани мафҳумҳои математикаю санъат ва меҳнат, зарур аст, ки омӯзгор раванди дурусти ташаккул доданро ташкил намуда, онро идора карда тавонад. Таҳқиқоти илмӣ нишон дод, ки яке аз роҳҳои баланд бардоштани дониши математикии хонандагони хурдсол ин муносибати байни фанни таълимӣ ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** таълим, метод, тарз, адади номдор, ченаки дарозӣ, ифода, расм, шакл, периметр, масоҳат.

## СВЯЗЬ МЕТОДИКИ ОБУЧЕНИЯ МАТЕМАТИКИ С ПРЕДМЕТОМ ИСКУССТВА И ТРУДА В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ

Данной статье посвящен совершенствованию математических знаний младших школьников в межпредметной взаимосвязи математики, искусства и труда. В статье анализируются несколько материалов для обучения математике из учебников для начальных классов, которые тесно связаны с предметом искусства и труда. Отмечено, что для эффективной реализации процесса обучения математике, изобразительному искусству и труду большое значение имеют основные понятия математики и изобразительного искусства и труда учащейся молодежи. Чтобы младшие школьники эффективно овладевали понятиями математики, искусства и труда, учителю необходимо правильно организовать и управлять процессом формирования. Научные исследования показывают, что одним из способов повышения математических знаний младших школьников является взаимосвязь учебных предметов.

**Ключевые слова**: обучения, метод, способ, именное число, меры длины, выражения, рисунка, фигура, периметр, площадь.

## THE CONNECTION OF THE TEACHING METHOD OF MATHEMATICS WITH SUBJECT OF ART ANDLABOR IN PRIMARY GRADES

This article is devoted to improving the mathematical knowledge of younger students in the interdisciplinary relationship of mathematics, art and labor. The article analyzes several materials for teaching mathematics from textbooks for elementary grades, which are closely related to the subject of art and labor. It is noted that for the effective implementation of the process of teaching mathematics, fine arts and labor, the basic concepts of mathematics and fine arts and labor of young students are of great importance. In order for younger students to effectively master the concepts of mathematics, art and labor, the teacher needs to properly organize and manage the formation process. Scientific research shows that one of the ways to improve the mathematical knowledge of younger students is the interconnection of school subjects.

**Keywords**: learning, method, method, nominal number, measures of length, expressions, figure, figure, perimeter, area.

**Дар бораи муаллифон**

Бурҳонов Қурбонбой Турсунраҷабович
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи табиӣ-риёзӣ, тарбияи эстетикӣ ва методикаи таълими он
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел.: (+992) 927 84 17 71
E-mail: kurbon1953@mail.ru

Узбекова Мунира Абдушукуровна
Доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи риёзӣ-табиӣ, тарбияи эстетикӣ ва методикаи таълими он
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел.: (+992) 115 50 55 50

**Об авторах**

Бурханов Курбонбой Турсунраджбович
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры естественно-математики, эстетической воспитания и его преподавания
Худжандский государственный университет имени ак. Бободжан Гафурова
735700, Республики Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков 1
Тел.: (+992) 927 84 17 71
E-mail: kurbon1953@mail.ru

Узбекова Мунира Абдушукуровна
Доктор философии (PhD), доцент кафедры естественно-математики, эстетической воспитания и его преподавания
Худжандский государственный университет имени ак. Бободжан Гафурова
735700, Республики Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков 1
Тел.: (+992) 115 50 55 50

**About the authors**

Burhanov Kurbonboi Tursunrajabovich
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor at the Department of Natural Mathematics, aesthetic education and its Teaching
Khujand State University named after academician Bobojon Ghafurov
735700, Repablic of Tajikistan, Khujand, 1 Mavlonbekov
Phone: (+992) 927 84 17 71
E-mail: kurbon1953@mail. ru

Uzbekova Munira Abdushukuro
Doctor philosophy (PhD), senior lecture Department of Natural Mathematics, aesthetic education and its Teaching
Khujand State University named after academician Bobojon Ghafurov
735700, Repablic of Tajikistan, Khujand, 1 Mavlonbekov
Phone: (+992) 115 50 55 50

ТДУ 74.265.7

# АҲАМИЯТИ МЕТОДҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ ДАР ОМӮЗИШИ ХИМИЯ


***Файзуллоева М. М., Чариева С. А.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*


Дар замони муосир ҳар як омӯзгор вазифадор аст, ки ба пеши худ вазифаҳои зеринро гузорад: шавқу ҳаваси хонандагонро чӣ тавр нигоҳ доштан, сифати донишро чӣ тавр беҳтар кардан мумкин аст? Барои ҳалли ин мушкилот омӯзгор бояд ҳам усулҳои анъанавӣ ва ҳам нави таълимро аз худ намояд. Ба вай лозим аст, ки усулҳои пешниҳоди маводро мунтазам такмил дода, технологияи нави таълимро азхуд намояд. Навовариҳои асосии методӣ имрӯз бо истифодаи усулҳои интерактивии таълим алоқаманданд. Шакл ва усулҳои интерактивии таълим ба фаъол гардидани фаъолияти маърифатии хонандагон ва мустақилона дарки маводи таълимӣ мусоидат мекунанд. Усулҳои интерактивӣ ба шумо имкон медиҳанд, ки малакаҳо, қобилиятҳо ва салоҳиятҳои навро амалӣ ва инкишоф диҳед (салоҳиятҳои асосии донишҷӯён: омӯзиш, ҷустуҷӯ, фикр кардан, ҳамкорӣ). Маҳз омӯзиши интерактивӣ ба муаллим кӯмак мекунад, ки фаъолияти маърифатиро тавре ташкил кунад, ки қариб ҳамаи хонандагон дар раванди таълим фаъол бошанд.

Истилоҳи «Педагогикаи интерактивӣ» бори аввал соли 1975 аз ҷониби муҳаққиқи олмонӣ Ҳанс Фриц истифода шудааст. Ҳоло дар илми педагогика мафҳуми «таълими интерактивӣ» ташаккул ва равшан карда мешавад.

Ҳамин тариқ, ба андешаи Н.Суворова [7], С. Заир-Бек [3, с. 12] омӯзиши интерактивӣ ҳамчун омӯзиши муколама фаҳмида мешавад, ки дар рафти он донишҷӯён фикрронии интиқодӣ, қабули қарорҳои оқилона, иштирок дар мубоҳисаҳо ва муоширát бо одамони дигарро меомӯзанд. Бо ин мақсад дар дарсҳо кори индивидуалӣ, ҷуфтӣ ва гурӯҳӣ ташкил карда шуда, лоиҳаҳои тадқиқотӣ, бозиҳои нақшбозӣ истифода бурда мешаванд, кор бо ҳуҷҷатҳо ва манбаъҳои гуногуни ахбор анҷом дода, супоришҳои эҷодӣ истифода мешаванд. Дар ҷараёни чунин омӯзиш шароити мусоид фароҳам оварда мешавад, ки донишҷӯ муваффақияти худ, салоҳияти зеҳнии худро эҳсос намояд, ки худи раванди таълимро самараноктар мегардонад. М.В. Кларин [4, с. 5] зарурати бо ҳар роҳ ангезиш додани фаъолияти маърифатии хонандагон, бо ин мақсад истифода бурдани навъҳои гуногуни муколамаи тарбиявӣ, такя ба тасаввурот, аналогия ва ташбеҳҳо, кор бо моделҳои консептуалӣ ва ғайраҳо.

О.Пометун [6] дар бораи ташкили таълими интерактивӣ сухан ронда, чунин мешуморад, ки он моделсозии ҳолатҳои ҳаётӣ, истифодаи бозиҳои нақшӣ ва якҷоя ҳалли масъалаҳоро дар асоси таҳлили шароиту ҳолатҳо дар бар мегирад. О.Пометун интерактивиро ҳамчун муосиртарин шакли усулҳои фаъоли таълим баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки бар хилофи усулҳои фаъол усулҳои интерактивӣ ба ҳамкории васеътари хонандагон на танҳо бо омӯзгор, балки бо ҳамдигар, инчунин бартарияти фаъолияти хонандагон дар раванди таълим меҳисобад.

Мувофиқи таърифи луғати энциклопедии педагогӣ таҳрири Б.М. Бим-Бада, омӯзиши интерактивӣ (аз инглисӣ interaction - interaction) омӯзишест, ки дар робитаи мутақобилаи донишҷӯ бо муҳити таълим, муҳити омӯзиш сохта шудааст, ки ҳамчун як минтақаи таҷрибаи азхудшуда хизмат мекунад.

Донишҷӯ иштирокчии комилҳуқуқи раванди таълим мегардад, таҷрибаи ӯ ҳамчун манбаи асосии донишҳои таълимӣ хизмат мекунад. Муаллим (роҳбар) дониши тайёр намедиҳад, балки иштирокчиёнро ба ҷустуҷуи мустақилона даъват менамояд. Дар муқоиса бо таълими анъанавӣ, ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯ дар таълими интерактивӣ тағйир меёбад: фаъолияти омӯзгор ҷойгоҳи худро ба фаъолияти хонандагон медиҳад ва вазифаи муаллим барои ташаббуси онҳо шароит фароҳам меорад. Муаллим аз нақши як навъ, ки иттилооти таълимиро ба воситаи худ мегузаронад, даст кашида, вазифаи ассистентро дар кор, яке аз сарчашмаҳои иттилоотро иҷро мекунад. [2, с. 2]

Ин усулест, ки «як нафар ҳамаро таълим медиҳад ва ҳама як нафарро таълим медиҳанд» [1. с. 45]. Методҳои интерактивии таълим усулҳои таълим мебошанд, ки ба ҳамкории фаъоли хонандагон бо муаллим, мундариҷа ва ҳамдигар дар омӯзиши муштарак асос ёфтаанд.

Усулҳои интерактивӣ ба принсипҳои ҳамкорӣ, фаъолияти донишҷӯён, такя ба таҷрибаи гурӯҳӣ ва бозгашти ҳатмӣ асос ёфтаанд.

Омӯзиши муштарак як раванди интерактивӣ мебошад, ки дар он омӯзиш ба ҳамкории байни донишҷӯён ё байни донишҷӯён ва муаллим барои ноил шудан ба ҳадафи мушаххас асос ёфтааст. Иштирокчиёни раванд тавассути ҷустуҷӯи фаъолонаи муштараки иттилоот, муҳокима, фаҳмиш ва татбиқи он дар шакли лоиҳаҳои гурӯҳӣ, коркардҳои муштарак, ҷаласаҳои эҷодӣ, ҳуҷуми фикронӣ ва ғайра дониш мегиранд [7, с. 22].

Эҷоди муҳтаво истилоҳест, ки барои тавсифи амалияҳои гуногун истифода мешавад, ки боиси тавлиди ҳама гуна мундариҷа, аз ҷумла матн, видео, графика, презентатсияҳо ва ғ. барои мақсадҳои таълимӣ мегардад. Аломатҳои усулҳои интерактивӣ инҳоянд: муколама ҳамчун фаъолияти равонӣ; эҷодкорӣ; полилог; интихоби озод; эҷоди вазъияти муваффақият; баҳодиҳии мусбат ва оптимистӣ; рефлексия.

Дар ин кор усулҳои зерини интерактивии таълимро истифода мебарем, ки қобилиятҳои муошириати хонандагонро ташаккул ва инкишоф медиҳанд - ҳуҷуми ақлонӣ, кор дар гурӯҳҳои хурд ва ҷуфтӣ, кластер, таҳлили вазъият, ҳалли мушкилот, кор бо клипҳои видеоӣ, таълим ва омӯзиш, зуд пурсиш, ассотсиатсияҳои калимаҳо, пешниҳоди вазифаи хонагӣ. Лоиҳаҳои инфиродӣ инчунин бо истифода аз презентатсияи компютерӣ баромад карда мешаванд.

Усули лоиҳа (омӯзиш дар асоси лоиҳа) ин кор аз рӯи лоиҳаи инфиродӣ ё гурӯҳӣ дар мавзуи додашуда мебошад, ки дар давоми он донишҷӯён мустақилона маълумот ҷамъ мекунанд, истифодаи онро меомӯзанд, малакаҳои тадқиқотӣ ва тафаккури системавиро инкишоф медиҳанд. Усули лоиҳа ба ноил шудан ба ҳадафҳои донишҷӯён нигаронида шудааст. Он шумораи зиёди малака ва таҷрибаро ташкил медиҳад. Дар доираи лоиҳа ба муаллим нақши таҳиякунанда, ҳамоҳангсоз, коршинос ва машваратчӣ гузошта мешавад [7, с. 15].

Системаи кори лоиҳаро бо ду равиш муаррифӣ кардан мумкин аст: робитаи лоиҳа бо мавзуъҳои таълимӣ (дар синф), истифодаи фаъолияти лоиҳавӣ берун аз вақти дар с. Имкониятҳои калонтарини донишҷӯён барои мунтазам гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ тавассути корҳои беруназсинфӣ фароҳам оварда мешаванд.

Мавзуъҳои намунавии лоиҳаро пешниҳод мекунем: «Шир: нӯшем ё нанӯшем?», «Беҳтарин хокаи ҷомашӯӣ», «Моддаҳо дар хонаи ман», «Равғанҳо: зарар ва фоида», «Косметика. зебогии қотил?», «Нӯшокиҳои газдор дар вояи хурд ҳам заҳр аст», «Таъмири хона: хуб ё бад?», «Намак дар ҳаёти мо: тарафдор ё муқобил?», «Карбогидратҳо дар ҳаёти мо» ва ғайра. Ҳуҷуми ақлонӣ раванди тавлиди якҷояи ғояҳо ва табодули афкорест, ки дар он иштирокчиён миқдори ҳадди аксари пешниҳодҳоро барои ҳалли масъалаи додашуда дар як муддати кӯтоҳ баён мекунанд. Дар ин ҳолат ҳама гуна ҷавоби донишҷӯ ба саволи додашуда қабул карда мешавад. Муҳим аст, ки ба нуқтаи назари изҳоршуда фавран баҳо надиҳед, балки ҳама чизро қабул кунед ва фикри ҳамаро дар тахта ё қоғаз нависед.

Иштирокчиён бояд донанд, ки аз онҳо талаб карда намешавад, ки сабабҳо ё тавзеҳоти ҷавобҳои худро пешниҳод кунанд. Дар асоси натиҷаҳо баҳодиҳии интиқодии қарорҳои гирифташуда гузаронида мешавад ва дар амал татбиқшавандатарин интихоб карда мешавад.

Тамошо ва муҳокимаи видеоҳои таълимӣ (таълим дар асоси филм) - барои инъикоси масъалаҳои мушкилие, ки пеш аз оғози филм садо медиҳанд, анҷом дода мешавад. Шумо метавонед филмро дар лаҳзаҳои пешакӣ интихобшуда қатъ кунед ва муҳокима кунед. Дар синфхона шумо метавонед ҳам видеоҳои бадеӣ ва ҳам ҳуҷҷатӣ, порчаҳо аз онҳо, истифода баред [8].

Кор дар гурӯҳҳои хурд (семинари гурӯҳи хурд) - ҷудо кардани даста ба гурӯҳҳои хурд барои муҳокимаи баъзе масъалаҳо ва таҳияи роҳҳои ҳалли масъалаҳои таълимӣ. Ин усул имкон медиҳад, ки ҳамаи хонандагон ба кор (аз ҷумла шармгин) ҷалб карда шаванд, ҳамкорӣ ва малакаҳои муошириати байнишахсӣ (аз ҷумла, қобилияти фаъолона гӯш кардан, ташаккули як андешаи умумӣ ва ҳалли ихтилофот) тарбия менамояд.

**Ҷустуҷӯи маълумот.** Саволҳо барои гурӯҳҳо ба таври таҳия карда мешаванд, ки ҷавоби онҳоро дар китобҳои дарсӣ ва варақаҳои тақдимкунанда пайдо кардан мумкин аст. Муҳлати таҳлили маълумот ва ёфтани ҷавоб ба саволҳо муайян карда мешавад. Усули ассотсиатсияи озодро метавон дар дарс ҳам дар марҳилаи озмоиш ва ҳам дар вақти кор барои беҳтар аз ёд кардани мавод истифода бурд. Дар марҳилаи мушкилот донишҷӯён ассотсиатсияҳои худро ба истилоҳ, консепсия, падидаи муайян пешниҳод мекунанд. Муносибатҳоро муаллим дар тахта сабт мекунад. Мақсади асосии истифодаи ин техника бедор кардани шавқу рағбат ба мавзуи дарс ва таҳкими механизмҳои хотира мебошад.

**Ҳалли масъалаҳои вазъиятӣ.** Масъалаҳои вазъиятӣ вазифаҳое мебошанд, ки ба донишҷӯ имкон медиҳанд, ки амалиёти зеҳниро дар раванди кор бо информатсия пай дар пай азхуд кунад: шиносоӣ – фаҳмиш, татбиқ, таҳлил, синтез, баҳодиҳӣ. Истифодаи масъалаҳои вазъиятӣ аз химия дар раванди таълим ба ташаккули чунин амалҳои универсалии тарбиявӣ,

ба монанди малакаи кор бо иттилоот, татбиқи донишҳои фаннии химия дар ҳолатҳои ғайристандартӣ, иштирок дар мубоҳисаҳо, гузаронидани корҳои илмӣ мусоидат мекунад.

**Намунаи омӯзиши мавзуъҳо дар курси химия**

**Мавзуи "Металлҳо".** Усули «Ҷустуҷӯи иттилоот» Ман барои гурӯҳҳо саволҳо таҳия мекунам, ки ҷавоби онҳоро дар китобҳои дарсӣ ва варақаҳои тақсимот пайдо кардан мумкин аст. Ман вақтро муайян мекунам, ки дар давоми он маълумотро таҳлил кардан ва ба саволҳо ҷавоб ёфтан лозим аст.

**Мавзуъҳо: «Сафедаҳо», «Равғанҳо», «Карбогидратҳо».** Барои муқаррар намудани савияи дониш аз рӯи ин мавзуъҳо ҳуҷуми ақлонии коллективӣ мегузаронам. Ман донишҷӯёнро даъват мекунам, ки ҳама чизеро, ки дар бораи ин моддаҳо медонанд, номбар кунанд. Сипас донишҷӯён саволҳоеро таҳия мекунанд, ки онҳо мехоҳанд дар давоми дарс ҷавоб гиранд. Баъд максади дарс баён карда мешавад.

**Мавзуъ: «Асосҳо. Хусусиятхои химиявии асосҳо».** Корҳои дунафара кунед. Ҳар як ҷуфти донишҷӯён хосияти мушаххаси моддаро месанҷад, баъд аз натиҷаҳои таҷриба хабар медиҳад ва муодилаи реаксияи химиявиро менависад.

**Мавзуъ: «Чарбҳо».** Усули ассотсиатсияи озод. Пеш аз эълон кардани мақсади дарс ман савол медиҳам: «Шумо бо калимаи чарбҳо чӣ робита доред? Дар натиҷа, ҳадафҳои дарс муайян карда мешаванд.

**Мавзуъ: «Маҳлулҳо. Ҳисоб дар асоси ҳиссаи массаи моддаҳо дар маҳлул».** Ҳалли масъалаҳои вазъиятӣ.

**Вазифаи № 1**. Дар тиб кислотаи бор /$H_3BO_3$/ (сассолин) кайҳо боз дар шакли маҳлулҳои 2-3% барои ғарғара кардани гулӯ, дар малҳам ва хока истифода мешавад, зеро хосиятҳои антисептикӣ дорад. Аммо, дар айни замон, бинобар таъсири номатлуб, маҳдудиятҳои истифодаи он ҷорӣ карда шудаанд. Барои тайёр кардани 250 г махлул бо ҳиссаи массаи кислотаи бор 3% чанд грамм кислотаи бор ва об гирифтан лозим аст?

**Вазифаи № 2**. Аввалин ивазкунандаи хун, ки ҷарроҳон дар солҳои 1960-ум истифода мекарданд, маҳлули обии 0,85% хлориди натрий буд. Ҳаҷми об ва массаи хлориди натрийро ҳисоб кунед, ки барои ба даст овардани 550,6 г маҳлул лозим аст, ки ҳиссаи намак дар он 0,85% аст. Дар хонандагон тарбия намудани мустақилият пеш аз ҳама ба хонандагон омӯзонидани мустақилона азхудкунии дониш ва ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва омӯзонидани мустақилона дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявии андухтаашон зарур мебошад [8].

Дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло мо метавонем хулосаҳои зеринро барорем:

1. Шакл ва усулҳои интерактивӣ навоварона буда, ба фаъолсозии фаъолияти маърифатии хонандагон ва мустақилона дарки маводи таълимӣ мусоидат мекунанд.
2. Онҳо малакаҳои муоширатро инкишоф медиҳанд, барои барқарор кардани робитаҳои эҳсосӣ дар байни донишҷӯён кӯмак мекунанд, вазифаи тарбиявиро пешкаш мекунанд, зеро онҳо ба онҳо дар як даста кор кардан ва шунидани фикру ақидаи рафиқонро таълим медиҳанд.
3. Онҳо шарти худшиносии шахсияти хонандагон дар фаъолияти таълимӣ мебошанд.

***Адабиёт***


1. *Бим-Бад, Б.М. Педагогический энциклопедический словарь / Б.М. Бим-Бад. — М., 2002. – 107 с.*
2. *Дьяченко, В.К. Сотрудничество в обучении: о коллективном способе учебной работы. / В.К. Дьяченко. - М.: Просвещение, 1991. - 192 с.*
3. *Заир-Бек, С. Технология развития критического мышления посредством чтения и письма / С. Заир-Бек. - Библиотека школы.- 2001.- №2*
4. *Кларин, М.В. Интерактивное обучение – инструмент освоения нового опыта / М.В. Кларин. – Педагогика, 2000. - №7 – С. 12 – 18.*
5. *Кларин, М.В. Инновации в мировой педагогике: Обучение на основе исследования, игры и дискуссии. (Анализ зарубежного опыта) / М.В. Кларин. – Рига: НПЦ «Эксперимент», 1995 – 176 с.*
6. *Пометун, О.И. Скучаний урок. Интерактивнный технологий навранная / О.И. Пометун, Л.В. Пироженко. - К.: А. С. К., 2005. – 129 с.*
7. *Суворова, Н.И. Интерактивное обучение: новые подходы / Н.Суворова//Учитель.-2000. – №1. – С. 25–27.*
8. *Чориева С. А. Аҳамияти кори мустақилона дар ташаккули маҳорату малакаҳои хонандагон дар омӯзиши фанни химия / А. С. Чориева, М.М. Файзуллоева // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2022. - № 2(12). – С. 200 – 205.*


## АҲАМИЯТИ МЕТОДҲОИ ИНТЕРАКТИВИИ ТАЪЛИМ ДАР ОМӮЗИШИ ХИМИЯ


Дар мақола шарҳи усулҳои асосии интерактивии таълим бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим, рушди қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён ва қобилияти қабули қарорҳои мустақил дар ҳолатҳои ғайристандартӣ оварда шудааст. Оид ба истифодабарии навъҳои алоҳидаи усулҳои интерактивии таълим дар дарси химия мисолҳо оварда шудаанд. Маълумот дар бораи навовариҳои

асоси методӣ имрӯз бо истифодаи усулҳои интерактивии таълим алоқамананд. Шакл ва усулҳои интерактивии таълим ба фаъол гардидани фаъолияти маърифатии хонандагон ва мустақилона дарки маводи таълимӣ мусоидат мекунанд. Имкониятҳои усулҳои интерактивӣ, ки ба шумо малакаҳо, қобилиятҳо ва салоҳиятҳои навро амалӣ ва инкишоф диҳад (салоҳиятҳои асосии донишҷӯён: омӯзиш, ҷустуҷӯ, фикр кардан, ҳамкорӣ).

**Калидвожаҳо:** интерактивӣ, усулҳои интерактивии таълим, омӯзиши интерактивӣ, худшиносии шахсияти. ассотсиатсияи озод.

## ЗНАЧЕНИЕ ИНТЕРАКТИВНЫХ МЕТОДОВ ПРИ ОБУЧЕНИИ ХИМИИ

В статье представлен обзор основных интерактивных методов обучения с целью повышения качества обучения, развития творческих способностей учащихся и умения принимать самостоятельные решения в нестандартных ситуациях. Приведены примеры использования различных видов интерактивных методов обучения на уроке химии. Информация об основных методических новациях сегодня связана с использованием интерактивных методов обучения. Форма и интерактивные методы обучения способствуют активизации познавательной деятельности учащихся и самостоятельному пониманию учебного материала. Возможности интерактивных методов, позволяющих практиковать и развивать новые навыки, умения и компетенции (основные компетенции студентов: обучение, поиск, мышление, сотрудничество).

**Ключевые слова:** интерактивность, интерактивные методы обучения, интерактивное обучение, самосознание личности. свободная ассоциация.

## IMPORTANCE OF INTERACTIVE METHODS TEACHING IN CHEMISTRY

The article provides an overview of the main interactive methods of education in order to improve the quality of education, develop students' creative abilities and the ability to make independent decisions in non-standard situations. There are examples of the use of different types of interactive teaching methods in the chemistry lesson. Information on the main methodological innovations today are related to the use of interactive teaching methods. The form and interactive methods of teaching contribute to the activation of students' cognitive activity and independent understanding of educational materials. Possibilities of interactive methods that allow you to practice and develop new skills, abilities and competences (the main competences of students: learning, searching, thinking, collaboration).

**Keywords:** interactivity, interactive teaching methods, interactive learning, self-awareness of personality. free association.

**Дар бораи муаллифон**

Файзуллоева Мукаррама Махмудҷоновна
Номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафераи методикаи таълими химия
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: fmukarrama@mail.ru

Чариева Саида Алламуратовна
Номзади илмҳои химия, муаллими калони кафераи методикаи таълими химия
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: mokhodinjan@gmail.com

**Об авторах**

Файзуллоева Мукаррама Махмуджоновна
Кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры методика преподавании химии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: fmukarrama@mail.ru

Чариева Саида Алламуратовна
Кандидат химических наук, старший преподаватель кафедры методика преподавании химии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: mokhodinjan@gmail.com

**About the authors**

Fayzullaeva Mukarrama Mahmydjonovna
Candidat of pedagogic sciences senior lecturer of the Departament of chemistry methodology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: fmukarrama@mail.ru

Charieva Saida Allamuratovna
Candidat of chemical sciences senior lecturer of the Departament of chemistry methodology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: mokhodinjan@gmail.com

ТДУ 802.0+378

# ИНТИХОБИ МАШҚҲО ДАР ДОИРАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БО УСУЛИ КОМПАРАТИВӢ

***Юсупова М. И.***
*Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*

Мусаллам аст, ки яке аз роҳҳои таълими забони хориҷӣ барои омӯзгорони оянда ин истифодабарии машқҳои гуногун дар ҷараёни дарсҳо ба шумор меравад. Барои инкишофи нутқи шифоҳӣ омода намудани системаи машқҳои аз лиҳози илмӣ асосноккардашуда вазифаи аввалиндараҷаи омӯзгорони забони англисӣ мебошад. Чунин намуд машқҳо, ки аз тарафи олимони шуравӣ (С.Ф. Шатилов, И.В. Рахманов, Е.И. Пассов) коркард карда шудаанд, то имрӯз мавриди истифода қарор доранд. Дар илми методика муосир раванди таълими забони хориҷӣ ҳамчун як силсилаи машқҳои пасиҳам иҷрошуда баррасӣ мешавад, ки сифати онҳо, пеш аз ҳама, бо муваффақияти азхудкунии фаъолияти нутқи забони хориҷӣ алоқамандӣ дорад. Ляховитский М. В. қайд менамояд, ки “Танҳо силсилаи машқҳои дуруст омодакардашуда раванди таълимро мақсаднок, самаранок ва муоширати мегардонад” [5, с. 35]. Ҳамин тавр, методистон роҳи асосии баланд бардоштани самаранокии таълими нутқи шифоҳиро дар такмили системаи машқҳо мебинанд.

Таҷриба ва мушоҳидаҳои чандинсолаи мо собит карданд, ки бо вуҷуди ҳамаи афзалиятҳо системаи машқҳои дар боло зикршударо наметавон ба пуррагӣ мақбул шуморид. Зеро он намуди машқҳо имконияти ба дараҷаи кофӣ азбар кардани забони хориҷиро фароҳам намеоваранд. Метавон гуфт, ки машқҳои забонии дар боло зикршуда аксаран ба омӯзонидани воҳидҳои забон нигаронида шудаанд ва онҳо дар асоси мисолҳои сунъию қолабҳои гуфтори ғайривоқеӣ мураттаб гаштаанд. Машқҳои мазкур бештар ба азбаркунии қоидаи истифодаи шакл ва маънои ҳодисаи забонӣ махдуд мегарданд.

Ба таҳияи системаи машқҳо, ки аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошанд, як қатор мақолаҳои илмӣ, дастурҳо, рисолаҳои илмӣ ва монографияҳо бахшида шудаанд. Бо вуҷуди ин, назария ва амалияи таълими нутқи шифоҳии забони хориҷӣ, муаммои такмили машқҳо барои рушди нутқи шифоҳӣ ҳанӯз ҳам мубрам боқӣ монадааст. Зеро мутахассисони соҳа аз самаранокии машқҳо дар ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ қаноатманд нестанд. Аз рӯи нуқтаи назари баъзе методистон, машқҳои омӯзишӣ (забонӣ, нутқӣ, пеш аз нутқӣ) камтар муассир мебошанд. Аз ин рӯ, дар солҳои охир ақидаи таълими нутқи шифоҳӣ тавассути усули компаративӣ бештар ба назар мерасанд.

Е.И.Вишневский захираҳои асосии баланд бардоштани самаранокии таълими забонҳои хориҷиро дар омезиши равандҳои азхудкунии маводи забонӣ ва ташаккули маҳорату малакаҳои фаъолияти нутқи донишҷӯён мебинад. Хуллас, аз нуқтаи назари ӯ тамоми фаъолияти таълимии донишҷӯ дар ҷараёни дарс бояд табиати муоширатӣ дошта бошад [1, с. 23-24].

Мутаносибан, барои беҳтар намудани самаранокии таълим новобаста аз соатҳои таълимӣ (миқдори онҳо дар аксар факултетҳои ғайритахассусӣ, баъзан тахассусӣ низ каманд) маҳз омӯзгор вазифадор аст, ки системаи машқҳои муоширатиро интихоб намояд.

И. Ф. Стронин қайд менамояд, ки дар шароити кунунӣ системаи машқҳои ягонаи муоширатиро коркард бояд кард. Вай ҳамчун асос машқҳоеро пешниҳод менамояд, ки дар онҳо муошират бо “одат кардан”-и донишҷӯён ба нақши пешниҳодшуда таъмин карда мешавад [9, с. 34].

Бе надоштани маълумоти дақиқ дар бораи самаранокӣ ва бартарияти чунин машқҳо сухан кардан душвор аст. Аммо худи ғояи системаи ягонаи машқҳои муоширатӣ, ки баъзе методистон ба миён гузоштаанд, ба фикри мо, аз камбудӣ орӣ нест.

Фарз мекунем, ки азхудкунии бомуваффақияти нутқи шифоҳии хориҷӣ дар раванди иҷрои машқҳои соф муоширатӣ имконпазир аст, ки бар замми ин, онҳо бо тартиби ягона пайравӣ мекунанд ва мураккабии фаъолияти нутқро инъикос мекунанд. Ҷонибдорони ин ақида, ба андешаи мо, ду омили муҳимро аз эътибор берун гирифтаанд: аввалан, гуногунии типологии маводи забонӣ, дуюм, фарқи шароити дидактикие, ки донишҷӯён онро азхуд мекунанд. Зарурати омили якум дар он аст, ки ҳар забон сохтори худро дорад ва дар вақти омӯзиши забони хориҷӣ донишҷӯён баъзан сохтори забони модарии худро истифода мебаранд, ки ин ба хатогии нутқи онҳо оварда мерасонад. Омили дуюм қонунҳои умумии

таълимро меомӯзад. Хусусиятҳои хоси таълими фанни мушаххас дар усулҳои махсус таҳия карда мешаванд, ки дар ҳолати баррасишудаистода ин истифода бурдани усули компаративӣ мебошад. Баҳо надодан ё нодида гирифтани аҳамияти ин омилҳо боиси мафҳуми системаи сусти тафриқавии машқҳо мегардад.

Ҳоло дар бораи омилҳое, ки ба системаи ягонаи машқҳо асос мегузоранд, муфассалтар истодагарӣ менамоем.

Хусусиятҳои типологии маводи забонӣ, ки онро илми методика ҳамаҷониба омӯхтааст [2, с. 183], ба таълими забони хориҷӣ таъсир нарасонида наметавонад. Бе ишора ба типологияҳои мушаххас, ки шумораи онҳо зиёданд (таснифоти методии лексика, воситаҳои грамматикӣ ва фонетикии забон), мо танҳо равиши умумиро дар усули истифодабарии худ ба таснифоти типологии маводи забонӣ, ки тавассути усули компаративӣ амалӣ мегардад, ишора менамоем, ки асоси онро хусусиятҳои изоморфӣ ва алломорфии воҳидҳои забонии забонҳои хориҷӣ ва модарӣ ташкил медиҳад. Ин раванд имкон медиҳад, ки он душвориҳое, ки барои азхудкунии воҳидҳо ба назар мерасанд, муайян кунад. Аммо маводҳои аз лиҳози типологӣ гуногунро наметавон дар натиҷаи интихоби машқҳои якхела бо муваффақият азхуд кард. Тафовути усули кор танҳо бо омили миқдорӣ (кам ё зиёд), яъне иҷрои машқҳо аз рӯи мансубияти типологии он маҳдуд намешавад.

Методистоне, ки махсус масъалаҳои таълими ҷанбаи лексикии нутқро омухтаанд, барои азхудкунии лексика машқҳои гуногуни типологиро тавсия мекунанд.

Масалан, зарурати машқҳои тафриқавӣ барои ташаккули малакаи калимаҳои забони хориҷӣ, ки ҳаҷми маънои онҳо нисбат ба калимаҳои мувофиқи забони модарӣ тангтар аст, эътироф карда мешавад. Машқҳои тафриқавӣ малакаҳои аввалиндараҷаи ҷудо ва муқоисаи падидаҳои омӯхташударо аз рӯи аломатҳо, дар асоси ҷанбаҳои муайян ташкил медиҳанд. Дар ин ҳолат ташаккули механизми интихоб аз рӯи усули компаративӣ ё мухолифат сурат мегирад. Пеш аз иҷрои машқҳои тафриқавӣ омӯзгор ба хонандагон дар бораи аломате хабар медиҳад, ки аз рӯи он онҳо бояд гунаи дурустаашро интихоб кунанд, ё намунаеро нишон медиҳад, ки баъд аз он хонандагон аз рӯи он намуна амал мекунанд. Дар ҳолати истифодаи усули компаративии таълим омӯзгор метавонад хусусиятҳои фарққунанда ва монандии ягон ҳодисаи забониро бо мисолҳо нишон дода, иҷрои машқро аз рӯи гуфти ӯ талаб намояд. Дар сатҳи шакли калима, дар сатҳи маъно ва дар сатҳи истифодабарӣ машқҳои тафриқавии гуногун бисёранд.

Ҳангоми таҳлили системаи ду забон чунин шаклу маъноҳои грамматикие дучор мешаванд, ки дар яке аз ин забонҳо ба назар намерасанд. Алалхусус, феъли “to look” - и забони англисӣ метавонад чор шакли категориалии самт дошта бошад:

1) Soames looked at his daughter (J.Galsworthy).- Соумз ба духтараш нигарист.
2) Soames was looked at by his daughter. - Соумз аз тарафи духтараш нигоҳ карда шуд.
3) His daughter looked at Soames.- Духтараш ба Соумз нигарист.
4) His daughter was look at by Soames. -Духтараш аз ҷониби Соумз нигоҳ карда шуд.

Пайдост, ки тарҷумаи ҷумлаҳои 2 ва 4 ҷавобгӯи талаботи меъёри забони тоҷикӣ нест, зеро дар забони англисӣ бо вуҷуди феъли гузаранда набуданаш “look” метавонад шакли мафъулӣ дошта бошад, ҳол он ки муодили тоҷикии он “нигоҳ кардан” аз сабаби феъли монда буданаш имкони дар шакли мафъулӣ истифода шуданро надорад. Бинобар он омӯзгор метавонад усусли компаративиро истифода бурда, ин гуна ҳодисаҳои фарққунандаи як забон ва роҳу воситаҳои ифодаи онҳо дар забони дигарро ба донишҷӯён фаҳмонад. Барои ноил шудан ба ин мақсад ба моҳияти маъновии ин хел ҳодисаҳо бояд сарфаҳм рафт. Алалхусус, дар ҷумлаи дуюм мақсади гӯянда ба кӣ нигоҳ кардани Соумзро таъкид кардан аст, яъне маркази семантикии гуфтор субъекти амал “daughter” мебошад. Дар забони тоҷикӣ ин мақсад тавассути пеш аз хабар гузоштани номи субъекти амал ба даст меояд ва, гузашта аз ин, мубтадо ба пуркунанда ва пуркунанда ба мубтадо табдил дода мешавад: Ба Соумз духтараш нигарист. Ҷумлаи чорум бошад, ба забони тоҷикӣ ба ин минвол тарҷума карда мешавад: Ба духтараш Соумз нигарист.

Оид ба ин ҷанбаи таълим И.Д.Салистра менависад: “Ин равандро зарурати амалан ба назар гирифтани имкони интиқоли мусбати малакаҳо аз забони модарӣ ва хатари дахолати онҳо ба таълими забони хориҷӣ муайян мекунад” [8, с. 26].

Дар шакли умумӣ метавон гуфт, ки вобаста ба хусусиятҳои типологии маводи забонӣ бояд ду тарзи гуногуни омӯзиш ҷудо карда шавад. Кор бо маводҳое, ки аз ҷиҳати маъно ва корбурд бо ҳодисаҳои забонии забони модарӣ мувофиқат мекунанд, бояд аз иҷрои машқҳои таълимӣ — забонӣ (И.В. Рахманов [6]), машқҳои пешазнутқӣ (С. Ф. Шатилов [11]), машқҳои

расмӣ (П. Б. Гурвич [3]) оғоз ёбад. Иҷрои ин гуна машқҳо ба ҳалли як қатор муаммоҳо, аз ҷумла – ғанӣ гардонидани таркиби луғавӣ, ташаккули малакаҳои лексикию грамматикӣ дар асоси интиқоли ҷузъҳои мусбӣ аз забони модарӣ мусоидат мекунад. Пеш аз хама, ин гуна таркибҳо ҷузъиёти грамматикии ибора (“сохтори грамматикӣ” мувофиқи ақидаи И. А. Зимняя [4]) ва мувофиқати маънoии калимаҳо мебошанд.

Масалан, дар таълими баъзе ҳодисаҳои грамматикӣ донишҷӯён ба мушкилӣ дучор намешаванд:

1. long<u>est</u> pencil – дароз<u>тарин</u> қалам.
2. He <u>was insulted</u>. - Ӯ <u>таҳқир карда шуд</u>.
3. To your mind, I am wrong? – Ба фикри ту, ман хато мекунам?

Дар мисоли якум дараҷаи олии сифат дар ҳар ду забон тавассути морфема сохта шудааст: -est = -тарин, муайянкунанда пеш аз муайяншаванда омадааст. Дар мисоли дуюм шакли мафъули феъли ҳар ду забон тавассути ду феъл (яке ёридиҳанда «was – шуд» ва дигаре шакли сифати феълӣ insulted - таҳқир карда) сохта шудааст. Дар мисоли сеюм воҳиди туфайлӣ (to your mind = ба фикри ту) дар аввал омадааст ва бо ист ҷудо карда шудааст. Ҷумлаҳои саволии ин ду забон оҳанги якхелаи гуфтор доранд. Хуб мешавад, агар омӯзгор ҳамаи ин ҳодисаҳои бо ҳам мушобеҳи забонҳои тоҷикӣ ва англисиро дар ҷараёни таълим ба донишҷӯён фаҳмонад ва омӯзиши ин ҳодисаҳои грамматикиро осон гардонад. Машқҳои таълимӣ, ки мундариҷаи онҳо маводи забонии ба ҳам монанд доранд, нутқӣ, контекстуалӣ ва лаҳзавӣ ба ҳисоб меравaнд.

Маводи забоние, ки дар забони модарии донишҷӯён муодили аз ҷиҳати методӣ қобили қабул надорад, бояд бо роҳи дигар гузаронида шавад. Коркарди ибтидоии он бояд дар ҳолатҳои мушаххаси субъективӣ, агар имконпазир бошад, сурат гирад, зеро танҳо дар чунин ҳолатҳо маънои аслии шакли забонӣ кушода мешавад.

Ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки бидуни маънои истифода дар вазъияти мушаххас, на маъно ва на фарқиятҳои семантикию сохториро фаҳмидан ғайриимкон аст:

Мисол: She is fond of having other children noticed and caressed by the teachers (Ch. Dickens).

Дар ин ҷумла якчанд ҳодисаҳои грамматикие истифода шудаанд, ки дар забони тоҷикӣ ба назар намерасанд. Аввалан, вожаи «having» дар забони англисӣ воҳидҳои омонимиянд, зеро онҳо ҳам герундий ва ҳам сифати феълӣ маҳсуб мешавад, ки ин аз вазифаи синтаксисии он вобаста аст. Агар он вазифаҳои синтаксисии мубтадо, пуркунанда ё қисми номии хабарро иҷро кунад, герундий аст. Ҳангоми вазифаи синтаксисии ҳол ё муайянкунандаро иҷро карданаш он сифати феълӣ мебошад. Герундий бо пешоянд омада метавонад, вале сифати феълӣ пешояндро истисно мекунад. Мебинем, ки дар мисоли болоӣ пеш аз вожаи «having» пешоянд ҷойгир шудааст ва он мисли исм вазифаи синтаксисии пуркунандаро иҷро кардааст, бинобар он «having» дар ин ҷумла герундий мебошад. Таҳлили маънои ин ҷумла ба хулосае меоварад, ки герундий дар забони тоҷикӣ бояд тавассути масдар тарҷума карда шавад, зеро он ҳам мубтадо, пуркунанда ё қисми номии хабар шуда метавонад.

Мушкилоти дигар он аст, ки феъли «have» на танҳо дар маънои «доштан», балки чун феъли ёвар барои сохтани шакли перфектии феъли дигар низ истифода мешавад. Дар ин ҳолат баъди феъли «have» шакли Participle II–и феъли дигар ҷойгир мешавад. Чунин шакли феълӣ дар ин ҷумла мавҷуд аст (noticed, caressed). Аз ин рӯ зарур меояд, ки вазифаи «having» муайян карда шавад, яъне он оё чун феъли «доштан» истифода шудааст ё чун феъли ёвар. Сохти ҷумла нишон медиҳад, ки «having» феъли ёвар аст, зеро ҳангоми феъли ёвар буданаш баъди он исм намеояд, балки ҳатман Participle II ҷойгир мешавад. Аз ин рӯ ин ҷумларо ба таври зайл бояд тарҷума кард:

Таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ зоҳир кардани омӯзгорон ба бачагон ба ӯ маъқул шуд.

Мебинем, ки дар ин ҷумла ҳодисаҳои зерини алломорфӣ ба назар мерасанд, яъне монандӣ мавҷуд нест:

1) герундий дар забони тоҷикӣ мавҷуд нест, он тавассути шакли масдар (таваҷҷуҳ зоҳир кардан) тарҷума карда мешавад.

2) Participle II (noticed, caressed) хосияти сифатро дорад, ҳол он ки он ба забони тоҷикӣ ба воситаи масдар (таваҷҷуҳ доштан, ғамхорӣ зоҳир кардан) тарҷума шудааст.

3) Тартиби ҷойгиршавии аъзоҳои ҷумла дар ин ду забон куллан фарқ мекунад. Алалхусус, вожаи «омӯзгорон» дар мобайн омадааст, ҳол он ки муодили англисии он дар охири ҷумла ҷойгир шудааст.

Ин ва ба ин монанд маводи лексикӣ-грамматикиро дар ҳолатҳои экстралингвистикӣ омӯхтан лозим аст. Маҳз дар онҳо малакаҳои грамматикии лексикии корбурди он дар нутқ ташаккул меёбанд (аз ҷумла малакаҳои "сохтори грамматикӣ" ва мувофиқати маъноӣ). Машқҳои таълимӣ (тақлид, ивазкунӣ, саволу ҷавоб ва ғайра) агар онҳо дар асоси вазъияти мавҷуда иҷро карда шаванд, самаранок мебошанд. Машқҳое, ки дар асоси вазъият иҷро мешаванд, чунин маводи забониро барои истифода дар нутқи контекстӣ, монологӣ ва диалогӣ омода мекунанд.

Дар ин ҳолат ба системаи ягонаи машқҳои муоширатӣ мухолифат ба назар мерасад. Он, асосан, ба марҳилаи ибтидоии азхудкунии маводи забон дахл дорад. Марҳилаи воқеии таълими нутқ ин диққати бештар равона кардан ба маҳорати аз худ намудани шаклу маънои воҳиди забонӣ тавассути вазифаи коммуникативӣ ва ҳамбастагӣ бо воситаҳои забонӣ, ки қаблан азхуд карда шудааст, ба шумор меравад.

Чунон ки қайд карда шуд, тарафдорони системаи ягонаи коммуникативии машқҳо шароитҳои гуногунеро, ки нутқи шифоҳии донишҷӯён дар мавзуъҳои гуногуни нақшаи таълим ташаккул меёбад, намеомузанд. Аз рӯи шартҳои ин ҳолат мо имкониятҳои татбиқи принсипи коммуникативиро дар таълим дарк мекунем, ки ҳангоми азхудкунии маводи мушаххаси забонӣ вуҷуд доранд. Ин имкониятҳо гуногунанд. Ҳамин тариқ, барои интихоби маводи лексикӣ-грамматикӣ, ки маъноям ҳаёти ҳаррӯзаи донишҷӯёнро инъикос мекунад — дарсҳои ҳаррӯзаи онҳо, кӯмак ба волидон, истироҳат, фароғати фарҳангӣ, фаслҳои сол ва ғайра, инчунин барои маводи забонӣ, ки барои ташкил ва гузаронидани дарс истифода мешавад, имконияти мусоиди истифодаи мунтазам дар ҳолатҳои воқеии муошират вуҷуд дорад.

Истифода ва фаъолсозӣ дар сохторҳои гуногуни феълӣ (хондан, навиштан, ҳисоб кардан, сухан гуфтан, ҷавоб додан, пурсидан, донистан, нишон додан, фикр кардан, кӯмак кардан, бозӣ кардан, сайругашт кардан, тамошо кардан, харидан ва ғ.), исмҳо (китоб, дафтар, маҷалла, саҳифа, китобхона, кинотеатр, телевизор, пиёла, қошуқ, тӯб, ҳавлӣ, хона, мактаб, манзил, волидон ва ғ.), сифатҳо (хуб, камбизоат, зебо, дуруст, одилона, ростқавл, пок, ифлос, дақиқ, меҳнатдӯст, бепарво ва ғ.) дар шароити ҳамарӯзаи алоқаи байниҳамдигарӣ вомехӯранд. Вазифаи мо фақат аз ин шароит моҳирона истифода бурдан мебошад. Барои ин вазъиятҳои синфӣ, ки мутаассифона, ҳоло аз ҷониби на ҳамаи аз омӯзгорони забонҳои хориҷӣ истифода намешаванд, инчунин ба дарс мунтазам дохил кардани унсурҳои суҳбат дар бораи ҳаёти ҳаррӯзаи донишҷӯён ва волидони онҳо (масалан, дар бораи душвориҳои тайёр кардани супоришоти хонагӣ, дар бораи чӣ тавр гузарондани вақти холигӣ, кӯмак расонидан ба волидони худ, дар бораи кору саломатии онҳо ва ғайра) имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.

К.Усмонов қайд намудааст, ки "Ҳосилкунии малакаи ҳарфзанӣ мақсади асосӣ ва ниҳоии таълими забони хориҷӣ маҳсуб мешавад. Ин малака якбора пайдо намегардад. Барои ташаккули он ду-се омили муҳим мавқеъ мебозад. Омили якум - ин ҳарчи бештар нутқи хориҷиро шунида, онро фаҳмида тавонистан мебошад. Зеро нутқи шунидашуда ваҷҳе мешавад барои муошират. Омили дуюм - ин ҳарчи бештар адабиёти бо забони хорҷиҷӣ нашршударо хондан аст. Кас чи қадар бештар хонад, ҳамон қадар луғаташ бой мегардад ва қолибҳои муоширатиро хуб аз бар менамояд. Донистани луғат ва қолибҳои дурусти муоширатӣ имконият фароҳам меоварад, ки малакаҳои ҳарфзанӣ инкишоф ёбанд. Омили сеюм - ин ҳарчи бештар сухан кардан аст" [10, с. 76].

Ба ғайр аз ин омилҳо барои боз ҳам хубтар ҳосил кардани малакаи ҳарфзанӣ истифодаи усули компаративии таълим мавқеи хос дорад. Хуб мешавад, агар омӯзгор барои пайдо кардани донишу малакаи ҳарфзанӣ бо донишҷӯён бештар машқҳо тариқи муқоиса интихоб намояд.

Умуман, мазмуни машқҳои муоширатиро ба қавли Е.И.Вишневский, танҳо ба таври шартӣ, муқоисаи ҳама гуна сохторҳои грамматикӣ ҳосил кардан мебояд [1, с. 60]. Аммо зарур аст, ки шакли табиии машқҳои нутқӣ, ки истифодаи коммуникативии маводи забониро таъмин менамояд, бояд ба муошироти мунтазам ва ба нақша гирифташудаи нутқ дар синф гузарад ва аз ҷониби омӯзгор ҳамчун талафи вақти барои таҳсил ҷудошуда ҳисоб нашавад.

Намудҳои дигари машқҳо ва таносуби гуногуни онҳо таҳияи маводи лексикию грамматикиро талаб мекунад, ки он ё ҳодисаҳоеро ифода мекунад, ки дар ҳаёти мо на чандон зиёд такрор мешаванд (масалан, идҳои миллӣ) ё дар ҳаёти воқеӣ дар ҳолатҳои махсус истифода мешаванд (масалан, вазъияти шиносоӣ). Барои азхудкунии он вазъиятҳои воқеии

муошират, ки дар синф ба вуҷуд меоянд ё эҷод мешаванд, кофӣ нестанд. Азбаски ин маводи забониро дар ин гуна мавридҳо мунтазам истифода бурдан мумкин нест, ба ғайр аз онҳо машқҳои дорои мазмуни шартӣ дошта истифода бурдан лозим аст. Қисмати муҳими маводи барномаи таълимӣ мундариҷаест, ки ба дарки мустақим намерасад ва бевосита дар таҷрибаи донишҷӯён инъикос намеёбад. Чунин маводро танҳо бо ёрии матнҳои таълимӣ, расмҳо ва машқҳои шартии коммуникативӣ аз худ кардан мумкин аст. Инчунин яке аз роҳҳои самараноки азхудкунии маводи забони ин истифодаи усусли компаративии таълим ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми таҳияи машқҳо барои марҳилаи сирф нутқии таълим аз масъалаи истифодаи тафриқавии онҳо канорагирӣ кардан мумкин нест. Аз ин рӯ, барои баланд бардоштани самаранокии таълими нутқи шифоҳӣ машқҳое, ки барои рушди он истифода мешаванд, бояд ба типологияи маводи омӯхташаванда мувофиқ карда шаванд. Ба ғайр аз типологияҳои мавҷудаи "забон" бояд типологияи маводи нутқӣ барои марҳилаи "сухан кардан"-и таълим пешбинишуда кор карда шавад. Чунон ки аз гуфтаҳои боло дида мешавад, он бояд ба ду меъёри муҳим асос ёбад. Аввалан, усули компаративӣ бояд мунтазам, эпизодӣ ё набудани ҳолатҳои табиии муоширатро инъикос намояд, ки дар он ин ё он маводи барномавӣ дар дарс истифода мешавад. Сониян, дар он бояд хоситяҳои зерин ба назар гирифта шаванд: оё мазмуни предмети нутқи хонандагон, ки тавассути ин маводи забонӣ ифода ёфтааст, бевосита, бавосита бо ёрии тасвирҳо, матнҳои таълимӣ ва ғайра дарк карда мешавад ё гуфтори онҳо дар асоси хаёлот ривоҷ меёбад. Маҷмуи ду хусусияти номбаршудаи таснифоти пешниҳодшуда намуди асосии машқҳоро муайян мекунад, ки ҳангоми кор карда баромадани маводи забонии ҳар як мавзуъи (зермавзуъҳо) барномаи таълимӣ дар сатҳи нутқ бояд истифода шаванд.

Кушишҳои таълим тавассути усули компаративӣ нишон доданд, ки кор карда баромадани системаи тафриқавии машқҳо дар асоси принсипи дутарафаи типологияи маводи забонӣ, ки дар боло зикр шуда буд, роҳи дурусти баланд бардоштани самараи таълими нутқи шифоҳӣ ба забони хориҷӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, азбар кардани забони англисӣ ба интихоби машқҳо зич алокамандӣ дорад, зеро малакаҳои зарурии муоширатӣ танҳо дар ҳолати танзим ва истифодаи системаи машқҳои мувофиқ доир ба ташаккул ва такомули ин ё он рукни фаъолияти муоширатӣ ба даст меоянд. Дар ҳолати мо истифодаи машқҳо тавассути усули компаративии таълим мебошад. Дар робита бо ин усул машқҳои забонӣ, пешазнутқӣ ва нутқӣ, ё шартан муоширатӣ ва аслан муоширатӣ ҷудо карда мешаванд. Фикр мекунем, ки ин тақсимот бо афзалиятҳояш имруз натиҷаи матлуб хоҳад дод.


***Адабиёт***

1. *Вишневский, Е. И. Аппарат упражнений в свете разных подходов к обучению иностранным языкам / Е.И.Вишневский. // Иностранные языки в школе, 1983. - № 6. - С. 60-61.*
2. *Гез, Н. И. / Методика преподавания иностранных языков / Н. И. Гез. - М.: Высшая школа., 1982. - 373 с.*
3. *Гурвич, П.Б. Обучение неподготовленной речи / П.Б. Гурвич. // Иностранные языки в школе. - 2012. - № 8. - С. 11-17.*
4. *Зимняя, И. А. Психология обучения иностранным языкам в школе / Речевая деятельность как объект обучения в преподавании иностранного языка / И. А. Зимняя. - М., 1988. - 108 с.*
5. *Ляховицкий, М. В. Методика преподавания иностранных языков / М. В. Ляховицкий. -М.: Высшая школа, 1981. - 160 с.*
6. *Общая методика обучения иностранным языкам. Под ред. А.А. Миролюбова, И.В.Рахманова, С. В. Цетлин.-М., 1967. – 337 с.*
7. *Пассов, Е.И. Коммуникативные упражнения. / Е.И. Пассов. - М., 1989. – 276 с.*
8. *Салистра, И.Д. Очерки методов обучения иностранным языкам: система упражнений и система занятий / И.Д. Салистра. -М.: Высшая школа, 1966. - 252 с.*
9. *Стронин, М. Ф. Аппарат или система упражнений / М. Ф. Стронин. // Иностраные языки в школе.— 1985.— № 1. – С. 33-38.*
10. *Усмонов, К. Роҷеъ ба системаи машқҳо дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ / К. Усмонов. // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ / К. Усмонов. - Хуҷанд. – 2009. – № 1(17). – С. 76-84.*
11. *Шатилов, С. Ф. Некоторые принципы создания системы упражнений для обучения иностранному языку / С. Ф.Шатилов. // Система упражнений при обучении иностранному языку в школе и вузе. Л.: ЛГПИ, 1978. - 112 с.*

## ИНТИХОБИ МАШҚҲО ДАР ДОИРАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ БО УСУЛИ КОМПАРАТИВӢ

Дар мақола масъалаи интихоби машқҳо барои таълими забони хориҷӣ тавассути усули компаративӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтааст. Қайд карда мешавад, ки азбар кардани забони англисӣ ба интихоби машқҳо зич алокамандӣ дорад, зеро малакаҳои зарурии муоширатӣ танҳо дар ҳолати танзим ва истифодаи системаи машқҳои мувофиқ доир ба ташаккул ва такомули ин ё он рукни фаъолияти нутқ ба даст меояд. Дар мақола сухан доир ба истифодаи машқҳо тавассути усули компаративии таълим меравад. Дар робита бо ин усул машқҳои забонӣ, пешазнутқӣ ва нутқӣ, ё шартан муоширатӣ ва аслан муоширатӣ ҷудо карда мешаванд.

**Калидвожаҳо:** таълими забони хориҷӣ, инкишофи нутқи шифоҳӣ, машқҳо, усули компаративӣ, машқҳои тафриқавӣ.

## ОТБОР УПРАЖНЕНИЙ В КОНТЕКСТЕ КОМПАРАТИВНОГО МЕТОДА ОБУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОМУ ЯЗЫК

В статье анализируется и изучается вопрос обучения иностранному языку посредством сравнительного метода. Отмечается, что изучение английского языка тесно связано с выбором упражнений, так как необходимые коммуникативные навыки можно получить только в случае постановки и использования подходящей системы упражнений для формирования и совершенствования того или иного вида речевой деятельности. Также рассматривается вопрос об использовании упражнений посредством сравнительного метода обучения. Для реализации этого метода различают языковые, предречевые и речевые, а также условно-коммуникативные и коммуникативные упражнения.

**Ключевые слова:** обучение иностранному языку, упражнения на развитие устной речи, упражнения, сравнительный метод, дифференциальные упражнения.

## SELECTION OF EXERCISES IN THE CONTEXT OF COMPARATIVE METHOD OF TEACHING ENGLISH LANGUAGE

The article deals with the issue of teaching a foreign language through exercises with a comparative method. It is noted that learning English is closely related to the choice of exercises, because the necessary communication skills can be obtained only in the case of setting up and using a suitable system of exercises for the formation and improvement of this or that skills of speech activity. The article discusses the use of exercises through the comparative method of training. In connection with this method, the language, pre-speech and speech or conditionally communicative and essentially communicative exercises, are distinguished.

**Keywords:** teaching a foreign language, development of oral speech, exercises, comparative method, differential exercises.

**Дар бораи муаллиф**
Юсупова Манзураҷон Ибрагимҷоновна
Дотсенти кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел.: (+992) 927 73 70 40

**About the author**
Yusupova Manzurajon Ibragimjonovna
Docent of the chair of methods of teaching of foreign languages
Khujand State University named after academician Bobojon Ghafurov
735700, Repablic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov 1
Phone: (+992) 927 73 70 40

**Об авторе**
Юсупова Манзураджон Ибрагимджоновна
Доцент кафедры методики преподавания иностранных языков
Худжандский государственный университет имени академика Бободжон Гафурова
735700, Республики Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков 1
Тел.: (+992) 927 73 70 40

ТДУ 672.71:37(575.3)

# ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМИ ФАННИ МУДОФИАИ ГРАЖДАНӢ

***Абзалов И. А.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

**Сарсухан.** Масъалаи омӯзиши фанни мудофиаи гражданӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисмати муҳими фанни педагогикаи умумӣ буда, дар маркази диққати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Инкишофи шахсият мувофиқи Барномаи “Омода намудан ва омӯзонидани донишҷӯёни мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ”, ки бо фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июли соли 2010 таҳти рақами 1089 тасдиқ шудааст, аз 1-уми сентябри соли 2010 дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода шуда, аз раванди дигаргунии миқдорӣ ва сифатӣ иборат мебошад.

**Қисми асосӣ:** Фанни мудофиаи гражданӣ дар сисолаи охир (пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ҳамчун фанни таълимӣ ташаккул ёфта, ба зинаи ҷамъбасткунии маводи назариявию амалӣ ворид гардидааст. Алалхусус, он бо таҳияву коркарди мазмуну мундариҷаи барномаи фанни мудофиаи граждании муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (солҳои 2010-2020), бо амалигардонии «Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020», бо ворид намудану такмил додани стандарти давлатӣ ва барномаи пешниҳоднамудаи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани фанни мудофиаи гражданӣ дар нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, нашр гардидани роҳнамоҳои омӯзгори фанни мудофиаи гражданӣ хазинаи таълимии он бой гардид.

Стратегияи миллии рушди маориф самтҳои тағйироти низоми таълимро мушаххас карда, гузаришро аз низоми кунунӣ (ба дониш асосёфта) ба муносибати босалоҳият ба таълимро ба нақша гирифтааст. Қарори мазкур дар асоси тадқиқоту мушоҳидаҳои назаривию амалӣ бароварда шудааст. Хулоса: низоми таълимӣ ба дониш асосёфта ба талаботи соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ ва маърифатии ҷомеаи муосир мувофиқат намекунад. Сабабҳои номувофиқатии ин низом аз ҷониби олимони соҳа ва сарчашмаҳои илмӣ-тадқиқотӣ шарҳ дода шудаанд. Гузариш ба муносибати нави таълим боиси ба ҳаёт ва талаботи муосири соҳаҳои гуногун наздик шудани мундариҷаи таҳсилот мегардад.

**Ба вазифаҳои омӯзиши фанни мудофиаи гражданӣ инҳо шомиланд:**

➢ инкишофи тафаккури донишҷӯён, дар онҳо ташаккул додани маҳорату малакаҳои мустақилона интихоб намудани методҳои мувофиқи бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ ва наҷотдиҳӣ, таълим ва татбиқ кардани онҳо;

➢ азхуд кардани донишҳои методӣ доир ба ташкил кардани корҳои наҷотдиҳӣ, расонидани ёрии аввалини тиббӣ, қонунҳо, назарияҳо, доир ба муосири илмии олам, доир ба имкониятҳои имрӯзаи равиши ҷаҳони дар техника ва технология;

➢ азхуд кардан ва ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ, дуруст фаҳмондани ҳодисаҳои ногаҳон рух додани ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусиятҳои табии ва техногенӣ, азхуд кардани ташаккул додани шавқу ҳаваси хонандагон ба мудофиаи шаҳрвандӣ иҷро намудани меъёрҳо доир ба пӯшидан ва кашидани воситаҳои муҳофизатии узвҳои нафаскашӣ ва пусти бадан, баланд бардоштани таҳсилот ва бошуурона интихоб кардани касб оид ба ҳимояи Ватан;

➢ азхуд кардани методҳои амалигардонии тарбияҳои ғоявию сиёсӣ, инсонпарварӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, башардӯстӣ, экологӣ, иҷтимоию иқтисодии донишҷӯён [4, с. 32].

Иҷрои ин вазифаҳо робитаи мудофиаи шаҳрвандӣ бо ҳаёт таъмин менамояд.

Вазифаи асосии фаннӣ мудофиаи шаҳрвандӣ – ин такмил додани назарияи омӯзиши мудофиаи шаҳрвандӣ, татқиқи қонунҳои муҳимтарини чараёни таълим ва инчунин азхудкунӣ, тарбия ва пешрафти донишҷӯён мебошад. Дар муассисаҳои таҳсилотҳои олии касбӣ таълимдиҳӣ бо тарбия, баланд бардоштани дараҷаи маданиятнокӣ, инкишоф ва қобилияти эҷодии донишҷӯён зич алоқаманд аст. Мазмуни фанни мудофиаи шаҳрвандӣ

воситаи инкишофи қобилияти фикрӣ ва қувваи маънавии насли наврас дар дасти омӯзгор мебошад. Шарти зарурии омӯзиши мудофиаи шаҳрвандӣ ин дониши пурра доштани омӯзгор аз фанни мазкур ва дар амалия аз методҳо ва усулҳои самарабахш истифодабарии ӯст.

Ба вазифаҳои таълими мудофиаи шаҳрвандӣ дар донишҷӯён ташаккул додани донишҳои илмӣ: далелҳои иҷро намудани меъёрҳо, мафҳумҳо, қонунҳо, фарзия ва назарияҳо, методҳои тадқиқоти илмӣ, манзараи ҳозиразамони мудофиаи шаҳрвандии илмии олам оид ба яроқҳои қатли ом, ҳимояи шаҳрвандон аз офатҳои фавқулодаи табиӣ ва бартараф кардани он сари вақт иҷро кардани корҳои наҷотдиҳӣ, инчунин ташаккул додани маҳорати мустақилона ҳифз кардан ва татбиқ намудани дониш, мушоҳида ва шарҳ додани ҳодисаҳои имрузаи амалиётҳои ҷангии ҷаҳон, муқоисакунию хулосабарорӣ, истифода бурдани китоби дарсӣ, луғатномаю маълумотномаҳо ва ғайраҳо тааллуқ доранд.

Дар мақолаи мазкур вазифаҳои асосии тайёрӣ ва омӯзиши донишҷӯён ин дарёфт кардан ва химоя кардани шаҳрвандон аз омилҳои яроқҳои қатли ом ва ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ дошта шуда ва омӯзонидани шаҳрвандон буда аз чунин маълумот иборатанд:

- ба донишҷӯён омӯзонидани усулҳои бартараф намудани офатҳои табиӣ ва садамаҳои истеҳсолӣ, беҳбуд бахшидан ва дуруст ба роҳ мондани фаъолияти ин соҳа;
- омодасозии аҳолӣ ва иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди пешгирӣ аз ҳолатҳои фавқулодда, ки дар қаламрави кишварамон имкони рух доданро доранд;
- таъмини аҳолӣ аз воситаҳои муҳофизатии инфиродӣ ва дастҷамъии ҳимоявӣ [7, с. 67].

Салоҳият аз ҷониби шахс дар фаъолияте, ки барои ӯ арзиш дорад, зоҳир мешавад ва ташаккул меёбад. Салоҳият аз маҷмӯи мураккаби амалҳое иборат аст, ки ҳамгиройиро талаб мекунад, на маҷмӯи оддии дониш ва малакаҳои қаблан бадастоварда.

Талабот барои донишҷӯён, азхуд кардани малакаҳои нав, дар заминаи манфиатҳо ё кӯшишҳо барои ягон мақсад ба вуҷуд омада метавонад.

Салоҳиятҳо дар алоҳидагӣ ташаккул намеёбанд. Дар ҳаёти воқеӣ маҳорати наҷотдиҳӣ, малакаи омӯзиш, тафаккури интиқодӣ, салоҳиятҳои таҳқиқотӣ ва ғайра ба ҳамдигар омехта шуда, ҳамдигарро тақвият мебахшанд. Аз нуктаи назари педагогӣ салоҳиятҳо танҳо дар вазъиятҳои таълимии барои донишҷӯён шавқовар ва мақсаднок бомуваффақият ташаккул дода мешаванд. Омӯзишу таҳлилҳо собит менамоянд, ки барои донишҷӯён, вазъиятҳои таълимии шавқовар ва мақсаднок ин интихоби касб ва омода шудан ба касби интихобшуда мебошад. Аз ин рӯ, ташкил намудани корҳои касбинтихобкунӣ дар таълими мудофиаи шаҳрвандӣ яке аз ҷузъиёти муносибати босалоҳият ба таълими ин фан ба ҳисоб меравад.

Маркази корҳои касбинтихобкунии донишҷӯён муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошанд, ки сатҳи баланди маълумоти умумӣ ва политехникиву технологии ҷавононро таъмин менамоянд. Донишҷӯёнро ба сари вақт наҷотдиҳии шаҳрвандон аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногеннӣ, расонидани ёрии аввалини тиббӣ ва дуруст истифодабарии воситаҳои инфиродӣ ва дастаҷамъӣ малакаву ҳунари меҳнатиро ташаккул медиҳанд ва барои интихоби бошууронаи касби онҳо заминаи асосӣ тайёр мекунанд.

Бинобар ин, фанни мудофиаи шаҳрвандӣ яке аз фанҳои асосӣ буда, омода намудан ва омӯзонидани донишҷӯёнро муккамал месозад.

Фаннӣ мудофиаи шаҳрвандӣ бо дарназардошти вазифаҳои махсуси системаи ягонаи давлатии пешгирӣ аз ҳолатҳои фавқулоддаро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун иншооти иқтисодӣ ҳал шуда, бо истифодаи заминаи таълимӣ ташкил карда шудааст.

Вазифаи асосии фаннӣ мудофиаи гражданӣ дар он аст, ки донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро омода намудан ва омӯзонидан оид ба ҳимоя аз хатарҳое, ки дар натиҷаи сар задани амалиётҳои ҷангӣ, ё оқибатҳои ин амалиётҳо ба вуқӯъ меоянд, тартиби амал мувофиқи бонгҳои хабардоркунӣ; омӯзонидани қоидаҳои рафтор, усулҳои асосии ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд ва амали онҳо дар ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ, қоидаҳои расонидани ёрии аввалини тиббӣ ба осебдидагон, тарзи истифодабарии воситаҳои ҳифзи инфиродӣ ва дастаҷамъӣ; такмили малака оид ба ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои мудофиаи гражданӣ; сайқал додани малакаю маҳорати ҷиҳати гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва дигар корҳои таъхирнопазир.

Тайёр намудани мутахассисони оянда оиди баланд бардоштани дараҷаи фаҳмиш ва огоҳии ҷомеаҳои эҳтиёҷманд дар коҳиши таҳдиди хатари офатҳо, ҷорӣ намудани он ба системаи таълим, бо мақсади бунёди фарҳанги бехатарӣ ва устуворӣ дар ҳама сатҳҳо бо

истифодаи донишу таҷрибаҳои ба даст овардашуда, ки дар амалӣ намудани онダниста шудааст. Инчунин мақоми ҳақиқии амалигардонии ин самти афзалиятнок муайян шуда, ташаккули арзишҳои устувори ҷамъиятӣ асосӣ маданияти боэтимоди аҳлоқии аҳолӣ дар пешгирӣ кардани ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва теногенӣ пазируфта шудааст.

Барои самаранок пеш бурдани корҳои касбинтихобкунии наҷотдиҳӣ мудофиаи шаҳрвандӣ бояд чунин **салоҳиятҳо** дошта бошад [10, с. 9]:

- **мафҳумҳои ба касбинтихобкунӣ алоқамандро шарҳ дода тавонад:** маҳфуми касбинтихобкунии донишҷӯён, моҳият ва методҳои махсуси корҳои касбинтихобкунии наҷотдиҳӣ;

- аҳамияти меҳнати муфиди ҷамъиятӣ ва истеҳсолии донишҷӯён дар тайёрии наҷотдиҳии аҳолӣ аз офатҳои табиӣ ба интихоби бошууронаи касб;

- тамоюли асосӣ дар инкишофи бартараф ва пешгирии ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ оид ба талабот ба мутахассисон;

- тайёр кардан ва донистани вазифаҳои командирони неърӯҳои ғайриҳарбии мудофиаи граждани қувва ва техникаҳои он;

- **касбҳоро тасниф карда тавонад:** методҳои омӯзиши шахсият ва муайянкунии касбшоямии донишҷӯён, самтҳои асосии кори касбинтихобкунӣ дар таълими мудофиаи шаҳрвандӣ, маҷмӯи касбҳои наҷотдиҳӣ ва ихтисосҳо, ки бо таҷҳизотҳои радиоактивӣ ва кимёвӣ иктишофӣ алоқаманд мебошанд.

- **корҳои касбинтихобкунии наҷотдиҳӣ донишҷӯёнро дар таълими мудофиаи гражданӣ ташкил карда тавонад:** дуруст ташкил намудан ва гузаронидани сӯҳбат ва амалиётҳо оид ба касбҳои наҷотдиҳӣ, вохӯриҳо, саёҳатҳо, ки бо кори касбинтихобкунӣ алоқаманд мебошанд, тартиб додан ва гузаронидани анкетаҳо, тестҳо, саволномаҳо, иҷрои меъёрҳо оиди пушидан ва кашидани воситаҳои муҳофизатии инфиродӣ ва пусти бадан, хуссусиятҳои омӯзиши мудофиаи шаҳрвандиро муайян месозад.

Амалигардонии корҳои касбинтихобкунӣ дар ҳамаи машғулиятҳои таълимии мудофиаи гражданӣ бояд ҷиддӣ ба роҳ монда шавад.

Аз нуқтаи назари муносибати босалоҳият дар фаннӣ мудофиаи шаҳрвандӣ ин ба вуҷуд омодани салоҳиятҳои асосӣ мебошад. Таҳти мафҳуми салоҳиятҳои асосӣ нисбати таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ин қобилияти мустақилона ва фаъолият намудан дар ҳолатҳои ғайримуқарарӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои рузмарра, фаҳмида мешавад.

Мафҳуми салоҳият дар худ он маъноҳои наверо, ки мафҳуми маҳоратро дошта бошад, надорад. Боиси зикр аст, ки салоҳият таълим намедиҳад, он дар натиҷаи азхуд кардани дониш, маҳорат ва малакаҳо ташаккул меёбад. Салоҳият натиҷаи амалии дониш, маҳорат ва малака аст.

Мақсади таҳияи салоҳиятҳо ин банақшагирии пешакии натиҷаҳои таълим ва натиҷаҳои чашмдошти фаъолият аст. Мафҳумҳо ва пайдарпаии таҳияи салоҳиятҳо ҳангоми омӯзиши мудофиаи гражданӣ чунин мебошанд:

- тавсифи силоҳҳои қатли ом ва омилҳои маҳвкунандаи таркиши он;

- мафҳумҳои моддаҳои заҳролудсоз ва бактериологӣ, воситаҳо ва роҳҳои муҳофизати онҳо;

- қоидаҳои истифодаи воситаҳои муҳофизатии ҳимоя фардӣ, шахсӣ ва муҳофизати пуст

**Хулоса.** Гарчанде машғулиятҳои мудофиаи гражданӣ аз рӯйи нишонаҳои асосиашон ба омӯхтани маводи нав, ташаккул додани салоҳиятҳо ва баҳисоб гирифтани савияи ташаккулёбии онро бо истифодаи равиши гуногуни таълим тақсим мекунанд, ҳамоно самараи донишомӯзии донишҷӯёнро мувофиқи талаботи имрӯза нест. Ташаккул додани салоҳиятҳо дар равиши машғулиятҳои мудофиаи гражданӣ оиди бехатарӣ ва устуворӣ дар ҳама сатҳҳо бо истифодаи донишу таҷрибаҳои ба даст овардашуда, ки дар амалӣ намудани он дониста шудааст дар муассисаҳои таълимии олии касбӣ ба роҳ монда шуд.

Аз ин лиҳоз дар мақола раванди гуногуни машғулиятҳои мудофиаи гражданӣ тибқи муносибати босалоҳият коркард карда шудааст.

***Адабиёт***


1. *Абзалов И.А. Гражданская оборона. Учебное пособие для студентов высших учебных заведений / И.А. Абзалов. - Душанбе: Эхё, 2023. – 172 с.*
2. *Акимов Н.И. Учебное пособие для вузов по гражданской обороне / Н.И. Акимов, Л.Г. Ширшев. – М., – 326 с.*
3. *Атаманюк В.Г. Гражданская оборона / В.Г. Атаманюк. – М., 1985. – 294 с.*

4. *Завьялова В.Н. Гражданская оборона / В.Н. Завӣялова. – М.: Медицина. 1989. - 197 с.*
5. *Исмоилов Н. Асосҳои омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждани / Н.Исмоилов, С. Комилзода, М. Обидова, З. Мирпочоева. – Душанбе: Пайми ошно, 2018. – 256 с.*
6. *Карелин А. Большая энциклопедия психологических тестов /А. Карелин. – М.: Эксмо, 2007. - 417 с.*
7. *Макаров В. А. Психология / В.А. Макарова. - М.: Изд-во СГУ, 2009. - 164 с.*
8. *Умаров У. С. Навъҳои дарси физика тибқи муносибати босалоҳият ба таълим / У.С. Умаров. – Душанбе: Файзи Борон, 2021. – 165 с.*

## ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМИ ФАННИ МУДОФИАИ ГРАЖДАНӢ

Омӯзгори мудофиаи шаҳрвандӣ ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо диққати донишҷӯёнро ба аҳамияти касби наҷотдиҳӣ ҷалб намуда, зарурати азхудкунии донишу малакаи фаннӣ мудофиаи шаҳрвандиро ба донишҷӯён шарҳ медиҳад. Таҳти роҳбарии омӯзгор донишҷӯён корҳои бартараф намудани офатҳои табиӣ ва ҳимояи шаҳрвандонро аз яроқҳои қатли ом, расонидани ёрии аввалини тиббиро иҷро карда, соҳиби малакаҳои махсус мегарданд. Барои самаранок гузаронидани корҳои касбинтихобкунӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ машғулиятҳо аз мудофиаи гражданӣ аҳамияти калон доранд, масалан ташкили “Рӯзҳои мудофиаи гражданӣ”. Ҳангоми банақшагирӣ ва ташкили чунин машғулиятҳо омӯзгор бояд ҳамаи шароитҳоро барои инкишофи қобилияти донишҷӯён муҳайё намояд. Тайёрии психологӣ ба иҷрои меъёрҳои пушидан ва кашидани воситаҳои муҳофизатии инфиродӣ ва пусти бадан, тарзи коркар намудани дастгоҳҳои иктишофии кимёвӣ ва радиатсионӣ, иҷрои оддитарини расонидани ёрии аввалини тиббӣ, ин шарти зарурии касбинтихобкунии дуруст мебошад. Пеш аз ҳама доир ба тарбияи доимии донишҷӯён дар давоми солҳои таҳсили олии касбӣ сухан меравад. Аз ин сабаб самти тарбияи донишҷӯёнро бояд ба он равона созем, ки меҳнат ба фоидаи ҷамъият – ин қарзи ахлоқии ҳар як шаҳрванд мебошад. Ташкили кори касбинтихобкунии донишҷӯён дар фаъолияти амалии омӯзгори мудофиаи гражданӣ чорабинии алоҳида набуда, кори таълимӣ–тарбиявие мебошад, ки барои тайёр намудани донишҷӯён ба фаъолияти наҷотдиҳӣ ва интихоби бошууронаи касб равона карда шудааст.

**Мақсади мақола:** ҷараёни иҷрои корҳои наҷотдиҳии шаҳрвандон аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногеннӣ, расонидани ёрии аввалини тиббӣ ва дуруст истифодабарии воситаҳои инфиродӣ ва дастаҷамъӣ, мустақилона назорат бурдани сифати кор ва риояи қатъии қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва зидди сӯхтор мебошад. Ташкили дарси муштарак бо фанни омодагии тайёрии ҳарбӣ аҳамияти калон дорад. Омӯзгор ба донишҷӯён боинтизомӣ, сабру тоқат, устуворӣ, ҳисси ҷавобгариро дар назди коллектив, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таълимӣ ва ҷомеа тарбия мекунад.

**Калидвожаҳо:** босалоҳият, салоҳият, мудофиаи гражданӣ, ҳолатҳои фавқулода, офатҳои табиӣ, ҳифзи аҳолӣ, худуд, наҷотдиҳӣ, тасниф, касбинтихобкунӣ.

## ПРИМЕНЕНИЯ КОМПЕТЕНТНОСНОГО ПОДХОДА В ОБЛАСТИ ГРАЖДАНСКОЙ ОБОРОНЫ

В ходе обучения преподаватель гражданской обороны обращает внимание студентов на важность профессии спасателя и объясняет студентам необходимость овладения техническими знаниями и навыками гражданской обороны. Под руководством преподавателя учащиеся выполняют задачи по ликвидации стихийных бедствий и защите граждан от оружия массового поражения, оказанию первой медицинской помощи, приобретают специальные навыки. В ходе обучения преподаватель гражданской обороны обращает внимание студентов на важность профессии спасателя и объясняет студентам необходимость овладения техническими знаниями и навыками гражданской обороны. Под руководством преподавателя учащиеся выполняют задачи по ликвидации стихийных бедствий и защите граждан от оружия массового поражения, оказанию первой помощи, приобретают специальные навыки. Прежде всего, речь идет о непрерывном обучении студентов в годы получения высшего профессионального образования. По этой причине мы должны направить воспитание студентов на то, что труд на благо общества является моральным долгом каждого гражданина. Организация профотбора студентов в практическую деятельность преподавателя гражданской обороны не является отдельным мероприятием, это учебно-воспитательная работа, направленная на подготовку студентов к спасательной деятельности и осознанному выбору профессии.

**Цель статьи:** основной целью статьи является процесс спасения граждан от чрезвычайных ситуаций природного и техногенного характера, оказание первой медицинской помощи и правильное использование индивидуальных и коллективных средств действий, самостоятельно контролировать качество работ и строго соблюдать правила техники безопасности и противопожарной техники. Большое значение имеет организация совместного занятия по теме начальной военной подготовки. Преподаватель воспитывает у студентов дисциплинированность, терпение, настойчивость, чувство ответственности перед коллективом, высшим профессиональным учебным заведением и обществом.

**Ключевые слова**: компетенция, власть, гражданская оборона, чрезвычайные ситуации, стихийные бедствия, защита населения, территория, спасение, классификация, карьерный выбор.

## APPLICATIONS OF THE COMPETENCY-BASED APPROACH IN THE FIELD OF CIVIL DEFENSE

During the training, the civil defense teacher draws students' attention to the importance of the rescue profession and explains to students the need to master technical knowledge and civil defense skills. Under the guidance of a teacher, students perform tasks to eliminate natural disasters and protect citizens from weapons of mass destruction, provide first aid, and acquire special skills. During the training, the civil defense teacher draws students' attention to the importance of the rescue profession and explains to students the need to master technical knowledge and civil defense skills. Under the guidance of a teacher, students perform tasks to eliminate natural disasters and protect citizens from weapons of mass destruction, provide first aid, and acquire special skills. First of all, we are talking about the continuous education of students during the years of higher professional education. For this reason, we must educate students on the fact that working for the good of society is the moral duty of every citizen. The organization of professional selection of students for practical work as a civil defense teacher is not a separate event; it is educational work aimed at preparing students for rescue activities and an informed choice of profession.

**Purpose of the article**: the main purpose of the article is the process of saving citizens from natural and man-made emergencies, providing first aid and the correct use of individual and collective means. actions, independently monitor the quality of work and strictly adhere to safety and fire safety regulations. Organizing a joint lesson on the topic of initial military training is of great importance. The teacher instills in students discipline, patience, perseverance, and a sense of responsibility to the team, the higher professional educational institution and society.

**Keywords**: competence, power, civil defense, emergency situations, natural disasters, protection of the population, territory, rescue, classification, career choice.

**Дар бораи муаллиф**
Абзалов Имом Азизхужаевич
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи шаҳрвандӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 541 03 44

**Об авторе**
Абзалов Имом Азизхужаевич
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры физической культуры и гражданской обороны
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 541 03 44

**About the author**
Abzalov Imom Azizhuzhaevich
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor in the Department of Age Physiology and Civil Defense
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 541 03 44

ТДУ 372.851

# АСОСҲОИ ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГИИ ОМӮЗИШИ МУОДИЛА ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***Шукурзода Х. А, Бегимов Ҳ. Х.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Рушду нумӯи ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳонӣ ба донишҳои математикии ҳар як фард эҳтиёҷ дорад. Истеҳсолоти ҷамъиятиву шахсӣ, қонеъ гардонидани талаботи моддии ҷамъият аз ҳар як фард маҳорату малакаи иҷро карда тавонистани ҳисобу ченкуниҳои бузургиҳои гуногунро тақозо менамояд. Барои дарки амиқи шаклҳои фазоӣ ва муносибатҳои миқдории илми математика ба инсон ёрии амалӣ мерасонад.

Мақсади таълими математика ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ омӯзонидани ҷузъиётҳои асосии математика ва ташаккул додани маҳорату малака ва татбиқи ин донишҳо дар амал мебошад. Вобаста ба талаботи имрӯза хонандагони хурдсол бояд на танҳо ҷузъиётҳои асосии донишро омӯзанд, балки тарзҳои донишомӯзӣ ва роҳу усулҳои фаъолиятро аз худ карда, тавассути он дониши нав гирифта, маҳорату малакаи худро инкишоф диҳанд.

Омӯзиши системанокии математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо ва гимназияҳо аз синфи якум оғоз меёбад. Аммо раванди ташаккулёбии тасаввуротҳои аввалини математикӣ аллакай дар синни томактабӣ сар мешавад. Шиносоии амалии кӯдакон бошад, ҳангоми бозии онҳо бо бозичаҳои гуногун оғоз мегардад. Баъдан дар натиҷаи таълим ва инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдакон ин тасаввуротҳо оҳиста – оҳиста ба мафҳумҳои оддитарини математикӣ табдил меёбад. Аз ин лиҳоз, мақсади мо дар ин синну сол шавқу ҳаваси кӯдаконро ба омӯзиши математика бедор намуда, онҳоро то як андоза ба таълими математика тайёр намудан мебошад.

Дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо - масъалаи муҳим, бо дониши мустаҳкам ва аниқ мусаллаҳ гардонидани насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, инсондӯстӣ ва зебоипарастӣ тарбия намудани онҳо меистад.

Ин ғоя дар консепсияи мактаби миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин баён ёфтааст: ***«Умдатарин вазифаи мактаб рӯ овардан ба инсон аст».*** Мактаб ва тарбия ба вусъати ақлу хирад, диққат, хотир, ирода ва эҳсоси инсон мунтазам машғул мешавад ва бачаҳоро огоҳ месозад, ки онҳо ворисони ҳақиқии фарҳангу маданияти миллати худ бошанд. Аз ин рӯ, ин вазифа талаб менамояд, ки раванди таълиму тарбия ташкил дода шавад, сифати таълими фанҳои гуногун дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар карда шавад.

Солҳои охир дар соҳаи таълими математика як қатор корҳои самаранок анҷом дода шудаанд. Таълими математика бо назардошти тағйироту иловаҳо мувофиқи барномаи нав ба роҳ монда шудааст. Мувофиқи ҳамин барнома китобҳои нав таълиф шудаанд, ки онҳо аз китобҳои кӯҳна бо куллӣ фарқ доранд. Такмили математикаи мактабӣ дар назди муаллимони синфҳои ибтидоӣ вазифаҳои навро ба монанди: истифодабарии роҳҳо ва методҳои нави таълими математика, истифодаи технологияи информатсионӣ, истифодаи мошинаҳои электронии ҳисоббарор, ҷустуҷӯйи роҳҳо ва методҳои таҳқиқотии математика бо ҳаёт ва ғайраро ба миён овард.

Яке аз роҳҳои робитаи назария ва амалия – шинос намудани хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо табиат, техника, технологияи навин, истеҳсолоти хоҷагии кишоварзӣ ва ғайра мебошад. Мувофиқи барномаи нав, тарзи ҳалли муодилаҳо дар синфҳои ибтидоӣ аз синфи дуюм оғоз меёбад. Усули ҳалли муодилаҳо дар синфи дуюм сода буда, дар асоси як алоқамандии байни ҷузъиётҳои амалҳо бо натиҷаи амалҳо сурат мегирад. Аз ҳамин сабаб ба муаллимони синфҳои ибтидоӣ лозим мешавад, ки тарзи ҳалли муодилаҳоро бо тариқи саволу ҷавоб дар асоси риояи дурусти қоидаи тартиби иҷрои амалҳо, алоқамандии байни ҷузъиётҳои амалҳо ва натиҷаи ёфтани аъзои номаълуми амалҳо ташкил намоянд [1].

Татбиқи ин методҳо дар рӯзҳои аввал ба муаллимони синфҳои ибтидоӣ душворӣ меорад. Агар хонандагонро аз рӯзҳои аввал ба хондан, навиштан, ба тарзи муҳокимаронӣ, шарҳу фаҳмондадиҳӣ мусаллаҳ намоем, минбаъд кор осон мешавад ва нутқи онҳо инкишоф меёбад. Ҳалли муодилаҳо барои кушода додани моҳияти математикӣ маводи таълимӣ аҳамияти калон доранд. Барои аниқ ва васеъшавии дониши азхуднамудаи математика ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ ёрӣ расонида, барои мустақилона истифодабарии методҳои

математика дар шарҳи ҳодисаҳо кӯмак мерасонад. Ҳалли муодилаҳо барои дар хотири хонандагон мустаҳкам нигоҳ доштани роҳҳо ва методҳои математикӣ ёрӣ мерасонад.

Математика ва асосҳои омӯзиши он дар синфҳои ибтидоӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини муаллими синфҳои ибтидоӣ ба шумор меравад. Омӯзиши математика барои синфҳои 1–4 аз ададҳои натуралӣ оғоз шуда, бо якҷоягии элементҳои алгебравию геометрӣ ва ҳалли масъалаҳо омӯзонида мешавад [3].

Методикаи омӯзиши математика дар синфҳои ибтидоӣ бо алоқамандии фанҳои психология ва педагогика таълим дода мешавад.

Педагогика илм дар бораи қоидаҳои умумии ҷараёни таълим, тарбия, маълумот ва инкишофи тафаккури мактаббачагон мебошад. Методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ бошад, омӯзонидани таълими математика ва бо мувофиқкунонидани қоидаҳои умумии ҷараёни педагогӣ бо ин фан мебошад.

Пеш аз ҳама барои муайян намудани асосҳои психологӣ – педагогии омӯзиши муодилаҳо дар синфҳои ибтидоӣ роҳу усулҳои гуногунро ҷустуҷӯ намудан лозим аст. Ин гуна роҳу усулҳоро, мо бояд аз дастовардҳои илми педагогикаю психология омӯхта, дар амал татбиқ намоем.

Фаъолияти меҳнатии хонандагон аз нуқтаи назари психологӣ ва амалӣ тайёр намудан, инчунин алоқаманд намудани таълим бо ҳаётро боз ҳам зиёдтар мекунад. Аксар педагогҳои бузург дар асарҳо ва мақолаҳои илмӣ, илмӣ-методии худ масъалаҳое, ки ба омӯзиши математика алоқамандии зич дорад, дида баромадаанд. Аз ҷумла педагоги машҳури Чех Ян Амос Коменский дар асари бузурги худ бо номи «Дидактикаи бузург» фаҳмонидани қоидаҳои дидактикӣ, инчунин ба омӯзиши арифметика диққати ҷиддӣ додааст.

Инчунин олими бузурги Швейтсария Иоган Генрих Песталотсий асоснок намудани маълумоти ибтидоиро дар асарҳои худ бо тартиб кор карда баромада, масъалаҳои умумипедагогӣ ва методикаи таълими ибтидоии математикаро низ дар бораи омӯзиши математикаи синфҳои ибтидоӣ фикрҳои зиёде баён намудаанд.

Ҳаминро бояд қайд кард, ки методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ бо психологияи педагогӣ алоқамандии зич дорад. Барои он ки бе донистани психологияи мактаббачагон ба онҳо омӯзонидани математика, аз муаллим маҳорати баландро талаб менамояд, чунки омӯзиши математика аз ҳама фанни душвортарин ба ҳисоб меравад.

Вазифаи таълими психология омӯхтани пайдарпайи психологияи кӯдак, инчунин афзоиш ва хусусиятҳои психикии кӯдакро муайян менамояд. Методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ барои кор карда баромадани ҷиҳатҳои методҳои психологии онро бояд ба инобат гирад. Бо ин якҷоя методикаи фанни математика мустақилона омӯхтани ҷараёни азбаркунии донишҳои математикии хонандагон ва натиҷаи онҳо дар алоқамандии методҳои таълими фанҳои дигар мукаммалтар гардонида мешавад [7].

Таҳлили адабиёти методӣ ва омӯзиши таҷрибаи кори муассисаҳои таълимӣ нишон медиҳад, ки айни замон ба ҳалли муодилаҳо дар таълими математика диққати зарурӣ дода мешавад. Мавқеи онҳо дар раванди таълим аниқ муайян ва методҳои истифодабарии онҳо дар раванди дарсҳо ва ҳангоми ташкилу гузаронидани корҳои беруназсинфӣ коркард карда шудааст. Аҳамияти муҳими таълимӣ ва тарбиявии ҳалли муодилаҳо дар зинаи аввали омӯзиши математика дидаву дониста ба ҳалли онҳо чандон диққат додан ба маврид аст.

Таҳлили хусусиятҳои педагогию психологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ – таҳлили барнома ва китобҳои дарсии математикаи синфҳои ибтидоӣ; дар асоси онҳо пешниҳод намудани шавқу ҳавас ба омӯзиши математика; мушоҳида ба табиат ва истеҳсолот; ҷорӣ кардани тақвими табиат; гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз математика ва ғайра мебошад.

Мақсади пешашуда тавассути имкониятҳои тарбиявию таълимӣ ҳангоми ҳалли муодилаҳо дар синфҳои ибтидоӣ бо чунин методҳои таҳқиқотӣ амалӣ мегардад: асоснок кардани аҳамияти бедор ва тарбия кардани шавқу ҳавас тавассути омӯзиши муодилаҳо дар синфҳои ибтидоӣ; муайян кардани системаи кор бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ оид ба омӯзиши муодилаҳо; коркарди методикаи ташкил кардани машғулиятҳои таълимӣ - амалӣ, корҳои беруназсинфӣ оид ба омӯзиши муодилаҳо барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ; методикаи ташкил кардани дарсҳои муштараки математика – бо забони модарӣ, табиатшиносӣ, санъат ва меҳнат, суруд ва мусиқӣ ва ғайра барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ҷиҳатҳои навини корро ташкил медиҳад.

Тартиб додани муодила, тарзи хондан ва ҳалли он яке аз мавзуъҳои асосӣ ва душвортарини барномаи синфҳои ибтидоӣ ба ҳисоб меравад. Тартиб додан, бевосита хондан ва ҳал кардани муодилаҳо, қобилияти фикрӣ ва мустақили хонандагонро инкишоф медиҳад.

Бо тарзҳои гуногун хондани муодила ва ҳал кардани онҳо яке аз талаботҳои барномаи таълимӣ бașумор меравад. Бинобар он пеш аз он, ки хонандагон муодиларо ҳал намоянд, аввал дуруст хондани онро омӯзанд.

Мувофиқи барномаи таълимӣ аз синфи дуюм оғоз карда, ҳангоми ҳалли муодилаҳо қоидаҳои ёфтани адади узви номаълумро татбиқ намуда, онҳоро такрор ва мустаҳкам кардан лозим аст. Китоби дарсӣ, ки дастраси мо ва хонандагон гаштааст, аз синфҳои 4-ум сар карда, бо муодилаҳои мураккабтар шинос мешаванд, ки ҳалли онҳо баёноти иловагиро талаб менамояд [3].

Дар мавриди ҳалли чунин муодилаҳои мураккаб муодилаҳои содаро муқоиса намуда, ҳал кардан лозим аст. Дар ин мавриди хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳалли муодилаҳои мураккабро аз худ менамоянд.

Баробарие, ки дар он номаълум бо ҳарф ишора карда шудааст, муодила номида мешавад.

Мисол, баробариҳои x+34=68; x-52=40; x×22=88; x:32=18 ва ғайра муодила мебошанд, ки дар онҳо номаълум бо ҳарфи **x**-ишорат карда шудааст. Асосан мафҳуми номаълумҳо бо ҳарфҳои хурди лотинӣ: a, b, c, d, x, y, z, k, l, m, n, t ва ғайра ишорат карда мешавад.

**Мисол барои синфи 1-ум.**

Дарозии хатҳои кабуд 6 см ва дарозии хатҳои сурх 8 см. Кадоме аз ин хатҳо кӯтоҳ ва ба чанд сантиметр?

**Мисол барои синфи 2-юм.**

Чӣ кор бояд кард, ки ҳардуи ин ифодаҳо баробар шаванд?

8+8+8+8+8;      8 x 5;

Барои ҳалли ин гуна масъалаҳо дар хонандагон қобилияти баробаркунонии адад ва номаълумҳо пайдо мегардад, ки ин барои тартиб додани муодилаҳо ёрӣ мерасонад.

Донистани робитаи байни қисм ва натиҷа дар тарзу усулҳои ҳал намудани муодилаҳо ба хонандагон ёрӣ мерасонад. Хонандагон дар синфи дуюм дар бораи робитаи байниҳамдигар вобастагӣ доштани қисмҳоро аз худ намуда, дар бораи муодилаҳо маълумот мегиранд. Дар ин ҷо хонандагон барои муайян намудани ададҳои номаълум муодиларо ҳамчун баробарӣ қабул мекунанд. Барои муайян намудани муодила адади номаълумро бо ягон ҳарф ишорат намудан лозим аст.

Дар вақти ҳалли масъала барои тартиб додани муодила аз символҳои математикӣ истифода бурдан зарур аст.

Ҷиҳати характернокии таълими ибтидоӣ дар он аст, ки барои хонандагон муодилаи додашудаaро ҳал намудан мушкил нест, аммо бо ёрии муодила масъала тартиб дода, ҳал намудан аз хонандагон қобилияти баланди фикррониро талаб менамояд, онҳоро ба фикркунӣ водор месозад. Онҳо роҳу методҳои гуногуни ҳалро ҷустуҷӯ намуда, ба ҳалли он оғоз менамоянд.

**Дар синфи 2-юм** фақат ҳамон гуна муодилаҳо омӯзонида мешавад, ки дар ҳолати **a+b=c** ва **a-b=c** ифода ёфтааст.

**Дар синфи 3-юм** бошад, аз муодилаҳои сода оғоз намуда, оҳиста-оҳиста ба ҳалли муодилаҳои мураккаб мегузаранд.

Гузаштан аз муодилаҳои сода ба дониш, маҳорат ва малакаи муаллим дар зинаҳои гуногун оид ба ин мавзуъ дониши хонандагонро мустаҳкам гардонида бошад, баръакс онҳо дар ҷараёни омӯзиш бе ягон душворӣ муодилаҳоро ҳал менамоянд.

Дар асоси фикрҳои дар боло гуфта шуда муодила дар чунин ҳолат мураккаб мешавад, ки агар дар қисми рости муодила адади номаълум дода шуда бошад.

**Мисол:** 68-x=24+14.

Чӣ хеле, ки дар боло гуфтем, адади номаълум дар қисми рости муодила дода шудааст ва инчунин тарзи ҳалро дорад. Қисми рости мисолро менависем ва ададҳое, ки баъд аз баробарӣ дода шудааст ҷамъ намуда, натиҷаи онро менависем. Дар муодилаи ҳосилшуда 68-x=34 тарҳкунанда номаълум аст ва барои ёфтани тарҳкунандаи номаълум бошад, аз тарҳшаванда натиҷаро тарҳ менамоем: x=68-34; x=34.

**Ҷавоб**: x=34.

Дар синфи 2-юм барои тартиб додани муодила, масъалаҳои сода бояд аз ҳаёти хонандагон оварда шавад, барои он ки дар вақти ҳал намудан бар гардонидан ба символҳои математикӣ осонтар шавад.

**Масъала:** Марям якчандто қалами сиёҳ ва 8-то қалами сурх дошт. Ӯ ҳамагӣ 12 қалам дошт. Марям чандто қалами сиёҳ дошт?

**Ҳал:** x+8=12; x=12-8; x=4. **Ҷавоб:** Марям 4-то қалами сиёҳ дошт.

Дар синфи 2-юм бо ёрии муодила танҳо масъалаҳои содаро ҳал менамоянд, на танҳо бо амали ҷамъ ва тарҳ, балки ба амали зарбу тақсим такя менамоянд. Бо ёрии амалҳои зарбу тақсим ҳал намудани муодилаҳо дар синфи 3 ва 4-ум мукаммалтар омӯзонида мешавад. Дар ин маврид хонандагон ба қисмҳои номаълуми он такя менамоянд:

**Масъала:** Кадом ададро ба 15 зарб занем, ки дар натиҷа 90 ҳосил мешавад?

**Ҳал:** x×15=90; x=90:15; x=6. **Ҷавоб:** Ба адади 15 адади 6-ро зарб занед, адади 90 ҳосил мешавад.

**Масъала:** Якчанд дафтарро ба 25 хонанда 8-тогӣ тақсим намудем. Ҳамагӣ чанд дафтар буд?

**Ҳал:** x:25=8; x=8×25; x=200. **Ҷавоб:** Ҳамагӣ 200 дафтар буд.

**Масъала:** Шоира ададеро интихоб намуда, онро ба 12 зарб зад, ки дар натиҷа адади 108 ҳосил шуд. Ӯ кадом ададро интихоб карда аст?

**Ҳал***:* Бигузор адади номаълум **x** бошад. Аз рӯйи шарти масъала баробарии 12×x=108-ро ҳосил мекунем. Маълум шуд, ки ин муодила ҳалли ягонаи x=108:12; x=9-ро соҳиб аст, зеро 12×x=108 мешавад.

Ҳар яке аз муодилаҳои 3×x=15, 6×x=54 низ намуди, a×x=в-ро доранд. Дар мисоли дуюм, a=6, в=54 аст. Ин гуна муодилаҳоро муодилаи хаттии якномаълума меноманд.

Муодилаҳо бештар ҳангоми ҳалли масъалаҳо истифода бурда мешаванд:

**Масъалаи 1.** Шумораи себҳои халтаи якум аз шумораи себҳои халтаи дуюм се маротиба зиёд аст. Баъди аз халтаи якум 48 дона гирифта, ба халтаи дуюм андохтанд, шумораи себҳои ҳарду халта баробар шуд. Аз аввал дар ҳар як халта чандтогӣ себ дошт?

**Ҳал:** Агар шумораи себҳои халтаи дуюмро бо x ишора намоем, дар халтаи якум се маротиба зиёд, яъне 3×x-дона себ мешавад. Баъди аз халтаи якум ба халтаи дуюм андохтани 48-дона себ дар халтаи якум 3×x-48 дона себ боқӣ мемонад ва шумораи себҳои халтаи дуюм ба x+48 дона себ баробар мешавад. Мувофиқи шарти масъала, баъди ин амалҳо шумораи себҳои ҳарду халта баробар мешавад. 3x-48=x+48.

Ин муодилаи ҳосилшударо ҳал менамоем: 3x-48=x+48 ⇒3x-x=48+48 ⇒ 2x=96 ⇒ x=96:2 ⇒ x=48. Маълум шуд, ки дар халтаи дуюм 48 дона ва дар халтаи якум 3×x=3×48=144 дона себ будааст.

**Ҷавоб:** дар халтаи якум 144 дона себ ва дар халтаи дуюм 48 дона себ будааст.

**Масъалаи 2.** Суммаи 2 адад ба 179 баробар аст. Агар адади якумро бо дуюмаш тақсим намоем, ҳосили тақсим ба 13 баробар мешаваду 11 бақия мемонад. Ин ададро ёбед?

Шарти кутоҳи масъала чунин аст:

x+y=179; x:y=13(11); x=? ва y=?

**Ҳал:** x+y=179; y=179-x; x:y=13(11); x=13×y+11. x=13×(179-x)+11. x=2327-13x+11. x=2338-13x. x+13x=2338. 14x=2338. x=2338:14. x=167.

Ва x+y=179; 167+y=179; y=179-167; y=12. **Ҷавоб:** x=167 ва y=12.

**Масъалаи 3.** Автобус аз ноҳия бо суръати 60 км/соат ҳаракат кард. Баъди 3 соат аз паси он автобуси дуюм бо суръати 70 км/соат ба роҳ баромад. Аз ноҳия берун дар кадом масофа онҳо вомехӯранд?

**Ҳал:** Вақти вохӯрии онҳоро бо x ишорат мекунем. Автобуси якум то вохӯрӣ бо (x+3) соат дар ҳаракат аст, вақти вохӯрӣ масофаи тайкардаи автобусҳо якхела мебошад. Бинобар ин мо муодилаи 60×(x+3)=70×x-ро пайдо мекунем ва муодилаи ҳосил шударо ҳал мекунем: 60×(x+3)=70×x ⇒

⇒ 60×x+180=70×x ⇒ 280=70×x-60×x ⇒ 180=10×x ⇒ x=180:10 ⇒ x=18. Яъне, автобусҳо пас аз 18 соат вомехӯранд. Акнун масофаи тайкардаи автобусҳоро меёбем: S=x×x =70 км/соат×18 соат=1260 км аст**.**

**Ҷавоб:** 1260 км.

**Масъалаи 4.** Фарида ададеро фикр кард. Аз он 60-ро тарҳ карда натиҷаашро ба 20 тақсим намуд. Адади 5 ҳосил шуд. Фирӯза кадом адад ро фикр кардааст?

**Ҳал:** (y-60):20=5 ⇒ y-60=5×20 ⇒ y-60=100 ⇒ y=100+60 ⇒ y=160.

**Ҷавоб:** Адади фикр карда шуда 160 аст.

**Масъалаи 5.** Ду автомобил аз шаҳри Панҷакент ба шаҳри Хуҷанд роҳсипор шуданд. Яке аз бо воситаи шаҳри Самарқанд ва дигари бо воситаи ағбаи Шаҳристон роҳ пеш гирифтанд. Якҷоя 622 км роҳро тай карданд. Агар роҳ бо ағбаи Шаҳристон 58 км кӯтоҳтар бошад, масофаи байни Панҷакенту Хуҷанд бо воситаи Самарқанд чанд километр аст?

**Ҳал:** x+(x-58)=622 ⇒ x+x-58=622 ⇒ x+x=622+58 ⇒ x+x=680 ⇒

2x= 680 ⇒ x=680:2 ⇒ x=340. **Ҷавоб:** Масофаи байни Панҷакенту Хуҷанд бо воситаи Самарқанд 340 километр будааст.

**Масъалаи 6**. Кӯҳи Оқтоғ аз кӯҳи Боботоғ 65 м пастар ва аз кӯҳи Қаратоғ 512 м баландтар аст. Баланлии ҳар се ин кӯҳҳо дар якҷоягӣ 6234 м бошад, пас баландии ҳар яки онҳоро ёбед?

**Ҳал:** 1) (x-65)+(x+512)+x=6234 ⇒ 3x-65+512=6234 ⇒ 3x+447=6234 ⇒

3x=6234-447 ⇒ 3x=5787 ⇒ x=5787:3 ⇒ x=1929. 2) x-65=1929-65=1864.

3) x+512=1929+512=2441. **Ҷавоб**:(1929; 1864; 2441).

**Масъалаи 7.** Миқдори кӯдакистони шаҳри Конибодом аз миқдори кӯдакистони шаҳри Исфара думаротиба зиёдтар ва шумораи кӯдакис- тони шаҳри Исфара аз миқдори кудакистони шаҳри Исторившан 10 зиёдтар аст. Агар миқдори умумии ин кӯдакистон 190-то бошад, миқдори кӯдакистони шаҳри Конибодом чӣ қадар аст?

**Ҳал:** 1) x+2x+(x+10)=190 ⇒ 4x+10=190 ⇒ 4x=190-10 ⇒ 4x=180 ⇒ x=180:4 ⇒ x=45. 2) x+10=45+10=55. 3) x=2×x=2×45=90. **Ҷавоб:** (90;55;45)

Инчунин ҳал намудани муодилаҳои мураккаб гуногунанд, бинобар ин, муодилаи (136+264)-x=250-ро ҳал менамоем: Пеш аз ҳал кардани ин муодила онро ба муодилаи содаи ба хонандагон шинос; 400-x=250 муқоиса мекунем. Аз рӯйи ин ба хонандагон бо чунин саволҳо муроҷиат кардан лозим аст.

- Дар муодилаи дуюм (400-x=250) чӣ номаълум аст?
- Тарҳкунанда номаълум аст.
- Барои ёфтани тарҳкунандаи номаълум чӣ кор кардан лозим аст?
- Аз тарҳшаванда фаркро кам кардан лозим аст.
- Муодилаи якум аз муодилаи дуюм чӣ фарқ дорад?
- Муодилаи якумро чӣ хел содда кардан лозим аст, ки ба муодилаи дуюм монанд шавад?

Бояд омӯзгор ба хонандагон фаҳмонад, ки барои сода кардани муодилаи якум амали дохили қавсро иҷро кардан лозим аст, яъне (136+264)-x=250 он гоҳ 400-x=250 мешавад.

Ин муодила ба муодилаи дуюм монанд буда, тарҳкунанда номаълум аст. Хонандагон аз рӯйи қоидаи тарҳкунандаи номаълум амал карда, муодиларо ҳал менамоянд. x=400-250; x=150. **Ҷавоб:** x=150.

Барои дурустии ҳалли муодиларо муайян кардан санҷиш гузаронида мешавад. Дар муодилаи якум ба ҷои адади номаълум қимматаш 150-ро мегузорем. Агар қисми чапи муодила ба қисми росташ баробар шавад, он гоҳ ҳалли муодила дуруст аст.

Муодилае, ки дар он тақсимшаванда номаълум аст ҳал менамоем*:*

(x-640):8=80. Дар ин муодила тақсимшаванда номаълум аст, ки он ба намуди (x-640) омадааст. Барои ҳал кардани ин муодила ба хонандагон бо чунин саволҳо муроҷиат кардан лозим аст:

- Қисми чапи муодила чӣ хел хонда мешавад?
- Қисми чапи муодиларо ҳосили тақсим мегӯянд.

x-640-тақсимшавандаест, ки он ба намуди фарқи адади номаълум x ва адади 640 ифода мешавад, адади 8 тақсимкунанда, адади 80-ҳосили тақсим ном дорад. Барои ёфтани тақсимшавандаи номаълум ҳосили тақсимро ба тақсимкунанда зарб мезанем. Муодила чунин ҳал карда мешавад: қисми рости муодиларо иҷро карда, онро сода менамоем:

(x-640):8=80 ⇒ x-640=80×8 ⇒ x-640=640 ⇒ x=640+640 ⇒ x=1280.

**Ҷавоб:** x=1280.

Мувофиқи барномаи нав асосҳои омӯзиши мафҳуми муодилаҳо аз синфи дуюм оғоз меёбад. Тарзу усулҳои ҳалли муодилаҳо дар синфи дуюм сода буда, дар асоси робитаи байни ҷузъиётҳои амалҳо бо натиҷаи амалҳо сурат мегирад. Аз ҳамин сабаб ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ лозим мешавад, ки методҳои ҳалли муодиларо дар асоси ғояи дурусти қоидаи тартиби иҷрои амалҳо, робитаи байни ҷузъиётҳои амалҳо ва натиҷа ёфтани аъзои номаълуми амалҳо ташкил менамоянд [15].

Ҳамин тавр, дар математикаи синфҳои ибтидоӣ намудҳои гуногуни муодилаҳо омӯзонида мешавад. Ба монандӣ: x+14=60; x-20=74; x×16=64; x:6=12; (y-3):38=2; (y+4)×6=18; 120:x-5=840:28; (x+46)-32=70; (y-70)+60=94 ва ғайра.

Мақсад аз ҳалли муодила ҷавоб ёфтан ба саволҳои зерин аст:

Оё муодила ҳал дорад? Агар ҳал надошта бошад, онро исбот намудан лозим аст ё не? Агар муодила ҳал дошта бошад, ҳалли онро чӣ тавр ёфтан мумкин аст?

Ҳамин тавр, системанок истифода намудани ҳалли муодилаҳо дар синфҳои ибтидоӣ

дар раванди таълими математика барои баланд шудани савияи дониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ таъсири мусбат расонида, ба мушаххасгардонии дониши васеи ҷаҳонбинӣ, ташаккули мушоҳидакорӣ, пайдо намудани маҳорату малакаҳои таҳқиқотии хонандагон ёрӣ расонида, ба ҳисоб меравад ва тарзу усулҳои ҳалли муодилаҳо дар синфҳои ибтидоӣ дар ҳама намудҳо ва зинаҳои дарс истифода намудан мумкин аст, лекин истифодаи онҳо бояд системанок ва бомақсад бошад.


***Адабиёт***

1. *Бантова М.А, Бельтюкова Г.В. Методика преподавания математики в начальных классах. / Под ред. М.А. Бантовой. 3-е изд., испр. - М., 1984. - 335 с.*
2. *Белошистая А.В. Обучение решению задач в начальной школе. - М., 2003. - 288 с.*
3. *Барномаи синфҳои ибтидоӣ. (Синфҳои I-IV). - Душанбе: Матбуот, 2002., 2007, 2010, 2012.*
4. *Бегимов Ҳ.Х, Мавлянова Н.Д. Тарзи ҳалли муодилаҳо дар синфҳои ибтидоӣ // Маърифати омӯзгор. 2010. - № 7. - С. 53-55.*
5. *Бегимов Ҳ.Х, Рабиев С, Раҷабов Т.Б, Наҷмиддинов А.М. Методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе: 2020. - 233 с.*
6. *Бегимов Ҳ.Х., Мавлянова Н.Д., Юлдошева Р. Истифодаи муодилаҳо дар ҳалли масъалаҳои матнӣ ҳамчун воситаи тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ. // Маводи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Ташаккули фаъолияти маърифатии хонандагону донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиӣ-риёзӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ» бахшида ба 20-солагии иҷлосияи 16-уми таърихии Шӯрои олии ҷумҳурии Тоҷикистон ва 15-солагии Ваҳдати миллӣ. – Душанбе, 2012. – С. 231-234.*
7. *Крутецкий В.А. Психология математических способностей школьников. - М., 1976. - 303 с.*
8. *Истомина Н.Б. Методика обучения математике в начальных классах. - М.: Академия, 2001. - 288 с.*
9. *Методика обучения математике в начальных классах: Курс лекций. Байрамукова П.У, Уртенова А.У. Ростов-на-Дону: Феникс, 2009. - 299 с.*
10. *Маҳкамов М, Раҷабов Т, Бойматов К, Норов Қ, Бегимов Ҳ. Математика. Супоришҳои тестӣ барои синфи 4. - Душанбе: 2020. - 127 с.*
11. *Маҳкамов М, Бойматов К, Нуралиев Ё., Қодиров Н. Методҳои ҳалли масъалаҳои матнӣ. Дастури методӣ барои донишҷӯён ва омӯзгорон. –Душанбе: 2016. - 128 с.*
12. *Маҳмудов Т., Давлатов Т. Методҳои ҳалли машқ ва масъалаҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 2013. - 176 с.*
13. *Осимов К.У, Фридман Л.М. Методҳои умумии ҳалли масъалаҳои математикӣ. – Душанбе: Маориф. 1987. - 207 с.*
14. *Оганесян В.А, Колягин Ю.М, Луканкин Г.Л, Саннинский В.Д. Методикаи преподования математики в средней школе. Общая методика. Изд-е 2-е. - М., 1980. - 367 с.*
15. *Эрдниев П.М, Эрдниев Б.П. Теория и методика обучения математике в начальной школе / П.М. Эрдниев, Б.П. Эрдниев. - М.: Педагогика, 1988. - 204 с.*


## АСОСҲОИ ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГИИ ОМӮЗИШИ МУОДИЛА ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ


Дар мақолаи мазкур ташаккул додани асосҳои психологию педагогии омӯзиши муодилаҳо дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди дарси математика буда, роҳу усулҳои гуногуни ҳалли муодиларо мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Гуфтан ба маврид аст, ки методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ бо психология ва педагогика робитаи зич дорад. Барои он ки бе донистани психологияи хонандагон ба онҳо омӯзонидани математика, аз омӯзгор маҳорати баландро талаб менамояд, барои он ки омӯзиши математика аз ҳама фанҳои таълимӣ душвор ба ҳисоб меравад. Тартиб додани муодила, тарзи хондани муодила ва ҳалли масъала бо ёрии муодила яке аз мавзуъҳои асосӣ ва душвортарини барномаи математикаи синфҳои ибтидоӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар он пеш аз он, ки хонандагон муодиларо ҳал намоянд, пеш аз ҳал аввал дуруст хондани онро омӯзанд ва аз рӯйи гуфтаи омӯзгор амал намоянд. Дар ташаккули ҳаматарафаи хонандагон намудҳои муодилаҳое, ки дар синфҳои ибтидоӣ меомӯзанд ва ҳалли онҳо бо роҳҳои гуногун нақши муҳимро мебозад. Қобилияти эҷодӣ ва фикрии онҳоро мустаҳкам менамояд. Аз ин рӯ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бояд аз мисолҳо ва масъалаҳои шавқовари пурмазмунро интихоб намуда, ба хонандагон омӯзонанд, ки дар ташаккули насли наврас ёрии муҳим мерасонад.



**Калидвожаҳо:** таълим, математика, муодила, намудҳои муодила, ҳалли муодила, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ.


## ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОБУЧЕНИЯ УРАВНЕНИЙ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ


В данной статье формирование психолого-педагогических основ обучения уравнениям у учащихся младших классов является предметом урока математики, изучаются и анализируются различные способы и методы решения уравнений. Стоит отметить, что методика преподавания математики в младших классах тесно связана с психологией и педагогикой. Преподавание математики без знания психологии учащихся требует от учителя высокого мастерства, ведь изучение математики считается самым трудным из всех учебных предметов. Составление уравнения, как

прочитать уравнение и решить задачу с помощью уравнения – один из основных и самых сложных предметов программы математики в начальной школе. Поэтому, прежде чем ученики решат уравнение, они должны сначала научиться правильно его читать и следовать указаниям учителя. Виды уравнений, которые изучаются в начальных классах, и их решения разными способами играют важную роль во всестороннем развитии учащихся. Это укрепляет их творческие и мыслительные способности. Поэтому учителя начальных классов должны выбирать интересные и содержательные примеры и задачи и преподавать ученикам, что поможет в формировании подрастающего поколения.

**Ключевые слова:** обучение, математика, уравнение, виды уравнений, решение уравнения, учителя начальной школы.

**PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL FOUNDATIONS OF TEACHING EQUATIONS IN PRIMARY CLASSES**

In this article, the formation of psychological and pedagogical foundations for teaching equations to primary school students is the subject of a mathematics lesson; various methods and techniques for solving equations are studied and analyzed. It is worth noting that the methods of teaching mathematics in the lower grades are closely related to psychology and pedagogy. Teaching mathematics without knowledge of the psychology of students requires high skill from the teacher, because studying mathematics is considered the most difficult of all academic subjects. Writing an equation, how to read an equation and solve a problem using an equation is one of the core and most difficult subjects in the elementary school mathematics curriculum. Therefore, before students solve an equation, they must first learn how to read it correctly and follow the teacher's instructions. The types of equations that are studied in primary classes and their solutions in different ways play an important role in the all-round development of students. This strengthens their creativity and thinking abilities. Therefore, primary school teachers should choose interesting and meaningful examples and problems and teach to students, which will help in shaping the younger generation.

**Keywords**: training, mathematics, equation, types of equations, solving equations, elementary school teachers.

**Дар бораи муаллифон**

Шукурзода Хуршеди Абдумӯмин
Ассистенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 93 410 01 93
E-mail: khurshed-1001@gmail.com

Бегимов Ҳусен Худоёрович
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 985 76 26 34
E-mail: begimovhusen@gmail.com

**Об авторах**

Шукурзода Хуршеди Абдумомин
Ассистент кафедры методики начального обучения
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 93 410 01 93
E-mail: khurshed-1001@gmail.com

Бегимов Хусен Худоёрович
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики начального образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 985 76 26 34
E-mail: begimovhusen@gmail.com

**About the authors**

Shukurzoda Khurshedi Abdumomin
Assistant of the Department of Methods of Primary Education
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 93 410 01 93
E-mail: khurshed-1001@gmail.com

Begimov Khusen Khudoyorovich
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Methods of Primary Education
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 985 76 26 34
E-mail: begimovhusen@gmail.com

ТДУ 372.853(575.3)

# ИСТИФОДАИ КОМПЮТЕР ДАР ТАШКИЛИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ТАВСИФОТИ ЭҶОДИДОШТАИ ХОНАНДАГОН АЗ ФИЗИКА

***Мавлонов И. Ш.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Яке аз вазифаҳои асосие, ки дар назди илми педагогикаи муосир меистад, ин зарурати фароҳам овардани шароит барои рушди зеҳнии хонандагон мебошад. Инро тавассути ташаккул додани шавқу ҳаваси хонандагон ба омӯхтан ва мустақилона ба даст овардани дониш амалӣ гардонидан имконпазир аст. Чунин тарзи омӯзиш баҳри дар онҳо ташаккул додани фаъолӣ, тафаккури эҷодӣ ва мустақилият мусоидат менамояд, аммо ба андешаи мо, барои ин ба ташкили раванди таълим тавассути афзун намудани корҳои мустақилонаи хонандагон диққати асосӣ бояд дод.

Равоншиносони амрикоӣ Карен Миллер, Мелвин Кон ва Карми Скулер тақрибан 200 ҷавонро ташхис намуда, маълум кардаанд, ки корҳои таълимии мураккаб ва мустақилона ба ташаккулёбии фаъолияти созанда ва тафаккури эҷодӣ, инчунин мустақилият мусоидат мекунанд. И.С. Кон чунин мешуморад, ки мустақилияти хонандагон дар ҷараёни таълим на танҳо натиҷаҳои бевоситаи онро беҳтар менамояд, балки ба қобилияти зеҳнӣ ва хусусиятҳои шахс таъсири мусбӣ мерасонад [6]. Ба андешаи Р.С. Немов дар синфҳои болоии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ рушди равандҳои маърифатии хонандагон ба дараҷае мерасад, ки эшон қариб тамоми навъҳои фаъолияти зеҳнии шахси калонсолро иҷро мекунанд, илова бар ин, дар онҳо интихоб барои омӯзиш ва хоҳиши мустақилона андӯхтани дониш пайдо мешавад [14]. Доир ба аҳамияти ташкилу гузаронидани корҳои мустақилонаи тавсифоти эҷодидоштаи хонандагон аз физика дар мақолаи Мавлонов И.Ш. [12] чунин оварда мешавад: «Корҳои мустақилонаи тавсифоти эҷодидошта баҳри ба даст овардани донишҳои амиқу устувор, ташаккулёбии қобилияту мустақилият ва тафаккури эҷодии хонандагон имкониятҳои хуб фароҳам меоранд. Бинобар ин, таҳияи шаклҳои мухталифи корҳои мустақилонаи хонандагон оид ба омӯзиши асосҳои илм ва методҳои роҳбарӣ ба онҳо, аҳамияти муҳим пайдо менамояд» [12, с. 205].

Ин аз зарурати ташкили кори мустақилонаи хонандагон бо маводи таълимии мутобиқ ба сатҳи донишашон шаҳодат медиҳад.

Чунин шумурда мешавад, ки дар синфҳои ибтидоӣ ҳиссаи кори мустақилона бояд ҳадди аққал 20% -и вақти таълим, дар синфҳои миёна ҳадди аққал 50% ва дар синфҳои болоӣ ҳадди аққал 70% -ро ташкил диҳад [15]. Дар ҳақиқат ба корҳои мустақилона вақти ниҳоят кам ҷудо карда шудааст.

Бо дарки аҳамияти меҳнати мустақилонаи хонандагон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир ҳоло ҳам барои иҷрои корҳои мустақилона вақти кофӣ ҷудо карда наметавонанд. Мувофиқи маълумоти Т.И. Шамова (соли 1979) [18], дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар як дарс 4-5 дақиқа вақт ҷудо карда мешавад ва танҳо омӯзгорони соҳибтаҷриба ба ин кор беш аз 17 дақиқа вақт ҷудо мекунанд. Мушоҳидаҳои мо нишон медиҳанд, ки доир ба ин масъала тағйироти назаррас ба амал наомадааст ва сабабаш он аст, ки дар аксарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар ҷараёни таълим омӯзгор нақши асосӣ дорад ва ин то ҳол боқӣ мондааст. Омӯзгор бо шумораи зиёди хонандагони синф кор мекунад.

Омӯзгор дар ҷараёни таълим бояд иҷрокунандаи нақши асосӣ бошад, на ин ки пешниҳодкунандаи иттилоот. Дар чунин шароит омӯзгор на ҳамеша метавонад ҳам маводи таълимиро баён намояду ҳам кори мустақилонаи хонандагонро ташкил намояд.

Аз дидактика маълум аст, ки танҳо фаъолияти мустақилонаи инфиродии таълимӣ боиси ташаккулёбии донишҳои мустаҳкаму амиқ ва малакаҳои устувор гардида метавонад.

Ба андешаи мо, баҳри бартараф намудани душвориҳои мавҷуда ба омӯзгор компютер кӯмак расонида метавонад. Аз ин рӯ, аксари педагогҳо ба компютер умеди калон мебанданд ва чунин мешуморанд, ки он фосилаи байни донишҳое, ки муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба муҳассилин пешниҳод мекунад ва донишҳои ҷомеаи муосир аз насли ҷавон талабкунандаро коҳиш дода метавонад.

Дар таълифоти сершумор [1, 2, 5, 8, 9, 10] имкониятҳои бунёдӣ ва воқеъии истифода кардани компютерҳо барои амалӣ намудани вазифаҳои гуногуни таълимӣ, тарбиявӣ ва

рушди хонандагон дар зинаҳои гуногуни таҳсилот асоснок карда шудааст. Дар назар дошта шудааст, ки мақсади асосии таълими компютерӣ ташаккули шахси эҷодкоре мебошад, ки қобилияти донишҳои дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ андӯхтаашро дар касби ояндаи худ фаъолона истифода карда тавонад.

Имкониятҳои истифодабарии компютер ҳамчун воситаи ташкили кори мустақилонаи хонандагон, бояд ба татбиқи принсипҳои асосии дидактика робитаи зич дошта бошад. Хусусиятҳои истифодаи онро бо назардошти ин талабот таҳлил менамоем.

Дар тадқиқоти равоншиносон муайян карда шудааст, ки омилҳои муайянкунандаи таъсиррасон ба қобилияти инсон фаъолияти шахсии ӯ мебошад. А.И. Леонтев [11] исбот кард, ки мустақилияти хонандагон ғайриимкон аст, агар ҳадди аққал эҳтиёҷ ба дониш ташаккул наёбад ва шавқу ҳавас ба таҳсил бедор карда нашавад. Зимни ҳалли ин масъалаҳо технологияи компютерӣ мусоидат карда метавонад.

Дар диссертатсияи Р.Ю. Щукюров нишон дода шудааст, ки компютер имконияти тақвиятбахшии шавқу ҳавас ба омӯзишро дорад ва он дар навбати худ ба:

1) навгониҳои кор бо компютер;

2) мустақилият дар интихоби пайдарпайии супоришоте, ки аз рӯйи дараҷаи душвориашон пешниҳод мегарданд;

3) татбиқи компютер дар ҳавасмандгардонии хонандагон зимни ҷавобҳои дуруст додан ва фавран ба хатоҳои хонандагон мутаасир гардидан, мусоидат мекунад [19, с. 6].

Илова бар ҳамаи ин ҳангоми кор бо компютер хонандагон ба фоидаи чунин фаъолиятҳо дар ҳаёти минбаъдаи худ боварӣ ҳосил мекунанд, ки ин ҳавасмандии эшонро ба омӯзиш боз ҳам афзунтар мегардонад.

Ба андешаи Б.Г. Киселев ва Н.М. Леонов [4] омили асосии истифодаи технологияи информатсионӣ, аз ҳисоби аёнӣ, таъсирбахшӣ ва захиракунии маводи таълимӣ дар компютер, ки баъдан ба хонандагон пешниҳод кардан имконпазир аст, инчунин тавассути фароҳам овардани имконоти инфиродикунонии корҳои таълимӣ ба даст оварда мешавад.

В.А. Извозчиков ва А.Д. Ревунов, ҳамчунин боварӣ доранд, ки тахнологияи информатсионӣ имкон медиҳад, ки принсипи дидактикии аёнии озмоишҳои физикӣ пурра татбиқ карда шавад, «... он имкон медиҳад, ки дар амалия чунин талабот ба озмоишҳо, ба монанди: эътимоднокӣ, аёнӣ (ҳисобҳо ва натиҷаҳои таҷрибавӣ) пурра татбиқ карда шаванд ва бештар боварибахш, боэътимод ва тағйирпазир бошанд» [3, с. 165].

Принсипи дидактикии илмият дар омӯзиши компютерӣ таҷассум ёфтааст. Он имкон медиҳад ҷанбаҳои иҷтимоии объектҳои воқеиро инъикос намояду ба таври аёнӣ назарияҳо ва фарзияҳоро возеҳу равшан нишон диҳад ва ҳамзамон, воситаи омӯзиши онҳо бошад.

Муносибатҳои таҳиякардаи равоншиносон ва педагогҳо ҳангоми муайян кардани мундариҷаи барномаҳои педагогӣ имкон медиҳанд, тавассути навъҳои гуногуни машқҳо, ки сатҳи омодагии ибтидоӣ ва хусусиятҳои синнусолии хонандагонро ба назар мегиранд, принсипи дастрасӣ таъмин карда шавад.

Г.А. Кручинина дар монографияи худ [7] имкониятҳои зерини компютерро муайян мекунад:

- пурзӯр кардани кори мустақилонаи хонандагон;
- имконпазир будани татбиқи дониш ва малакаҳо дар шароитҳои нав, бо ҳадафҳои нав;
- таъмини робитаи дутарафаи фикру мулоҳизаҳои зарурӣ;
- имкнияти зуд ташхис кардани ангеза;
- холисона ва воқеъбинона баҳо додан;
- фардикунонии таълим.

Фаъолиятҳои маърифатии хонандагонро дар ҷараёни таълим Н.Ф. Талызина баррасӣ намуда, онҳоро ба асосӣ ва ёрирасон ҷудо мекунад [17]. Фаъолиятҳои асосии хонандагон – азхудкунии дониш, малакаву маҳоратҳо, ташаккули ҷаҳонбинӣ, сифатҳои рафтор ва эҷодиёти онҳо ба ҳисоб мераванд. Ин фаъолиятро ба компютер интиқол додан имконнопазир аст, зеро ҳама гуна дониш ва маҳорати инсон маҳсули фаъолияти шахсии ӯ мебошад. Фаъолиятҳои ёрирасон (ҷустуҷӯи иттилооти зарурӣ, фароҳам овардани шароит барои иҷрои фаъолиятҳои асосӣ ва ғайраҳо) мебошад, ки мустақиман ба раванди азхудкуниву тағйирот дар ҳадафҳои омӯзишу мундариҷаи он робита надоранд ва онҳоро ба мошин интиқол додан имконпазир аст. Дар ин маврид вақти хонандагон сарфа мешаваду аз ин рӯ имконият фароҳам меояд, ки маҳсули фаъолияти асосиашон баландтар бардошта шавад.

Аз ҷониби дигар, тибқи технологияи педагогӣ, фаъолиятҳоро ба ду навъ ҷудо намудан мумкин аст: омӯзонанда ва тарбиятдиҳанда. Вобаста ба ин нақши компютер дар фаъолияти таълимӣ хеле бузург аст. Бо шарофати он, таълимгиранда имконият пайдо мекунад, ки дар шароитҳои гуногун мустақилона қарор қабул карданро омӯзад ва оқибатҳои ин амалҳоро бубинад [17].

Фаъолияти таълимӣ раванди идоракунии иттилоотии мақсадноке мебошад, ки кори фаъоли ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагонро таъмин менамояд. Технологияи иттилоотӣ барои самаранок идоракунии фаъолияти хонандагон имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Назорат асосан тавассути дар монитори компютер пешниҳод кардани супоришҳои таълимӣ, маводи назариявӣ, нишондодҳо, шарҳҳо ва ғайраҳо амалӣ карда мешавад. Он, инчунин шакл ва басомади мониторинги азхудкунии маводи омӯхташударо низ дар бар мегирад. Назорат возеҳ ва равшан буда метавонад. Дар асоси натиҷаҳои он, ки фаъолияти таълимиро муайян мекунад, раванди таълимро такмил ва ташаккул додан имконпазир мебошад.

Ҳамин тариқ, имкониятҳои ташкили самараноки раванди фаъолияти мустақилонаи таълимию маърифатии хонандагонро дар дарсҳои физика бо истифодаи компютерҳо асоснок карда, зарур мешуморем қайд намоем, ки онҳо чунин муайян карда мешаванд:

- имконияти зуд ҷустуҷӯ кардани маводи таълимӣ-иттилоотӣ;
- имконияти иҷро кардани вазифаҳое, ки ба сатҳи инкишофи зеҳнии инфиродии хонандагон мувофиқанд;
- имконияти ташаккул додани фаъолияти маърифатии аксарияти хонандагон ҳангоми кор бо компютер.

Барои он ки истифодаи компютер на танҳо ҳамчун ҷузъи ҷолиби ҷараёни таълим, балки воситаи зарурӣ баҳри ба даст овардани самараи дилхоҳ гардад, ба омӯзгор лозим аст методҳо ва шаклҳои ташкили фаъолияти таълимии хонандагонро мулоҳизакорона ва бодиққат интихоб намояд.

Ба андешаи мо, ҳама гуна имкониятҳои техникии компютерҳоро ҳамчун воситаи такмил додани шаклҳои анъанавӣ ва методҳои таълими физика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд истифода карда шавад. Биёед, акнун таҳлил кунем, ки кадом методҳои таълим дар шароити истифодаи компютер бомуваффақият мутобиқ карда мешаванд.

Дар таърихи рушди дидактика таснифоти гуногуни методҳои таълим ташаккул ёфтаанд. Мо методҳоро аз рӯйи хусусиятҳои (дараҷаи мустақилият ва эҷодкорӣ) фаъолияти хонандагон таҳлил мекунем. Мо чунин мешуморем, ки азбаски самаранокии омӯзиш аз самтгирӣ ва фаъолиятҳои хонандагон, инчунин хусусиятҳои ин фаъолиятҳо вобаста аст, маҳз табиати фаъолиятҳо, дараҷаи мустақилият ва эҷодкорӣ бояд ба сифати меъёрҳои муҳим барои интихоби метод хизмат намоянд. И.Я. Лернер ва М.Н. Скаткин панҷ методи таълимро фарқ мекунанд, ки дар ҳар кадоми онҳо савияи мустақилияти хонандагон зимни иҷрои фаъолиятҳо баланд мешавад. Дар ин таснифот методҳои зеринро ҷудо мекунанд:

- фаҳмониш-тавзеҳотӣ;
- репродуктивӣ;
- баёни проблемавӣ;
- қисман ҷустуҷӯӣ (эвристикӣ);
- тадқиқотӣ.

Бо назардошти хулосаҳои қаблӣ доир ба бартарияти фаъолияти мустақилонаи маърифатии хонандагон дар ҷараёни таълим, мо чунин меҳисобем, ки барои методи фаҳмониш-тавзеҳотӣ дар муқоиса бо методҳои компютер дигар камтар истифода карда мешавад.

Азбаски фаъолияти хонандагон бо ҳама гуна манбаи иттилоот танҳо ба фаҳмидан, дарккунӣ ва азхудкунӣ анҷом меёбад, бинобар ин ба андешаи И.В. Гребнев истифодаи технологияи иттилоотӣ ҳангоми татбиқи методи фаҳмониш-тавзеҳотии таълим хуб мешуд тавассути компютер фаъолиятҳои хонандагон зимни истифодаи иттилооти пешниҳодкардаи омӯзгор, дастгирӣ карда шавад.

Методҳои репродуктивӣ тарзи таҷдид ва такрори фаъолиятҳоро аз рӯйи супоришоти омӯзгор дар бар мегиранд. Онҳо барои дар хонандагон пайдо намудани малакаву маҳоратҳо ва ҳалли масоили маъмулӣ, васл кардани нақшаҳо, иҷро кардани амалҳои андозагирӣ дар корҳои намунавӣ, таҷдид ва назорат аз болои азхудкунии донишҳои ҳатмӣ истифода мешаванд. Дастгирии компютерии ин метод дар шакли барномаҳои таълимии омӯзишӣ ва барномаҳои назоратӣ (мониторингӣ) амалӣ карда мешавад. Самаранокии истифодаи ин методҳои таълим бо алгоритмикунонии амалиёти хонандагон муайян карда мешавад.

Тавассути компютер ҳал кардани масъалаҳои физикӣ, имконияти амалигардонии такрор барои фаҳмонидани якчандкарата, илова бар ин, аз ҷойи дилхоҳ оғоз намудани фаъолияти таълимӣ вуҷуд дорад, дар ҳоле ки хонандагон маводро мустақилона (дар шакли алоҳида) азхуд мекунанд. Масъалаҳои машқӣ барои устуворгардонии малакаву маҳоратҳои азхудкардашуда пешбинӣ шудаанд. Онҳоро барои коркарди малакаҳои математикӣ истифода кардан самаранок аст. Компютер имконият фароҳам меорад, ки дурустии ҷавобҳои хонандагон зуд ошкор карда шавад ва ин имкон медиҳад ба онҳо фавран кӯмак расонида шавад.

Моҳияти методи баёни проблемавӣ дар он аст, ки омӯзгор ягон проблемаро пешниҳод намуда, онро худаш ҳал мекунад. Хонандагон, ҳамзамон аз рӯйи мантиқи баён фикран мушоҳида мекунанд. Гарчанде ки онҳо дар чунин методи таълим иштирок намекунанд, аммо ҳамчун мушоҳидачиён дар ҷараёни мулоҳизаронӣ ширкат меварзанд. Хонандагон низ доир ба ҳалли масъалаҳои маърифатӣ маълумоти хуб ба даст меоранд.

Масъалаи ворид сохтани компютер ба ҷараёни гузориш ва ҳалли масоили проблемавӣ ба мушкилие рӯ ба рӯ меорад, ки он ба зиддияти диалектикии вазъияти проблемавӣ вобаста асту ба расмият даровраданаш хеле мушкил аст ва аз ин рӯ, ба мундариҷаи барномаи педагогӣ ворид намудани он низ душвор аст. Илова бар ин, истифодаи компютер дар татбиқи ин метод сатҳи нисбатан баланди дониш, ҳавасмандӣ ба омӯзиш, ташаккули малакаҳои муайянро дар кори эҷодӣ тақозо мекунад. На ҳамаи хонандагон ба ин талабот мутобиқат мекунанд, аз ин рӯ барои татбиқи методҳои самараноки таълим маҳдудиятҳои муайян ҷой доранд. Чӣ тавре ки аз лиҳози баёни мантиқии маводи таълимӣ бармеояд, дар амал онҳо бештар вонамехӯранд.

Дар робита ба ин, истифодаи компютерҳо зимни татбиқи методи проблемавӣ-инкишофёбии таълим пеш аз ҳама барои фардикунонии кӯмакрасонӣ, сатҳи мустақилият ва шаклҳои луқмапартоӣ пешбинӣ шудааст.

Методи ҷустуҷӯйӣ (эврестикӣ) сатҳи баландтари мустақилиятро тақозо мекунад. Истифодаи методҳои эвристикӣ дар дарсҳои физика ба табиати дедуктивии маводи омӯхташаванда такя мекунад: аксари донишҳо он қадар нав нестанд ва дар натиҷаи хулосаҳои мантиқӣ, математикӣ, табдилдиҳӣ ба даст оварда шудаанд. Ин маънои онро дорад, ки методҳои коркардшудаи азхудкунии донишҳои нав бештари мавзӯъҳои курси физикаро барои омӯзиши эвристӣ мувофиқ сохта метавонанд. Ин метод аз омӯзгор талаб мекунад, ки хонандагонро ба татбиқи марҳилаҳои инфиродии ҷустуҷӯ ҷалб намояд. Ҳар як марҳила бояд иҷрошаванда бошанд.

Самаранокии методи эвристикӣ бо истифодаи компютер аз ҷониби хонандагон ба мустақилона пешниҳод намудани ҷавоби саволу супоришоти пешниҳодшуда ва аз дурустии ҷавобу саволҳои қаблӣ вобаста мебошад. Аксар вақт саволҳои мураккабтари умумӣ пешниҳод мегарданд ва ҳангоми посуххои номуваффақ онҳо ба саволҳои кӯтоҳ тақсим карда мешаванд.

Методи тадқиқотӣ ҳамчун воситаи беҳтарини ҷамъбасти дониш истифода бурда мешавад, то ин ки хонандагон тарзи андӯхтани донишро омӯзад, раванд ё ҳодисаро тадқиқ намояд, хулоса барорад ва донишу малакаҳои ба даст овардаашонро дар ҳаёт татбиқ намоянд. Методи тадқиқотии таълим эҷодкорона азхудкунии донишро дар назар дорад.

Аз рӯйи баҳодиҳии як қатор педагогҳо, технологияи иттилоотӣ барои татбиқи методи тадқиқотии таълим дар шакли ҳалли масъалаҳои эҷодӣ аз ҷониби хонандагон имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.

Минина Е.Е. [13] қайд менамояд, ки ҳангоми васеъ истифода кардани компютерҳои фардӣ дар ҷараёни таълим, методҳои анъанавӣ сифатан тағйир меёбанд. Ҳамаи шаклҳои кори мустақилонаи хонандагон ҳам аз ҷиҳати амиқӣ ва ҳам аз рӯйи ҳаҷм васеъ мешаванд, зеро компютер воситаи самарабахши коркарди натиҷаҳои ин корҳо, ташхиси фаъолият ва ислоҳи хатоҳои ҳар як хонанда мебошад.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки тавассути истифодаи методҳои гуногуни таълим натиҷаҳои назаррас ба даст овардан мумкин аст: барои хонандагони аълохон методҳои мустақилона азхудкунии дониш, эвристикӣ ва тадқиқотӣ бештар муфид барои сустхонҳо методҳои фаҳмонидан-тавзеҳотӣ ва репродуктивӣ фоиданок мебошанд. Бо чунин тафриқа, ҳамаи хонандагон барои омӯзиши маводи таълимӣ тақрибан вақти якхела сарф мекунанд, аммо бо пайдарпайии гуногун онро ба анҷом мерасонанд. Бартарии чунин тафриқа солҳои пеш нишон дода шудааст, аммо ташкили чунин як дарси воқеӣ барои омӯзгор амалан ғайриимкон

аст. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар дарс имкон медиҳад, ки тафовут ва шабеҳияти методҳои таълимро ҷудо намоем.

Компютер яке аз воситаҳои ташкили фаъолияти мустақилонаи хонандагон мебошад. Истифодаи компютерро дар доираи шаклҳои гуногуни ташкили ин фаъолият таҳлил мекунем.

Барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир шаклҳои гуногуни гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ хос аст. Таҳти мафҳуми шаклҳои гуногуни дарсҳо истифодаи методҳои гуногуни ташкили таълим фаҳмида мешавад, ки хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро тавассути фароҳам овардани имконияти иштирок дар амалиёти гуногун фаъол мегардонанд. Зимни гузариш ба шакли нави фаъолият дар хонандагон муносибати мусбии эҳсосӣ ташаккул меёбад, ки боиси рушди шавқу ҳаваси маърифатӣ гардида метавонад.

Дар адабиёти педагогӣ се шакли фаъолияти хонандагон маъмуланд:

- фардӣ, вақте ки фаъолияти хонандаи алоҳида оид ба азхудкунии маводи таълимӣ ба роҳ монда шудааст;

- гурӯҳӣ, вақте ки барои азхудкунии маводи таълимӣ фаъолияти як гуруҳи хурди хонандагон (3-5 нафар) ташкил карда мешавад;

- фронталӣ, вақте ки омӯзгор дар як вақт бо тамоми аҳли синф кор мекунад.

Масъалаи ташкили шаклҳои гуногуни фаъолияти маърифатии хонандагон тавассути компютер ҳамаҷониба омӯхта мешаванд, гарчанде ки доир ба ин масъала ҳанӯз назари ягона ташаккул наёфтааст.

Е.В. Полат [16] таъкид мекунад, ки дар раванди ташкили шаклҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагон компютерҳоро истифода бурдан мумкин аст.

Одатан, хусусиятҳои кори хонандагон бо компютер тавсифоти фардӣ дорад. Аз дидактика маълум аст, ки маҳз фаъолияти мустақилонаи инфиродӣ боиси ташаккули донишҳои амиқ ва малакаҳои устувор гардида метавонад.

Ҳамзамон, тадқиқоти баъзе педагогҳо нишон медиҳад, ки танҳо ба якчанд хонанда ба таври инфиродӣ кор кардан беҳтар аст, зеро ҳангоми ташкили корҳои гурӯҳӣ, дар гурӯҳ «роҳбароне» пайдо мешаванд, ки ба фаъолияти хонандагон халал расонида, ташаббусҳоро ба дасти худ мегиранд.

Таҷрибаи шахсии мо нишон медиҳад, ки татбиқи компютер дар зинаи аввали омӯзиши физика вақте хонандагон малакаҳои кор бо компютерро надоранд, ташкили фаъолияти фронталии хонандагон бо як барномаи мураккаб тавсия дода мешавад. Дар ин ҳолат омӯзгор имкон пайдо мекунад, ки фаъолияти хонандагонро идора кунаду онҳо натиҷаҳои хубро бо сарфи камтари вақт ба даст оранд, аз хонандагони муассиса тарсу ҳаросро нибат ба компютер дур кунад.

Шакли гурӯҳии кор дар ҳолате ба роҳ монда мешавад, ки хонандагон доир ба техникаи компютерӣ донишҳои кофӣ дошта бошанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагони тавонотар дар иҷрои супоришоти пешниҳодкардаи омӯзгор ба хонандагони дигар кӯмак расонанд. Мавриди бо чунин шакл гузаронидани машғулиятҳо, мустақилияти хонандагон ташаккул меёбад ва ин кори омӯзгорро осон мегардонад: ӯ акнун бо тамоми синф кор намекунад, балки ба гурӯҳҳо машварат медиҳад.

Зинаи баландтари дониши хонандагон доир ба технологияи компютерӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки фаъолияти ҳар як хонандаро бо кӯмаки камтарин ташкил намояд ва мазмуну мундариҷаи маводи таълимӣ бошад, дар навбати худ имкон медиҳад, ки эшон мустақилона кор кунанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти педагогию методӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидаашон нишон медиҳанд, ки интихоби шакли ташкили фаъолияти маърифатии хонандагон ҳангоми кор бо компютер, ба чунин талаботи дидактикӣ вобастаанд:

- омодагии хонандагон барои кор бо компютер;
- шакл ва мундариҷаи барномаҳо;
- мураккабии супоришоти гузошташуда;
- барои иҷрои вазифа ҷудо намудани вақт.

Ҳангоме ки омӯзгор вобаста ба мақсадҳои таълим шаклҳои гуногуни ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатиро дар ҳамбастагӣ истифода мекунад, самараи бештар ба даст меояд. Корҳои мустақилонаи хонандагон дар дарсҳои физика тавассути компютер, ки бо истифодаи шаклҳо ва методҳои гуногуни таълим ташкил карда мешаванд, ба татбиқи принсипҳои омӯзиши пурра, бошуурона ва фаъолона мусоидат менамоянд.

*Адабиёт*

1. *Гершунский, Б.С. Компьютеризация в сфере образования: проблемы и перспективы / Б.С. Гершунский. - М.: Педагогика, 1987. - 216 с.*
2. *Извозчиков, В.А. Применение ЭВМ при обучении физики / В.А. Извозчиков, В.П. Мартышенко // Использование физического эксперимента и ЭВМ в учебном процессе. - Свердловск: СГПИ, 1987. - С. 89-92.*
3. *Извозчиков, В.А. Электронно-вычислительная техника на уроках физики в средней школе / В.А. Извозчиков, А.Д. Ревунов. – М.: Просвещение, 1988. - 238 с.*
4. *Киселев, Б.Г. Организация использования ЭВМ в ходе компьютерного урока / Б.Г. Киселев, Н.М. Леонов. - М., 1987. - 54 с.*
5. *Козел, С. М. Учебный курс "Физика на компьютере" в Московском физико-техническом институте / С.М. Козел, Н. Н. Соболева // Физическое образование в ВУЗАХ. - 1996. - № 1. - С. 26 - 29.*
6. *Кон, И. С. Психология ранней юности: Кн. для учителей/ И.С. Кон. -М.: Просвещение, 1995. - 496 с.*
7. *Кручинина, Г. А. Готовность будущего учителя к использованию новых информационных технологий обучения / Г.А. Кручинина. - М., 1996. - 176 с.*
8. *Кулаева, М.Я. Применение новых компьютерных технологий в обучении физике / М.Я. Кулаева // Преподавание физики в высшей школе. - М., 1994.- № 1. С. 73 - 87.*
9. *Лаптев, В. В. Современная электронная техника в обучении физики в школе / В.В. Лаптев. - Л., 1988.- 84 с.*
10. *Лебедева, М. Б. Применение педагогических программных средств вычислительной техники в учебных заведениях профтехобразования / М. Б. Лебедева. - Л., 1989. - 31 с.*
11. *Леонтьев, А.И. Потребности, мотивы, сознание / А.И. Леонтьев // 18-й Международный психологический конгресс: Симпозиум 13: Мотивы и сознание в поведении человека. - М.: Изд-во МГУ, 1972. - 575 с.*
12. *Мавлонов, И. Ш. Методикаи истифодаи маҷмӯи корҳои мустақилонаи тавсифоти эҷодидошта дар зинаҳои гуногуни омӯзиши физика / И. Ш. Мавлонов, У. С. Умаров, У. Х. Раҷабов // Вестник Педагогического университета. Серия 2: Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. – 2020. – No. 3 (3). – С. 205 - 212.*
13. *Минина, Е.Е. Дидактические условия использования компьютерных технологий преподавания физики в средней школе: автореф. дисс... канд. пед. наук/ Е.Е. Минина. - Екатеринбург, 1994. - 16 с.*
14. *Немов, Р.С. Психология. Учеб. для студентов высш. пед. учеб. заведений. В 3 кн. Кн. 2. Психология образования / Р.С. Немов. -М.: Просвещение, 1995. - 496 с.*
15. *Педагогика: Учебное пособие для студентов педагогических учебных заведений / В.А. Сластенин, И.Ф. Исаев и др. -М.: Школа -Пресс, 1997. -512 с.*
16. *Полат, Е.В. Проблемы использования компьютеров в системе образования развитых капиталистических стран / Е.В. Полат // Информатика и образования. 1987. -№ 4. - С. 106-113.*
17. *Талызина, Н.Ф. Управление процессом усвоения знаний / Н.Ф. Талызина. -М.: Изд-во МГУ, 1984.-344 с.*
18. *Шамова, Т. И. Активизация учения школьников / Т.И. Шамова. -М.: Знание, 1979. -96 с.*
19. *Шукюров, Р. Ю. Применение вычислительной техники как средства активизации познавательной деятельности школьников на уроках физики: дис... канд. пед. наук / Р. Ю. Шукюров. - Баку, 1989. – 260 с.*

## ИСТИФОДАИ КОМПЮТЕР ДАР ТАШКИЛИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ТАВСИФОТИ ЭҶОДИДОШТАИ ХОНАНДАГОН АЗ ФИЗИКА

Дар мақолаи мазкур тавассути компютер ташкилу гузаронидани кори мустақилонаи тавсифоти эҷодидоштаи хонандагон аз физика муоина мегардад. Зимни таҳлили адабиёти педагогию методӣ ва таҷрибаи кори хеш муаллиф ошкор намуд, ки омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳоло ҳам барои иҷрои корҳои мустақилона вақти кофӣ ҷудо карда наметавонанд. Сабабаҳои асосиаш дар ҷараёни таълим омӯзгор нақши асосӣ дошта, бо шумораи зиёди хонандагони синф кор мекунад. Тавсия дода мешавад, ки омӯзгор дар ҷараёни таълим бояд иҷрокунандаи нақши асосӣ бошад, на ин ки пешниҳодкунандаи иттилоот. Дар чунин шароит омӯзгор на ҳамеша метавонад ҳам маводи таълимиро баён намояду ҳам кори мустақилонаи хонандагонро ташкил намояд. Имкониятҳои ташкили самараноки раванди фаъолияти мустақилонаи таълимию маърифатии хонандагонро дар дарсҳои физика бо истифодаи компютерҳо асоснок карда, муаллиф чунин меандешад, ки истифодаи компютер дар ҷараёни дарс чунин бартариҳо ба хонандагон пешниҳод мекунад: а) имконияти зуд ҷустуҷӯ кардани маводи таълимӣ-иттилоотӣ; б) имконияти иҷро кардани вазифаҳое, ки ба сатҳи инкишофи зеҳнии инфиродии хонандагон мувофиқанд; в) имконияти ташаккул додани фаъолияти маърифатии аксарияти хонандагон ҳангоми кор бо компютер. Тавассути компютер ҳал кардани масъалаҳои физикӣ, имконияти амалигардонии такрор барои фаҳмонидани якчандкарата, илова бар ин, аз ҷойи дилхоҳ оғоз намудани фаъолияти таълимӣ вуҷуд дорад, дар ҳоле ки хонандагон маводро мустақилона азхуд мекунанд. Масъалаҳои машқӣ барои устуворгардонии малакаву маҳоратҳои азхудкардашуда пешбинӣ шудаанд. Онҳоро барои коркарди малакаҳои математикӣ истифода кардан самаранок аст. Компютер имконият фароҳам меорад, ки дурустии ҷавобҳои хонандагон зуд ошкор карда шавад ва ин имкон медиҳад ба онҳо фавран кӯмак расонида шавад.

**Калидвожаҳо:** компютер, кори мустақилона, физика, дарси физика, омӯзгор, технологияи информатсионӣ, метод, хонандагон, методи эвристикӣ.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ КОМПЬЮТЕРА ПРИ ОРГАНИЗАЦИИ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ ТВОРЧЕСКОГО ХАРАКТЕРА УЧАЩИХСЯ ПО ФИЗИКЕ

В данной статье рассматривается организация и проведение самостоятельной работы творческого характера учащихся по физике с помощью компьютера. В ходе анализа педагогической и методической литературы и своего опыта работы автор выявил, что преподаватели средних общеобразовательных учреждений до сих пор не могут уделять достаточного времени самостоятельной работе. Основная причина заключается в том, что преподаватель играет главную роль в учебном процессе и работает с большим количеством учащихся. Рекомендуется, чтобы главную роль в процессе обучения играл преподаватель, а не тот кто излагает информацию. В таких условиях учитель не всегда может и подать учебный материал и организовать самостоятельную работу учащихся. Обосновав возможности эффективной организации процесса самостоятельной учебно-познавательной деятельности учащихся на уроках физики с использованием компьютеров, автор считает, что использование компьютеров на уроке дает учащимся следующие преимущества: а) возможность быстрый поиск учебных и информационных материалов; б) возможность выполнения заданий, соответствующих уровню индивидуального интеллектуального развития обучающихся; в) возможность формирования познавательной активности большинства учащихся при работе на компьютере. С помощью компьютера имеется возможность решения задач по физике, возможность осуществления повторения для понимания несколько раз, кроме того, начало учебной деятельности с любого места, при этом учащиеся осваивают материал самостоятельно. Планируются упражнения для закрепления приобретенных навыков. Их эффективно использовать для развития математических навыков. Компьютер дает возможность быстро выявить правильность ответов учащихся, и это позволяет немедленно оказать им помощь.

**Ключевые слова:** компьютер, самостоятельная работа, физика, урок физики, учитель, информационные технологии, метод, учащиеся, эвристический метод.

## USE OF A COMPUTER IN ORGANIZING INDEPENDENT WORK OF CREATIVE STUDENTS IN PHYSICS

This article discusses the organization and conduct of independent creative work by students in physics using a computer. In the course of analyzing pedagogical and methodological literature and his own work experience, the author discovered that teachers of secondary educational institutions still cannot devote sufficient time to independent work. The main reason is that the teacher plays a major role in the learning process and works with a large number of students. It is recommended that the main role in the learning process be played by the teacher, and not by the one who presents the information. In such conditions, the teacher cannot always present educational material and organize students' independent work. Having substantiated the possibilities of effectively organizing the process of independent educational and cognitive activity of students in physics lessons using computers, the author believes that the use of computers in the classroom gives students the following advantages: a) the ability to quickly search for educational and information materials; b) the ability to complete tasks corresponding to the level of individual intellectual development of students; c) the possibility of forming the cognitive activity of most students when working on a computer. With the help of a computer, it is possible to solve problems in physics, the ability to repeat for understanding several times, in addition, the beginning of educational activities from any place, while students master the material independently. Exercises are planned to consolidate acquired skills. They can be used effectively to develop math skills. The computer makes it possible to quickly identify the correctness of students' answers, and this allows them to immediately provide assistance.

**Keywords:** computer, independent work, physics, physics lesson, teacher, information technology, method, students, heuristic method.

**Дар бораи муаллиф**
Мавлонов Изатулло Шашаевич
Муаллими калони кафедраи методикаи таълими физика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121
Тел.: (+992) 918 14 64 10

**Об авторе**
Мавлонов Изатулло Шашаевич
Старший преподаватель кафедры методики преподавания физики
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 121
Тел.: (+992) 918 14 64 10

**About the author**
Mavlonov Izatullo Shashaevich
Senior lecturer of the Department of Physics Teaching Methods
Tajik State Pedagogical University named S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 121
Phone: (+992) 918 14 64 10

ТДУ 373+37.02(575.3)

# НАҚШИ ШЕЪРҲОИ ВАТАНДӮСТОНА ДАР ТАҲКИМИ ҲИССИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***Ҷӯраева Х. Ё.***

*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Тарбияи ватандӯстии хонандагон ҳамеша яке аз вазифаҳои муҳими мактаб маҳсуб меёбад. Алалхусус дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ давраи асосӣ ва муҳим барои тарбият кардани онҳо дар руҳияи ватандӯстӣ ва муҳаббат доштан нисбат ба Ватан ба шумор меравад. Тарбияи ватандӯстӣ ин муҳаббати хонандагон ба Ватан фаҳмида мешавад. Ватандӯстӣ яке аз муҳимтарин хусусиятҳои шахс аст, зеро будани инсон дар Ватан инсонро водор месозад, ки ватанро дӯст дорад, ба қадри ҳар як гулу гиёҳи ватанаш бирасад ва барои ҳимояи Ватан ҳамаҷониба омода бошад. Ватан маконест муқаддас. Беҳуда бузурге нагуфтааст, ки "Дӯст доштани Ватан порае аз имон аст".

Хонандагон бояд ҳисси ифтихор аз ватан, мардуми он ва эҳтиром ба саҳифаҳои шоистаи гузаштагонро дошта бошанд: "Огоҳии хуб аз таърихи фарҳангии куҳан на танҳо ифтихори миллиро ба замона созгор месозад, балки ба таҳкими робитаи тамаддунҳо ва халқҳои гуногун дар шароити мураккаби дунёи муосир мусоидат карда, ба густариши сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ заминаи воқеӣ мегузорад" [3, с. 4]. Дар ин хусус барои таълиму тарбияи хонадагони синфҳои ибтидоӣ бисёр чизҳо лозим аст, зеро нақши онҳо дар мавриди мавзуйи баррасишаванда басо муҳим аст. Дӯст доштани Ватан аз гаҳвора ва аз кулбаи падар оғоз шуда, моро то ба паҳнои дунё бурда мерасонад. Яъне, кӯдак муҳаббати Ватанро маҳз дар хонае, ки дар он тавлид шудааст, эҳсос менамояд ва онро дар меҳру муҳаббати падару модар ва аҷдодони худ мебинад. Ва барои мустаҳкам гардидани ин муҳаббат ин ҷо нақши муаллим созгор аст: "Тарбияи кӯдак соҳаи муҳимтарини ҳаёти мо калонсолон аст. Фарзандони мо шаҳрвандони содиқи ватан ва дунё бояд бошанд, зеро маҳз онҳо тавассути таълим ва тарбияи дуруст таърихи навини кишварро ба вуҷуд меоваранд" [9, с. 30].

Муаллим бо шеърҳои ватандӯстона ва ҳар як қиссаву афсонае, ки ба мавзуи Ватан бахшида шудааст ва дар онҳо масъалаи нангу номуси ватандорӣ баррасӣ мешавад, муҳаббати ватанро дар қалби хонандагон устувор мегардонад.

Агар омӯзгор дар кори ҳаррӯзаи худ мунтазам ин мавзуъро бо мавзуи баррасишаванда аз рӯйи нақша зери таҳлилу таҳқиқ қарор бидиҳад, пас хонандагони мо насли инсонҳои боваринок, олиқадр ва зуд бадасторандаи муваффақият ба воя мерасанд. Вақте ки бачаҳо калонтар мешаванд, тавре ки муҳаққиқон қайд кардаанд, дар онҳо эҳсоси ватандӯстӣ оҳиста – оҳиста ташаккул меёбад, яъне зиёд мегардад.

Дар шароити ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва волоияти қонун зарур аст, ки як шахсияти куллан нав, демократӣ тарбия карда шавад. Ва ин шахс дар фаъолияти шахсии худ ва корҳои ҷамъиятӣ низ саҳмгузор бояд бошад. Мактаби муосир бояд дар ташаккули чунин шахсияти ватандӯсту меҳнатпараст саҳми назаррас дошта, дар ташаккули фарҳанги маънавӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ҳамаҷониба саҳмгузор бошад.

Фаҳмиши ватандӯстӣ анъанаи амиқи назариявӣ дорад, ки аз замонҳои қадим оғоз гардидааст. Дар шакли нисбатан рушдёфта, дар навиштаҳои мутафаккирон мисли Макиавелли, Крижанич, Руссо, Фихте муҳаббат ба Ватан ҳамчун арзиши олӣ баҳогузорӣ шудааст. Ватандӯстӣ муҳаббатро ба ватани худ нишон дода, пояҳои маънавӣ ва ахлоқии шахсро дар худи шахс ҳамзамон тарбият менамояд.

Шеърҳои ватандӯстона дар китобҳои забони модарӣ зиёд оварда шудааст. Алалхусус дар китобҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ ин мавзуъ ба таври васеъ матраҳ гардидааст. Ин ҷо аз китоби забони модарӣ барои синфи якум як мисол меорем. Шеъри Ватан, ки дар саҳифаи 167-уми китоб оварда шудааст, хеле равон буда, ба дили хонандагон хуб роҳ меёбад. Аз ёд намудани ин шеър низ хеле осон буда, хонандаи синфи якум бе ягон мушкилӣ байти зеринро аз бар мекунад.

*Васфи ту, Ватан-Модар,*
*Аз шавқ ҳама хонем.*
*Аз дидаву дил беҳтар*
*Имрӯз туро донем.*

*Зебо Ватани моӣ,*
*Гулбоҳу дилороӣ,*
*Пурзӯру тавоноӣ,*
*Машҳур ба дунёӣ.*

| | |
|---|---|
| *Ҳар зарраи хокатро* | *Зебо Ватани моӣ,* |
| *Чун дида нигаҳбонем.* | *Гулбоҳу дилоропӣ,* |
| *Тайёр ба ҳифзат мо* | *Пурзӯру тавоноӣ,* |
| *Доим зи дилу ҷонем.* | *Машҳур ба дунёӣ [2, с. 167].* |

Ин шеър ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ хеле чизҳоро гушрас менамояд, яъне зебогии ватани онҳоро, пурзӯру тавоно будан ва дар тамоми дунё машҳур будани онро. Ин гуна шеърҳоро хонандагон бо камоли эҳтиром ва ҳисси баланди худшиносӣ аз бар менамоянд.

Бисёре аз мутафаккирон ва омӯзгорони даврони гузашта, нақши ватандӯстиро дар раванди ташаккули шахсият муайян намуда, таъсири бисёрҷонибаи онҳоро таъкид кардаанд. Ватандӯстӣ на танҳо вазифаи муҳими тарбия, балки воситаи пуриқтидори педагогӣ мебошад.

Ватандӯстии ҳақиқӣ ин ҳисси дилбастагӣ ба макони, ки шахс дар он ҷо таваллуд шуда, ба воя мерасад. Дӯст доштани ҳар гулу гиёҳе, ки дар ватанаш мерӯяд, ҳар он кӯҳу талу теппаву пуштаҳое, ки ӯро иҳота мекунанд ва эҳтиром доштан ба забони халқи худ аст.

Дарк кардани қарзи Ватан, ҳимояи шаъну шарафи он, садоқат ба Ватан, ифтихор аз дастовардҳои Ватан доштан, муносибати эҳтиромона ба гузаштаи Ватан, халқи худ, расму анъанаҳои он доштан вазифаи инсонии ҳар як шахси ватандор мебошад. Инчунин барои тақдири Ватан ва мардуми он бетараф набудан, бароиояндаи Ватан амалҳои ватандӯстона ба анҷом расонидан ва барои шукуфоиву ободии Ватан кӯшидан аз бедор будани инсон дарак медиҳад "Ифтихор аз таърих, фарҳанг, забон ва анъанаҳои наҷибу ҷовидонаи миллат як рукни бисёр муҳими истиқлоли давлатӣ мебошад" [3, с. 7].

Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ барои хонандагон гузаронидани дарсҳои ҷасорат хеле муҳиманд. Ҳар як омӯзгор бояд дар дарсҳо мунтазам оид ба рамзҳои давлатии кишвар сӯҳбатҳо гузаронад. Яъне дар бораи нишони давлатӣ, парчам, матн ва суруди миллӣ маълумот дода, бо чи мушкилиҳои зиёд ба даст омадани ин арзишҳои миллиро ба хонандагон фаҳмонад. Инчунин дар бораи қаҳрамонҳои миллат ва ҷонфидоиҳои онҳо ба хонандагон маълумот диҳад, то бачаҳо онҳоро бишносанд ва нисбати онҳо ҳисси баланди ифтихормандӣ дошта бошанд. Ва дар навбати худ ба оламиён низ миллати фарҳангиву тамаддунофари хешро шиносонида тавонем. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни ҳамаи суханрониҳои худ ба мо аз фарҳангӣ будани миллати мо доимо гушрас менамоянд: "Ба оламиён муаррифӣ кардани осори илмиву адабӣ ва намунаҳои фарҳанги тоҷикон ҳамчун миллати соҳибмаърифату тамаддунсоз, шаҳрсозу шаҳрдор ва соҳиби девону дафтар аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини мо ба ҳисоб меравад" [7, с. 638].

Ҳамин тариқ, ҳисси ватандӯстӣ дар хонандагон тавассути арзишҳои миллӣ бедор гардида, ба воситаи шеърҳо пурра мешаванд.

Масалан дар китоби синфи дуюм шеъри "Парчами мо" оварда шудааст, ки ин шеър низ хеле сода ва равон буда, барои аз бар намудани он хонандагон ягон мушкилӣ намекашанд. Мазмуни шеър чунин аст:

*Парчами хушранги мо,*
*Ҷилваи ту ҷонфизо.*
*Ҷониби фардо равем*
*Таҳти ту, ай фахри мо! [8, с. 13].*

Дар ин китоб шеърҳои зиёде бахшида ба мавзуи Ватан, Тоҷикистон, пойтахти азизамон шаҳри Душанбе, рамзҳои давлатии ватанамон, инчунин сулҳ ва дигар мавзуъҳое, ки дорои ғояҳои ватандӯстиву ватанпарастӣ аст, оварда шудааст, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо ҳисси баланди ватандориву меҳанпарастӣ онҳоро аз бар менамоянд. Масалан дар китоби забони модарии синфи дуюм дар саҳифаи 31-ум шеъри "Ватан" оварда шудааст, ки парастиши ватан ва муқаддасу пок доштани хоки ватанро ба хонандагон талқин менамояд:

*Хоки Ватанам сурмаи чашмони ман аст,*
*Рӯйи Ватанам ойнаи рахшони ман аст.*
*Нури Ватанам офтоби тобони ман аст,*
*Меҳри Ватанам дар дили ҷӯшони ман аст [8, с. 31].*

Шоир дар ин порчаи шеърӣ хоки ватанро ба сурмаи чашм баробар кардааст. Дар мисраъҳои баъдӣ рӯйи ватанро бар оинаи рахшону нури ватанро бар офтоби тобон, ки ҳар рӯз ба мо рӯ менамояд ва бо гармиву равшании худ ба ҳаёти мо нури дигар мебахшад, монанд менамояд.

Аз китоби синфи 3-юм низ ин гуна мисол овардан мумкин аст, ки дӯст доштани ватан ва ҳар як ҷузъи он хуб васф шудааст:

*Тоҷикистони зи ҷон ширинтарам,*
*Тоҷикистони ҷавону дилбарам.*
*Мисли тифле дӯст медорам туро,*
*Аз ту ояд бӯйи шири модарам.*

*Дӯст дорам халқи гулдасти туро,*
*Чашмаҳову рӯди пуршасти туро.*
*Дӯст дорам кӯҳу даштатро зи ҷон,*
*Ҳар ғизоли шӯху сармасти туро [11, с. 12].*

Муаллифи шеър Ҳадиса Қурбонова ватанро хеле хуб тараннум кардааст. Дар шеър таъкид мешавад, ки ватанро бо ҳама буду набудаш дӯст бояд дошт. Дар баробари дӯст доштани Ватан тамоми он мавҷудиятҳое, ки ватанро иҳота кардааст, аз ҷумлаи хоки Ватан, оби Ватан, ҳавои Ватан ва ҳама он гулу гиёҳе, ки дар Ватан аст, чи гунае, ки шоир зикр кардааст, боғу роғу резасангони ватан, ҳар ниҳоли сабзи он, халқи гулдасти ватан, руди пуршасти ватан, кӯҳу дашту ҳар ғизоли шӯху сармасти ватанро дӯст бояд дошт.

*Дӯст дорам резасангони туро,*
*Боғу роғи пур зи эҳсони туро.*
*Дӯст дорам ҳар ниҳоли сабзи ту,*
*Ҳам Бадахшон, ҳам Зарафшони туро.*

Шеъри дигареро дар ин мавзуъ аз китоби забони модарии синфи чорум мисол меорем:

*Ватан дар синаам бо ин бузургӣ*
*Ба монанди диле маъво гирифтаст,*
*Ки гӯё чун раги хун аз дили ман*
*Ба саҳро роҳи нав дарё гирифтаст [3, с. 12].*

Тарбияи ватандӯстӣ муҳимтарин ҳалқаи системаи таълими иловагии хонандагон аст, ки он маҳз дар синф барои баланд гардидани шуури ватандӯстӣ ва ҳисси ватандӯстӣ хизмат менамояд. Корҳои таълимиву тарбиявие, ки дар мавзуи Ватан дар мактаб ба анҷом мерасад, барои дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия ёфтани хонандагон кӯмак мерасонад.

Аз ин хотир тарбияи ватандӯстии хонандагон ҳамеша вазифаи муҳимтарини омӯзгорони мактаб ба шумор меравад. Ва омӯзгор вазифадор аст, ки меҳру муҳаббати ватанро дар дили хонандагон бедор кунад ва шинохти онро дар қалби онҳо пурқувват намояд. Барои ватанро дӯст доштан гузаштаи худро донистан, яъне аз таърихи халқи худ воқиф будан лозим: “Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем ва онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем” [10, с. 636].

Мактаб ҳамеша ҳисси озодӣ, ваҳдат, баробарӣ ва бародариро дар хонандагон ташаккул додааст. Моҳияти мафҳуми “ватандӯстӣ” муҳаббатро ба Ватан, ба замине, ки ӯ дар он таваллуд шуда ба воя расидааст, ифтихор аз дастовардҳои таърихии мардум ифода мекунад. Ва бо ин ҳама бузургии ватани хеш бояд шукрона кард: “Ҳар лаҳза шукронаи оби шаффофаш, хоки ҳосилхезаш, меваҳои лазизаш, кӯҳҳои сарбаландаш, суруди чашмасоронаш, навои булбулу кабкҳои хушхиромаш мекунам” [1, с. 10].

Хулоса, ҳамаи шоирону нависандагони мо дар васфи ватан шеърҳову қиссаҳо сурудаанд, ки онҳо арзиши бебаҳои таърихӣ доранд. Дар китобҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ аз ашъори шоирони муосир шеърҳои зиёде мисол оварда шудааст, ки дар хонандагон ҳисси баланди ифтихор аз ватанро бедор менамояд. Алалхусус дар даврони Истиқлол шоирони муосири мо шеърҳои хубу дилнишине эҷод намудаанд, ки маънии баландашон ба кас руҳу тавони тозаву бузург мебахшад.

***Адабиёт***


1. *Абдуллоев, И. Забони модарӣ синфи 3. / И. Абдуллоев, З. Абдуллоев, Б. Боронов, З. Дорғабеков. – Душанбе: Собириён, 2012. - 210 с.*
2. *Байзоев, А. Забони модарӣ / А. Байзоев, А. Аҳмадбекова, Г. Машокирова, Ҷ. Зубайдова, Ҷ. Абдуллоев. синфи 1. – Душанбе: Маориф, 2021. -192 с.*
3. *Зиёев, М. Забони модарӣ / М. Зиёев, Ф. Олимова, Б. Зоолишоева. синфи 4. –Душанбе: Маориф, 2021. - 280 с.*
4. *Икромова, Ф. Бой намудани захираи луғати талабагони синфи як дар дарсҳои хониш. Маҷмӯаи илмӣ, ҷилди 79. ИПДД ба номи Т. Г. Шевченко. / Ф. Икромова. – Душанбе, 1971. - 48 с.*
5. *Каримов, Ш.Б. Тасвири зан дар тарҷеоти Муҳаммад Ғоиб / Ш.Б. Каримов. //Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ №2 (85), 2020. - С. 140 - 142*

6. *Лутфуллоев, М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ / М. Лутфуллоев. – Душанбе: Собириён, 2007. - 46 с.*
7. *Лутфуллоев, М. Дастурамал оид ба таълими Субҳи дониш / М. Лутфуллоев. – Душанбе: Маориф, 1983. - 43 с.*
8. *Лутфуллоев, М. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ / М. Лутфуллоев. – Душанбе: Маориф, 1985. - 375 с.*
9. *Мирзоева, А. Нақши тарбияи ахлоқӣ дар ташаккули шахсияти ҷавонон / А. Мирзоев., Қосимов Қ.А. – 2015 №6 (67) - С. 28 - 37*
10. *Шарипов, Р. Аз паём то паём. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” 26 декабри 2019 соли шаҳри Душанбе / Р. Шарипов, Қ. Тураев, С. Зоиров. –Душанбе, 2022. - 724 с.*
11. *Шарифзода, Ф. Забони модарӣ синфи 2. / Ф. Шарифзода, М. Лутфуллозода, Б. Ғаниева. – Душанбе: Маориф, 2012. - 320 с.*
12. *Эмомалӣ, Р. Чеҳраҳои мондагор / Р. Эмомалӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2023. - 424 с.*

## НАҚШИ ШЕЪРҲОИ ВАТАНДӮСТОНА ДАР ТАҲКИМИ ҲИССИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар ин мақола сухан дар бораи тарбияи ватандӯстии хонандагон, ки ҳамеша яке аз вазифаҳои муҳими мактаби муосир буд, меравад ва амалӣ шудани ин вазифа дар синфҳои ибтидоӣ давраи асосӣ ва муҳим маҳсуб меёбад. Мувофиқи ақидаи муаллиф, ин мавзуъ дар адабиёт яке аз мавзуъҳои ҷовидона ба шумор рафта, барои тарбият намудани хонандагон дар руҳияи ватандӯстӣ хизмат менамояд. Мусаллам аст, ки тарбияи ватандӯстӣ ин муҳаббати хонандагон ба Ватан фаҳмида мешавад. Муаллиф дар мақола ватандӯстиро яке аз муҳимтарин хусусиятҳои шахс мешуморад, зеро будани инсон дар ватан инсонро водор месозад, ки ватанро дӯст дорад, ба қадри ҳар як гулу гиёҳаш бирасад ва барои ҳимояи ватан ҳамаҷониба омода бошад. Гуфтан мумкин аст, ки ватан маконест муқаддас. Ин суханро муаллиф бамаврид овардааст, ки “Дӯст доштани Ватан порае аз имон аст”. Хонандагон бояд ҳисси ифтихор аз ватан, мардуми он ва эҳтиром ба саҳифаҳои шоистаи гузаштагонро дошта бошанд. Дар ин хусус барои таълиму тарбияи хонадагони синфҳои ибтидоӣ бисёр чизҳо лозим аст, зеро нақши онҳо дар мавриди мавзуйи баррасишаванда басо муҳим аст. Дӯст доштани Ватан аз гаҳвора ва аз шири поки модару кулбаи падар оғоз шуда, моро то ба паҳнои дунё бурда мерасонад. Аз муҳтавои мақола маълум аст, ки муаллиф ҳангоми таълифи мақола мавзуи мазкурро ҳамаҷониба таҳлил намудааст.

**Калидвожаҳо**: муаллиф, мақола, забони модарӣ, тарбияи ватандӯстӣ, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, Ватан, дӯст доштан, ватандӯстӣ, гузаштагон, таълиму тарбия, муҳаббат ба Ватан, мактаб, сулҳ, ҳисси ватанхоҳӣ, нишони давлатӣ, парчам, суруди миллӣ, инсондӯстӣ.

## РОЛЬ ПАТРИОТИЧЕСКИХ СТИХОВ В РАЗВИТИИ ЧУВСТВА НАЦИОНАЛЬНОГО САМОПОЗНАНИЯ В МЛАДШИХ КЛАССАХ

В данной статье говорится о воспитании патриотизма учащихся, что всегда было одной из важных задач современной школы, а реализация этой задачи в начальных классах считается основным и важным периодом. По мнению автора, эта тема является одной из вечных в литературе и служит воспитанию учащихся в духе патриотизма. Важно, что воспитание патриотизма понимается как любовь учащихся к Родине. В статье автор рассматривает патриотизм как одну из важнейших характеристик человека, ведь пребывание в стране заставляет человека любить страну, ценить каждый цветок и растение и быть во всеоружии готовым защитить страну. Можно сказать, что Родина – священное место. Автор обосновал это высказыванием: «Любить Родину – это часть веры». У читателей должно возникнуть чувство гордости за страну, ее народ и уважение к достойным страницам прошлого. В связи с этим необходимо многое для обучения и воспитания учащихся начальной школы, ведь их роль в рассматриваемом предмете очень важна. Любовь к Родине начинается с колыбели, с чистого молока матери и избы отца и уносит нас в широту мира. Из содержания статьи видно, что автор при написании статьи тщательно проанализировал данную тему.

**Ключевые слова:** автор, статья, родной язык, воспитание патриотизма, учащиеся начальных классов, Родина, любить, патриотизм, предки, воспитание, любовь к Родине, школа, мир, чувство патриотизма, государственный герб, флаг, гимн, человечество.

## THE ROLE OF PATRIOTIC POEMS IN THE DEVELOPMENT OF A SENSE OF NATIONAL SELF-KNOWLEDGE IN

This article talks about instilling patriotism in students, which has always been one of the important tasks of a modern school, and the implementation of this task in the primary grades is considered the main and important period. According to the author, this topic is one of the eternal ones in literature and serves to educate students in the spirit of patriotism. It is important that the education of patriotism is understood as students’ love for the Motherland. In the article, the author considers patriotism as one of the most important characteristics of a person, because staying in a country makes a person love the country, appreciate every flower and plant and be fully prepared to defend the country. We can say that the Motherland is a sacred place. The author justified this by saying: “Loving the Motherland is part of faith.” Readers should have a

sense of pride in the country, its people and respect for the worthy pages of the past. In this regard, a lot is needed for the training and education of primary school students, because their role in the subject under consideration is very important. Love for the Motherland begins from the cradle, with the pure milk of the mother and the father's hut, and takes us into the vastness of the world. From the content of the article it is clear that the author carefully analyzed this topic when writing the article.

**Keywords:** author, article, native language, education of patriotism, primary school students, Motherland, love, patriotism, ancestors, education, love for the Motherland, school, peace, sense of patriotism, state emblem, flag, anthem, humanity.

**Дар бораи муаллиф**
Ҷӯраева Хубонгул Ёрмаҳмадовна
Номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 907 04 09 78
E-mail: hubonguljuraeva@mail.com

**Об авторе**
Джураева Хубонгул Ёрмахмадовна
Кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры методика начального обучения
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 907 04 08 78
E-mail: hubonguljuraeva@mail.com

**About the author**
Dzhuraeva Khubongul Yormakhmadovna
Candidate of Philology, Senior Lecturer of the Department of Primary Education Methods
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 907 04 08 78
E-mail: hubonguljuraeva@mail.com

ТДУ 37:159.7

# УСУЛҲОИ ТАШХИСИ МУТОБИҚШАВИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФИ ЯКУМ БА МУҲИТИ ТАҲСИЛОТӢ

***Маҷидова Б., Шайхова Н. П.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Масъалаи мутобиқшавии кӯдак ба мактаб, рушди психикӣ ва шахсиятии ӯ дар назди психологони муассиса вазифа мегузорад, ки муоина ва ташхиси дурустро барои баҳогузории дараҷаи мутобиқшавӣ интихоб намоянд.

Саволе ба миён меояд: чӣ гуна ва кӣ омӯзгор, психологи мактаб, духтур, волидон бо истифодаи кадом роҳу усулҳо ва бо кадом меъёрҳо гурӯҳи кӯдаконе, ки ба кӯмаки психолог ниёз доранд, муайян менамояд? Чӣ гунае ки таҷриба нишон медиҳад, аксаран хонандагони синфи якум дар рӯзҳои аввали таҳсил дар мактаб дар рафтори хеш ошкоро марҳилаи мутобиқ шуда натавонистанро зоҳир мекунанд, вале бархе аз кӯдакон гарчанд ошкоро мутобиқ шуда натавонистанро зоҳир накнунанд ҳам, дар азхудкунии барномаи таълимӣ, барқарорсозии муносибатҳои ботинии эмотсионалӣ бо ҳамсолону омӯзгорон мушкили мекашанд. Махфӣ нест, ки аксаран волидону омӯзгорони хонандаи синфи якумро ба назди психолог ҳамон вақт меоваранд, ки хавфи мутобиқ шуда натавонистан таъсири нодурусти муҳити нави иҷтимоӣ аз таъсири волидайн ва баъзан омӯзгор ба вуҷуд омада бошад.

Барои ба даст овардани ахборот оид ба дараҷаи мутобиқшавии хонандагони синфи якум психологи муассиса метавонад дар байни хонандагони синфи якум тадқиқоти оммавиро дар аввали ҳафта ва моҳи аввали соли хониш гузаронад.

Интихоб ва гузаронидани методикаи ташхиси мутобиқшавӣ ба мактаб ва тадқиқоти оммавӣ бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошад:

- нишондиҳандаҳои асосии мутобиқшавӣ мутобиқ шуда натавонистанро андозагирӣ намояд;
- ҳангоми гирифтани маълумот дар натиҷаи санҷиш методикаи махсус на танҳо дараҷаи мутобиқшавиро муайян намояд, балки психологро аз номусоидии сабабҳои мутобиқ шуда натавонистанӣ эҳтимолӣ огоҳ намояд;
- методика дар гузаронидани муоина ва ташхис вақти кӯтоҳро дарбар гирад ва истифодабариаш осон бошад.

Омӯзиши адабиётҳои илмии психологӣ оид ба ин масъала нишон медиҳад, ки раванди мутобиқшавии хонандагони синфи якум бо хусусиятҳои зерин тавсиф дода мешавад:

- фаъолияти физиологии низоми функсионалии ҷисми хонандаи синфи якум мувофиқи реҷа ва сарборӣ ба раванди нав мутобиқ мешавад;
- усули азхудкунии фаъолияти нави таълимӣ шакл мегирад;
- соҳаи эмотсионалии хонандаи синфи якум тағйиротро дар воқеияти атроф ҳамчун субъектӣ бароҳат ва ё нороҳат арзёбӣ мекунад ва ҳамин тавр рафтор ва фаъолияти ӯро танзим мекунад.

Барномаи омӯзиши дараҷаи мутобиқшавии хонандаи синфи якумро ба мактаб дар ҷадвал чунин тасвир намудан мумкин аст:

| *Қисматҳои мутобиқшавӣ* | *Тавсияномаи эмперикӣ* | *Методикаҳо* |
|---|---|---|
| Сохтори физиологии организм | 1. Набудани беморӣ дар раванди мутобиқшавӣ<br>2. Набудани падидаҳои психосоматикӣ<br>3. Қобилияти организм ба сарф кардани қувваи корӣ | Пурсишномаи хаттӣ ва шифоҳӣ<br>Таҳлили варақаҳои тиббӣ (таърихи рушд, бемориҳо)<br>Тести проективии муносибати шахсӣ, эмотсияҳои иҷтимоӣ ва макони арзишманди бо методикаи " Хонача"- ҳо |
| Азхудкунии усул ва роҳҳои нави фаъолияти таълимӣ | Азхудкунии барномаи таълимӣ | Баҳогузории омӯзгор, психолог |

| | | |
|---|---|---|
| Қабули эмотсионалии вазъи иҷтимоӣ | Идроки мусбии эмотсионалӣ ба раванди таълим | Пурсишнома барои волидон |
| | Идрок мусбии эмотсионалӣ нисбат ба омӯзгор | Методикаи " Хонача"-ҳо |
| | Муносибати мусбии эмотсионалӣ нисбат ба нақши нави хеш | Методикаи " Хонача" - ҳо |
| | Идрок мусбии эмотсионалии муносибат бо ҳамсолон | Методикаи "Хонача"- ҳо, пурсишнома барои волидон |

Барои баҳодиҳии муваффақиятҳо дар раванди мутобиқшавии хонандагони синфи якум зарур аст:

- таҳлили маълумот оид ба вазъи саломатӣ ва аломату нишонаҳои инкишоф ва эҳтиёҷоти онҳо ба ёрии тиббӣ дар давраи пешин ва дар давраи таҳсил дар мактаб;
- пурсишномаи хаттӣ барои волидон;
- суҳбат бо омӯзгорон;
- суҳбати гурӯҳӣ ба хонандагони синфи якум бо истифода аз методикаи муносибати шахсият, эҳсосоти иҷтимоӣ ва муайян намудани арзишнокии тести " Хонача"- ҳо, ки аз ҷониби О. А. Орехова пешниҳод гардидааст.

**Тартиби ташхис ва усули коркарди маълумот**

1. Дар аввал пурсишнома барои волидон, ки "Замимаи 1" аст, пешниҳод мегардад. Намунаи он чунин мебошад.

***Саволнома барои волидон дар МТМУ 30 дар хониши соли 2023_2024***

Ном ва насаб (падар модар ва хонанда)

Синнусоли хонанда

1. Рафтори фарзандатон пеш аз ба муассиса омадан ҳолати ногуворро ба вуҷуд меоварад?

А.Ҳа.Б.Не. С. Баъзан.Д.________________

2. Пеш аз ба муассиса омадан фарзандатон навишта хонда метавонист.

А.Ҳа.Б.Не.С Каму беш. Д_______________

3. Бо хонандагони муҳити муассиса омадан, фарзандатон ба он шинос буд.

АҲа; Б.Не, С. Дар хона фаҳмондадиҳии гузаронида будед. Д._______________

4 Пеш аз ба мактаб омадан фарзандатон ба кадом бемориҳо бештар гирифтор мешуд ва баъд аз хонанда шудан ба кадом бемориҳо гирифтор мешавад, мухтасар нависед.

________________

________________

5 Дар хона пас аз он ки хонанда шудааст, кадом рафторҳои дигарро зоҳир мекунад, мухтасар нависед.

________________

________________

6. Дар бозиҳои нақшофарӣ бо худ, бо ҳамсолон пас аз он, ки хонанда шудааст, кадом нақшаҳоро бозӣ мекунад, мухтасар нависед.

________________

________________

7. Пеш аз ба муассисаи таълимӣ омадан ҳолати эмотсионалии фарзандатон чӣ гуна буд ва пас аз он ки хонанда шавад чӣ гуна аст, мухтасар нависед.

________________

8.Ҳангоми нақл аз муассисаи таълимӣ ва омӯзгор дар кӯдакатон ҳолати шодӣ ба назар мерасад ё баръакс, мухтасар нависед.

________________

________________

9. Кадом тағийротҳоро (ивазшавии қад, вазн, доимо вақташ хуш аст ё баръакс ҳолати саломатӣ эмотсионалӣ ва ғайра) дар фарзандатон, баъд аз он ки хонанда шудааст, мушоҳида намудед, мухтасар нависед.

Гарчанде вақт ва муддати ин чорабинӣ аз психолог вобаста нест, беҳтар донистем, ки пурсишномаи хаттии омодагардидаро дар оғози маҷлиси волидон ба аксари иштирокчиён тақсим ва баъдан ҷамъ карда таҳлил намоем.

Ҳангоми таҳияи пурсишнома беҳтар донистем, ки мазмуни он дар доираи аломати зуҳуроти ҳолатҳои психосоматикӣ - вайроншавии хоб, иштиҳо ва бемории кӯдак дар давраи мутобиқшавӣ саволгузорӣ гардад. Мо чунин талаботҳоро ҳангоми таҳия, ташкил ва ҷамъбасту баҳодиҳӣ ба саволҳои пурсишнома ба ҳисоб гирифтем: дар пурсишнома ибораи "нишонаи ҳолати асабонии кӯдак"- ро истифода накардем, зеро ин боиси вокуниши нодурусти волидон мегардад. Беҳтар донистем, ки танҳо бархе аз аломатҳои онро мушаххас номбар намоем. Коркарди маълумоте, ки бо истифода аз саволнома ба даст оварда мешавад, ягон душвориро ба вуҷуд намеоварад. Дар ниҳоят, чунин посуххо аз тарафи волидон ба мо пешниҳод мегарданд:

- аломотҳои психосоматикӣ ва ягон беморӣ вуҷуд надорад (10 нафар);
- баъзан вайроншавии функсионалии организм ба назар мерасад (12 нафар);
- бемориҳо, аломотҳои психосоматикӣ ба мушоҳида мерасад (5 нафар).

Мо ҳангоми истифодаи пурсишнома роҳбари синфро ҳамчун коршинос интихоб намуда, муоина ва ташхиси мутобиқшавии иҷтимоии талабаро гузаронидем. Барои сарфаи вақт ва қулай будани методика беҳтар донистем, ки пурсишномаи омӯзгор дар шакли кӯтоҳи нақшавии мушоҳида омода ва пешниҳод гардад. Зарур нест, ки барои ҳамаи хонандагони синфи якум нақшаи мушоҳидаро омӯзгор пур кунад. Танҳо он гурӯҳеро, ки рафтори мутобиқ шуда натавонистанро зоҳир мекунад, дар нақшаи мушоҳидавӣ ворид намуда, сипас онро пур намояд. Аз омӯзгор хоҳиш намудем, ки фаъолияти хонандаи рафтори мутобиқ шуда натавонистаро дар синф мушоҳида намуда, баҳогузорӣ намояд ва мушаххас муайян намояд:

- Оё вазъи кӯдак дар ташвиш аст ё не;
- Оё дараҷаи нодурусти рушд, боздорӣ дар фаъолиятҳои гуногун ҳангоми ба мактаб қабул гардидани кӯдак ба мушоҳида мерасид ё не;
- Оё хонанда зуд- зуд бемор мешавад, аломотҳои психосоматикиро дар раванди мутобиқшавии зоҳир менамояд;
- Оё хонандаи синфи якум рангҳоро дуруст интихоб намуда онҳоро ҷо ба ҷо гузошта метавонад ё на, тафриқаандозии эмотсияҳои иҷтимоӣ суст мебошад ё не, дар раванди таълим муносибати манфиро нисбат ба худ, ба раванди таълим менамояд.

Мувофиқи мақсад донистем, ки маълумотҳои ба даст омадаро бо омӯзгори синф дар се самтҳои зерин тафсир намояд:

- хонандаи синфи якум пурра барномаи таълимиро азхуд мекунад;
- хонандаи синфи якум қисман барномаро азхуд мекунад (дар ин ҳолат оид ба ноқисиҳо ва мушкилотҳои омӯзиш мухтасар шарҳ пешниҳод намоем);
- хонандаи синфи якум барномаи таълимиро азхуд намекунад. Хуб мешуд дар ин ҳолат мушаххас намоем, ки хонандаи синфи якум аз кадом ҷиҳат мушкилот дорад, барномаи таълимиро куллан ё қисман аз худ карда наметавонад ё вазифаҳоро аз дигарон тақлидкорона мекучонад [1, с. 28].

Ҳангоми кори таҳқиқотӣ инчунин мо санҷиши методикаи лоиҳавии муносибатҳои шахсии эҳсосотӣ- иҷтимоӣ ва самтҳои арзишии онро мавриди истифодабарӣ қарор додем.

Асоси методологии санҷиши методикаи лоиҳавиро як таҷрибаи рангӣ- ассосиативӣ ташкил медиҳад, ки тест аз ҷониби О. А. Орехова таҳия гардидааст. Он имкон медиҳад, ки соҳаи эмотсионалии кӯдак аз рӯй эҳсосоти олии генезеси иҷтимоӣ, афзалиятҳои шахсӣ ва фаъолиятҳои худи кӯдак ташхис карда шуда, онро аз нуқтаи назари таҳлили муносибати эмотсионали кӯдак ба мактаб баҳо дода шавад [5, с. 59].

Барои гузаронидани санҷиш ба методикаи мазкур чунин маводҳо барои мо зарур шуданд: ҳашт қалами ранга: кабуд, сурх, зард, сабз, арғувонӣ, хокистаранг, қаҳваранг ва сиёҳ. Қаламҳо бояд як хел дарозӣ дошта ва рангҳо ба лаҳвасанг мувофиқ бошад.

Ба назари мо беҳтар намудор шуд, ки тадқиқот дар байни 10-15 нафар хонандагони синфи якум гузаронида шавад хубтар аст, зеро дар ин синнусол кӯдак диққати ғайриихтиёрӣ дорад ва имкони халал расонӣ ба якдигарро ба вуҷуд меорад. Дар синф дар паси ҳар як миз як нафари хонанда нишастанд. Кӯмаки роҳбари синф ва иштироки ӯ дар тадқиқот зарур нест, зеро сухан оид ба муносибати кӯдак ба мактаб ва омӯзгор меравад. Раванди тадқиқот аз ранг кардани хоначаҳо ва хиштчаҳо иборат буд ва он иҷрои се вазифаро дар бар мегирифт, ки он 20 дақиқаро талаб намуд.

Дастурамал барои иҷрои супориш. Муроҷиат ба кӯдакон: Имрӯз мо ба рангубор кардан машғул мешавем. Дар вараqи наздатон буда назар намоед, иҷрои се вазифаро таъмин кардан лозим аст. Аввалин вазифа ин ранг кардани хиштчаҳо мебошад. Аз байни қаламҳо онеро интихоб намоед, ки бештар бароятон писанд аст. Он қаламро, ки як маротиба истифода намудед, дигар истифода набаред. Барои хиштчаи дигар боз дигар қаламе, ки бароятон писанд аст, истифода намоед ва дигар ин қаламро низ истифода набаред ва ҳамин гуна истифодаи дигар қаламҳоро давом медиҳем.

Акнун ба иҷрои вазифаи 2- юм оғоз менамоем. Дар ин ҷо якчанд хоначаҳое ҳастанд, ки онҳоро мебояд ранг кард. Чӣ гунае, ки медонед ҳар як хонача соҳиби худро дорад, аз ин лиҳоз соҳиби як хонача ба соҳиби дигар монанд шуда метавонад. Дар ин ҷо Шумо метавонед аз як қалам як ё ду- се маротиба истифода намоед. Ман ба ҳар як хона як ҳиссиётро номбар менамоям, Шумо вобаста ба он хоначаро ранг намоед. Маҷмуи калимаҳое, ки ҳангоми ранг намудан истифода намудем, инҳо ҳастанд: шодӣ, адолат, дӯстӣ, ҷанг, некӣ, бадӣ, ҳайрат, дилгирӣ, хурсандӣ. Ҳангоми нофаҳмо будани маънои калимаҳо мо ба кӯдак аз ҳиссаҳои нутқ-зарф ва хабарҳои феълӣ истифода бурдан мумкин аст.

Ба иҷрои вазифаи 3- юм таваҷҷуҳ намоед. Ин хоначаҳое, ки мебинед, мо бо ин хоначаҳо корҳои махсусро иҷро менамоем, зеро бошандагони ин хоначаҳо ғайриоддӣ мебошанд. Дар хоначаи аввал рӯҳи мо зиндагӣ мекунад. Ба фикратон кадом ранг барои оро додан, мувофиқ бошад, хоначаро ранг намоед. Дар ин ҷо низ аз як ранг якчанд маротиба истифода бурдан мумкин аст. Маънии хоначаҳо чунин буда метавонанд:

- кайфияти Шумо, ҳангоми ба мактаб рафтан;
- кайфияти Шумо, дар дарс нишаста ва хондани китоб;
- кайфияти Шумо, дар дарс ҳангоми навиштани кори синфӣ;
- кайфияти Шумо, дар раванди дарси математика;
- кайфияти Шумо, ҳангоми муошират бо омӯзгор;
- кайфияти Шумо, ҳангоми муошират бо ҳамсолон;
- кайфияти Шумо, ҳангоми дар хона ҳузур доштан;
- кайфияти Шумо ҳангоми иҷрои супоришҳои вазифаи хонагӣ;
- Акнун дар ин хонача худатон фикр кунед, ки кӣ зиндагӣ мекунад ва ба чӣ кор машғул аст. Вақте кӯдак ранг карданро ба охир мерасонад, психолог мегӯяд, ки оҳиста ба нутқи бурро гӯяд, ки дар ин хона кӣ зиндагӣ мекардааст ва ба чӣ кор машғул аст. Психолог дар дафтари худ ҷавоби кӯдакро қайд мекунад.[5, с. 60]

Методикаи мазкур ба кӯдакон таъсири психотерапевтӣ мерасонад. Бо истифодаи ранг, қобилияти вокуниш ба эҳсосоти манфӣ ва мусбӣ ба даст оварда мешавад ё не, илова бар ин, зуҳуроти силсилаи ҳолатҳои эмотсионалӣ бо оҳанги асоси (мафтун шудан, ҳаловат бурдан аз интихоби шахсӣ) анҷом меёбад.

Коркарди натиҷаҳо аз таҳлили иҷрои вазифаи аввал оғоз мегардад. Коэфисенти вегетативӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад: КВ=(18- ҷойи сурх- ҷойи ранги кабуд)/(18- ҷойи ранги кабуд- ҷойи ранги сабз).

Коэфисенти вегетативӣ мувозинати организмро нисбат ба сарфи қувва, нигаҳдории қувва тавсиф менамояд. Аҳамиятнокии он аз 0,2 то 5 холро дар бар мегирад. Нишондиҳандаи қувванокӣ бо чунин шакл тавсиф мешавад:

| | |
|---|---|
| 0-0,5 | Хастагии музмин, фаъолияти сусти корӣ ва ба фаъолиятҳо қувваи кории кӯдак намерасад. |
| 0,51-0,91 | Хастагии кӯдак рафъ мегардад. Гузариши вақт ба кӯдак ба монанди сиклӣ ҳолати барқарор мегардад. Зарур аст, ки ритми корӣ, реҷаи фаъолият ва истироҳат оптимизатсия карда шавад. |
| 0,92-1,9 | Иҷрои фаъолият оптималӣ аст. Кӯдак аз ҷиҳати фаъолнокӣ аз дигар хонандагон фарқ мекунад. Аксаран хушҳол аст, вазъи саломатӣ дар ҳолати мӯътадил қарор дорад ва ба харҷи қувваи хеш омода аст. Фаъолиятҳо ба имконияти кӯдак имкони барқарор созии қувватро медиҳад. |
| Зиёда аз 2,0 | Аз ҳад зиёд ҳаяҷони мебошад. Аксар натиҷаи фаъолиятҳои кӯдак аз имконятҳои худаш волотар меистад, ки сабаби зуд хаста шудани кӯдак мегардад. Зарур аст, ки суръати фаъолият, реҷаи кор, истироҳат ба вақтҳои муайян ҷудо гардад. |

Минбаъд нишондиҳандаи инҳирофоти умумӣ тибқи меъёри автогеннӣ ҳисоб карда мешавад.

Тартиби муайяни интихобу истифодабарии рангҳо (34251607)- меъёри аутогеннӣ-ифодагари нишондиҳандаи як ҳолати психологӣ ба ҳисоб меравад. Барои ҳисоб кардани инҳирофоти умумӣ аввал фарқи байни ҷои ҳақиқии ишғолшуда ва ҷои нормативии ранг ҳисоб карда мешавад.

Баъдан фарқиятҳо (қимматҳои мутлақ, беназардошти алома) ҷамъбаст карда мешавад. Аҳамиятнокии инҳирофоти умумӣ аз 0 то 32 тағйир меёбад. Аҳамиятнокии инҳирофоти умумӣ устувории дохилии эмотсионалиеро нишон медиҳад, ки ҳоло кӯдак дар он ҳолат қарор дорад. Арзишнокии ададӣ ба таври зайл ҳисоб мегардад:

| | |
|---|---|
| Зиёда аз 20 | Эмотсияҳои манфиро хонандаи синфи якум доро аст. Дар кӯдак кайфияти нофорам ва ҳолати нохушоянд ба назар мерасад. Кӯдак мушкилотҳоро дорад, ки мустақилона ҳал карда наметавонад. |
| 10-18 | Ҳолати эмотсионалӣ мӯътадил аст. Хонандаи синфи якум ҳолати ғамгинӣ ва шодиро зоҳир мекунад, ҳеҷ асос барои нигарони вуҷуд надорад. |
| Камтар аз 10 | Эҳсосоти мусбӣ дар ин кӯдакон бартарӣ дорад. Кӯдак шод, хурсанд ва кайфияти мусбиро доро мебошад. |

Дар заминаи ин натиҷагирӣ иҷрои вазифаҳои минбаъда муайян карда мешаванд. Вазифаи 2-юм ва 3-юм дар доираи баҳисобгирии ҳолати эмотсионалии хонандаи синфи якумро муайян менамояд ва дар як вақт мавҷудияти мушкилоти тахминӣ дар мутобиқшавӣ доштаи кӯдакро барои тадқиқот муайян менамояд [5, с. 45].

Вазифаи дуюм доираи эмотсияҳои иҷтимоиро шарҳ медиҳад. Дар ин ҷо ба эмотсияҳои кӯдак тафриқа гузошта мешавад. Он аз рӯйи меъёри ҳолати эмотсияҳои мусбӣ бо рангҳои асосӣ ранг кардани кӯдак қайд мегардад ва эмотсияҳои манфӣ бояд бо рангҳои қаҳваранг ва сиёҳ дарҷ мегардад.

Фарқияти заиф ё нокифояи вайроншавии муносибатҳои шахсӣ дар блок (қисмат)- ҳои асосӣ чунин тасвир карда мешаванд:

- Хурсандӣ- ғамгинӣ- чорчӯбаи пойдевори ҳаловат;
- Адолат- озор-- чорчӯбаи рушди шахсият;
- Дӯстӣ- ҷанҷол- чорчӯбаи таъсиррасонии байни шахсӣ;
- Некӣ- бадӣ- чорчӯбаи агрессияи дохилӣ;
- Дилтангӣ- ваҷд- чорчӯбаи маърифат;

Ҳангоми ивазшавии мақоми рангҳо (рангҳои асосӣ, ки мавқеи охирро ишғол мекунанд) дар кӯдакон аксаран нокифоягии тафриқаи эмотсияҳои иҷтимоиро ифода менамояд. Масалан, мушоҳида гардид, ки ҳолати шодӣ ва ҷанҷол бо ҳамон як ранг тасвир мегарданд. Дар ин ҳолат чӣ гуна ранг кардани ҷуфти меъёрҳои рангиро ба инобат гирифтан зарур аст ва то кадом андоза ин рангҳо дер рангҳои дигар дуртар воқеъ шудаанд [5, с. 58].

Дар иҷрои вазифаи сеюм ҳолати эмотсионалии кӯдак нисбат ба шахсият ба фаъолияти мактаб, омӯзгор ва ҳамсинфон бояд таҷассум гардад.

Фаҳмост, ки хонанда дар доираи мушкилии доштаи худ онро бо ранги қаҳваранг ё сиёҳ оро медиҳад. Мақсаднок хоҳад буд, он объектҳоеро, ки бо як ранг оро дода шуда бошанд, бояд ҷудо намоем. Масалан, ба мактаб омадан сарчашмаи шодӣ ва ба ваҷд омадан аст ё иҷрои вазифаи хонагӣ- ғамгинӣ- дилтангиро ифода менамоянд ва онҳо бо як ранг оро дода шуда бошад. Занҷираи ассотсиатсияҳо барои фаҳмидани муносибати кӯдак ба мактаб хело гуногун мебошад. Кӯдаконе, ки дорои тафриқаи сусти эмотсияҳо ҳастанд, онҳо дар баҳогузории эмотсияҳо нисбати навъҳои фаъолият сифату муносибати амбивалентӣ нишон медиҳанд.

Аз рӯйи иҷрои натиҷаҳои вазифаи 3- юм хусусияти хонандагонро ба се гурӯҳ метавон ҷудо кард:

- муносибати мусбиро нисбат ба мактаб зоҳир мекунанд;
- муносибати амбивалентӣ доранд;
- муносибати негативӣ доранд.

Мебояд қайд намуд, ки ҳангоми ташхис ва аз ҳад зиёд паст ё баланд будани холҳо методикаи " Хонача" - ҳоро дубора, аз нав такроран истифода бурдан мумкин аст. Дар ин

дафъа ба таври инфиродӣ бо истифода аз карточкаҳои стандартии тестии Люшер ташхис методика гузаронида мешавад [6, с. 63].

Баъдан, чадвали чамъбастии замимаи 3- ро пур кардан зарур мебошад. Коэффисенти вегетативии пурсишномаи волидон ва таҳлили варақаи тиббӣ дар умум, қисматҳои физиологии мутобиқшавии хонандаи синфи якумро тавсиф менамоянд. Барои қулай шудани кор ҳамаи натиҷаҳои бадастомадаро ба се дараҷа ҷудо намудем:

- кифоягии дараҷаи мутобиқшавии физиологӣ, ки он мувофиқи мавҷуд набудани мушкилотҳои психосоматикӣ дар ҳолати мӯътадил қарор гирифтани мувозинати қувва баҳодиҳӣ мегардад;
- қисмате аз дараҷаи мутобиқшавии физиологӣ, ки дар хонанда зуҳуроти мушкилоти психосоматикӣ ба мушоҳида мерасад, ё қувваи пасти корӣ ба назар мерасад;
- нокифоягии дараҷаи мутобиқшавии физиологӣ (беморӣ дар давраи мутобиқшавӣ, зуҳурёбии мушкилоти психосоматикӣ, дараҷаи пасти қувваи корӣ).

Баҳои омӯзгор қисмати мутобиқшавии фаъолияти хонандаи синфи якумро тавсиф медиҳад. Бояд қайд кард, ки инҳирофоти умумӣ дар шакли аутогеннӣ нишондиҳандаи маҷмуи ҷузъӣ- эмотсионалии мутобиқшавӣ мебошад. Дар ҷадвали ҷамъбасти нишонаҳои муносибати мусбӣ, амбивалентӣ ва манфии хонанда хонандаро ба худ, ба омӯзгор, ба таълим зоҳир мегардад.

Намунаи он чунин аст:

Нақшаи мушоҳидавии мутобиқшавии хонандагони синфи якум, ки он аз тарафи бо методикаи Э.М. Александровский коркард ва пешниҳод гардидааст, ки онро роҳбарисинф оғози соли нави хониш истифода бурд.

| № | Ном ва насаб | 1-ум ҷадвал - Фаъоли дар раванди таълим | 2- юм ҷадвал - азхудкунии дониш | 3- юм ҷадвал - рафтор дар раванди дарс | 4- ум ҷадвал - рафтор дар раванди танаффус | 5 – ум ҷадвал - муносибати Байниҳами бо ҳамсинфон | 6-ум ҷадвал муносибати нисбат ба омӯзгор | 7-ум ҷадвал - холати хуби эмотсионалӣ | Холи умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маҳмуд | 4 | 3 | 3 | 4 | 4 | 3 | 3 | 24 |
| 2 | Марям | 3 | 4 | 2 | 3 | 4 | 4 | 3 | 23 |
| 3 | Ҷамила | 3 | 4 | 5 | 3 | 5 | 4 | 4 | 28 |
| 4 | Комил | 4 | 5 | 5 | 4 | 4 | 4 | 4 | 30 |
| 5 | Парвона | 1 | 3 | 0 | 1 | 3 | 3 | 3 | 14 |
| 6 | Самира | 3 | 4 | 3 | 4 | 5 | 4 | 5 | 28 |
| 7 | Имрон | 4 | 2 | 3 | 4 | 3 | 2 | 3 | 18 |
| 8 | Дилноза | 3 | 4 | 2 | 2 | 3 | 3 | 4 | 21 |

Чӣ тавре, ки аз ҷадвал дар боло қайд гардида, бармеояд ҳосили холҳо аз 21 то 35 - доираи мутобиқшави арзишманд;

Аз 15 то 20- доираи нопурраи мутобиқшавӣ (дар меъёрҳои миёна ва нопурра) ва аз 0 то 14 вайроншавии раванди мутобиқшавӣ (доираи дезадаптатсия)-ро ташкил доданд. [1, с. 22]

Муқоисанамоии қисматҳои физиологӣ, фаъолият ва эмотсия имкони гурӯҳбандии дараҷаи мутобиқшавии хонандаи синфи якумро дар сатҳи зерин тавсиф додан мумкин аст:- дар сатҳи кифоя;- қисман мутобиқгардӣ;- мутобиқати нокифоя, ки мушкилотҳоро ба миён меорад.

Дар асоси маълумотҳои бадастомада мо хонандагоне, ки дар давраи мутобиқшавӣ ба мактаб ба кӯмаки фардии психолог ниёз доранд,ба ду гурӯҳ ҷудо намудем:

- хонандаи синфи якум бо нокифоягии дараҷаи мутобиқшавӣ;
- хонандаи синфи якум бо қисман дараҷаи мутобиқшавӣ.

Гурӯҳи аввали хонандагонро инфиродан тадқиқ намудем, сабаб ва омили мутобиқ шуда натавонистанро муайян карда, аз рӯйи имконият ба корҳои ислоҳӣ- психологӣ коррексионӣ ва педагогӣ фаро гирифтем. Чӣ тавре, ки мушоҳида ва ташхиси кӯдакон нишон медиҳанд, дар рӯзҳои аввали таҳсил дар мактаб қариб ҳамаи онҳо ба худи ин кӯдакон аксаран ба диққат, кӯмаки психолог ва омӯзгор ниёз доранд.

Гурӯҳи дуввуми хонандагони қисман дезадаптатсия зоҳир менамударо ба чорабиниҳои кӯтоҳмуддати ислоҳӣ- педагогӣ таъмин намудем. Натиҷагирӣ аз мушоҳидаҳо, суҳбат бо

омӯзгори синф ва волидон имконият медиҳад ба кӯдакони мушкилоти мутобиқшавӣ дошта ёрии психологӣ расонда шавад. Ба андешаи мо сабаби мушкилоти мутобиқшавии хонандаи синфи якум суст будани вазъи саломатӣ, паст будани худбаҳодиҳӣ, тағийри характери муносибатҳои волидон бо кӯдак, кӯдак бо волидон, интизории аз ҳад зиёди волидон ба дастовардҳои фарзанд ва ғайра шуда метавонанд. Аксаран бахше аз кӯдакон омӯзгорро ба ташвиш намеоваранд, зеро барномаи таълимиро аз худ мекунанд ва қоидаи талабагиро иҷро менамоянд, вале бештари вақт мушкилоти мутобиқшавӣ аз ҳисоби солимии равонӣ ва ҷисмонӣ рух медиҳад.

Намунаи методикаи лоиҳавии " Хонача"- ҳо




Хулоса, дар раванди ташхис муайянкунии сатҳи мутобиқшавии кӯдак масъалаи ташхиси мутобиқшавии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба мактаб дар замони муосир мубрам ва муҳим мебошад. Мутобиқшавӣ ба мактаб имконият медиҳад, ки психолог ва омӯзгор дар раванди кори таълиму тарбиявӣ имкон ва хусусиятҳои фардии шахсиятии ҳар як кӯдак ро муайян намояд ва мушкилот дар ҳамкорӣ бо волидон бартараф карда шавад.

***Адабиёт***

1. *Александровская, Э.М. Социально-психологические критерии адаптации к школе // Школа и психическое здоровье учащихся. Под ред. С. М. Громбаха. / Э.М. Александровская. – М.: Медицина, 1988. – С. 35-37.*
2. *Беличева С. А. Консорциуму "Социальное здоровье России" - 15 лет. / С. А. Беличева. - М., 2006. - 105 с.*
3. *Дастури психологияи амалӣ. Нашри таълимӣ барои психологҳо, психотерапевтҳо, коркунони соҳаи иҷтимоӣ ва донишҷӯёни мактабҳои олии педагогӣ. Зери таҳрири Н. М. Юнусова, Душанбе: Собириён, С. 2004. - 336 с*
4. *Маҷмуи тестҳои психологӣ. Қисми 1: Маводи таълимию методӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва кулли шавқмандони илми психология.Мураттиб: М. Алиев. - Душанбе: Эҷод, 2009. - 212 с.*
5. *Орехова, О.А. Цветовая диагностика эмоций ребенка / О.А. Орехова. – Санкт-Петербург: Речь, 2006.– 112 с.*
6. *Психолог в начальной школе: Учебно-практическое пособие/ Г. С. Абрамова, Т.П.Гаврилова, А.Г. Лидерс и др.; Под ред. Т.Ю. Андрущенко. - Волгоград, Перемена, 1995. -152 с.*

## УСУЛҲОИ ТАШХИСИ МУТОБИҚШАВИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФИ ЯКУМ БА МУҲИТИ ТАҲСИЛОТӢ

Муайянсозии дараҷаи мутобиқшавии дараҷаи хонандагони синфи якум ба таҳсилоти мактабӣ муҳим ҳаст. Зеро он раванди мураккаб ва ҳассос буда, дар донишомӯзӣ ва пешрафт, ишғол намудани мавқеи муайян дар доираи муносибатҳои нави байниҳамдигарӣ нақши муҳим дорад. Ҳангоми ташхиси мутобиқшавии хонандагони синфи якум аз методикаҳои гуногуни ташхисӣ истифода бурда мешаванд ва тибқи натиҷагирӣ аз онҳо дараҷаи мутобиқшавии ҳар як кӯдак бо муҳити таҳсилотӣ муайян гардиданд. Вобаста ба дараҷаи мутобиқшавӣ корҳоиислоҳӣ- психологӣ муайян ва амалӣ карда мешаванд. Натиҷаи тадқиқот нишон дод, ки бо истифода аз методҳои ташхиси психологӣ, дараҷаи мутобиқшавии хонандагони синфҳои ибтидоиро метавон муайян кард. Сабаб, омилҳои таъсиррасони дезадаптатсияро бо ёрии методҳои ташхиси муайян ва пешгирӣ намуда мушкилиҳоро бартараф намудан мумкин аст.

**Калидвожаҳо:** методика, ташхис, мутобиқшавӣ, дезадаптатсия, муассисаи таълимӣ, синфҳои ибтидоӣ, мушоҳида, мутобиқшавии физиологӣ, психологӣ, иҷтимоӣ.

## МЕТОДЫ ДИАГНОСТИКИ АДАПТАЦИИ ПЕРВОКЛАССНИКОВ К ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СРЕДЕ

Определение степени адаптации первоклассников к школьному обучению, которое представляет собой сложный и чувствительный процесс, играет важную роль в обучении и успеваемости, занимая определенное положение в рамках новых взаимоотношений. При оценке адаптации первоклассников используются различные диагностические методы, по результатам которых определяется степень адаптации каждого ребенка к образовательной среде. В зависимости от степени адаптации определяются и проводятся коррекционно-психологические работы. Результат исследования показал, что степень адаптации учащихся младших классов можно определить с помощью методов психологической диагностики. Причина в том, что факторы, влияющие на дезадаптацию, можно определить и избежать с помощью диагностических методов.

**Ключевые слова:** методика, диагностика, адаптация, дезадаптация, образовательное учреждение, начальные классы, наблюдение, физиологическая, психологическая, социальная адаптация.

## METHODS FOR DIAGNOSING ADAPTATION OF FIRST-GRADERS TO THE EDUCATIONAL ENVIRONMENT

Determining the degree of adaptation of first-graders to school learning, which is a complex and sensitive process, plays an important role in learning and achievement, occupying a certain position within the framework of new relationships. When assessing the adaptation of first-graders, various diagnostic methods are used, the results of which determine the degree of adaptation of each child to the educational environment. Depending on the degree of adaptation, correctional psychological work is determined and carried out. The result of the study showed that the degree of adaptation of primary school students can be determined using psychological diagnostic methods. The reason is that the factors influencing maladjustment can be identified and avoided using diagnostic methods.

**Keywords:** methodology, diagnostics, adaptation, maladjustment, educational institution, primary grades, observation, physiological, psychological, social adaptation.

**Дар бораи муаллифон**

Маҷидова Бибиҳафиза
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 985 83 19 02

Шайхова Нигина Пулодовна
Магистри курси 2-юми кафедраи психологияи умумӣ ва педагогӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 915 71 59 89

**Об авторах**

Маджидова Бибихафиза
Доктор педагогических наук, профессор кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел: (+992) 985 83 19 02

Шайхова Нигина Пулодовна
Магистр 2 курса кафедры общей и педагогической психологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+92) 915 71 59 89

**About the authors**

Majidova Bibikhafiza
Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Special Pedagogy and Inclusive Education
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Phone: (+992) 985 83 19 02

Shaykhova Nigina Pulodovna
Master of the 2nd course of the Department of General and Pedagogical Psychology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Phone: (992) 915 71 59 89

УДК 37.07:37.133

# ОСОБЕННОСТИ ПСИХОЛОГИЧЕСКОГО АНАЛИЗА УРОКА

***Сулейманова А. Г.***
*Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддин Айни*

Проблема изучения развития учащейся молодежи в Таджикистане, на наш взгляд, является чрезвычайно необходимой т.к. современное реформирование нашей системы образования показывает не совсем успешные результаты. Показателем тому служит недостаточное стремление молодежи получать высшее образование, заниматься научной деятельностью. На заданный вопрос в студенческих группах, вторых курсов (всего 6 групп) факультета математики+информатики, а также русского языка+ английского - «Какой вид мыслительной деятельности для вас привлекателен теоретический или практический?», в среднем только три человека в каждой группе ответили - « Теретический вид», а остальные были за практическое мышление т.к. оно более интересно и связано с наглядным результатом. Отсюда можно определить причину того, что наши учителя общеобразовательных учреждений не могут написать научную статью, обобщая свой передовой опыт или выступить с докладом в научном сообществе.

В психологии общеизвестно, что теоретическое мышление способствует фундаментальным исследованиям в науке и направлено на открытие новых законов или объектов, а практическое мышление решает конкретные частные задачи, проверяя теоретические гипотезы практикой. В следствии данного положения, практический ум расценивается в психологии как более простое не сложное мышление. Теоретический ум считается наиболее сложным и свидетельствует о высоких интеллектуальных способностях. Безусловно, практическое мышление способствует исследованию определенной профессиональной деятельности, но только теоретик, в рамках ограниченного времени для выполнения этой деятельности, может делать гипотезы или заменять их другими, проводить эксперименты, определять проблему.

Итак, будущим педагогам необходимо развивать профессиональные знания еще и в теоретическом плане. Изначально теоретическое мышление педагога развивается в умении правильно анализировать урок с точки зрения методики и психологии. Анализировать можно подробно, начиная с постановки цели, задачи и самого хода выполнения темы урока. В процессе анализа стираются методические. дидактические и психологические стороны т.е. анализ проводится обобщенно. В своей статье мы хотим выделить особенности психологического анализа урока, для того чтобы будущие учителя не забывали о значительной роли теоретического разбора в нахождении и решении учебных проблем. Анализ помогает дать рекомендации для поднятия качества проведенного урока на более высокий уровень. По мнению И.А, Зимней, ценность психологического анализа урока состоит в возможности учителя использовать свои теоретические знания в практическом осмыслении методов и приемов учебной деятельности, в процессе общения [2, с. 18].

С точки зрения педагогической психологии, анализ - это ведущий метод изучения педагогической деятельности, который позволяет учителю рефлексировать свою деятельность в классе, оценить эффективность учебного процесса. К основным аспектам психологического анализа урока, относится реализация развивающей цели, решение задач задачи с учетом возрастных особенностей класса и эффективность применяемых методов к индивидуальности ученика. При всем этом, мы должны помнить что для психолога важна связь обучения и развития, взаимоотношения учителя и учеников, личность самого педагога и особенности класса в целом и по отдельности. Например, с психологической точки зрения можно проанализировать какими способами педагог осуществляет развивающие цели урока. Или как педагог мотивирует учащихся к изучению темы урока. Можно рассмотреть мыслительные операции, которыми ученики пользуются во время своих ответов или при выполнении задания.

Каковы же цели и задачи психологического анализа урока?

Естественно, что психологический анализ урока способствует изучению психологических закономерностей сотрудничества учителя и учащихся на уроке, а также определению педагогических ошибок и нахождению способов для их устранения.

К ведущим целям анализа относятся:

1. Оценивание уровня мотивации учащихся к обучению и выявление причин ее снижения или повышения.

2. Изучение особенностей восприятия и усвоения информации учащимися, их способности к анализу и синтезу знаний.

3. Определение эффективности используемых методов и приемов обучения, их соответствия возрастным и индивидуальным особенностям учащихся.

4. Выявление и устранение возможных проблем в общении между учителем и учащимися, связанных с психологическими особенностями участников учебного процесса.

5. Разработка рекомендаций по оптимизации учебного процесса на основе полученных данных.

Методы психологического анализа урока. Для достижения поставленных целей используются различные методы психологического анализа:

– Наблюдение за поведением учащихся и учителя на уроке с целью выявления их эмоционального состояния, уровня активности, заинтересованности в учебном процессе и т.д.

- Опрос учащихся и учителей с целью получения обратной связи о проведенном уроке, выявления их мнения о его эффективности и полезности дляобучения.
– Анализ результатов учебной деятельности учащихся (тесты, контрольные работы, проекты и т.п.) для оценки их успеваемости и определения уровня усвоения знаний.
– Изучение документации (учебные планы, программы, методические пособия) для определения соответствия используемых методов обучения требованиям образовательных стандартов и программам.

Соответственно выделены три уровня психологического анализа урока: предваряющий, текущий и ретроспективный (И.Л. Зимняя, Е. С. Ильинская). Уровни (этапы) психологического анализа урока:

**1. Предваряющий психологический анализ.**

Планы и объекты анализа могут быть соотнесены с различными формами деятельности учителя: подготовкой к уроку, проведением урока, его аналитическим разбором, оценкой самим учителем проведенного урока. Предваряющий психологический анализ урока осуществляется на этапе подготовки учителя к уроку. На этом этапе у учителя первоначально возникает «образ-замысел» (в терминах В.А. Артемова) будущего урока, пока еще мысленного, «безликого», без временных и пространственных границ. Затем в деятельности учителя наступает важный этап всестороннего и тщательного анализа всего, что связано с будущим уроком; учебного материала, предусмотренного программой, выдвигаемых целей и задач, избираемых методов, приемов и способов обучения, а также условий, в которых планируется проведение занятия (определенная группа учащихся, время, место и т.п.). В процессе такого анализа учитель готовит план или конспект уже вполне конкретного урока, того «образа-исполнения» (в терминах В.А. Артемова), которому и надлежит быть реализованным.

Предварительно анализируя урок, учитель осмысленно и целенаправленно использует теоретические знания из области общей, возрастной, педагогической, социальной психологии, психологии обучения учебному предмету (математике, литературе и т.д.). На этом этапе перед учителем встают основные психологические проблемы организации учебного процесса. Их решение связано с тем, что «учение как творческое усвоение» приобретение знаний зависит от трех факторов — от того, чему обучают, от того, кто и как обучает, и от того, кого обучают». Анализ и учет этих факторов является тем эффективным средством, которое обеспечивает продуктивность в успешность урока.

Первый фактор, оказывающий влияние на процесс обучения, - это предмет, его специфика.

Например, специфика иностранного языка как учебного предмета состоит в том, что он выступает одновременно в качестве цели и средства обучения. Если всеми другими предметами учащийся овладевает посредством родного языка как инструмента, орудия, то при овладении иностранным языком возникает проблема постепенного, управляемого извне освоения одних, более легких средств и способов для освоения других, более сложных.

Второй фактор, влияющий на усвоение знаний, - индивидуально-психологические и профессиональные особенности личности учителя. Педагогическая работа, как известно, предъявляет высокие требования к личности учителя, его педагогическим способностям (дидактическим, академическим, перцептивным, речевым, организаторским, авторитарным, коммуникативным и др.). При этом специфика учебного предмета сама влияет на значимость

тех или иных педагогических качеств, повышая их ценность, выдвигая на первое место. Например, для преподавателя иностранного языка, по мнению студентов, наиболее ценными являются коммуникативные качества, хороший контакт с группой и положительный эмоциональный климат в коллективе, тогда как для преподавателя физики, математики важны продуктивность, оригинальность мышления.

И, наконец, третий фактор — личность учащегося, его возрастные и индивидуально-психологические особенности, его умственное развитие, эмоционально-волевая регуляция, его склонности и интересы, его отношение к учению, особенности усвоения учебного материала.

Иностранный язык как учебный предмет, например, накладывает специфический отпечаток на значимость психических познавательных процессов учащихся. Так, в процессах ощущения и восприятия особенно важна дифференциальная слуховая и моторная чувствительность. Иностранный язык предъявляет высокие требования к оперативной и долговременной (постоянной) памяти учащихся и т.д. Важное значение имеют положительные эмоции, возникающие при его изучении. Овладение этим учебным предметом предъявляет большие требования к организации внимания и воли учащихся (И.В. Карпов).

Предварительно анализируя планируемый урок, важно соотносить его с конкретной группой, особенности которой известны учителю. Чем осознаннее и целенаправленнее применяет учитель профессиональные знания для обоснования предстоящего урока, чем глубже и полнее проводится им анализ всего, что он планирует сделать на уроке, чем большее число моментов будущего урока прогнозируется им с высокой точностью, тем меньше неожиданностей его ожидает, тем большую уверенность он испытывает. Все это является залогом успешности проведения самого урока.

**2. Текущий психологический анализ.**

Текущий психологический анализ учитель проводит в конкретной педагогической ситуации урока и помогает будущему педагогу адекватно реагировать на непредсказуемые педагогические ситуации. Безусловно, эффективность урока во многом определяется тщательностью подготовки к нему, точностью, правильностью его проектирования. К психологическим моментам педагогической деятельности относится- быстрота реакции учителя, мысленно проанализировать возникшую ситуацию, сориентироваться в ней, гибко изменяя план урока в зависимости от обстановки. Перечисленные ниже педагогические умения, согласно А.М. Поздняковой, А.А. Деркачу, могут помочь учителю не только анализировать, но и контролировать образовательный процесс на уроке. Они следующие:

-увидеть, подготовлен ли класс к уроку;

-наблюдать в течение урока за дисциплиной;

-замечать психофизическое состояние детей;

-воспринимать реакцию детей на свои вопросы;

-внимательно слушать ответы учащихся;

-постоянно держать весь класс в поле зрения;

-организовать наблюдение учащихся за ответами товарищей и учебным материалом;

-воспринимать реакцию на свое объяснение;

-воспринимать реакцию на свои вопросы;

-заметить особенности учебной деятельности класса в целом (темп работы, затруднения, глубину усвоения материала, типичные ошибки);

-заметить и учесть особенности учебной деятельности отдельных групп учащихся (сильных, средних, слабых); осознание материала, умение самостоятельно применять знания на практике, темп работы;

-отметить особенности учебной деятельности отдельных учащихся; объем и качество знаний, наличие умений и навыков по предмету, качество выполняемых работ, особенности познавательной деятельности, продвижение в учебе;

-заметить черты, свойственные отдельным учащимся: особенности поведения, речи, склонности, способности, интересы продвижение в развитии;

-наблюдать за своим поведением и речью;

-заметить взаимосвязь своей деятельности и деятельности учащихся;

-наблюдать за ходом урока;

-распределить внимание при наблюдении за несколькими объектами.

**3. Ретроспективный психологический анализ**

Обычно такой анализ проводят методисты по педагогической практики для студентов чтобы оценить результаты по достижению цели, задач и самого хода урока. Заключительный, завершающим этапом деятельности учителя по организации и проведению урока очень важен. Сравнивая проект, план урока и его выполнение дает возможность учителю оценить правильность выбранных им для обоснования урока теоретических посылок, выявить его достоинства и недостатки, наметить пути устранения слабых сторон при сохранении и улучшении сильных, выявить отклонения от плана. Другими словами, такой анализ позволяет учителю понять причины (позитивные или негативные) изменения хода урока - виноват ли сам учитель, учащиеся или ситуация. Отметив важность и значимость каждого из уровней психологического анализа урока в становлении педагогического мастерства учителя, подчеркнем, что ретроспективный психологический анализ, хотя и вызывает меньше затруднений у учителя, в то же время представляет собой достаточно сложный вид анализа. Он предполагает раскрытие всех связей, установление причинно-следственных отношений урока, высокий уровень аналитических рефлексивных способностей и умений, является инструментом, средством их развития. Этот уровень анализа аффективен в плане системного представления учителя о его деятельности, позволяя ему сопоставить результаты предваряющего и текущего анализов.

Естественно, что ученики также обсуждают между собой учебную деятельность и саму работу учителя (понятно объясняет, объективно ли ставит оценки, интересно ли было, что не поняли).

Представляю для сравнения оценки учеников на проведенный урок студентами 3курса ф-та ру с. Филологии в 6-ом «А» классе школы№11:

А) Было весело 30%;

Б) Учитель интересные примеры приводил 43%;

В) Ничего не понял 10%;

Г) Много нового узнал 17%;

Наблюдая за данным классом (на следующий год) -7 «А» и дальнейшей практикой студентов уже 4-ого курса выявилась следующая динамика:

А) Было весело-0,5%;

Б) Учитель интересные примеры приводил- 48%:

В) Ничего не понял- 5%;

Г) Много нового узнал-46,5%;

Итак, во втором случае студенты были лучше самоорганизованы. Беседуя со студентами выяснилось, что за прошедшую практику они научились мысленно охватить весь процесс обучения и в то же время представить каждый его отдельный момент. Побуждая учащихся к самостоятельной работе, они использовали не принуждения, а мотивировали учащихся вопросами: «Зачем мы это изучаем?». «Для чего это вам надо?», « Почему это надо знать?» Таким образом, мы вместе со студентами проанализировав педагогическую ситуацию и сделали соответствующие выводы на что надо обращать внимание с точки зрения психологии:

1) взаимодействие ученика с учебником, его мотивация к учебному предмету;
2) индивидуальное общение учителя (по мнению учеников);
3) настроение ученика на уроке;
4) понятно ли объясняет педагог тему урока;
5) коментирует ли педагог свои оценки ученикам;
6) как ученики выражают свое отношение к выполнению домашнего задания.

Представитель гуманистического обучения Ш.Б.Амонашвили постоянно отмечает, что - «Нам не педагогические технологии нужны, а мудрость общения с ребенком» [1, с. 51].

**Задачи психологического анализа урока.**

Психологический анализ урока многоуровневый и многогранный, в его задачу входит: а) побудить учителя мысленно охватить весь процесс обучения и в то же время представить каждый его отдельный момент; б) усовершенствовать свое педагогическое самосознание и педагогическое мастерство; в) развивать проективно-перцептивно-рефлексивные способности учителя и соответствующие им дидактические коммуникативные умения.

Исходя из перечисленного, можно сделать вывод, что совершенствование мастерства учителя, сформированность рефлексивных механизмов, его педагогического самосознания являются основными предпосылками и источниками постоянного повышения эффективности обучения любому учебному предмету.

*Литература*

1. *Амонашвили, Ш.А. Особенности учебной мотивации младших школьников / Ш.А. Амонашвили. – М., 1984. – 297 с.*
2. *Зимняя, И.А. Педагогическая психология / И.А. Зимняя. – Челябинск, 1997. – 175 с.*
3. *Крутецкий, В.А. Психология обучения и воспитания школьников / В.А. Крутецкий. – М., 1976. – 235 с.*
4. *Немов, Р. С. Психология: учебник для студентов высших педагогических учебных заведений / Р. Немов. – М.: Просвещение, 2004. – 148 с.*
5. *Талызина, Н.Ф. Управление процессом усвоения знаний / Н.Ф. Талызина. – М., 1975. – 43 с.*
6. *Фридман, Л.М. Педагогический опыт глазами психолога \ Л.М. Фридман. – М., 2020. – 230 с.*


## ОСОБЕННОСТИ ПСИХОЛОГИЧЕСКОГО АНАЛИЗА УРОКА


Проблема, которую раскрывает исследователь, заключается в недостаточной разработке в таджикских школах психологического анализа урока. Автор определяет актуальность данной информации для всестороннего изучения педагогической деятельности учителя и учеников на уроке, а не как у нас принятого чисто методического рассмотрения проведенного урока. Педагогическая и возрастная психология определяет причины снижения или повышения учебной активации учащихся, эффективность дидактических и воспитательных методов и приёмов, их соответствие возрасту и индивидуальным особенностям детей. Находясь во взаимосвязи, влияющих на процесс обучения, педагогическая и возрастная психология, а также методика обучения являются основными предпосылками и источниками постоянного повышения эффективности обучения любому учебному предмету. В статье подробно описываются три уровни (этапы) психологического анализа урока: 1.Предваряющий психологический анализ. 2.Текущий психологический анализ. 3.Ретроспективный психологический анализ. Автор определяет три фактора, которые являются эффективным средством для обеспечения продуктивности в успешности урока, это: 1.Предмет, его специфика; 2.Индивидуально-психологические и профессиональные особенности личности учителя; 3.Личность учащегося, его возрастные и индивидуально-психологические особенности, его умственное развитие, эмоционально-волевая регуляция, его склонности и интересы, его отношение к учению, особенности усвоения учебного материала. Исходя из выше сказанного, автор приходит к выводу о том, что психологический анализ позволяет учителю понять причины (позитивные или негативные) изменения хода урока.



**Ключевые слова:** анализ, урок, развитие, учитель, студент, психология, мотивы, мотивация, изучение, деятельность.


## ХУСУСИЯТҲОИ ТАҲЛИЛИ ПСИХОЛОГИИ ДАРС


Мушкилоти ба миён гузоштаи муҳаққиқ рушди нокифояи таҳлили равонии дарсҳо дар мактабҳои Тоҷикистон мебошад. Муаллиф аҳамияти ин маълумотро барои омӯзиши ҳамаҷонибаи фаъолияти тарбиявии омӯзгорон ва хонандагон дар дарс таъкид кардааст, на фақат баррасии усули дарси пешниҳодшаванда, ки ҳоло маъмул аст. Психологияи тарбиявию тарбияви сабабҳои паст ё зиёд шудани фаъолнокии таълимии талабагон, самаранокии усулу усулхои тарбиявию тарбиявӣ, мувофиқати онҳо ба хусусиятҳои синну сол ва фардии кӯдаконро муайян мекунад. Психологияи тарбиявӣ ва рушд, инчунин усулҳои таълим ҳамчун замина ва сарчашмаҳои пайваста баланд бардоштани самаранокии таълим дар ҳар як фан нисбат ба ҳамдигар амал мекунанд. Дар мақола се сатҳ (марҳила)-и таҳлили психологии дарс муфассал тавсиф шудааст: 1. Таҳлили психологӣ пеш аз дарс. 2. Таҳлили равонии ҷорӣ. 3. Таҳлили ретроспективии психологӣ. Муаллиф се омилеро муайян мекунад, ки воситаҳои муассир барои таъмини ҳосилнокӣ дар муваффақияти курс мебошанд: 1. Мавзуъ, хусусиятҳои махсуси он. 2. Хусусиятҳои индивидуалӣ-психологӣ ва касбии шахсияти омӯзгор. 3. Шахсияти студент, хусусиятҳои синну сол ва фардию психологии ӯ, инкишофи равонии ӯ, танзими эмотсионалию ихтиёрии ӯ, майлу ҳаваси ӯ, муносибати ӯ ба таълим, хусусиятхои омӯзиши маводи курс. Муаллиф дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае меояд, ки таҳлили психологӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки сабабҳои (мусбат ё манфӣ) тағйироти ҷараёни дарсро дарк намояд.



**Калидвожаҳо:** таҳлил, дарс, рушд, муаллим, донишҷӯ, психология, мотивҳо, ҳавасмандкунӣ, омӯзиш, фаъолият.


## FEATURES OF PSYCHOLOGICAL ANALYSIS OF THE LESSON


The researcher highlights the underdeveloped nature of psychological lesson analysis in Tajik schools. The author emphasizes the importance of this information for a comprehensive study of the pedagogical activity of teachers and students in the lesson, rather than the purely methodological consideration of the lesson as is currently practiced. Educational and developmental psychology determine the reasons for the decrease or increase in students' learning activity, the effectiveness of didactic and educational methods and techniques, and their correspondence to the age and individual characteristics of children. Educational and developmental psychology, as well as teaching methods, being in a relationship that affects the learning process, are the main prerequisites and sources for the constant improvement of the effectiveness of teaching any subject. The article describes in detail three levels (stages) of psychological analysis of the lesson: 1. Preliminary psychological analysis. 2. Current psychological analysis. 3. Retrospective psychological

analysis. The author identifies three factors that are an effective tool for ensuring productivity in the success of the lesson: 1. The subject, its specifics. 2. Individual-psychological and professional characteristics of the teacher's personality. 3. The student's personality, his age and individual-psychological characteristics, his mental development, emotional-volitional regulation, his inclinations and interests, his attitude to learning, the features of mastering the educational material. Based on the foregoing, the author concludes that psychological analysis allows the teacher to understand the reasons (positive or negative) for changes in the course of the lesson.

**Keywords:** analysis, lesson, development, teacher, student, psychology, motives, motivation, study, activity.

**Об авторе**
Сулейманова Алла Гумаровна
Доцент кафедры общей психологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Тел.: (+992) 001 01 38 35

**About the author**
Suleymanova Alla Gumarovna
Docent of the Department of Psychology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
Ph.: (+992) 001 01 38 35

**Дар бораи муаллиф**
Сулейманова Алла Гумаровна
Дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии психология
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тел.: (+992) 001 01 38 35

ТДУ 370.01+373

# ХУСУСИЯТҲОИ РАВАНДИ ИНКИШОФ, ТАШАККУЛ ВА ИХТИЛОЛИ НУТҚ ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

***Асозода Б. Ч.***
*Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

Масъалаҳои асосии илми забоншиносӣ дар замони муосир ба сохтор ва фаъолияти забон марбутанд. Асрҳои зиёд ин илм кӯшиш мекунад, ки саволҳои забон чист ва чӣ гуна инкишоф меёбад, нутқ чист ва ғайраро пурра шарҳ диҳад. Вале бо вуҷуди рушди босуръати худ натавонистааст масъалаҳои ба забон алоқаманд бударо пурра омӯхта ва ҳал кунад. Тибқи таърифи дар умум эътирофшуда забон як силсилаи аломатҳоест, ки имло ва мундариҷаи таркибиро ба ҳам мепайвандад. Дар навбати худ, нутқ шакли таърихан муқарраршудаи муошировти байни одамон мебошад.

Яке аз аввалин олимоне, ки асосҳои назарияи умумии забонро гузоштааст, Фердинанд Де Соссюр мебошад. Ӯ тамоми равандҳои гуфтор ва шунавоиро ба як истилоҳи умумӣ - фаъолияти нутқӣ номидааст. Дар маҷмуи ҷараёни нутқӣ ду ҷиҳати қутбӣ: забон ва гуфторро ҷудо кардааст. Ба ақидаи ӯ қисми асосии фаъолияти нутқ забон мебошад. Сарфи назар аз он, ки онро танҳо конвенсияҳои зарурии дар ҷомеа қабулшуда ифода мекунанд, фаъолияти нутқ бе забон ғайриимкон аст. Забон мисли луғат аст, ки бидуни азхуд кардани он муошировти шифоҳӣ ғайриимкон мегардад [8, с. 77-78].

Забон як силсилаи луғавӣ ва грамматикиест, ки дар зеҳни одамони як ҷомеа мавҷуд аст. Сухан дар навбати худ, амали истифода аз забон аз ҷониби шахс барои баёни андешаи худ мебошад. Забон ва гуфтор бо ҳам зич алоқаманданд. Агар аз як тараф забон барои фаҳмо будан зарурият дошта бошад, аз ҷониби дигар дар мувофиқат бо маълумотҳои таърихӣ нутқ ҳамеша пеш аз забон будааст. Аз ин бармеояд, ки инкишофи забон дар нутқ ифода ёфта, сухани зинда шакли мавҷудият ва инкишофи нутқ мебошад. Бо вуҷуди ин Фердинанд Де Соссюр қайд кардааст, ки забон ва нутқ мафҳумҳои гуногунанд (Ҷ.1).

| *№* | *Забон* | *Нутқ* |
|---|---|---|
| 1 | Силсилаи луғавӣ ва грамматикист. | Амали истифода аз забон барои баёни андеша аст. |
| 2 | Падидаи иҷтимоӣ аст. | Падидаи равонӣ аст. |
| 3 | Падидаи умумӣ аст. | Падидаи фардӣ аст. |
| 4 | Хусусияти ғайритаърихӣ дорад. | Хусусияти таърихӣ дорад. |
| 5 | Хусусияти статикиро дорост. | Хусусияти ҳаракаткунандагӣ дорад. |
| 6 | Силсилаи абстрактӣ мебошад. | Силсилаи модӣ мебошад. |
| 7 | Ба қонуниятҳои забонӣ тобеъ аст. | Шакли махсус ва фаъолияти инсонист. |
| 8 | Силсилаи аломатҳо барои алоқамандии имло ва мундариҷаи мавзӯъ аст. | Нутқ шакли таърихан муқарраршудаи муошировти байни одамон аст. |
| 9 | Низоми мураттабшудаи аломатҳо. | Истифодаи забон дар фаъолияти шифоҳӣ. |

***Ҷадвали 1. Хусусиятҳои фарқкунандаи силсилаҳои забонӣ ва нутқӣ***

Бояд қайд намуд, ки ин истилоҳотҳо аксар вақт ба ҷои ҳамдигар истифода мешаванд. Аммо фарқият дар байни онҳо аз он иборат аст, ки забон як низоми мураттабшудаи аломатҳост, нутқ бошад истифодаи забон дар фаъолияти шифоҳист. Забон дар ҷомеаи инсонӣ рушд намуда, барои ҷамъоварӣ ва интиқоли иттилоот аз насл ба насл кӯмак мекунад. Бинобар ин вобаста ба хусусиятҳои дар ҷадвал овардашуда метавон собит намуд, ки забон ва нутқ падидаҳои мураккаб, ба ҳам вобастагӣ дошта, вале дар баробари ин ба раванди овозбарорӣ - *артикулятсия* зич дар фаъолият ҳастанд.

Нахустин кӯшишҳои артикулятсия, яъне овозбарорӣ дар кӯдакон дар синни 2-3-моҳагӣ пайдо мешавад. Тадриҷан кӯдак овозҳои атрофиёнро шунида, нутқи худро инкишоф медиҳад. Дар зинаи аввал муносибати нутқи модар (дастатро деҳ, бозичаро гир ва ғайра) бо кӯдак нақши муҳим мебозад. Чунин муносибат ҳаракатҳои ихтиёрии кӯдакро ба чизи муайяне равона карда метавонад.

Артикулятсия - ин фаъолияти якҷояи узвҳои нутқ мебошад, ки барои пайдоиши овозҳои нутқ заруранд. Талаффузи овозҳои нутқ (артикулятсия) туфайли фаъолияти якҷояи мушакҳои забон, лабҳо, коми нарм, ҳалқ, ханҷара, гулу ва мушакҳои нафаскашӣ, ки ҷиҳози

нутқ номида мешавад ба амал меояд. Дар навбати худ фаъолияти онҳо аз тарафи силсилаҳои танзимкунандаи марказӣ (нимкураҳои калони магзи сар, зонаи Брока, Вернике ва асабҳои косахонаи сар) ва канории (шуш ва мушакҳои асосии нафаскашӣ, диафрагма, пайвастҳои овозии ханҷара, роғи садопардаҳо, ҳалкбинӣ, косахонаи сар, ханҷара ва қафаси сина) нутқ ба амал бароварда мешаванд. Танзимкунии онҳо на танҳо дар ҳифз намудани нутқ, балки дар бой гардонидани донишандӯзии кӯдакон низ хизмат мекунад (рас.1).




***Расми 1. Боҳампайвастагӣ ва танзимкунии силсилаҳои танзимкунандаи нутқ***

Чунончи қайд намудем, аксуламалҳои овозии кӯдак дар синни 2-3-моҳагӣ ба амал меоянд, ки минбаъд ба вусъат бахшидани вокунишҳои нутқӣ дар синни 3-4-моҳагӣ мусоидат мекунанд. Дар ин синнусол карии модарзодии кӯдакон рад карда мешавад. Гарчанде, ки кӯдак дар моҳҳои аввали ҳаёташ садоҳо ва феноменҳои ҷудогона барорад ҳам, вале онҳо нақши силсилаи дуввуми сигналиро (нутқ) намебозанд ва ин гӯё танҳо як марҳилаи омодагии кӯдак ба шакли махсуси фаъолияти инсонӣ, яъне нутқронӣ мебошад. Зеро мӯҳлати инкишофи ҳиссиётӣ ва ҳаракатии нутқ дар онтогенез мувофиқат намекунад.

То он даме, ки кӯдак гап заданро ёд мегирад, вай алакай маънои калимаро мефаҳмад. Вокунишҳои аввалини кӯдак ба ангезишҳои нутқӣ хусусиятҳои хосро дорад. Сараввал кӯдак на ба калима, балки ба як қатор ангезишҳои ба вай таъсиркунанда аҳамият медиҳад. Дар ин ҳолат нақши маънои калимаро на худи сухан балки қувваи овоз, тембр ва интонатсияи он ифода мекунад. Ҳангоми тағйири ҷой вай ягон хел вокунишро ба вуҷуд намеорад. Масалан: кӯдак дар ҳуҷраи хоб ба саволи Канӣ модар? Канӣ падар? сарашро ба тарафи лозима мегардонад, вале агар кӯдакро ба ҳуҷраи дигар баранд, ба ҳамон савол вай чунин вокунишро ҷавоб намегардонад.

Лаёқати нутқомӯзии кӯдак модарзодӣ аст, вале агар ӯ аз муносибати инсонӣ дур шавад нутқаш халалдор мешавад. Кӯдак забонро ихтиёран интихоб намекунад. Ин ба он вобастагӣ дорад, ки атрофиёнаш бо кадом забон гап мезананд. Кӯдак то синни 5-6 солагӣ гап заданро пурра ёд мегирад. Агар то ин синнусол гапзаниро ёд нагирифт, метавонад ба тараққиёти ақлониаш таъсири манфӣ расонад.

Инкишофи рефлекси шартӣ ба маънои калима дар нимсолаи дуввуми ҳаёти кӯдак (баъд аз 6-моҳа) сар мешавад, ва суръати инкишофи он ба муносибати калонсолон бо кӯдак вобастагӣ дорад. Дар нимсолаи дуввум вақте, ки ӯ нутқро мефаҳмад ба ӯ ангезиши асосиро калима ифода мекунад.

Дар инкишофи нутқи комили кӯдак ангезишҳои нутқӣ, ки дар нимсолаи дуввуми ҳаёт оғоз мешаванд аҳамияти махсус доранд. Кӯдак нигоҳашро ба шахсе, ки сухан гуфта истодааст устувор карда ҳаракати даҳони худро барои сухан кардан омода менамояд. Вобаста ба ин ҳаракатҳои ӯ лозим меояд, ки ба инкишофи нутқи кӯдак таъсири мусбат карда, дар вай чараёни фаъолнокиро бедор намуд ва ашёҳои атрофро бо воситаи ифодаи калимагӣ ифшо намуд. Ин фаъолиятро доимо бояд иҷро кард: дар вақти бозӣ, либоспӯшӣ, хӯрок додан ва ғайра.

Дар синни 10-11-моҳагӣ кӯдак ба маънои калимаҳо дуруст аҳамият медиҳад. Масалан кӯдак ба муроҷиат намудани мафҳумҳои «биё», «гир», ва ғайра но вобаста аз интонатсияи (оҳанг) садо онҳоро дуруст мефаҳмад. Дар ин вақт тадриҷан муносибати нутқии ӯ ташаккул меёбад.

Дар синни 18-моҳагӣ мафҳуми калима барои кӯдак дар дараҷае фаҳмо мегардад, ки вай ба воситаи калимаи ифодашуда ягон ашёеро дар китоб, сурат ва ё дар бозичаҳои худ меёбад.

Вобаста ба синнусол нутқи берунии кӯдак, минбаъд нутқи дарунии ӯ мукаммал мешавад ва суханрониаш мустақилона мешавад. Миқдори калимаҳои азхуд кардаи кӯдак дар синни 18-24 моҳагӣ аз 14 -20 то 60 -180 калимаро дар бар мегирад.

Сараввал калима чун ангезандаи шартӣ танҳо ба вазъи муайяни омили беруна, ки бо оҳанги махсус ифода шудааст таъсир мекунад, вале дар охири нимаи аввали соли дуввуми ҳаёти кӯдак бошад, ҳамчун ангезандаи асосӣ барои омӯзиши ҳодисаҳои муҳити беруна мегардад. Инкишоф ёфтани истеъдоди нутқронӣ, ба осонӣ такрор кардан ва ба хотир нигоҳ доштани калимаҳои ҷудогона, баъзан ҳатто қатъи назар аз фаҳмидани маънои он ба ин давра мутааллиқ мебошад, ва онро эхолалия меноманд. Ба воситаи эхолалия ба кӯдак метавон забонҳои хориҷиро низ ёд дод. Дар ин синнусол захираи луғавии кӯдак бағоят меафзояд.

Бояд қайд намуд, ки барои инкишофи нутқи кӯдак таасуроти мусбии пайдоиши нутқи беруна ва даруна хеле хусусиятнок мебошад. Масалан вақте, ки ӯ хурдсол аст дар зери маънои калимаи *миз* вай танҳо мизи хурокхӯрии худро мефаҳмад. Вакте, ки бузург мешавад дар зери маънои ин калима вай мизи дарстайёркунӣ, мизи ошхона, мизи коркунии падараш ва ғайраро мефаҳмад. Яъне аз ин маълум мешавад, ки барои нутқи одам дараҷаи хеле баланди ҷамъбасткунӣ хос аст. Ӯ бо калимаҳои қабулкардаи худ лаёқати фикр кардан дорад, ва онҳоро дар мағзи сари худ анализ ва синтез карда дар бораи ҳодисаи муайяне андешаҳои худро ба воситаи нутқи шифоҳӣ баён мекунад. Ҳамаи ин дар пешравии шахси солим дар давомоти авлод ва тараққиёти илму техника исбот мешавад.

Ташаккули силсилаи дуввуми сигналӣ дар кӯдак ба инкишофи нутқ алоқаи наздик дорад. Моҳҳои охири соли аввал ва тамоми соли дуввуми ҳаёти кӯдак давраи ташаккули нутқ аст. Нутқи кӯдакон аз рӯи қонунҳои пайдоиши рефлексҳои шартӣ ташаккул меёбанд. Рефлексҳои нутқи кӯдакон бо роҳи тақлид кардан пайдо шуда, дар рафти муносибати доимии кӯдак бо калонсолон, яъне тавассути омӯзиш инкишоф ва ташаккул меёбанд.

Мутахассисон маълум намудаанд, ки пайдоиши вокуниш ба калима ба инкишофи пайвастагии марказҳои биноӣ, шунавоӣ ва дигар ҳиссиётҳо вобастагии калон дорад. Масалан: вақте, ки мехоҳанд ба кӯдак ягон бозиеро ёд диҳанд, вай мебинад, ки бозӣ чи хел гузаронида мешавад ва бо ёрии калонсолон ӯ ин бозиро иҷро мекунад, яъне фаҳмиши бозиро аз калонсолон мешунавад. Дар дигар вақте, ки боз ба ин бозӣ шуғл меварзад бо шунидани номи бозӣ образи биноии ӯ ба кор даромада ҳаракатҳои бозиро иҷро мекунад. Дар баробари ин М.М.Колсова исбот намуд, ки ҳаракати фаъолона инкишофи вазифаи нутқии кӯдакро метезонад. Ба кӯдак фаҳмонидани бозичаҳо дар вақти муайян (дар синни 1с.1 моҳа) инкишофи нутқи онҳоро нисбати кӯдакони ин синнусол бе фаҳмонидани бозичаҳо босуръат мекунад [4, с. 4-5].

Давомоти инкишофи нутқ дар кӯдакон ҳангоми ҷумлабандӣ равшан зоҳир мегардад. Масалан агар сохтани ибораро кӯдак дар синни 1с. 4-моҳа то 1с. 10-моҳа, ҷумлаи аз се калима иборат бударо дар синни 1с. 6 моҳа то 2 солагӣ аз худ кунад, дар 3 солагӣ бошад вай ҷумлаи иборат аз якчанд калимаро меомӯзад, ки ба давраи мусоидтарини пойдоршавӣ ва шаклбандии нутқ мусоидат менамояд. Дар ин синнусол яку якбора то 80-85% инкишофи нутқии кудак бой мешавад ва ӯ алакай 1200-1500 захираи калимаҳоро дорад.

Дар синни 4-5-солагӣ кӯдак барои иҷрои вазифаҳои дода шуда бо вокунишҳои ҳаракатӣ ҷавобҳои дуруст гардонда метавонад. Дар ин синнусол кӯдак қобилияти гӯш кардани афсонаҳоро дорад, вале дар зери маънои як калима вай чизҳои бисёреро мефаҳмад. Барои инкишофи дурусти минбаъдаи кӯдак муносибати фаъолонаи калонсолон лозим мешавад. Дар

ин синнусол инчунин муносибати кӯдакон бо ҳамдигар низ оғоз мешавад, ки дар инкишоф ва ташаккули минбаъдаи силсилаи дуввуми сигналии онҳо нақши муҳим мебозад.

Дар баъзе ҳолатҳое мешавад, ки бо сабабҳои гуногун ба монанди пайдо шудани осебҳои майнаи сар, нуқсонҳои модарзодии кӯдак, бемориҳои илтиҳобӣ-сироятӣ, омосҳо, ориза баъди ҷароҳиҳо, сӯхтагиҳо дар узвҳои нутқ, тарбияи нодуруст аз тарафи волидон ва ғайра ҷараёни нутқронӣ вайрон мешавад.

Ихтилоли нутқ дар давраи кӯдакӣ аксар вақт бо халал ёфтани ташаккули он вобаста буда, то 3-3,5-солагӣ зоҳир мегардад. Ихтилоли сабуктари инкишофи нутқ одатан [9, с. 41 - 42] ба ташаккули нодурусти артикулятсия, яъне талаффузи овозии нутқ вобаста аст. Ба ин тағйироти модарзодӣ дар ҷавфи даҳон, кутоҳии лаҷомчаи забон, кафидани коми нарм, лабчокӣ, ихтилоли неврозӣ ва тарбияи нодурусти нутқ сабаб шуда метавонанд.

Дар баъзе мавридҳо нутқ дер ба вуҷуд ояд ҳам, дуруст инкишоф меёбад ва минбаъд ягон хел вайроншавии он мушоҳида намешавад. Агар нутқ то сесолагӣ инкишоф наёфт, он гоҳ бемории алалия пайдо шуданаш мумкин аст. Сабабҳои алалия инҳо шуда метавонанд: пурра инкишоф наёфтани узвҳои танзимкунандаи нутқ дар мағзи сар ё осеб ёфтани онҳо дар давраи инкишофи дохилибатнӣ ва ё худ дар моҳҳои аввали таваллуд, ихтилоли модарзодии сомеа, гушвазнинӣ, карӣ, вайрон шудани инкишофи дастгоҳи нутқ ва ғайра.

